**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Муассисаи давлатии таълимии**
**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД**
**БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

**САИДМУРОД ҲОҶИЕВ**

# МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

**Нашриёти**
**«Нури маърифат»**

ББК-

Бо қарори Мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти № --/-- аз --.--.---- ба чоп тавсия шудааст.

**ҲОҶИЕВ С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ**. - Хуҷанд, Нури маърифат, 2019. - 400 саҳ.

**Муқарриз:** М.Лутфуллоев
Т.Шокиров

**Муҳаррирон:** А.Абдуқодиров
М.Олимҷонов

***Китобе, ки дар даст доред, дар асоси пешрафт ва навигариҳои илми методикаи таълими забони тоҷикию русӣ, илмҳои педагогика, психология ва забоншиносии тоҷик таълиф гардидааст.***

***Китоб аз ҳафт боб иборат буда, муаллиф масъалаҳои асосӣ ва муҳими методикаи таълими забони тоҷикӣ: дарси забон ва хелҳои он, усулҳои таълими забон, таҳлил ва хелҳои он, корҳои хаттӣ ва тарзи гузаронидани ислоҳи онҳо, инкишофи нутқ, корҳои беруназсанҷишӣ, таълими баъзе қисмҳои грамматика ва ғайраҳоро мавриди муҳокима қарор додааст.***

***Китоби мазкур агар ба пешрафти таълими забони тоҷикӣ ба донишҷӯёни филолог ва омӯзгорони мактабҳои таҳсилоти умумӣ каме мадад намояд, муаллиф худро хушбахт меҳисобад.***

**ISBN 978-99975-62-24-1**

**© МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров", 2019.**

# ПЕШГУФТОР

Зиёда аз ҳафтод сол мешавад, ки «Методикаи таълими забони тоҷикӣ» ҳамчун фанни мустақил дар факултаҳои филологии донишкадаҳои олии ҷумҳуриамон таълим дода мешавад.

Вале то соли 1992 барои донишҷӯёни факултаҳои филологӣ оиди фанни «Методикаи таълими забони тоҷикӣ» ба ҷузъ чанд дастуру[1] мақолаҳои ҷудогона доир ба қисмҳои грамматика ягон асари ҷамъбастии алоҳидаи методие мавҷуд набуд. Танҳо соли 1987 нашриёти «Маориф» дастури таълимӣ-методии дотсенти Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров С. Ҳоҷиевро таҳти унвони «Масъалаҳои муҳими таълими забони модарӣ дар синфҳои IV - VII»[2] аз чоп баровард. Пеш аз навиштани дастур муаллиф бо ҳамкории профессори Донишгоҳи омӯзгории ба номи С. Айнии шаҳри Душанбе С.

---

[1] Каримов А. Дарсҳо аз фонетикаи забони тоҷикӣ.-Душанбе, 1956; Каримов А. Таълими калима ва таъбирҳо дар синфи 5.- Душанбе, 1974; Камолов Н. Методикаи тартиб додан ва истифода бурдани таблитсаҳои забони тоҷикӣ дар синфҳои 4-6.-Душанбе, 1975; Қурбонов М. Инкишофи нутқ дар дарсҳои забони модарӣ,-Душанбе, 1978; Рустамов Қ. Дарсҳои забони тоҷикӣ дар синфи 6.-Душанбе, Маориф, 1981; Рустамов Қ. Таълими пешояндҳо дар синфи 6.-Душанбе, 1985; Қурбонов М. Методикаи инкишофи нутқи мураттаб. (УДТ ба номи В.И.Ленин)-Душанбе, 1982; Ҳоҷиев С. Масъалаҳои муҳими таълими забони модарӣ дар синфҳои 4-8.-Душанбе, Маориф, 1987; Ҳоҷиев С. Таҳлили грамматикӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ.-Хуҷанд, 1992; Шербоев С. Таълими баъзе масъалаҳои синтаксиси забони тоҷикӣ.-Душанбе, Маориф, 1992. Ҳоҷиев С., Кенҷаев С., Кулолӣ А., Бозиҳои грамматикӣ. -Хуҷанд, 1993; Шербоев С, Кенҷаев С, Ҳоҷиев С. Корҳои берунаазсинфӣ дар таълими забони тоҷикӣ.-Хуҷанд, 2000;

[2] Ҳоҷиев С. Масъалаҳои муҳими таълими забони модарӣ дар синфҳои 4-8.-Душанбе, Маориф, 1987. -120 саҳ.

Шербоев барномаи курси «Методикаи таълими забони тоҷикӣ»[3] (1987) -ро навишт, ки он то ҳол амал мекунад.

Соли 1992 китоби дарсӣ дар бораи «Методикаи таълими забони тоҷикӣ»[4] бори аввал дар ду ҷилд барои донишҷӯёни филолог ва муаллимони забони тоҷикӣ дар асоси таҷрибаи чандинсолаи хондани курси назариявии методикаи таълими забони тоҷикӣ дар донишгоҳ, гузаронидани машғулиятхои амаливу лабораторӣ, роҳбарӣ ба таҷрибаи педагогии донишҷӯён, иштирок ба машғулиятҳои омӯзгорони забон ва адабиёти вилояти Суғд (собиқ Ленинобод), ҳамкории бевосита ва хондани лексияҳо дар Донишкадаи баланд бардоштани ихтисоси муаллимон ва такя бар китобҳои дарсии методикаи таълими забони русӣ ва дигар забонҳо аз тарафи дотсент С.Ҳоҷиев навишта шуда буд.

Азбаски китоби мазкур таҷрибаи аввалин буд ва аз чопи он 17 сол гузашт, он аз баъзе ҷиҳатҳо ба талаботи рӯзафзуни илми методикаи таълими забон ва забоншиносӣ, барномаҳои таълимии макотиби миёна ва олӣ, муаллимону дӯстдорони забони тоҷикӣ ҷавоби пурра дода наметавонист ва дар ин муддат тағйиротҳои гуногун, дар таълими забони тоҷикӣ, барномаҳои таълимӣ, амалӣ гардидани Қонуни забон, тағйиротҳо дар имлои забони тоҷикӣ, ба миён омадани усулҳои навини таълим – проблемавию тестӣ, салоҳиятнок, китобҳои дарсии нав доир ба забон, асару мақолаҳои илмиву методӣ ва омӯзишу ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами муаллимону мактабҳои ҷудогона ва китобҳои навини методикаи таълими забони русӣ ва ғайраҳо ба амал омаданд.

---

[3] Шербоев С., Ҳоҷиев С. Программаи методикаи таълими забони тоҷикӣ (барои факултетҳои филологияи институтҳои педагогӣ).- Душанбе, 1987.

[4] Ҳоҷиев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ. –Хуҷанд, 1992. -Ҷ.1 ва 2.-341 саҳ.

Ҳамаи инро ба ҳисоб гирифта, соли 2009 бори дуюм чоп кардани китоби «Методикаи таълими забони тоҷикӣ» - ро зарур шуморидем.

Хурсандиовар аст, ки ҳамон сол яъне 2009 бо қарори Мушовараи Вазорати Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси китоби дарсӣ "Методикаи таълими забони тоҷикӣ"[5] -и профессор С.Шербоев аз чоп баромад, ки мо аз он бехабар будем. Мо дар вақти аз сари нав кор кардани он тақризу мақолаҳоеро, ки умуман доир ба методикаи забони тоҷикӣ дар матбуоти давр нашр шудаанд, ба назар гирифтем. Ҳангоми аз нав дида баромадани баъзе бобу фаслҳо аз рафиқони дар соҳаи методикаи забони тоҷикӣ таҷрибаи бою калон дошта: академик М. Лутфуллоев ва профессорон: С.Шербоев, Ф. Зикриёев, А. Абдуқодиров ва баъзе методистону муаллимони мактаб бисёр маслиҳатҳо гирифта шуд, ки аз онҳо ниҳоят миннатдорем.

Китобе, ки ҳоло дар даст доред, «Методикаи таълими забони тоҷикӣ» ном дошта барои факултаҳои филологии мактабҳои олӣ навишта шудааст ва аз муқаддима, ҳафт бобу мундариҷа иборат аст.

Дар боби аввал "Забони тоҷикӣ ҳамчун фанни таълимӣ дар мактаби таҳсилоти умумӣ" дар бораи мавқеи забони тоҷикӣ, методикаи таълими забон ҳамчун фан, асоси методологии курси методика, алоқаи методикаи забон бо фанҳои дигар, аз таърихи усулҳои таълим дар мактабҳои тоҷикӣ ва русӣ, принсипҳои омӯзиш ва амсоли инҳо сухан меравад.

Боби дуюм "Усулҳои омӯзиши забони тоҷикӣ" ном дошта, усулҳои таълим, усули баён, сӯҳбат, таълими проблемавӣ, хнлҳои таҳлил дар забони тоҷикӣ, машқ ҳамчун усули таълим, аёният ва мавқеи он дар таълимро дарбар мегирад.

Боби сеюм "Дарси забони тоҷикӣ ва хелҳои он" бахшида шудааст. Дар ин боб ба хелҳои дарс ва

[5] Шербоев С. Таълими баъзе масъалаҳои синтаксиси забони тоҷикӣ.-Душанбе, Маориф, 1992. -С.10.

таҳлили он, тарзи супоридани вазифаи хонагӣ, пурсиш ва намудҳои он, план – конспект ва тайёрии муаллим ба дарс барин масъалаҳо эътибор дода шудааст.

Боби чорум омӯзиши қисмҳои ҷудогонаи курси забони тоҷикӣ дар мактаб ном дорад. Методикаи омӯзиши имло ба боби панҷум мансуб аст. “Методикаи инкишофи нутқ” ба боби шашум дохил мешавад.

Дар охир як боби дигар – боби ҳафтумро ба масъалаи корҳои беруназсинфӣ бахшидаем.

Мо дар китоб ба таълими ҳиссаҳои нутқ ва саръазову аъзоҳои пайрави ҷумла чизе нагуфтем, зеро мувофиқи барномаи таълим ба ин бобу фаслҳо соатҳои зиёде ҷудо карда шудааст ва агар дар асоси он соатҳо таълими онҳоро муайян намоем, ҳаҷми китоб хеле ва хеле калон мешуд. Сонияи, нахостем ба тариқи умумӣ таълими онҳоро ба донишҷӯёну муаллимон манзур намоем, чунки ҳар як омӯзгор ин ё он мавзӯъро мувофиқи фаҳмишу дониши худ ва усули таълими дарсгӯияш ба шогирдон таълим медиҳад ва меомӯзонад. Инро ба ҳисоб гирифта таълими ҳиссаҳои нутқ ва аъзоҳои пайрави ҷумларо ба зиммаи муаллимон ҳавола намудем.

Китоб албатта, бенуқсон шуда наметавонад. Боварӣ дорем, ки муаллимон ва рафиқони ҳамкасб фикру мулоҳиза ва маслиҳатҳои пурқимати худро доир ба он баён намуда, дар беҳбудии сифати он кӯмак мерасонанд.

Барои ба чоп ҳозир намудани китоб муаллиф аввалан арзу сипоси худро ба ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, марди закии покойину поктинат, хоксору дурандеш, профессор Ҷамшед Ҷӯразода, сонияи ба ҳамкасбони худ, ки дар беҳтар гаштани сифати китоб дасти мадад дароз бинмудаанд, баён менамояд.

**Муаллиф**

# БОБИ ЯКУМ

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ҲАМЧУН ФАННИ ТАЪЛИМӢ ДАР МАКТАБИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ

## 1.1. Аҳамият ва мавқеи забони тоҷикӣ дар системаи таълими умумӣ

Дар ислоҳоти мактаби маълумоти умумӣ ва касбӣ қайд карда мешавад, ки вазифаи муҳимтарин ва доимии мактаб ин аст, ки ба насли наврас дониши амиқу мустаҳками асоси илмидоштаро диҳад, ба вай малакаю маҳорати дар амал татбиқ кардани ин донишро парварад.

Вобаста ба иҷрои ин вазифаи муҳим мавқеи забони модариро алоҳида қайд кардан лозим аст, зеро ҳартарафа ва чуқур омӯхтани забони модарӣ ба хонандагон имконият медиҳад, ки ба ҳамин фан такя намуда, ба воситаи он фанҳои таълимии дигарро омӯзанд ва фикри эҷодии худро инкишоф диҳанд.

Аз ин ҷиҳат, забони модарӣ дар мактаб на фақат вазифаи фанни таълимиро иҷро мекунад, балки вай воситаи муҳими таълим ҳам ба шумор меравад.

Хусусияти муҳими забони тоҷикӣ ҳамчун фанни таълимӣ дар муқоиса бо фанҳои дигар аз он иборат аст, ки объекти омӯзиши он забон аст, забоне, ки хонанда ҳанӯз ба мактаб наомада, бо он гуфтугӯ мекунад ва дар мактаб дар омӯзиши фанҳои дигар аз он истифода мебаранд.

Забони адабии тоҷик бо сохти грамматикӣ ва таркиби луғавии худ дар байни забонҳои эронӣ яке аз забонҳои бой ва қадима ба шумор меравад ва он ҳанӯз дар асрҳои IX-X ташаккул ёфта, бо ҳусну фасоҳати худ шӯҳрат пайдо карда буд. Ташаккули забони адабии тоҷик ба ҳаёт ва таърихи офарандаи он – халқи тоҷик зич алоқаманд аст. Ташаккули забони адабӣ дар таърихи инкишофи забон ва халқу миллат марҳилаи муҳим

ба шумор рафта, вай дорои адабиёти оламшумул мебошад. Бо ин забон суханварони барҷастаи адабиёти тоҷик Рӯдакию Фирдавсӣ, Синою Носири Хисрав, Мавлавию Камоли Хуҷандӣ, Саъдию Ҳофиз, Ҷомию Восифӣ, Сайидо, Аҳмади Дониш, Айниву Турсунзода, Ҷалол Икромиву Раҳим Ҷалил, Улуғзодаву Лоиқ ва дигар адибон шоҳасарҳо эҷод намудаанд, ки бештарини онҳо аҳамияти ҷаҳонӣ доранд. Ин аст, ки мақоми забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) то рафт баланд шуда, эътибори он аз доираи Осиёи Миёнаву Хуросон берун мебарояд.

Забони адабии тоҷик дар давоми тараққиёти зиёда аз ҳазорсолаи худ ба тағйиротҳои гуногун дучор гардидааст. Дар ин муддат вай таркиби лугавии худро бо роҳи калимасозии худ ва калимаву ибораҳои халқӣ, инчунин аз ҳисоби калимаҳои забонҳои дигар бой гардонидааст. Ба замми ин бисёр калимаҳои ин забон оҳиста – оҳиста аз байн рафтанд ё маъноҳои дигар пайдо карда ба ҷои онҳо калимаҳои нав пайдо шудаанд.

Забони адабии тоҷик, махсусан, пас аз Инқилоби Октябр то дараҷае тағйир ёфта, сохти грамматикии худро суфтатар ва ба забони халқ наздиктар, унсурҳои нодаркори арабиро аз худ дур ва таркиби луғавиашро аз ҳисоби калимаҳои иқтибосӣ бой намуд.

Бо забони адабии тоҷик асарҳои нависандагони рус ва дигар халқҳо, ки дорои аҳамияти ҷаҳонӣ мебошанд, низ тарҷума шудаанд.

Ҳамин тавр, забони адабии ҳозираи тоҷик – забони аз тарафи устодони сухан пардохташуда, забони асарҳои бадеӣ, забони матбуот, радио, телевизион, театр, забони муассисаҳои давлатӣ ва забони асарҳои илмию динӣ ва тадқиқотӣ буда, дар айни замон шакли олии забони миллии халқи тоҷик аст.

Хурсандиовар аст, ки соли 1989 ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шуд. Мақоми давлатӣ гирифтани

ин забон моро водор менамояд, ки онро ҳартарафа омӯзем ва дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ пурра истифода барем. Имрӯзҳо баҳри амалӣ гардидани Қонуни забон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Бунёди забони тоҷикӣ корҳои зиёде ба иҷро расонда шудааст ва он идома дорад.

Дар оғози ҳазорсолаи нав марҳилаи тозаи инкишофи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ сар шуд ва соли 2008 – ро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон расман «Соли забони тоҷикӣ» эълон намуд. Қонуни забони давлатӣ, ки дар давраи шӯравӣ таҳияву қабул гардида буд, он аз нав таҷдиди назар шуд. Бо дарназардошти меъёрҳои давлати соҳибистиқлол 5 – уми октябри соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо такмилу таҳрири нав қабул гардид. Ҳамзамон бо мақсади ба низом даровардани қоидаҳои навишт 4 – уми октябри соли 2011 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» низ дар таҳрири нав тасдиқ гардид. Сарвари Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини давлатдориаш иброз дошта буд, ки «Забон дар паноҳи давлат ва давлат дар паноҳи забон аст.»

Ин забон дар мактаб бо номи забони тоҷикӣ аз синфи якум то ёздаҳум таълим дода мешавад ва яке аз фанҳои асосии таълимӣ ба ҳисоб меравад.

Ба омӯзиши ин фан дар як ҳафта барои синфҳои V-VI-VII се соат, синфи VIII-IX ду соат ва синфҳои X-XI се соат ҷудо намудаанд.

Забони тоҷикӣ ба хонандагон оид ба фонетика, морфология ва синтаксис на танҳо дониши мунтазам медиҳад, балки малакаҳои имло, орфоэпия ва нутқи хаттӣ ва даҳонии онҳоро бой мегардонад. Омӯзиши забони тоҷикӣ доираи ҷаҳонбинии хонандагонро оид ба ҳаёти халқ, табиат ва амсоли инҳо васеъ менамояд.

Маълум, ки забондонӣ ба таълими грамматика вобаста аст. Аз ин рӯ, таълими грамматика дар мактаб

хеле муҳим аст ва он асоси машғулиятҳои забонро ташкил медиҳад. Таълими забони модарӣ қобилияти эҷодии хонандагонро инкишоф дода, онҳоро ба мустақилона фикр кардан ва баён намудани ҳодисаву воқеаҳо раҳнамоӣ мекунад.

Ба замми ин омӯзиши забони модарӣ саводнокии хонандагонро баланд мебардорад.

## 1.2. Тарбияи ғоявӣ – сиёсӣ дар таълими забони модарӣ

Мактаби имрӯза таълими забони модариро яке аз воситаҳои муҳими тарбияи хонандагон меҳисобад.

Вазифаи асосии тарбияи хонандагон иборат аз ҳартарафа омӯхтани ҷаҳонбинии пешқадам, садоқат ба Ватани маҳбуб, тарбияи ватандӯстӣ, дӯстию бародарӣ ва ҳурмату эҳтироми калонсолон, волидайн ва ғайраҳо мебошад.

Муаллим бояд нағз донад, ки тамоми машғулиятҳои забони тоҷикӣ омӯзиши фонетика, грамматика, лексика ва корҳои хаттӣ аҳамияти таълимӣ ва тарбиявӣ доранд.

Дар шароити имрӯза забони модарӣ ҳамчун аслиҳаи пуриқтидори баланд бардоштани маданият аст ва муаллимонро зарур аст, ки онро чун аслиҳаи тарбия истифода намуда, хонандагонро барои ҷамъияти имрӯза ҳартарафа тарбия намоянд.

«Кӯдак, - мегӯяд К.Д.Ушинский, - танҳо ба воситаи забони модарӣ аз ҳаёти рӯҳии одамони муҳити худ воқиф мегардад ва баръакс, оламе, ки кӯдакро иҳота кардааст, факат ба воситаи ҳамон муҳит, яъне ба воситаи забони модарӣ, тарафи рӯҳии худро ба вай акс мекунонад»[6]

Дар дарсҳои забони тоҷикӣ муаллим бояд ба хонандагон сифатҳои баланди ахлоқ, муносибати

[6] Ушинский К.Д. Осори мунтахаби педагогӣ. - Москва, 1955. - С.448.

фоиданок ба меҳнат, манфиати умумӣ ва шахсӣ нисбат ба меҳнат, хулоса, ҳамаи қоидаҳои ахлоқи неки инсониро тарбия намояд.

Дар тарбияи хонандагон мавқеи муаллим бағоят калон буда, сухани ӯ воситаи асосии тарбия намудани хонандагон мебошад.

Агар хонандагон вазифаи аз тарафи муаллим супоридашударо дар вақташ иҷро карда, ба дарсҳо фаъолона иштирок намоянд, ин чунин маъно дорад, ки муаллим аз ӯҳдаи тарбия ва таълими онҳо баромада тавонистааст.

Барои ин дарсҳои забони модариро тавре ташкил намудан лозим аст, ки онҳо пурмазмун ва тамоили тарбиявиашон баланд бошад. Ҳар як қисми забони тоҷикӣ бояд меҳру муҳаббати хонандагонро ба каломи модарӣ ва омӯзиши он афзун намояд. Дӯст доштан ва ҳурмат кардани забон, пеш аз ҳама, ба ҳартарафа чуқур омӯхтани он вобаста аст.

Дар дарсҳои забони модарӣ тарбияи ғоявию сиёсии хонандагон бо усулҳои гуногун ба амал баровmasked mешавад.

Сӯҳбати хосаи муаллим дар бораи боигарии забони тоҷикӣ, забон ва алоқаи он бо таърихи халқ, гуфтаҳои шахсони бузург, нависандагон, олимон ва шахсони таърихӣ дар бораи забони тоҷикӣ, дар асоси маводҳои аниқ нишон додани воситаҳои тасвири забон (боигарии синонимҳо, антонимҳо, фразеология), ташкили шабҳои саволу ҷавоб, ҳафтаи забон, маҳфилҳо, конференсияҳо доир ба забон, баровардани рӯзномаҳо ва амсоли инҳо бо мақсади тарбияи идеявӣ – сиёсии хонандагон равона карда мешаванд.

Ғайр аз ин, маводи таълимӣ ҳам барои дар амал татбиқ намудани тарбияи идеявӣ – сиёсӣ роли муҳим мебозад. Вобаста ба мавзӯъҳои таълимӣ матну мисолҳо бояд мазмун ва ғояи баланд дошта бошанд ва онҳо

хонандагонро дар рӯҳи меҳнатдӯстӣ, инсонпарварӣ, одобу ахлоқ ва амсоли инҳо тарбия карда тавонанд.

Ҳангоми таълими забони модарӣ дар синфҳои V-XI доир ба масъалаи тарбияи идеявӣ – сиёсӣ ба чунин чизҳо эътибор дода шавад:

а) муаллим дар дарс маводҳои хусусияти тарбиявӣ доштаи бадеӣ, образнок, равон ва саҳеҳ навишташударо истифода намояд;

б) ба воситаи таълими забон бояд тафаккури эҷодии бачагонро инкишоф диҳад, то ки онҳо фикри худро озодона ва бошуурона баён карда тавонанд.

Маводҳое, ки оид ба забони тоҷикӣ дар барнома ва китобҳои дарсии миёна дода шудаанд, дар таълим ва тарбияи ҳамаҷонибаи хонандагон ёрии амалӣ расонанд.

Вазифаи мактаб ва муаллими забони модарӣ аз он иборат аст, ки хонандагонро ба дӯст доштани забони модарӣ, адабиёти Ватан, эҷодиёти даҳонакии халқ одат кунонад ва тарбия намояд.

## 1.3. Забони модарӣ ҳамчун фанни таълимӣ дар қарордодҳои ҳукумат

Забони модарӣ ҳамчун фанни таълимӣ дар системаи маълумоти умумӣ ҳанӯз аз рӯзҳои аввали ташкилёбии Ҳокимияти Советӣ диққати партия ва ҳукуматро ба худ ҷалб кардааст.

Ба туфайли револютсияи Октябр дар мамлакати мо шакли нави мактабу маориф ба вуҷуд омад.

В.И.Ленин дар қатори аввалин декретҳо ба декрети маорифи халқ низ имзо карда, барҳам додани бесаводиро вазифаи муҳим мешуморад. В.И.Ленин аз рӯзҳои аввали ташкилёбии Давлати Советӣ фаъолият ва диққату эътибори партияро ба маорифи халқ ва тайёр кардани муаллимони советӣ ҷалб карда, мавқеъ ва роли ҷамъиятии муаллими советиро чунин муайян карда буд:

«Муаллими халқ дар мамлакати мо ба чунин мавқеи баланде гузошта шавад, ки дар ҷамъияти буржуазӣ дар ин гуна мавқеъ ҳеҷ гоҳ наистода буд, намеистад ва нахоҳад истод».[7]

Ҳукумати Советӣ дар ҳар як марҳилаи тараққиёти маорифи халқ вобаста ба шароити он давр қарорҳои таърихии дахлдор қабул кардааст.

Дар байни солҳои 1923 – 1931 дар кори таълими мактабҳои навбунёди советӣ методҳои нодурусти мактабҳои буржуазӣ – усулҳои комплексӣ ва лоиҳавӣ ҷорӣ шуда буданд. Мувофиқи талаботи ин усулҳо забони модарӣ ҳамчун фанни алоҳида таълим дода нашуда, дар алоқамандии фанҳои дигар омӯхта мешуд.

Ин норасоиҳои таълим дар қарорҳои таърихии КМ ВКП(б) «Дар хусуси мактабҳои ибтидоӣ ва миёна» (1931) ва «Дар бораи режим ва барномаҳои таълимии мактабҳои ибтидоӣ ва миёна» (1932) сахт танқид карда шудаанд.

Қарорҳои мазкур дар бартараф намудани камбудиҳои мактаб ва тартиб додани барномаҳои нави таълимӣ, ки дар он системанокӣ ва доираи муайяни таълим риоя шуда бошанд, роли муҳим бозиданд. Дар асоси талаботи ин қарорҳои таърихӣ мактаби советӣ бо барномаҳо ва китобҳои дарсии бардавом таъмин карда шуданд.

Ба ин муносибат мақсаду вазифа ва мундариҷаи таълими забони модарӣ дар мактабҳои таълими умумӣ муайян гардиданд.

Қарорҳои мазкур алалхусус, барои беҳтар гардидани сифати таълими забони модарӣ ҳамчун ҳуҷҷати таърихӣ роли калон бозиданд. Хусусан, қарори КМ ВКП(б) аз 25 августи соли 1932 дар тараққиёти минбаъдаи мактабҳо ва таълими забони модарӣ роли басо бузург бозид.

---

[7] В.И.Ленин. Асарҳо, ҷилди 45, саҳ.366.

Барномаи забони модарӣ, - гуфта шудааст, дар ин қарор, - дар кори амалии чи ҳоҷагӣ ва чи мактабии талабагон кори мустақилонаро аз навиштан ва таҳлили грамматикӣ оғоз намуда, таҳлили системаноки ҳаҷман аниқ, инчунин дуруст хондану беғалат навиштан ва дуруст фикр карданро таъмин намуданаш лозим аст.[8]

Дар ин қарор норасоиҳои дар таълими забони модарӣ ҷой дошта алоҳида нишон дода шудааст. Дар саҳифаи дигари ин қарор қайд шудааст, ки хонадагон аз забони модарӣ дониши суст доранд, алалхусус дониши имловӣ ва пунктуатсионии онҳо ба талаботи илми забон ҷавоб дода наметавонад.

Дар ҷои дигари ин қарор чунин навишта шудааст: «Таълими забони модарӣ дар мактаб ба тариқи системанок ҷорӣ карда шавад.» Хонандагон бояд ҳусни хати зебо ва бехато дошта бошанд, шавқу завқи хонандагон ба кори мустақилона бедор карда шавад.

Қарори дигари КМ ВКП(б) аз 12 феврали соли 1933 «Дар хусуси китобҳои дарсии мактабҳои ибтидоӣ ва миёна» барои беҳтар кардани сифати китобҳои дарсии забони модарӣ ва ба ҳамин вобаста ба беҳтар шудани таълими забони модарӣ таъсири ҷиддӣ расонид.

Қарорҳои дар солҳои минбаъда қабул кардани Ҳукумати Советӣ дар давоми панҷсолаҳои пешазҷангӣ ва баъдиҷангии хоҷагии халқ барои боз ҳам беҳтар гардидани сифати таълим ва инкишоф ёфтани фаъолияти ақлию ҷисмонии талабагон ҳамчун дастурамал хизмат намуданд.

Дар қарори Совети Вазирони СССР «Дар бораи ба охир расонидани гузориш ба таълими умумии миёнаи ҷавонон ва минбаъд ҳам тараққӣ додани мактаби маълумоти умумӣ» ба сифати таълими забони модарӣ эътибори махсус дода мешавад. Дар он аз ҷумла гуфта

[8] Қарори КМ ВКП (б) «Дар бораи режим ва барномаҳои таълимии мактабҳои ибтидоӣ ва миёна» (1932)

шудааст: «Дар мактабҳои миллӣ таълими забони модарӣ низ ба роҳ монда шавад, дар тамоми мактабҳо утоқҳои зарурии ҷиҳозонидашуда, усулҳои таълимро ба тарзи мунтазам ҷустуҷӯ намуда гуногунии он усулҳо таъмин карда шавад».[9]

Қарори дигар «Дар бораи такмили минбаъдаи таълиму тарбияи талабагони мактабҳои маълумоти умумӣ ва ба меҳнат тайёр кардани онҳо» аз 22 декабри соли 1974 дар таърихи тараққиёти мактабҳо давраи наверо ба миён гузошт.

Дар асоси ин қарор дар давоми даҳ соли охир мазмуни таълим дар мактабҳо як қадар тағйир дода шуда, китобҳои дарсии нав ва воситаҳои тозаи таълимӣ ба вуҷуд овардаю дараҷаи сифати таълиму тарбия хеле баланд бардошта шуд. Талабагон ба меҳнати ҷамъиятию истеҳсолӣ бештар ҷалб карда шуданд. Таъминоти моддию техникии мактабҳо, кабинетҳои таълимӣ, устохонаҳо беҳтар ва роли муаллими халқ баланд гардид.

Дар асоси қарори соли 1977 бо Указi Президиуми Совети Олии СССР аз 30 декабри соли 1977 номи фахрии «Муаллими халқии СССР» таъсис ёфт.

Қарори дигари КМ КПСС ва Совети Вазирони СССР «Дар бораи истифодаи бепули китобҳои дарсӣ гузаштани талабагони мактабҳои умумӣ» (соли 1978) баробари аҳамияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва тарбиявӣ дар такмили минбаъдаи таълиму тарбияи хонандагон низ роли муҳим бозид.

Соли 1974 «Дар бораи роҳҳои асосии ислоҳоти мактаби маълумоти умумӣ ва касбӣ» қарори нав қабул карда шуд.

Ислоҳоти мактаб мувофиқи дастурҳои барномавии Пленуми июнии (соли 1983) КМ КПСС пеш гирифта

---

[9] Қарори КМПСС. Дар бораи ба охир расонидани гузариш ба таълими умумии миёна. 24 июни 1972

шуд. Мақсад аз он ҳамин буд, ки кори мактаб ба дараҷае баланд бардошта шавад, то ки он ба шароиту талабот мувофиқ бошад. Қарори мазкур боз як гамхории нави ҳукумат дар ҳаққи муаллим ва хонандагони мактаби миёна мебошад.

Дар банди даҳуми ин қарор оид ба масъалаи таълими забони модарӣ чунин гуфта шудааст: «Барои беҳтар шудани шароити кор баробари забони модарӣ омӯхтани забони русӣ, ки онро одамони советӣ ихтиёран ба сифати воситаи алоқаи байни якдигар қабул кардаанд, чораҳои иловагӣ андешида шаванд.»

Ҳамин тариқ, кори мактабу маориф, таълими фанҳои ҷудогона, аз ҷумла забони модариро Ҳукумати Советӣ чун қисми ҷудонашавандаи кори давлатӣ ва ҷамъиятӣ ҳамеша ба мадди назар дошта, ба омӯзиши он эътибори ҷиддӣ додааст.

## 1.4. Методикаи таълими забони тоҷикӣ ҳамчун фан дар матаби олӣ, мақсад ва вазифаҳои он

Методика аз калимаи юнонии «metodos» гирифта шуда, маънояш роҳ, усул, тарз ва равиш мебошад. Методикаро дидактикаи хусусӣ ё соҳавӣ ҳам меноманд.

Методикаи таълими забон тарз ва усулҳои таълими забонро дар мактаби миёна омӯхта, чун дигар илмҳои методӣ ба гурӯҳи фанҳои педагогӣ дохил мешавад. Вай предмети омӯзиши худ, мазмуну мундариҷа, роҳ ва усулҳои тадқиқотии худро дорад.

Методикаи таълими забони тоҷикӣ хонандагонро оид ба забони тоҷикӣ шинос намуда, онҳоро дар рӯҳи ватанпарварӣ, инсондӯстӣ, ҳурмату эҳтироми калонсолон ва амсоли инҳо тарбия менамояд.

Методикаи таълими забони тоҷикӣ ҳамаи амалиёти маърифатдиҳӣ, принсипҳои таълим, усул ва тарзҳои омӯзиши забони тоҷикиро дар бар мегирад. Вай ба муаллим дар системаи таълими фанни забон ва

машгулиятҳое, ки берун аз синф мегузаронад, ҳартарафа кӯмак мерасонад.

Бо ёрии методика муаллим таълими забони модариро чи дар синф ва чи дар иҷрои вазифаи хонагӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок менамояд.

Методикаи таълими забони тоҷикӣ ҳамчун фан воситаҳои таълим ва қонунияти ба талабагон омӯзонидани забони модариро дар бар мегирад.

Ҳангоми таълими забони модарӣ хонандагон доир ба қисмҳои гуногуни забон: фонетика, лексика, орфография, грамматика ва услубшиносӣ маълумот мегиранд ва дар заминаи он малакаи бехато навиштан, ифоданок хондан, ба тарзи хаттӣ ва даҳонӣ беғалат баён кардани фикрро соҳиб мешаванд. Машғулиятҳои забони модариро тавре ташкил бояд кард, ки онҳо пурмазмун бошанд, ба талаботи ҳаёт ва барномаҳои нави таълимӣ пурра ҷавоб дода тавонанд. Муаллим бояд ҳар як машғулиятро мувофиқи талаби забон ташкил намуда, ба хонандагон дар муддати кӯтоҳ ба таври содаю осон мавзӯъҳои грамматикаю қисмҳои дигари илми забонро фаҳмонад ва омӯзонад.

Танҳо дар сурати дуруст ба роҳ мондани таълим ва сифатнокии машғулиятҳо хонандагон доир ба забон дониш ва малакаҳои даркорӣ ҳосил карда тафаккури эҷодии худро инкишоф медиҳанд.

Барои ин муаллимро зарур аст, ки аз усулҳои навин ва тарзҳои аз ҷиҳати илмӣ исботшуда ва дар таҷрибаи мактабҳо санҷидашуда истифода намояд.

Маълум, ки дар байни метод ва методика фарқ ҳаст, калимаҳои «тарз»- у «восита» низ тафовут доранд.

«Воситаи таълим гуфта маводҳоеро меномем, ки ҳам муаллим ва ҳам талабагон барои ба даст овардани ин ё он мақсади муайяни таълимӣ истифода мебаранд. Ба воситаҳои таълим матнҳо, ҷумлаҳо, калимаву ибораҳо инчунин воситаҳои аёнию материалҳои дидак-

тикӣ, воситаҳои таълимӣ – техникӣ дохил мешаванд. Ба замми ин китоби дарсӣ воситаи аз ҳама муҳими таълим ба ҳисоб меравад. Тарзхои таълим гуфта роҳ ё техникаи истифодаи ин ё он воситаи таълимро меномем. Бо гуфти академик Лутфуллоем М. тарзҳои таълим гуногун буда, интихоби онҳо ба метод ва воситаҳои таълим вобаста аст».[10]

Методикаи таълими забони тоҷикӣ ба муаллим доир ба таълими ҳар як боби барномаи забон тавсияҳо медиҳад. Аз ин рӯ, муаллими забон вазифадор аст, ки методикаро ҳамчун илми алоҳида чуқур омӯхта, барои дар амал татбиқ намудани он кӯшиш намояд.

Методика ба муаллим усулу тарзи таълимро тавсия менамояд. Муаллим бомуваффақият таълим додани ин ё он мавзӯи фанни забонро бояд чуқуру асоснок омӯзонад ва донад. Илми забон ва мавзӯъҳои онро надониста дар таълими забон ба муваффақият соҳиб шудан мумкин нест.

Методикаи таълими забони тоҷикӣ ба муаллимоне, ки нав ба кори педагогӣ шурӯъ мекунанд, чӣ гуна ёрӣ мерасонад?

1. Вай роҳ ва тарзҳои гуногуни ташкили дарси забони модариро меомӯзонад.

2. Ба муаллим тарзи муттасилии таълими забонро нишон медиҳад.

3. Дар асоси илмӣ таълим додани ҳар як боби барномаро тавсия намуда, ба кори мунтазами эҷодӣ ва педагогии муаллим ёрӣ мерасонад.

4. Методика муваффақият ва пешравиҳое, ки дар соҳаи таълими забон дар таҷрибаи муаллимони ҷудогона ва мактабҳои алоҳида мушоҳида мешаванд, омӯхтаву ҷамъбаст намуда, роҳҳои дурусти таълимро ба муаллимони ҷавон тавсия мекунад.

---

[10] Лутфуллоев М. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. Нашр. «Маориф». - Душанбе, 1985.

5. Фикру мулоҳизаҳо, таҷрибаи омӯзгорон ва методистони пешқадами гузаштаро омӯхта, роҳҳои аз онҳо истифода карданро нишон медиҳад.

Методика ҳамчунин таърихи усулҳои таълими забон, ҳолати он дар гузашта, пайдоиш ва тараққиёт, муваффақияту норасоиҳои онро низ аниқ мекунад.

Вазифаи методикаи таълими забони модарӣ аз инҳо иборат аст:

а) Муайян намудани ҳаҷму мундариҷа, фаслу боби забони тоҷикӣ дар синфҳои ибтидоӣ ва миёна, ҳамчунин тақсимоти мавзӯъҳои таълимии барнома барои ҳар як синф;

б) Ҳангоми таълим истифода аз усулҳои аҳамиятноки пешина ва ҷорӣ намудани метод ва воситаҳои методии нави гуногун;

в) Интихоб ва истифодаи машқу масъалаҳои муҳим барои таълими муттасили курси забони тоҷикӣ ва назарияро дар амалия санҷидан;

г) Аз ҷиҳати назариявию амалӣ асоснок кардани системаи мавзӯъҳои синфию беруназсинфӣ ва супоришҳои хонагӣ.

Бояд гуфт, ки иҷрои чунин вазифаҳо ба дониш, савия, ҷаҳонбинӣ, маҳорати педагогӣ ва ба чи андоза чуқур дарк карда тавонистани усулҳои дидактикии таълим, ба фазилату хусусияти шахсии муаллим, ба чи дараҷа меҳру муҳаббат ва рағбат доштани ӯ ба фанни худ вобаста аст.

Мувофиқи талаботи методикаи таълими имрӯза ташкилу гузаронидани дарсҳои забони модарӣ ва натиҷаҳои дилхоҳ пайдо кардан аз онҳо кори басо мураккаб буда, аз муаллим дониши амиқ, тайёрии ҳаматарафа, ба дараҷаи хуб донистани илмҳои педагогика, психология, методикаи таълими забони тоҷикӣ ва омӯзиши таҷрибаи пешқадамро тақозо менамояд.

Хулоса, методика ҳамчун усули кори муаллиму хонандагон илмест дар бораи роҳ, тарз ва воситаҳои

омӯхтани дониш, ҳосил намудани маҳорату малака, ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон, тарбия ва инкишофи қобилияти онҳо мебошад.

## 1.5. Вазифаҳои асосии таълими забони модарӣ дар мактаб

Ҳар як муаллими забони модарӣ пеш аз он ки дар мактаб ба машғулияти фанни забон шурӯъ намояд, бояд пешакӣ донад, ки ба шогирдон дар бораи чӣ сухан мекунад ва ба онҳо чиро таълим медиҳад?

Вазифаи асосии таълими забони модариро дар мактаб мухтасаран ин зайл муайян кардан мумкин аст:

1. Машғулиятҳои забони модарӣ дар мактаб бояд ба хонандагон дар бораи қоидаву қонунҳо ва меъёрҳои забони модарӣ донишҳои чуқур ва асосонок диҳанд, яъне ба хонандагон ёрӣ расонанд, ки онҳо ба нутқи шевою фасеҳ, ифоданок ва буррои даҳонию хаттӣ соҳиб гарданд.

Асосгузори адабиёти советии рус А. М. Горкий гуфта буд: «Мубориза барои тозагии нутқ, барои равшании фикр, барои буррогии забон, мубориза барои аслиҳаи маданият аст. Чи қадар ки ин аслиҳа бурротар бошад, ҳамон қадар ҳам вай ғалабовартар мегардад.»[11]

2. Машуғлиятҳое, ки оид ба грамматика дар мактаб гузаронида мешаванд, дар инкишофи фикри мантиқии бачагон аҳамияти бузург доранд.

Аз ин рӯ, вазифаи дигари муаллими забони модарӣ он аст, ки ба воситаи дарсҳои грамматика тафаккури хонандагонро инкишоф диҳад. Омӯзиши грамматика барои хонандагон ду хел аҳамият дорад:

**а) аҳамияти назариявӣ**

**б) аҳамияти амалӣ**

---

[11] Горький А.М. Сбор.сочинений, том 25.-М.1963. стр. 39.

Аҳамияти назариявии грамматика аз он иборат аст, ки вай ба хонандагон дар хусуси қонуну қоидаҳои сохти забон маълумот дода, бо ҳамин восита тафаккури онҳоро инкишоф медиҳад.

Аҳамияти амалии грамматика аз он иборат аст, ки вай дар баробари омӯзонидани қонуну қоидаҳои забон ба хонандагон малакаи нутқи дурусти шифоҳӣ ва хаттиро вусъат медиҳад.

3. Чунон ки маълум аст, асоси забонро сохти грамматикӣ ва фонди асосии лугавии он ташкил медиҳад. Бино бар он яке аз вазифаҳои дигари муҳими таълими забони модарӣ дар мактаб аз он иборат аст, ки вай бояд талабагонро ба таркиби лугавӣ ва фонди асосии лугавии забон шинос гардонад, лексикони хонандагон, яъне захираи лугавии онҳоро бой намояд.

4. Вазифаи дигари таълими забони модарӣ аз он иборат аст, ки машғулиятхои забони модарӣ дар мактаб бояд меҳру муҳаббат ва шавқу ҳаваси хонандагонро ба забони модариашон зиёд намояд. Барои ин муаллим бояд дарсҳояшро мувофиқи талаби замон ташкил намояд ва дарси пурмазмун гузарад.

5. Инро низ бояд қайд намуд, ки бошуурона ва устуворона аз худ кардани қонуну қоидаҳои забон, яъне сохти грамматикии он, дар бисёр мавридҳо ба таҳлили грамматикӣ низ вобаста аст, зеро таҳлили грамматикӣ дар бобати ба амал татбиқ намудани қонуну қоидаҳои забон ҳамчун лаборатория хизмат менамояд. Бо иборои дигар, таҳлили грамматикӣ аз лаборатория гузаронидани қонуну қоидаҳои забон мебошад. Аз ин рӯ, муаллими забони модариро зарур аст, ки ҳангоми таълим ба таҳлили грамматикӣ, хел ва тарзи гузаронидани он эътибори махсус диҳад.

6. Машғулиятҳои забони модарӣ дар мактаб бояд ба хонандагон оид ба масъалаҳои умумии забон, пайдоиши забон ва хат, ҳаёти ҷамъиятӣ ва тараққиёти

забонҳо, дар хусуси дар забон инъикос ёфтани ҳаёт, дар баробари тараққиёти ҷамъият тағйир ёфтани маънои калима ва ибораҳо, инчунин кӯҳна шудану аз истеъмол баромадани калимаҳо ва пайдо гардидани калимаву ибораҳои нав, дар бораи забони адабӣ ва гуфтугӯӣ низ маълумоти мухтасару зарурӣ диҳад.

7. Алоҳида қайд кардан лозим аст, ки хонандагон дар дарсҳои забони модарӣ дар баробари омӯхтани қоидаву қонунҳои забон бояд малакаҳои дурустнависӣ ва дар мавқеи худ истеъмол намудани аломатҳои китобатӣ, яъне орфография ва пунктуатсияро низ бошуурона аз худ намоянд, омӯзанд ва ёд гиранд.

8. Вазифаи дигари таълими забони модарӣ аз он иборат аст, ки мавзӯъҳои забони модарӣ бояд ҳамеша бо фанҳои дигар хусусан бо адабиёт, таърих, забони русӣ ва хориҷӣ алоқамандона таълим дода шаванд, зеро дар алоқамандӣ таълим додани забони модарӣ омӯзиши забонҳои дигарро барои хонандагон осон менамояд. Дар ҳикмати халқ гуфта мешавад:

***Ҳар кас ба забони худ сухандон гардад,***
***Омӯхтани сад забон осон гардад.***

## 1.6. Назарияи забон – асоси методологии курси методикаи таълими забони тоҷикӣ

Масъалаҳои методикаи таълими забони тоҷикиро бе омӯзиши назарияи забон ҳал кардан мумкин нест. Танҳо ба назарияи забон такя намуда, дар таълими забони тоҷикӣ ба муваффақият соҳиб шудан мумкин аст.

Забон ҳамсафари доимии ҷамъият, воситаи ягонаи муомилот, воситаи муносибатҳо дар истеҳсолот аст, бино бар ин таърихи забон бо таърихи ҷамъияти инсонӣ сахт алоқаманд мебошад ва ин ҳардуро аз якдигар ҷудо кардан имконнопазир аст.

Маълум, ки забон олату воситаи алоқаи байни одамон аст. Бо гуфти В.И. Ленин «Забон воситаи

муҳимтарини алоқаи байни инсон аст.»[12] Вай ҳамчун воситаи муомилот дар ҷамъияти инсонӣ барои ҳамаи гурӯҳҳо ва табақаҳои гуногуни ҷамъиятӣ як хел хизмат карда омадааст ва хизмат хоҳад кард.

«Берун аз ҷамъият забон ҳам нест… забон ва қонунҳои мнкишофи онро фақат ба шарте фаҳмидан мумкин аст, ки агар он бо таърихи ҷамъият, бо таърихи халқе, ки забони омӯхташаванда ба вай тааллуқ дорад ва вай бунёдкунанда ва соҳиби он забон мебошад, зич пайваста омӯхта шавад.»[13]

Баъзе олимон забонро «ҳодисаи синфӣ» шумоҳридаанд, ки ин нодуруст аст. Забон ҳеҷ гоҳ ҳодисаи синфӣ набуд, нест ва нахоҳад буд. Вай барои ҳамаи аъзоёни ҷамъият як хел хизмат мекунад. Аз гуфтаҳои боло чӣ гуна хулосаҳо бояд баровард?

Хулосаи аввалин он аст, ки мо дар мактаб ва донишкадаҳои олӣ забони адабии тоҷикро ба шогирдон таълим медиҳем, ки вай барои ҳамаи халқи тоҷик забони миллӣ ва умумихалқӣ ба ҳисоб рафта, яке аз шаклҳои маданияти халқи тоҷик ва ифодакунандаи таърихи он ба ҳисоб меравад.

Дар протсесси омӯзиши забони тоҷикӣ на фақат аз намунаи забони асарҳои бадеии муосир, балки аз асарҳои адабиёти классикии тоҷик низ истифода мебарем.

Маълум, ки дар адабиёти бадеӣ ҳисси ватандӯстӣ, орзую омоли халқ, хулқу атвор, далерӣ, қаҳрамонӣ, одамият, инсондӯстӣ, поквиҷдонӣ, иззату эҳтиром ва амсоли инҳо ба воситаи материали забон ифода мегардад. Вазифаи мо муаллимони забони модарӣ он аст, ки дар машгулиятҳоямон аз он ганҷинаҳо моҳирона истифода бурда, хонандагонро дар рӯҳи ахлоқи ҳамида тарбия намоем.

---

[12] В.И.Ленин. Асарҳо, ҷилди 20, саҳ.349.

[13] Сталин И.В. Марксизм ва масъалаҳои забоншиносӣ, 1951, саҳ.25.

Азбаски забон воситаи алоқа, воситаи фикрбаёнкунӣ ва дар айни замон воситаи мубодилаи афкор мебошад, аз ин ҷо худ аз худ масъалаи муносибати забон ва тафаккур ба миён меояд.

Фикр дар базаи забон ба вуҷуд меояд ва дар он мустаҳкам мегардад. Аммо ин чунин маъно надорад, ки забон ва тафаккур айнияти якдигар бошанд.

Қонунҳои тафакурро илми мантиқ меомӯзад. Мантиқ мафҳумро бо аломатҳояш, муҳокимаро бо аъзоҳояш ва хулосаҳоро аз ҳамдигар фарқ мекунонад. Дар забон воҳидҳои дигари ифодакунандаи маъно мавҷуданд: морфемаҳо, калимаҳо, таркибҳо, ибораҳо, ҷумлаҳо. Инҳо аз категорияҳои мантиқ фарқ мекунанд.

Забон ва тафаккур таърихан бо рафти пешравиҳои меҳнати одамон баробар ба вуҷуд омадааст ва фикрҳо дар базаи терминҳо ва ҷумлаҳои забон шакл мегирад ва «Забон ҳам монанди шуур қадимӣ аст. Забон шуури ҳақиқии амалист, ки чи барои одамони дигар ва чи барои худи ман вуҷуд дорад.»

Забон яроқи фикр ва олати инкишоф ва муборизa аст.

Муаллимони забони модарӣ ба ин ҷиҳати забон такя намуда бояд ба хонандагон малакаҳои дурусти нутқи даҳонӣ ва хаттиро омӯзонанд. Мо ба воситаи забон фикри худро баён мекунем ва менависем.

Барои ин омӯхтани грамматика ва қисмҳои дигари забон: орфоэпия, орфография, пунктуатсия, услубшиносӣ аҳамияти калони иҷтимоӣ дорад. аз ин ҷо вазифаи аввалини муаллимони забони модарӣ бармеояд, ки он дуруст омӯзонидани нутқи адабӣ аст. Ин як ҷиҳати масъала буда, тарафи дигари он тарбия намудан ва омӯзонидани нутқи буррою фаҳмо, бой, ифоданок ва таъсирбахш мебошад.

Яке аз масъалаҳои муҳими таълими забони модарӣ дуруст интихоб карда тавонистани маводҳои дидактикӣ ба машғулиятҳо мебошад. Ба машғулиятҳои забони

модарӣ аз кадом маводҳо ва сарчашмаҳо мисолҳо интихоб кардан лозим аст?

Забон ба ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ алоқаманд буда, майдони таъсири он беохир аст.

Дар ин хусус, М.И.Калинин дар вохӯрӣ бо хонандагони синфҳои VIII-IX ва X мактабҳои миёнаи ноҳияи Ленини ш. Москав чунин гуфта буд: «Пеш аз ҳама шумо бояд забони модариатонро донед. Ба фикри ман, донистани забони модарӣ дар тараққиёти умумии кас омили бениҳоят муҳиме мебошад. Охир аз фанҳое, ки шумо дар оянда меомӯзед, махсусан агар ба мактабҳои олии гуманитарӣ дохил шуданӣ бошед, чунин фанне нест ва чунин соҳаи амалиёти ҷамъиятие нест, ки барои он нагз донистани забони модарӣ лозим набошад. Ва ҳатто дар ҳаёти муқаррарӣ ҳам донистани забон барои дуруст ва амиқ ифода кардани фикр, ҳиссиёт ва таассуроти чуқуртарини худ зарур аст. Охир агар инсон ҳамаи инро ба касони дигар маълум карданӣ шавад, вай бяд онҳоро ба воситаи ҷумлаҳое, ки аз ҷиҳати сарфу наҳв, дуруст ташкил ёфтаанд, ифода намояд»[14].

Ин гуфтаҳоро ба забони тоҷикӣ ҳам татбиқ кардан зарур аст. Мо ба шогирдон таълим медиҳем, ки забон баробари тараққиёти ҷамъият тараққӣ мекунад ва инкишоф меёбад. Аз ин ҷиҳат муаллими фанни забони тоҷикӣ вазифадор аст, ки ба хонандагон тавоноӣ ва бузургии забони тоҷикиро нишон дода тавонад. Вай бояд муайян кунад, ки забони тоҷикӣ дар байни гурӯҳи забонҳои эронӣ яке аз забонҳои бой ва қадима буда, дар давоми тараққиёти зиёда аз ҳазорсолаи худ ба тағйироти зиёде дучор гардида, суфтаву равон ва бою мукаммал гардидааст. Хусусан ба хонандагон фаҳмонидан лозим аст, ки баъди инқилоби Октябр

[14] Калинин М.И. Дар бораи тарбияи коммунистӣ. Сталинобд, 1961. - С.115.

омӯзиши забони тоҷикӣ дар мактабҳои мо ҳамчун забони миллии халқи тоҷик мавқеи муҳимро ишҒол кардааст ва вазифаи мо ҳамаҷиҳата омӯхтан ва аз худ кардани он аст.

Пеш аз ҳама, ба хонандагон бояд фаҳмонида шавад, ки тағйирот дар таркиби луғавии забон назар ба фонди асосии лугавӣ бештар ба вуҷуд меояд.

Ҳамин тавр, забони модарӣ дар мактаб чун фанни асосӣ таълим дода мешавад ва нисбат ба дигар фанҳо ба он соати зиёд ҷудо карда шудааст.

Аз ин рӯ, усули таълими забон хоҳ дар синфҳои ибтидоӣ, хоҳ дар синфҳои болоӣ бояд ба методологияи назарияи забон такя намояд. Методикаи таълими забони тоҷикӣ вазифадор аст, ки асосҳои назарияи забонро дар протсесси таълими забони тоҷикӣ дар амал татбиқ намояд, зеро методикаи таълими забон аз хусусиятҳои хоси фанни забоншиносӣ ба амал омадааст. Аз ин рӯ, методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ, дар навбати аввал, ба таълимоти назариявии забон такя намуда, усулҳо ва тарзҳои гуногуни методиро дар протсесси таълими забон тавсия намояд, ки онҳо бо асосҳои назариявии фанни забоншиносии советӣ мувофиқат дошта бошанд.

## 1.7. Усулҳои илмию тадқиқотии методикаи таълими забон

Методикаи таълими забони тоҷикӣ ғайр аз мазмун ва фанни омӯзиш усулҳои илмӣ – тадқиқотии худро низ дорад.

Усулҳои илмӣ – тадқиқотии фанни методика инҳо мебошанд:

а) Усули мушоҳида. Усули мазкур муаллимонро водор менамояд, ки дар машғулиятҳои забони модарӣ ва корҳои беруназсинфӣ тамоми рафти кори хонандагонро ҳамеша назорат карда истанд. Илова бар ин

муаллимон бояд тарзи аз тарафи хонандагон иҷро карда шудани вазифаи хонагӣ, фаъолияти шахсӣ ва ҷавобҳои даҳонии хонандагон, иштирок дар маҳфил, баромад дар конфронсҳо ва ғайраҳоро мушоҳида намоянд. Ҳамаи ин корҳо бо усули мушоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад;

б) Усули таҳлилу омӯзиш ва ба ҳисобгирии таҷрибаи пешқадами муаллимони алоҳида. Алалхусус, таҷрибаи пешқадами мактабҳо, таҳлили фаъолияти муаллимони пешқадам, тарзи истифодаи маводҳои дидактикӣ барои баровардани хулосаҳои амиқ доир ба таълими забони модарӣ меъёри асосӣ ба ҳисоб мераванд;

в) Усули сӯҳбати шахсӣ бо хонандагон ва муаллимон;

г) Усули анкетавӣ (саволнома). Ин усул имконият медиҳад, ки дар вақти муайян бо гурӯҳи хонандагон ва муаллимон доир ба ин ё он усули таълим ё тарзи фаҳмиши материали таълимӣ пурсиши анкетавӣ гузаронида шавад;

ғ) Усули статистикӣ. Бо ин усул инкишофи сифатӣ ва миқдорӣ муайян карда мешавад. Масалан, инкишофи малакаи нутқ, бой гардонидани лексикони хонанда, миқдоран кам шудани ғалатҳои имловӣ ва ғайраҳо;

д) Усули таҷрибавӣ – тадқиқотӣ. Дар дарсҳои забони модарӣ бо мақсади муайян кардани дурустӣ ё нодурустии ин ё он усулҳои таълим ва воситаҳои методӣ тадқиқот гузаронида мешавад. Агар тадқиқот натиҷаи дилхоҳ диҳад, он гоҳ он усул дар таълим дастраси дигарон карда мешавад;

е) Омӯхтан ва таҳлил намудани мероси пешқадами педагогҳо, методистони гузашта ва методҳои таълии мактабҳои тоинқилобии тоҷикӣ.

Ҳар кадоми ин усулҳои тадқиқотӣ дар омӯзиши курси методикаи таълими забон ифода ёфта, дар муайян кардан ва баровардани хулосаҳои зарурӣ аҳамияти ба худ хос доранд. Ғайр аз ин методикаи забон ҳамчун илм вазифадор аст, методҳои тадқиқотии пешниҳод кардаи забоншиносон, аз қабили тартиб додани картотека, усули сабт кардани нутқи хонандагон ва ғайраҳоро ба назар бигирад.

## 1.8. Алоқаи методикаи таълими забони тоҷикӣ бо забоншиносӣ, адабиёт ва педагогикаю психология

Маълум аст, ки ҳар як фан вобаста ба соҳаҳои худ бо илмҳои дигар аз ин ё он ҷиҳат алоқа дорад.

Методикаи таълими забони тоҷикӣ ҳам бо як қатор фанҳо аз ҷумла, бо забону забоншиносӣ, адабиёт, педагогика, психология, дидактика ва ғайра робитаи зич дорад.

Методикаи таълими забони тоҷикӣ бе илми забон ва забоншиносӣ вуҷуд дошта наметавонад, зеро фанни таълими методикаи забон илми забон буда, он факту далелҳо ва қонуниятҳои забони модарӣ, ки дар мактаб омӯхта мешаванд, объекти омӯзиши забоншиносӣ мебошад. Аз ҳамин сабаб методика дар мактаб бе забоншиносӣ инкишоф ва тараққӣ карда наметавонад.

Дар дарсҳои забони модарӣ мавзӯъҳое таълим дода мешаванд, ки онҳо аз нуқтаи назари лингвистӣ ва илмӣ кор карда шудаанд. Муаллим қоидаҳои грамматикӣ – имлоиро бе ягон сохтакорӣ аз нуқтаи назари илмӣ ба хонандагон баён мекунад, то ки онҳо ба ҳар як мавзӯъ тасаввуроти дуруст ҳосил кунанд.

Илми ҳозира забонро ҳодисаи ҷамъиятӣ, таърихан шакл гирифта, воситаи ифодаи фикр ва ҳамчун системаи муайян меҳисобад, ки қисмҳои асосии он овоз, калима, ибора ва ҷумла буда, дар шакли нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ истифода мешаванд.

Агар фанни забон ба хонандагон материали таълимиро пешниҳод намояд, илми забоншиносӣ дар навбати худ талаб мекунад, ки ҳангоми таълим ҳодисаву таърифҳои грамматикӣ бо ҳам омехта карда нашаванд.

Дар иҷрои ин вазифа ба муаллим қисмҳои илми забон кӯмак мерасонанд. Масалан, фонетика аз муаллимон талаб менамояд, ки ҳангоми таълим садонокҳо аз ҳамсадо, ҳамсадоҳои ҷарангдор аз беҷаранг фарқ карда шаванд. Овоз ва ҳарфҳоро хонандагон на бояд як чиз шуморанд.

Таърихи забони адабии тоҷик бошад, факту далелҳоеро пешниҳод мекунад, ки дар асоси онҳо қоидаву қонуниятҳои забони адабии имрӯза тасдиқ ва ё инкор карда мешаванд. Диалектология бошад, сабабҳои рӯй додани норасоиҳои нутқи хаттӣ ва даҳонии хонандагонро нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, методикаи таълими забон, ки вазифаи асосии он таълими забони тоҷик дар мактаб аст, ба забоншиносии илмӣ такя мекунад.

Яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи ин ё он метод дар таҷрибаи мактаб ба инобат гирифтани мазмуну характери материали таълимие мебошад, ки барои омӯзиш пешниҳод шудааст.

Таҳлили фонетикӣ, морфологӣ ва синтаксӣ, чунон ки аз исмашон ҳувайдост, аз рӯи илми забоншиносӣ муайян карда мешавад. Аз ин ҷост, ки факту назарияи забонро надониста, таълими онро дуруст ба роҳ мондан мумкин нест. Аз ин рӯ методикаи таълими забони тоҷикӣ на фақат фанни педагогӣ, инчунин илми лингвистӣ ҳам ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, методикаи таълими забон бо забоншиносӣ ва қисмҳои таркибии он пайванди ногусастанӣ дорад.

**Алоқаи методика бо адабиёт.** Маълум аст, ки адабиёт дар асоси материали забон ва қоидаву қонунҳои он офарида мешавад.

Адабиёти ҳар як асру замон бо хусусиятҳои хоси худ аз адабиёти давраҳои дигар фарқ мекнунад.

Забони асарҳои адабиёти ҳар як давраи таърихӣ ҳам аз рӯи тарзи иншо ва ҳам услуби нависанда тафовуте аз ҳам дорад. Махфӣ нест, ки боигарии забони ҳар асру давр ва ҳолату вазъияти он дар адабиёти ҳамон давра акс меёбад. Бино бар ин асарҳои адабӣ – бадеӣ дар таълими забони модарӣ чун манбаи муҳими маводи забон хизмат мекунанд.

Ҳангоми таълими забони модарӣ муаллим бояд аз жанрҳои гуногуни адабӣ барои мавзӯи таълимӣ матну мисолҳои мувофиқ интихоб намоянд. Мисолҳо пеш аз ҳама, аҳамияти тарбиявӣ дошта ба синну соли хонандагон мувофиқ бошанд. Забони беҳтарини асарҳои бадеӣ намунаи хуби забони адабӣ ба шумор рафта, тобишҳои маъноӣ ва вазифаи услубии калима, таркиб ва ибораю ҷумлаҳо танҳо дар матн зоҳир мегардад.

Методикаи таълими забони тоҷикӣ аз муаллим талаб мекунад, ки барои исбот ва мустаҳкам намудани мавзӯи таълимӣ ва қоидаву қонунҳои грамматика аз адабиёти бадеӣ мисолҳо интихоб намояд. Аз адабиёти бадеӣ шоҳбайтҳо ва ҷумлаҳое дарёфт мегарданд, ки омӯзиши онҳо дар инкишофи нутқи талабагон, рангорангии тарзи баён ва бой гардонидани лексикони хонандагон кӯмаки амалӣ мерасонанд. Хонандагон бояд дар дарси забони модарӣ луғат, байтҳо ва порчаҳои насрӣ азёд намоянд.

Илова бар ин беҳтарин намунаҳое, ки аз асарҳои бадеӣ интихоб карда мешаванд, дар тарбияи ахлоқии хонандагон, парвариши хислатҳои ҳамида ва баланд бардоштани завқи бадеию эстетикии онҳо кӯмак мерасонанд. Хонандагон ба воситаи машғулиятҳои

забони модарӣ аз адабиёт санъати сухан меомӯзанд. Методика талқин менамояд, ки муаллими забони модарӣ бо адабиёт, махсусан бо адабиёти бачагона ба хубӣ шинос бошад, зеро ки асоси маводи дарсҳои забони тоҷикиро ӯ бештар аз он интихоб менамояд, то ки ҳодисаҳои забонро зимни он мисолҳои интихобкардааш барҷаста намоиш диҳад[15].

Ҳамин тавр, методикаи таълими забони тоҷикӣ бо фанни адабиёт алоқаи ҷудонашаванда дорад.

**Алоқаи методика бо педагогика ва психология.** Фанҳои педагогика вапсихология ба методикаи таълими забони тоҷикӣ ёрӣ мерасонанд, ки ҳангоми таълими мавзӯъҳои забони тоҷикӣ ба саволҳои Чиро?, Чӣ тарз?, Чаро ин тавру он тавр не? Чаро ҳатман ин хелу он хел не? Ҷавоб дода тавонад.

Педагогика илм дар бораи моҳият, мақсад, метод, восита ва шаклҳои тарбияи насли навраси ҷамъият мебошад.

Дар мактаб муаллим дар таълиму тарбияи хонандагон ба қоидаву қонун ва принсипҳои педагогика такя менамояд. Педагогика тарзҳои дар дарс татбиқ намудани нишондодҳои дидактикӣ ва методӣ, тарбия ва воситаҳои тарбияро дар ҷараёни таълими фанҳои ҷудогона меомӯзонад. Фанни педагогика, хусусан қисми дидактикаи он, асоси назариявии методикаи таълими ҳамаи фанҳо, аз ҷумла таълими забони модарӣ ба ҳисоб меравад.

Дидактика - назарияи умумии таълим ва маълумот методикаи умумие мебошад, ки тарз ва роҳҳои татбиқи корҳои таълимро меомӯзад. Агар дидактика масъалаҳои умумии таълим, алалхусус назарияи онро омӯзад, методика, аз ҷумла методикаи таълими забон

[15] Шербоев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ.-Душанбе, 2009.- С.17.

масъалаҳои хусусии таълими забонро, ки хоси он аст, меомӯзад.

Методикаи таълими забони тоҷикӣ ба принсипҳои муайян кардаи дидактика, монанди принсипҳои шуурнокӣ, фаъолнокӣ, аёният, дастрасӣ, алоқаи назария бо амалия, инчунин ба назарияи методҳои омӯзиш такя менамояд.

Агар педагогика муайянкунандаи мақсад ва вазифаи ҳар як фанни таълимӣ дар мактаб бошад, пас методикаи таълими забони тоҷикӣ бо усул ва воситаҳои методии худ дар ҳалли вазифаи умумии педагогика - масъалаи тарбияи одами нави ҷамъият бевосита иштирок мекунад.

Педагогика аз муаллимони фанни забон талаб менамояд, ки ҳангоми дарсҳои забон ба интихоби маводҳои забон диққати ҷиддӣ дода шавад, мисолҳо пурмазмун ва аҳамияти тарбиявӣ дошта ба синну соли хонандагон мувофиқ бошанд ва хонандагонро дар рӯҳи ватандустӣ, инсонпарварӣ, меҳнатдустӣ, одаму одамият, поквиҷдонӣ, ҳурмату эҳтиром ва амсоли инҳо тарбият намоянд.

Яке аз сабабҳои асосии сустии дониши хонандагон аз забони модарӣ он аст, ки аксарияти муаллимон ҳангоми машғулиятҳои забони модарӣ принсипҳои педагогиро чунон ки бояд ба ҳисоб намегиранд, яъне онҳо хонандагони худро хуб намедонанд ва дониши онҳоро мукаммал ва мунтазам санҷида намеистанд.

Муаллим - бояд дар ҷараёни дарс хусусиятҳои синнусолӣ ва психологии хонандагонро баҳисоб гирифта, дар асоси он кори таълиму тарбияро ташкил намояд.

Муаллим хушсифату самаранокии дарсро дар сурате таъмин карда метавонад, ки шавқу ҳавас ва рағбати шогирдонашро ба вуҷуд оварда, диққати

онҳоро барои бошуурона фаҳмидани мавзуъ ва материали дарс равона намояд.

Методикаи таълими забони точикӣ бо фанни **психология** низ марбут аст. Муаллим ҳангоми таълими забони модарӣ дар мактаб бо бачагони синни 11-16 сола кор мебарад. Аён аст, ки руҳияи мактабиёни синни миёнаи мактабӣ аз хурдтаракон ва калонсолон фарқ мекунад. Бино бар ин барои дуруст ба роҳ мондани таълими забони модарӣ хусусияҳои психологии хонандагонро омӯхтан ва ба ҳисоб гирифан лозим аст.

Психология аз методҳои тадқиқотӣ истифода карда, хусусиятҳои психологии мактабиёнро меомӯзад ва ба фаъолияти олии асаб такя намуда, аз нуқтаи назари психологӣ усул ва воситаҳои таълимро муайян мекунад ва дар ҳалли масъалаҳои методӣ дар дарсҳои забони модарӣ амалан ёрӣ мерасонад.

Ҷараёни омӯзиш дар мактаб, протсесси дутарафа аст, зеро дар он ҳам муаллим ва ҳам хонанда иштирок мекунад. Ҳамаи он чизҳоро, ки монанди фаъолияти хонанда, пешравӣ, фаъолияти фикрронӣ, азхудкунӣ, хотира ҳангоми таълими мавзӯъ ба даст даровараа мешавад, методикаи таълими забони точикӣ бе нишондоду маълумоти психологӣ ҳал карда наметавонад.

Психология ба муаллим имконият медиҳад, ки вай хонандагони худро омӯзад, рӯҳияи ҳар яки онҳоро муайян кунад.

Ҳар як усул ва воситаҳои методӣ, ки дар таълими забони модарӣ истифода мешаванд, бояд мувофиқи психологияи бачагон бошад, яъне хусусиятҳои фардии онҳо ба инобат гирифта шавад.

Психология ба инкишофи тафаккури хонандагон эътибори алоҳида медиҳад ва ба ин восита тарзи дар хотир нигоҳ доштани қоидаву таърифот ва мисолҳои грамматикӣ аз тарафи хонандагон ба ҳисоб гирифта мешавад.

Муаллим ҳангоми таълими мавзӯъҳои забони модарӣ бояд ба назар гирад, ки дар натиҷаи истифодаи ин ё он усулҳои таълим кадом ҷиҳати психикии хонандагон инкишоф меёбад ва минбаъд боз ба кадом ҷиҳати психологии шогирдон эътибор бояд дод, то ки онҳо аз фанни забон дониши кофӣ ҳосил намоянд.

Муаллим дар дарсҳои забони модарӣ  аз ҳар гуна воситаҳои таълим нависондан, хонондан, нишон додан, гуфтугӯ кунонидан, мустақилона ва фаъолона кор кардан, ҳамаи супоришҳоро тез ва бо тартиб иҷро кардан ва монанди инҳо истифода мебарад, то ки хонандагон мавзӯи дарсро бо таъсири узвҳои ҳис чуқуру мухтасар  фаҳмида гиранд. Бо ин мақсад муаллим дар таълими ҳар мавзӯъ аз аёният ва воситаҳои техникӣ истифода мебарад. Хонандагон мисолҳои дар аёният тасвиршударо мебинанд, мехонанд, менависанд ва бо далелҳои дигар муқоиса менамоянд. Дар натиҷа мисолҳои таблитса дар майнаи онҳо мустаҳкам нақш мебандад.

Хулоса, методикаи таълими забони тоҷикӣ бо фанҳои  педагогика ва психология адоқаи узвӣ дорад ва беҳуда нест, ки методикаҳои хусусиро ба гурӯҳҳои илмҳои педагогӣ мансуб медонанд.

Аз гуфтаҳои боло ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳар як усул ва воситаҳои методӣ аз нуқтаи назарӣ:

а) дараҷаи зарурияти он ҳангоми шарҳи ин ё он ҳодисаи забонӣ;

б) мувофиқати он бо принсипҳои дидактикӣ;

в) мувофиқати он бо хусусиятҳои психологии ҳамон синф;

г) натиҷаи он усул ва ғайраҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд.

## 1.9. Таҷрибаи мактабҳо ва муаллимон

Методикаи таълими забони тоҷикӣ бо кори амалии мактаб алоқаи узвӣ дорад, зеро ҳалли масъалҳои илмию назариявии он танҳо бо нишондодҳои илми забоншиносӣ, адабиёт, педагогикаю психология вобаста набуда, балки ба таҷрибаи мактабҳо ва муаллимони пешқадам низ марбут мебошад. Таҷрибаи мактабҳои пешқадам ва муаллимони беҳтарин аз сарчашмаҳои муҳим ва такмилдҳандаи назарияи методика ба ҳисоб меравад. Вай дар ҳалли масъалаҳои мушкили методикаи таълими забон роли муҳим бозида, масъалаҳоро бо аниқӣ ва ҳалли дуруст пешниҳод менамояд ва илми методикаро ба пешравӣ ҳидоят месозад.

Дар қарори КМ КПСС аз 5 сентябри соли 1931 «Дар хусуси мактабҳои ибтидоӣ ва миёна оид ба омӯхтани таҷрибаи пешқадам» чунин гуфта шудааст:

«Институтҳои илмй-тадқиқотии дахлдорро дар навбати аввал, бо омӯхтан ва ҷамъбаст намудани таҷрибаҳои беҳтарини аз тарафи муаллимони мактаб ба амал овардашуда ва ғунгардида ҷалб кардан лозим аст».

Барои амалӣ гардидани ин супоришот, яъне бо таҷрибаи пешқадам бой намудани методикаи таълими забон аз ҳамон вақт сар карда диққату эътибори институтҳои илмӣ - тадқиқотии илмҳои педагогӣ ва такмили ихтисос ба ин масъала ҷалб карда шуд.

Ҳоло доираи омӯзиши таҷрибаи пешқадами мактабҳо ва муаллимони ҷудогона хеле васеъ гардидааст. Дар ҳалли ин масъала муассисаҳои педагогӣ, кабинетҳои методӣ, институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ, донишкадаҳои олии педагогӣ ва кафедраҳои ихтисосӣ роли муҳим бозида истодаанд. Институтути ҷумҳуриявӣ ва вилоятии такмили ихтисоси муаллимон, кафедраҳои методикаи таълими забони тоҷикӣ ва

адабиёти донишкадаҳои педагогӣ, кабинети методика ва педагогикаи назди шуъбаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявии маорифи халқ дар омӯхтан ва паҳн кардани таҷрибаи муаллимони пешқадам муваффақиятҳои калон ба даст оварда истодаанд.

Чанд сол қабл аз ин дар мактабҳои ҷумҳурии Иттиҳоди Шӯравӣ таҷрибаи пешқадами мактабҳои вилояти Липетск ҷорӣ шуда буд. Сонитар таҷрибаи пешқадами муаллимони мактабҳои вилояти Волгоград омӯхта шуд.

Баъдан таҷрибаи пешқадами муаллимони вилояти Тотористон бо номи «Таълими проблемавӣ» паҳн гардидааст. Дар мактабҳои республикаи мо тачрибаи муаллимони пешқадам: Муаллими Хизматнишондодаи ҷумҳурӣ М.Олимова (аз шаҳри Ленинобод); муаллими калон-методист-Мирзиё Ҳабибов (аз шаҳри Истаравшан), аълочии Маорифи СССР Олияхон Мирзохонова (аз шаҳри Ленинобод) омӯхтаву ҷамъбаст карда шудааст. Бояд гуфт, ки дар омӯзиш ва ҷамъбаст кардани тачрибаи пешқадам «хонишҳои педагогӣ» роли муҳим мебозад. Ташкил ва гузаронидани конференсияҳои илмӣ- методии республикавӣ, вилоятӣ ва шаҳрӣ доир ба забон ва адабиёт низ дар омӯзиши тачрибаи пешқадам аҳамияти калон доранд.

Солҳои охир таъсис гардидани унвонҳои «Муаллими калон», «Муаллим-методист», «Муаллими халқии СССР» ва «Муаллими сол» барои дар байни муаллимон ҷорӣ намудани таҷрибаи хуби ибратбахш роҳи хубе кушод.

Омӯхтани тачрибаи пешқадами олимон, методистон ва маорифпарварони гузашта дар ҳалли масъалаҳои проблемавии таълиму тарбия низ барои муаллимон хеле муфид аст.

Хулоса, асоси илмӣ ва омили инкишофи методикаи таълими забони модарӣ бо фанҳои забоншиносӣ, таърихи адабиёт, адабиёти муосир, фолклор, адабиёти

бачагона, бо педагогика ва психология, бо физиологияи умумӣ ва таҷрибаи муаллимони пешқадам вобаста буда, муаллим дар ҷараёни таълиму тарбия аз онҳо самаранок истифода мебарад.

## 1.10. Таркиби курси методикаи забони тоҷикӣ

Курси методикаи таълими забони точикӣ аз қисматҳои зерин иборат аст:

1. Масъалаҳои умумии таълими забони тоҷикӣ ва методикаи он. Ин қисм мундарича ва ҳаҷми курси забони тоҷикӣ дар мактаб, масъалаи барнома ва китобҳои дарсии забони тоҷикӣ, методикаи таълими забони тоҷикӣ ҳамчун фан ва аҳамияти он, алоқаи методикаи таълими забон бо фанҳои дигар, асосҳои назариявии методикаи таълими забон, инчунин принсипҳои умумидидактикӣ ва умумиметодии он дар таълими забон ва масъалаҳои дарс - ҳамчун шакли асосии кори таълим дар мактаб, хелҳои дарси забони точикӣ, методҳои таълими забони тоҷикӣ ва хелҳои онро дар бар мегирад.
2. Методикаи таълими лексика.
3. Методикаи таълими калимасозӣ.
4. Методикаи таълими фонетика ва грамматика.
5. Методикаи таълими имло ва пунктуатсия.
6. Методикаи кор оид ба инкишофи нутқ дар дарсҳои забони модарӣ.
7. Усули гузаронидани корҳои беруназасинфӣ оид ба забони модарӣ.
8. Корҳои методии муаллим ва такмили ихтисоси ӯ. Ташкили кабинети забони тоҷикӣ дар мактаб.

## 1.11. Аз таърихи усулҳои таълим дар мактабҳои тоинқилобии тоҷик

Пеш аз он ки оид ба усулҳои таълими мактабҳои пешинаи тоҷик сухан кунем, лозим меояд, ки дар бораи мактабҳои кӯҳна иҷмолан таваққуф намоем, зеро

хусусиятҳои мактаби пешинаро надониста, усулҳои таълими онро фаҳмидан мумкин нест.

Пеш аз револютсияи Октябр дар Осиёи Миёна, аз ҷумла, дар Тоҷикистон, чор намуди мактаб - мактаби кӯҳна, қорихона, далоилхона ва мадраса маъмул ва машҳур будааст.

Ҳаминро низ бояд қайд намоем, ки ниёгони мо – суғдиҳо то омадани арабҳо мактабҳои худро доштанд, ки дар он писарон то синни 5-солагӣ ба таҳсил фаро гирифта мешуданд ва мактабҳо, аслан дар шаҳрҳо арзи вуҷуд дошта, таълимашон ба забони суғдӣ бурда мешудааст[16].

Мактаби кӯҳна (мактабхона) зинаи аввали дониш-гирии бачагон буда, ба талабагонаш «маълумоти ибтидоӣ» медод.

Олими анлис А.Барис, ки солҳои 40-уми асри XIX ба Бухоро саёҳат кардааст, менависад, ки ҳамон вақт дар Бухоро 366 масҷид буд ва дар назди ҳар кадоми он мактаби кӯҳна вуҷуд дошт. М. Ханюков, ки соли 1842 дар ҳайати сафирони Россия ба Бухоро омадааст, қайд мекунад, ки на танҳо дар худи Бухоро, балки дар дигар шаҳру қишлоқҳо низ мактабхонаҳо вуҷуд доштанд.

Падар писарашро аз 5-6 солагӣ ба мактаб медод. Духтарҳо ба завҷаи имоми маҳалла супорида мешуданд.

Падар фарзандашро ба мактаб бурда, ӯро ба муаллим супорида мегуфт: «Гӯшту пӯсташ аз шумо, устухонаш аз мо».

Баъди ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна ба Россия теъдоди умумии мактабҳои кӯҳнаи Туркистон сол аз сол афзудан гирифт. Мувофиқи маълумоти статистикии соли 1910 танҳо дар уезди Хучанд 294 мактаби кӯҳна буд, ки дар он 3780 шогирд таҳсил мекард. Дар мактабҳои кӯҳнаи Осиёи Миёна бачаҳо дар синф-хонаҳои тангу тор ва ифлос нишаста «савод» меомӯх-

---

[16] Арипов И. Из истории педагогической мысли таджикского народа. – Душанбе, 1992. –С.57.

танд. Бо вуҷуди ин аксарият саводи дуруст пайдо намекарданд.

Ба замми ин, баъзе муаллимони мактабҳои кӯҳна чаласавод буданд ва ба шогирдон муомилаи дағал мекарданд. Дар ин хусус яке аз маорифпарварони тоҷики ибтидои асри XX Мирзосироҷи Ҳаким (1877-1914), ки ба чанд мамлакатҳои Аврупо - Франсия, Белгия, Австрия, Германия, Россия ва инчунин ба баъзе мамлакатҳои Осиё - Афғонистон, Эрон, Ҳиндустон сафар карда буд, дар китоби худ «Туҳафи аҳли Бухоро» чунин навиштааст: «Банда вақте ки ин вазъро мушоҳида кардам, фавран ба хотирам мактабҳои худамон ва рӯи бурёпора нишастан, тахтаҳои касиф ва муаллимони бесаводи худамон, ки мисли мири ғазаб ба атфол муомила мекунанд, расида, беихтиёр ашки ҳасрату рашк аз дида рехта гуфтам: «Тфу бар ту, эй чархи гардун, тфу, ки мо илмро хор кардем, хор шудем»[17].

Ҳар домулло (мактабдор) усули ба худ хоси таълим дошт. Мактабдор дар ҳар дарс сабақи якрӯзаи талабаро муайян мекард, бача ӯҳдадор буд, ки то рӯзи дигар он сабақро азёд кунад.

Дар мактаби кӯҳна давраи тоалифбоӣ вуҷуд надошт. Вале давраи алифбоомузӣ ба якчанд лаҳзаи ҷудогона тақсим мешуд. Домулло ҳарфҳои арабиро дар рӯи тахтачае навишта ба дасти талабааш медод. Баъд ҳар рӯз чанде аз он ҳарфҳо «омӯзонида» мешуд. Бачаи тахтачаи алифборо гирифтагӣ онро қориёна азёд мекард. Ду тарзи едкунии алифбо ба кор бурда мешуд:

1. Домулло талабаро бо тахтачааш ба назди худ даъват карда ҳарфҳои навишташударо бо овози баланд як-як мехонд ва бо ангушташ ё хатчуб онро нишон ҳам

---

[17] Мирзосироҷи Ҳаким. Туҳафи аҳли Бухоро. -Когон,1914. - С.67.

медод. Талаба талаффузи домуллоро айнан такрор менамуд, вале ҳарфро намешинохт.

2. Баъзан домулло ҳарфҳои нишондиҳандаи овозҳои махсуси арабиро ба тарзи аслиаш талаффуз мекард ва ҳамин тавр такрор мекунонид.

3. Дар мактабҳои кӯҳна хониш бо машқи хат дар як вақт намегузашт. Аввал ба хониш машгул мешудавд, ҳатто баъзеҳо дар бадали чандин соли таҳсил хатнависиро ёд нагирифта мактабро тарк мекарданд.

Саводомӯзӣ бо хатми «Қуръон» оғоз ёфта, хониш бо усули савтия (ба ҳиҷо тақсим карда хондани калимаҳо) давом мекард.

Дар мактабҳои кӯҳнаи тоҷикӣ усули савтияи хониш ба се лаҳза тақсим мешуд:

1. Азёдкунии номи ҳарфҳо ва хониши тақлидӣ. Мактабдор ҳарфҳои алифбои арабиро талаффуз карда нишон медод ва талабаҳо ҳама баробар онҳоро такрор менамуданд. Ин тарзи саводомӯзиро методи тақлидӣ (имитатсия) низ номидан мумкин аст. Агар хонандагон дар талаффузи ҳарф мушкилӣ кашанд, то дуруст талаффуз карда тавонистанашон мактабдор онҳоро якчанд бор мехононд. Ҳамин тариқ, як сол мегузашт.

Баъди ин ёд кунонидани алифбои арабӣ шурӯъ меёфт. Дар як давра чун қоида бачаҳо аз хонаҳояшон тахтачаи ду тарафаш тарошидашударо меоварданд ва мактабдор дар як тарафи он бо ранги сиёҳ ҳарфҳои алифборо навишта медод. Сипас мактабдор шогирдро рӯ ба рӯи худ шинонда, аз тахтача ҳарфҳоро алиф, бе, те, се гӯён талаффуз мекард, шогирд низ онҳоро такрор менамуд.

Баъди он ки ҳарфҳоро азёд карданд, мактабдор ба ёд додани аломатҳои ҳар як ҳарф мегузашт. Масалан: алиф ҳеч чиз надорад, бе (б) як нуқта дорад, те (т) ду нуқта дорад, пе (п) се нуқта дорад, шин (ше) се нуқта дар боло дорад ва ғайра. Бо чунин "усул" барои аз ёд

кардани 28 ҳарфи алифбои арабӣ тахминан 3-4 моҳ вақт сарф мешуд.

2. Хиҷосозӣ. Пас аз ёд шудани номи ҳарфҳо лаҳзаи дуюми кор - сохтани ҳиҷо сар мешуд. Инро машғулияти зеру забардор ё ки мухтасаран «дарси зеру забар» ҳам меномиданд. Масалан, «алиф», забар - а», «зер»-и», «пеш-у».

Баъди ин навбати машғулияти ду забардор мерасид. «Алиф ду забар - ану», «ду зер - ину», «ду пеш - ун».

3. Якҷоякунии ҳиҷо. Дар мактаби кӯҳна пас аз дарси «зеру забар» ба хондани «Абҷад» шурӯъ мекарданд, ки он ба тарзи зайл мегузашт: алиф, бо бе забар - аб, ҷим бо дол забар-чад-абҷад ва ғайраҳо. Пас аз «Абҷад» ба «Ҳафтяк» мегузаштанд. Барои аз ёд кардани «Ҳафтяк» бачаҳо камаш ду сол заҳмат мекашиданд. Баъди ин бо мутолиаи «Чор китоб» мегузаштанд ва сонӣ ба хондани «Қуръон».

Дар мактаби кӯҳна фанни асосии таълим дини ислом ва грамматикаи арабӣ буд.

Дар мактабҳои ибтидоии куҳнаи тоҷикӣ то солҳои 1905-1908 ба ҷуз хондан ва навиштан, ки асоси саводнокшавӣ буд, дигар фанҳо таълим дода намешуданд.

Танҳо аз солҳои 1905 сар карда мактабҳои типи нав кушода шуданд, ки дар онҳо талабагонро бо баъзе фанҳо (ҷуғрофия, ҳисоб ва ғайра) шинос мекарданд ва ин то як андоза барои мактабҳои кӯҳнаи тоҷикӣ муваффақият ҳисоб меёфт.

**Таълими хат дар мактаби кӯҳна.** Дар мактабҳои кӯҳна таълими хат яке аз муҳимтарин корҳо ба шумор мерафт. Бачаҳо фақат баъди он ки аз «Ҳафтяк» чанд сураро аз худ кардаю хонда метавонистагӣ шуданд ва дар хониши «Чор китоб» малака пайдо карданд, бо машқи хат мегузаштанд. «Муфрадот» ҳамчун китоби дарсии машқи имло хизмат мекард ва чун дастури методӣ ба хонанадагон тарзи навиштани ҳарфҳои

ҷудогонаи алифбои арабиро нишон медод ва дар он баъди ҳар як қоида намунаи хати возеҳ оварда мешуд.

Машқи хат ҳам якчанд давраҳо дошт. Қобили қайд аст, ки ҳатто дар сармашқҳои онвақта оид ба тарзи навишт, ҳаҷм ва аз кадом элемент иборат будани ҳарф ба шакли назм ззоҳот дода шудааст, ки онро мо дар мактабҳои имрӯза намебинем ва онро бояд аз нав ҷорӣ намоем.

Баъд аз муфрадот ба мураккабот мегузаштанд. Ин лаҳза дар «Муфрадот» бо чунин байт ишора шудааст:

Чун фароғат зи «Муфрадот» омад,
Вақти машқи «Мураккабот» омад.

Баъди ба мураккаботнависӣ малака пайдо кардан, ба навиштани муққаттаот шурӯъ менамуданд.

Муққаттаот машқи шеъркӯчонӣ буда, дар як давра навиштани номи одамон ва калимаю ибораҳое, ки барои мукотибот заруранд низ омӯзонида мешуд, инро муфрадоти луғат меномиданд.

Шогирдони хушхат ба китобат кардани шеърҳои Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва Алишери Навоӣ барин шоирон мегузаштанд.

Дар мактаби кӯҳна рӯбадоркунӣ усули ягонаи таълими хат ба шумор мерафт, ки ин усул имрӯз ҳам дар мактабҳои мо давом дорад.

Соли 1908 дар таърихи саводомӯзии мактабҳои ҷудогонаи тоҷикӣ тағйироти куллие ба вуҷуд омада буд.

Аз соли 1908 сар карда кори саводомӯзӣ дар асоси усули ҳарфзамкунӣ ба роҳ монда шуд. Масалан, о бо бе – об, ё ки бе – бо, о бо – бо - бобо.

Усули мазкур дар мактабҳои тоҷикӣ то солҳои 1920 давом мекунад[18].

---

[18] Айнӣ С. Ёддоштҳо. Ҷ.III. -С.22.

**Усули таълим дар мадраса.** Баъди хатми мактаби ибтидоӣ, таҳсил дар мадраса давом мекард. Мадраса ҳамчун зинаи дуюми таҳсил – мактаби олӣ ҳисоб меёфт.

Дар мадрасаҳои Бухоро илмҳои зерин таълим дода мешуданд: сарфу наҳви забони арабӣ, мантиқ, ақоиди исломӣ(илми калом), ҳикмат (ҳикмати табиӣ ва илоҳӣ), фиқҳи исломӣ (таҳорат, намоз, рӯза, ҷаноза, масъалаҳои ҳаҷ, закот, хариду фурӯш, ғуломдорӣ, зангирӣ, зансардиҳӣ ва монанди инҳо), вале забони тоҷикӣ таълим дода намешуд.

Ҳар касе, ки илми ҳисобро омӯхтан хоҳад, ба назди ягон устоди ҳисобдон рафта мехонд. Адабиётро бошад, мустақилона меомӯханд.

Дарси забони модарӣ набуд. Забони модариро ҳар кас мувофиқи кӯшишу қобилияти худ аз зиндагӣ ва аз мутолиаи китобҳо меомӯхт.

Барномаи омӯзиши дарсҳои мазкур ва китобҳои дарсӣ ба тарзи зерин буд:

а) Талаба баъди хатми мактаби ибтидоӣ хоҳ савод бароварда бошад, хоҳ чаласавод ва хоҳ бесавод, дар назди ягон муллои оддӣ «Бидон» ва ба тариқи илова боз «Аввали илм» ном як китобчаи тоҷикиро низ мехонд.

б) Баъди ин дар сарфи арабӣ «Муиззӣ» ва «Занҷонӣ» ном китобҳои арабӣ ва дар наҳви арабӣ «Авомил» ном китобчаро хонда, ибораҳои арабии онро бо тарҷимаи тоҷикиаш азёд мекард. Сонӣ «Қофия» ном китоби арабиро меомӯхт. Китобҳои номбурда дар назди «домуллоҳои кунҷакӣ» хонда мешуданд, ки ба он талаба тақрибан се сол вақт сарф менамуд.

в) Пас аз мутолиаи «Шарҳи мулло» ном асари Абдураҳмони Ҷомӣ оғоз меёфт. Талабаи мадраса онро дар пеши ягон муллои калонтар мехонд, ки онро дарси «дарсхонагӣ» меномиданд. Ин дарс панҷ сол давом мекард.

г) Баъди «Шарҳи мулло» хониши «Ҳошияи қутбӣ» ном китобе, ки шарҳи «Шамсия» буда, оид ба мантиқ аст, сар мешуд. Хониши ин китоб як сол давом мекард.

ғ) Ниҳоят, дар охир «Мулло Ҷалол» ном китобе дар ду сол мавриди мутолиа қарор мегирифт, ки дар рӯзи хатми мадраса аз ҳадиси пайғамбар ҳадисе хонда шуда, сипас домулло ба шогирдон барои дарс гуфтан рухсат медод.

Мӯҳлати таҳсили мадрасаҳои Бухоро 17-19 сол буд. Соли таҳсил шаш моҳ аз сари моҳи мизон 22-юми сентябр сар шуда, дар аввали моҳи ҳамал 22-юми март ба охир мерасад.

Таҳсил ҳафтае чор рӯз мегузашт.

Тартиби дарсхонии талабагон дар мадраса чунин буд: талабае дар пеши мулло аз ягон матн мехонд. Илова бар ин дар назди ҳамон домулло ва ё домуллои кунҷакии дигар як дарс аз дарси дарсхонагиаш мехонд. Баъди вай ҳамин дарси дарсхонагиро ба пеши домуллои калони дарсхонагӣ аз сари нав мехонд. Баъзе барои боз ҳам “беҳтар аз худ кардан” сабақи худро дар назди домуллои калон мехонданд.

Устод Айнӣ натиҷаи таҳсили талабаҳои мадрасаро ин тавр нишон додааст: «Ҳосили таҳсили 19-солаи талабаи мадрасаҳои Бухоро аз дарсҳои расмӣ ҳеҷ буд». Дар мадрасаҳо 8 соли умри талаба фақат ба дарсҳои сарву наҳви арабӣ сарф мешуд.

Мувофиқи хулосаи методист Қ.Рустамов “дар системаи таълими мактаб ва мадрасаҳои кӯҳна грамматикаи забони тоҷикӣ бо вуҷуди ҳамчун фанни махсус омӯхта нашуданаш, мавқеи бағоят калон доштааст”[19].

Бояд гуфт, ки методу усулҳое, ки дар ҷараёни таълими забони тоҷикӣ ва грамматика истифода

[19]Рустамов Қ. Таърихи методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаб.-Душанбе, 2001. – С.9-10.

мешаванд, низ таърихи худро доранд. Масалан, методи сӯҳбат, нақл (ҳикоя), мубоҳиса, шарҳдиҳӣ – эзоҳдиҳӣ дар мактабҳои кӯҳна ва мадрасаҳо истифода карда мешуданд[20].

Мударрисони Бухороро ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

1. Касони қобилиятнок, ки ҳанӯз хониши худро ба итмом нарасонидаанд ва бо вуҷуди ин ба талабаҳои навдарсхон дарс медиҳанд.

2. Мударрисони хурд, ки ҳанӯз даромади ҷои мударрисиашон ба харҷашон намерасад, ё ин ки ҳеҷ даромаде надоранд.

3. Мударрисони калон- инҳо муллоёне мебошанд, ки чандин сол дарсгӯӣ карда ном баровардаанд ва дар мадрасаҳои сервақф мударрис таъин шудаанд*.

Ҳамин тариқ, мактаби кӯҳна ва мадраса то инқилоби Октябр бо вуҷуди баъзе камбудиҳояш дар саводнок гардонидани миқдори муайяни мардуми тоҷик саҳми арзанда гузоштааст ва ҷиҳатҳои хуби худро низ дошт.

## 1.12. Аз таърихи инкишофи афкори методии тоинқилобии забони русӣ

Соли 1755 олими машҳури рус В.И.Ломоносов «Российская грамматика» ном китобе таълиф намуд, ки он аввалин грамматикаи забони русӣ буда, асосҳои забони русӣ ва қоидаҳои имлоро дар бар мегирад.

Грамматикаи мазкур дар байни одамони босаводи асри XVIII ба омӯзиши забони русӣ шавқи зиёде ба вуҷуд оварда, ба инкишофи минбаъдаи забони русӣ ва методикаи таълими он роҳ кушод.

---

[20] Рустамов Қ. Таърихи методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаб (Қисми 2). -Душанбе, 2003. – С.376.

* Дар навишти ин қисм аз “Ёддоштҳо”-и С.Айнӣ истифода карда шуд.

Якумин асари илмӣ доир ба методикаи таълими забони русӣ соли 1844 аз тарафи Фёдор Иванович Буслаев бо номи «Оид ба таълими забони Ватан» навишта шудааст. Дар ин асар методика ҳамчун фан ва таърифоту усулҳо ва воситаҳои таълими забони русӣ муайян карда шуда буд.

Китоби мазкур аз ду қисм: назариявӣ ва амалӣ иборат аст. То таълифи ин китоб муаллимони забони русӣ дар хусуси фанни таълимӣ фаҳмиши норавшан доштаанд.

И. Буслаев исбот намуд, ки забони модарӣ ҳамчун фанни таълимӣ бояд мундариҷа ва хусусияти мустақил дошта бошад. Мувофиқи методикаи Ф. И. Буслаев грамматика бояд бо хониш, инкишофи нутқ, услубшиносӣ ва таърихи адабиёт якҷоя омӯзонида шавад. Ф. И. Буслаев ба тарзи қориёна аз худ кардани қоидаҳоро манъ мекард. Вай ба предмети таълимӣ алоқаманд будани усулҳои таълимиро нишон дода, дар айни замон маҳфуми усулҳоро хеле аниқ кардааст. Бо гуфти ӯ усул ин тарз ё образи таълимот аст. Ӯ ду намуди усулро ҷудо мекунад: гейрестикӣ ва таърихӣ – догматикӣ.

Усули гейрестикӣ талаб менамояд, ки хонандагон ҳангоми дарс ба саволҳои муаллим ҷавоб диҳанд ва бо ин роҳ масъалаҳоро омӯзанд. Дар асоси усули таърихӣ – догматикӣ бошад, хонандагон гуфтаҳои муаллимро гӯш мекунанд ва дар хотир нигоҳ медоранд.

Забоншинос ва методисти дигари нимаи дуюми асри XIX Измаил Иванович Срезневский (1812-1880) буд. Ӯ муаллифи китобҳои методии «Замечания о первоначальном курсе русского языка», «Обучения родного языка вообще и особенно в детском возрасте» мебошад.

Асоси системаи методии Срезневскийро масъалаи забон чист? ва омӯзиши забони модарӣ чиро мефаҳмонад? ташкил медиад.

Аз рӯи ақида ва хулосаҳои ӯ забони русӣ  фанни асосӣ ва воситаи ҳамагуна маълумотгирӣ дар мактаб аст.

Срезневский якчанд қоидаи омӯзишро кор карда баромадааст:

1. Омӯзиши забони модарӣ дар мактаб бояд аз хониш ва баёни даҳонӣ оғоз ёбад. Таълими хат баъди хонда тавонистан ба роҳ монда шавад.

2.Муаллим ҳангоми баёни материали нав бояд донад, ки ба кадом дониши пешинаи хонандагон такя намояд.

3. Ҳангоми баёни мавзӯи нав муаллим ба қоидаи аз содда ба мураккаб  риоя намояд.

4. Дар шарҳи эзоҳи муаллим тартиби муайян бошад: аввал шарҳи  калима, сонӣ ҷумла ва матнҳои бо ҳам алоқаманд гузаронида шаванд.

И.И.Срезневский мушоҳидаю  сӯҳбат ва кори мустақилонаи хонандагонро аз методҳои асосии таълими забони модарӣ  меҳисобид. Ногуфта намонад, ки дар таълимоти Срезневский ҷудоии назария аз амалия ва дар мактаб омӯхтани забони қадимаи русӣ барин норасоиҳо низ ҷой доштанд.

Фикру ақидаҳои Ф.И.Буслаев ва И.И.Серезневскийро доир ба методикаи таълими забони русӣ Константин Дмитриевич Ушинский (1824-1870) ҳамаҷониба бой ва пурра намуд.

Ушинский олим, педагог, муаллифи китобҳои дарсии «О первоначальном преподавании русского языка», «Родное слово» ва «Руководство к преподаванию по «Родному слову» мебошад. Мувофиқи ақидаи ӯ забони русӣ дар мактаб бо се мақсад таълим дода мешавад:

а) инкишофи нутқи хонандагон;

б) бошууроиа аз худ намудани дурдонаҳои забон;

а) аз худ намудани грамматика.

Вай дар таълим инкишофи нутқро дар навбати аввал гузошта таъкид менамояд, ки нутқи хонандагонро танҳо бо иҷрои машқҳои мустақилонаи гуногун инкишоф додан мумкин аст.

Ӯ аёниятро воситаи муҳими мустаҳкам аз худ намудани мавзӯъҳо мешуморид.

Мақсади дуюми таълими забони модарӣ иборат аз бошуурона аз худ намудани боигарии забони модарист.

Забони халқ бо гуфти Ушинский, ифодакунандаи таърихи халқ, табиати Ватани азиз ва рӯҳи халқ аст. Дар забон фикру зикри одамон ифода меёбад.

Мақсади сеюми таълими забони модарӣ, омӯзиши грамматика аст. Ушинский грамматикаро мантиқи забон меҳисобид. Ӯ дар таълими забони модарӣ ба монанди Буслаев усули суҳбатро тавсия менамояд. Ушинский аз тарзҳои методӣ ба муқоиса диққати алоҳида дода, қайд менамояд, ки он асоси ҳама гуна фаҳмиш аст.

Дар таълимоти ӯ назар ба методистони гузашта баъзе навигарҳо дида мешавад. Масалан, омӯзиши амиқи назария, аниқу ҳамаҷониба кор карда баромадани ҷараёни таълими забони русӣ, истифодаи васеи аёният, тарзҳои муқоиса ва монанди инҳо нуқтаҳои фарқкунандаи таълимоти ӯ ба ҳисоб мераванд.

Бештарин фикру ақидаҳои ӯ то ҳол дар таълими забони русӣ ва забонҳои дигар аз ҷумла, забони тоҷикӣ, истифода карда мешаванд.

Дар баробари ин дар таълимоти Ушинский нодуруст эзоҳ додани пайдоиши забон, ба таври механикӣ ба воситаи забон ифода кардани фикр ва ҳиссиёти насли гузашта ва ғайраҳо дучор мешаванд.

Афкори методии Ф.И.Буслаев, И-И.Срезневский ва К.Д.Ушинскийро муаллим ва методисти намоёни нимаи дуюми асри XIX Владимир Петрович Шереметев (1834-1895) давом додааст.

Асоси назарияи ӯро таълими нутқи зинда дар мактаб дарбар мегирад. Вай дар таълим омӯзиши зина ба зинаро пешниҳод кардааст:

а) хониши ззоҳии беруназсинфӣ;

б) хониши эзоҳии синфӣ;

в) хониши ифоданок бо риояи ист, задаи мантиқӣ ва оҳанги талаффуз;

г) бо забони оддии худ нақл кардани чизи хондашуда;

ғ) гузаронидани иншоҳои хаттӣ.

Ӯ дар таълими забони модарӣ гузаронидани диктанти санҷиширо нодуруст меҳисобид. Шереметев дар машғулиятҳои забони русӣ истифодаи принсипҳои фаъолнокӣ, дастрасӣ, аёният ва муттасилиро пешниҳод кардааст. Вай супориши вазифаи хонагиро аз лаҳзаҳои асосии дарс ҳисобида қайд мекунад, ки ба супориши он бояд вақти кифоя ҷудо карда шавад.

Ҳамин тавр, методикаи таълими забони русӣ - ҳамчун фан аз соли 1844 оғоз ёфтааст. Китоби Буслаев «Дар бораи таълими забони модарӣ» дар инкишофи минбаъдаи методикаи таълими забони русӣ аввалин китоби дарсӣ ба ҳисоб меравад.

## 1.13. Инкишофи методикаи таълими забони русӣ ва тоҷикӣ дар давраи Советӣ

Револютсияи Октябр дар системаи маорифи халқ дигаргунии қатъӣ ба вуҷуд овард. Дар солҳои аввали Ҳокимияти Советӣ дар назди Ҳукумати Советӣ вазифа меистод, ки ҳар чӣ тезтар бесаводии мамлакатро бартараф намоянд. Аз ин рӯ дар назди мактаб вазифаи нав гузошта шуда буд, ки он аз тайёр намудани одамони фаъоли ҷамъияти коммунистӣ иборат буд.

Барои ҳаллу иҷрои ин масъалаҳо пеш аз ҳама мазмуни таълимро муайян карда, аз баъзе усулҳои беаҳмияти пештара даст кашидан ва усулу воситаҳои таълими навро ҷорӣ кардан лозим буд.

Пӯшида нест, ки дар ташкили мактабҳои нави советӣ хизмати Н.К.Крупская (1869-1939) хеле калон аст. Вай чун коркуни масъули Комиссириати маорифи халқ дар тартиб додану навиштани барнома ва китобҳои дарсии мактабҳо фаъолона иштирок кардааст.

Н.К.Крупская дар китобу мақолаҳои худ қайд намудааст, ки муаллим ҳангоми таълим бояд усул ва воситаҳои методии аҳамиятнокро истифода намояд. Аксарияти нишондодҳои Крупская алоқаи грамматика бо фанни адабиёт ва инкишофи нутқ, истифодаи воситаҳои техникӣ дар таълим, бо ҳаёт алоқамандона омӯхтани забони русӣ, тарзи супориши вазифаи хонагӣ, кори мустақилона ва монанди инҳо то ҳол моҳияти худро гум накардаанд.

Крупская ба гузаронидани корҳои хаттӣ ҳам диққати махсус медод. Ва ба хонандагон навиштани хабару тақризҳо ба асари хондашуда ва аз рӯи расмҳо навиштани иншоро тавсия мекард.

Дар таълими забони русӣ Крупская ба ташкилу гузаронидани корҳои берунazсинфӣ низ диққати ҷиддӣ додааст. Вай аҳамияти маҳфилҳо, экскурсияҳо, шабнишиниҳоро дар инкишофи нутқ ва тафаккури хонандагон таъкид карда мегузарад. Методистони советӣ фикру мулоҳизаҳои Крупскаяро омӯхта, онро дар шароити нав тараққиву инкишоф додаанд.

Яке аз онҳо Мария Александровна Рибникова (1885-1942) буд. Ӯ монанди Крупская қайд менамояд, ки бояд забони русӣ бо адабиёт дар алоқамандӣ таълим дода шавад. Мақсади М.А.Рнбникова аз чунин усули таълим тараққӣ додани инкишофи нутқи хонандагон аст. Вай дар методикаи таълими забони русӣ аввалин шахсест, ки системам инкишофи нутқро кор карда баромадааст.

Дар систсмаи педагогии ӯ ҷои асосиро фаъолияти мустақилонаи эҷодии хонандагон ишғол менамояд.

Асарҳои Рибникова доир ба методикаи таълими забони русӣ «Изучения русского языка», «Система занятий по русскому языку» ва «Книга о языке» на фақат дар он давра аҳамият доштанд, балки муаллимон аз онҳо имрӯзҳо ҳам самаранок истифода мебаранд.

Дар инкишофи методикаи таълими забони русӣ хизмати Александр Матвеевич Пешковский (1878-1933) низ бузург аст. Ӯ ҳам яке аз тарафдорони грамматикаи шаклӣ буда, соли 1921 дар асоси усули мушоҳида «Забони мо» ном се қисм китоби дарсӣ навиштааст.

А.М.Пешковский бо Крупская хамроҳ кор карда, дар ташкили мактабҳо ва тарғиб додани барномаҳо хизмати арзандае кардааст.

Баъди тадқиқотҳои зиёде вай аз фикри пештарааш баргашта ба хулосае омада буд, ки таълими грамматика усул ва воситаҳои методии зиёде доштаасг. Ҳамин тариқ, фикру мулоҳизаҳои Пешковский доир ба омӯзиши грамматика дар мактаб, мавқеи оҳанги талаффуз (интонатсия), омӯзиши услубшиносӣ ва монанди инҳо дар тарбияи фаъолнокӣ ва мустақилияти хонандагон моҳияти худро то имрӯз гум накардаанд. А.М.Пешковский таълими имлоро бе грамматика имконнопазир шумурд. Ӯ аввалин шуда ба машқҳои руйбардоркунӣ, ки дар он замон аз ҳад зиёд баҳо медоданд, зарба зад.

Дар давоми солҳои 1923-1931 дар мактабҳои советӣ усули таълими комплексӣ ва проектӣ (лоиҳавӣ) ҷорӣ шуда буд.

Забони русӣ дар он солҳо ҳамчун фанни мустақил таълим дода намешуд. Дар таълими забон, вақте ки дар бораи ин ё он шаҳр ва ё ҳаёти деҳот маълумот додан зарур бошад, ҳамчун мавзӯи комплектӣ сухан карда мешуд, ин усули омӯзиш ба инкишофи методикаи таълими забони русӣ таъсири манфӣ расонид.

Қарори КМ ВКП(б) дар солҳои 1931 ва 1932 барои ислоҳи он хатогиҳо кӯмак расонид ва таълими забони модарӣ ба таври систематикӣ ҷорӣ гардид.

Дар асоси ин қарорҳо ба кори мустақилонаи хаттии хонандагон, таҳлили грамматикие, ки дар мактабҳо ҷорӣ нашуда буд, эътибори махсус медодагӣ шуданд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар инкишофи илми методикаи таълими забони русӣ дар он солҳо хизмати Петр Онисимович Афанасьев (1874-1944) хеле калон аст. Соли 1921 китоби у «Методика родного языка в трудовой школе» аз чоп баромад.

Ба қалами у «Методикаи таълими забони русӣ барои мактаби миёна» дахл дорад, ки барои институтҳои педагогӣ мансуб аст.

Дар инкишофи методикаи таълими забони русӣ китоби К.Б.Бархин ва Е.С.Истрина "Методикаи забони русӣ барои мактабҳои миёна» қадами тозае буд.

Соли 1948 асари Н.С.Поздняков «Методикаи таълими забони русӣ» аз чоп баромад, ки он соли 1955 ба сифати китоби алоҳидаи дарсӣ барои омӯзишгоҳҳо ва институтҳои педагогӣ аз нав чоп гардид.

Дар пешравии илми методикаи таълими забони русӣ хизмати профессор А.В.Текучевро алоҳида қайд кардан лозим аст. Вай соли 1958 китоби худ «Методикаи таълими забони русӣ дар мактаби миёна»-ро навишт. Соли 1970 китоби мазкур маротибаи дуюм ва соли 1980 маротибаи сеюм, бо тағйирот ва иловаҳо аз нав нашр гардид. Ба замми ин, А.В. Текучев муаллифи чандин дастурҳои методӣ ва мақолаҳои зиёди илмӣ-методӣ мебошад. Имрӯзҳо фанни методикаи таълими забони русӣ аз рӯи китоби ӯ дар мактабҳои олии педагогии Россия таълим дода мешавад. Дар китоб фикру мулоҳизаҳои методистону олимон ва забоншиносони пешин оид ба таълими забони русӣ ҷамъбаст ёфта, дар асоси таҷрибаи пешқадами имрӯза

ва таълимоти марксистӣ-ленинӣ оид ба забон, таълими фанни забон дар мактаб ба миён гузошта шудааст.

Ҳамин тавр, методикаи таълими забони русӣ ҳамчун фан дар давраи советӣ такмил ёфта, ба пешравии минбаъдаи методикаи таълими забонҳои миллии халқҳои бародар, аз ҷумла, забони тоҷикӣ кӯмаки худро низ расонидааст.

Баъди револютсияи Октябр бо таъсири грамматикаҳои забони русӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам як қатор китобҳои дарсӣ: «Сарфу наҳви забони тоҷикӣ барои синфҳои V-VI» соли 1927; «Таҷрибаи аввалин аз сарф»-1930, «Сарфу наҳв»-1930 навишта мешаванд.

Соли 1926 аввалин «Сарфу наҳв»-и Саидризо Ализодаи Самарқандӣ аз чоп мебарояд. Дар ин китоби дарсӣ оид ба фонетика, ҳиссаҳои нутқ ва синтаксис маълумот дода шудааст.

С.Ализода дар китоби худ 8 ҳиссаи нутқ: исм, сифат, адад, замир, зуруф, адот, робита, асвотро нишон дода, дар бораи ҳиссачаҳо сухан накардааст.

Дар хусуси аҳамият ва забону истилоҳҳои грамматикии ин китоби дарсӣ устод Айнӣ [21]дар рузномаи «Овози тоҷик» мақолае чоп кардааст, ки вай ба беҳтар шудани сифати китобҳои дарсии минбаъда ва ба ҷои истилоҳоти зиёди арабӣ истифодаи истилоҳоти тозаи тоҷикӣ сабаб шудааст.

Дар охири солҳои бистум ба ғайр аз китобҳои дарсӣ як силсила ахбороту мақолаҳои олимон И.И.Зарубин, А.А.Семёнов, М.С.Андреев ва дигарон чоп гардидаанд, ки ба муҳимтарин масъалаҳои фонетика ва грамматикаи забони тоҷикӣ бахшида шудаанд.

---

[21] Айнӣ С. Куллиёт, ҷ. 2, 1964. -С.336.

Дар солҳои сиюм ва чилум боз як қатор китобҳои дарсии забони модарӣ чоп шудаанд, ки дар онҳо вобаста ба таълими забони модарӣ масъалаҳои зиёди соҳаи грамматика мавқеи тадқиқ қарор гирифтаанд. Ба ин гурӯҳ китобҳои дарсии Арзуманов С.Д ва Нестеренко С. - Забони тоҷикӣ. 1938; Бақозода Н. - Китоби дарсии забони тоҷикӣ. 1936; Беленитский А. ва Ҳоҷизода. -Наҳви забони тоҷикӣ. 1936; Зеҳнӣ ва Бақозода Н. -Сарф. 1935; Муродзода Л. - Китоби дарсии забони тоҷикӣ. 1936; Ҳочизода В. Бузрук Л., Деҳотӣ. -Забони тоҷикӣ (Сарф ва наҳв). 1932; Бақозода Н. ва Каримов Н. - Забони тоҷикӣ. 1938 ва ғайраҳо дохил мешаванд. Аз китобҳои зикршуда бартарии китоби дарсии «Сарф ва наҳв»-и Бақозода Н. мушоҳида мешавад, ки дар он бисёр масъалаҳои грамматика дуруст ва беғалат маънидод гардидаанд.

Соли 1938 «Морфологияи забони тоҷикӣ» ном китоби дарсии Ниёзмуҳаммадов Б. ва Бузургзода Л. аз чоп мебарояд. Дар ин китоб даҳ ҳиссаи нутқ ба тафсил шарҳу баён ёфтааст. Баробари муваффақиятҳо дар китобҳои болоӣ камбудиҳо низ ба назар мерасиданд.

Камбудии асосии китобҳои дарсии дар боло зикршуда аз он иборат буд, ки: а) чун грамматикаи шаклӣ танҳо ба шакли калимаҳо эътибор дода шудааст; б) хусусияти илмиашон на чандон баланд аст; в) бештари истилоҳҳои грамматикӣ хоси забони арабӣ буданд.

Бо вуҷуди ин камбудиҳо он китобҳои дарсӣ дар таълими забони тоҷикӣ ва саводнокшавии фарзандони мардуми тоҷик дар он давру замон хизмати арзандае кардаанд.

Пайдоиши китобҳои дарсӣ дар назди педагогҳою муаллимони пешқадами ҷумҳурӣ ва методистон масъ-ала мегузорад, ки ба офаридани барномаҳои таълимии

забони тоҷикӣ машғул шаванд ва дастуру китобҳои методӣ нависанд.

Вале то солҳои чилум оид ба таълими грамматикаю имлои забони тоҷикӣ ба ғайр аз мақолаҳои ҷудогона ягон дастури методии мукаммале ба даст нарасид.

Танҳо соли 1945 аз ҷониби Икром Хоҷаев «Методикаи мухтасари забони тоҷикӣ» барои донишҷӯёни ғоибонаи' омӯзишгоҳҳои педагогӣ навишта мешавад, ки яке аз аввалин асари методӣ ба шумор меравад.

Соли 1947 асари методии дигаре нашр мешавад, ки он «Китоби муаллим» ном дошт. Онро ходимони Институти давлатии тадқиқотӣ илмии мактабҳо тайёр карда буданд. Асар ба ёрии муаллимони синфҳои ибтидоӣ навишта шуда буд. Боби У1 китоб ба қалами Ш.Ниёзӣ мансуб буд, ки ба масъалаи таълими забони тоҷикӣ бахшида шудааст.

Соли 1951 китоби М.Шукуров ва А.Эшонҷонов «Методикаи забони тоҷикӣ» (барои омӯзишгоҳҳои педагогӣ) аз чоп мебарояд. Дар ин китоб материалҳои методӣ ба системаи муайян дароварда шуда он бо номи «Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаби ибтидоӣ» бори дуюм соли 1956 ва бори сеюм соли 1964 аз чоп мебарояд.

Дар ду нашри охир ба муаллифони пешина М.Раҳмонов ҳамроҳ шудааст.

Дар ин байн, соли 1958 китобчаи методист А.-Эшонҷонов «Баъзе масъалаҳои методии таълими забони модарӣ дар мактаби ибтидоӣ» аз чоп баромад.

Китобча бо вуҷуди ҳаҷман хурд буданаш бисёр масъалаҳои муҳими методии таълими забони тоҷикӣ, аз ҷумла таълими грамматика ва имлоро дар бар гирифтааст. Муаллиф тавонистааст, роҳу усулҳои таълими забони модариро мувофиқи донишу фаҳмиши худ шарҳу эзоҳ диҳад.

Дар 15-20 соли охир дар соҳаи таълими мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ ва ибтидоӣ тағйироти ҷиддӣ ба амал омад. Мазмун ва мундариҷаи таълими забони модарӣ дар мактаби ибтидоӣ ва миёна, аз ҷумла қисми грамматика ва имло хеле дигар шуда, ба пешрафти имрӯзаи забоншиносӣ, психология ва дидактика мутобиқ кунонида шуд. Ин дигаргунӣ ба методикаи таълими грамматика ва имло таъсир накарда намонд.

Қабл аз ҳама, як гурӯҳ методистони эҷодкор, ба мисли М.Лутфуллоев, Қ.Рустамов, М.Қурбонов, Ф. Икромов Ф.Шарипов, Р.Давлатова, С.Тағоев, С. Аминов, Р.Қурбонов, Ҳ.Ҳусейнов, С.Шербоев ва дигарон ба майдон омада, масъалаҳои муҳими методикаи забони модариро чи дар синфҳои поён ва чи дар синфҳои боло мавриди таҳқиқи экспериментали қарор доданд ва асару мақолаҳои ҷудогонаи худро навиштанд.

Соли 1985 профессор М.Лутфуллоев китоби «Методикаи таълими забони модарӣ дар мактаби ибтидоӣ» - ро менависад, ки аз беҳтарин асар дар методикаи таълими ибтидоӣ ба шумор меравад.

Китоб аз пешгуфтор ва шаш боб иборат буда, дар боби якум сухан оиди методика, вазифа ва алоқаи он бо фанҳои дигар, боби дуюм масъалаи савод ва инкишофи нутқ, боби сеюм хониш ва инкишофи нутқ, боби чорум таълими грамматика ва имло, боби панҷум инкишофи нутқ ва боби шашум тайёрии муаллим ба дарс ва худомӯзии ӯ мебошад.

Ба фикри мо, китоби М. Лутфуллоев аз беҳтарин китоби дарсии дар соҳаи методикаи таълими ибтидоӣ навишта шудаи солҳои охир ба шумор меравад, зеро дар он масъалаҳои асосӣ ва муҳими методикаи таълими ибтидоии забони модарӣ дар асоси талаботи замон шарҳу эзоҳ дода шудааст ва асоси методикаи таълим барои синфҳои болоӣ ҳам мебошад, ки дар он пояи

асосии илми методикаи забон гузошта шудааст. Хурсандиовар аст, ки ин китоб соли 2007 бо нашри нав ва тағйиротҳо аз нав чоп гардид.[22]

Соли 1985 дотсент М.Қурбонов «Методикаи забони тоҷикӣ (дар мактаби миёна)» - ро аз чоп баровард. Дастур масъалаҳои умумии методика, методикаи инкишофи нутқ, фонетика ва графика, таркиби калима ва калимасозӣ, ҳиссаҳои нутқ ва имлоро дар бар гирифтааст.

Муаллиф ба адабиёти методии рус, таҷрибаи худ ва муаллимони пешқадами республика такя намуда, бори аввал барои мактаби миёна онро навиштааст. Лекин дар дастур доир ба масъалаҳои методика ҳамчун фанни таълимӣ, принсипҳои таълим, усулҳои таълим, дарс ва хелҳои он, тайёрии муаллим ба дарс, хелҳои корҳои хаттӣ ва тарзи гузаронидани онҳо маълумоте дода нашудааст. Гарчанде китоб номи «Методикаи забони тоҷикӣ»-ро дошта бошад ҳам, вале танҳо оиди як масъала инкишофи нутқ баҳс мекунаду халос.

Дотсент Р.Эгамбердиев соли 1981 «Методикаи таълими забони тоҷикӣ»-ро навишт, ки он аз се боб: масъалаҳои умумӣ-назарии таълими забони модарӣ, инкишофи умумии хонандагон ва ба ҳисоб гирифтани он ва асосҳои умумидидактикии таълими забони модарӣ иборат аст.

Дар ин китоб ҳам ба масъалаҳои асосии методика: усулҳои таълим, хелҳои дарси забони тоҷикӣ, таълими грамматика, таҳлил ва хелҳои он, корҳои мустақилона ва беруназсинфӣ тамоман эътибор дода нашудааст. Номи китоб бо мазмунаш мувофиқат надорад.

Ба замми ин дар солҳои ҳафтоду ҳаштодум як қатор дастурҳои методӣ барои синфҳои У-Х аз чоп

[22] Лутфуллоев М. «Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ». –Душанбе: Маориф, 2007.

баромадаанд: А.Каримов. Таълими «Калима ва таъбирҳо дар синфи У», Душанбе, 1974; Н.Камолов. “Методикаи тартиб додан ва истифода бурдани таблитсаҳои забони тоҷикӣ дар синфҳои 1У-У111”. Душанбе, 1975; А. Каримов, С. Аминов. «Тартиби гузаронидани машқ аз забони модарӣ дар синфҳои 1У-У111». Душанбе, 1979.

Ин китобу дастурҳои методӣ дар инкишофи методикаи таълими забони тоҷикӣ ва дуруст ба роҳ мондани таълимӣ мавзӯъҳои забони модарӣ саҳми муносиб гузоштаанд.

Соли 1987 дотсент С.Ҳоҷиев дастури методиро таҳти унвони «Масъалаҳои муҳимми таълими забони модарӣ дар синфҳои IV- VIII» аз чоп баровард, ки он аз ду фасл: фасли якум «Дарс ва хелҳои он» ва фасли дуюм «Усулҳои омӯзиши забони тоҷикӣ» иборат аст. Дар он оиди шаш хели дарси забони тоҷикӣ, сохти онҳо, талабот нисбат ба дарси имрӯза, тайёрии муаллим ба дарс, тарзи супоридани вазифаи хонагӣ, пурсиш ва хелҳои он, инчунин дар бораи усулҳои таълими забони тоҷикӣ, баёну сӯҳбат ва усули проблемавӣ, таҳлил ва хелҳои он маълумоти муфассали басо судманд пешкаш намудааст.

Соли 1992 дотсент С.Шербоев дастури методӣ «Таълими баъзе масъалаҳои синтаксиси забони тоҷикӣ»-ро чоп намуд.[23] Муаллиф ҳангоми таълифи дастур ба ду ҷиҳат: баёни мақсад ва усулҳои омӯзиши мавзӯъҳои таркибии ибора ва сараъзоҳо, сониян, ба шарҳу эзоҳи масъалаҳои назариявии марбут эътибор додааст. Ба замми ин дар дастур оиди баъзе масъалаҳо: аломатҳои шартии ҷумлаҳои пайрав, план - конспекти муаллимон, дарси инкишофи нутқи мураттаб, варақ-

[23] Шербоев С. Таълими баъзе масъалаҳои синтаксиси забони тоҷикӣ.- Душанбе, Маориф, 1992.

чаҳои грамматикӣ ва ғайраҳо фикру мулоҳизаҳои судманд баён кардааст. Ба фикри мо, дастури С.Шербоев яке аз беҳтарин дастурҳои солҳои охир ба шумор меравад.

Ҳамон сол, аниқтараш соли 1992 С.Ҳочиев дар асоси дастури соли 1987 навиштааш ва таҷрибаи чандинсолаи хондани курси «Методикаи таълим» дар мактаби олӣ китоби дарсиро таҳти унвони «Методикаи таълими забони тоҷикӣ» (барои донишҷӯён ва муаллимони мактаб) аз ду қисм аз чоп баровард.

Китоб аз ду ҷилд ва шаш боб иборат буда, ҷилди якум дар бораи методика ҳамчун фан, алоқаи методика бо фанҳои дигар, аз таърихи усулҳои таълим, принсипҳои омӯзиши забони модарӣ, таҳлил ва хелҳои он, инчунин оиди машқ ва тарзи гузаронидани онҳо, истифодаи аёният ва воситаҳои техникӣ ва ғайраҳо баҳс мекунад. Ҷилди дуюм оиди дарси забони тоҷикӣ ва хелҳои он, ба нақша даровардани машғулиятҳои забони модарӣ, таҳлили дарс, таълими ибора, ҷумлаҳои сода ва мураккаб, инкишофи нутқ, таълими имло, корҳои хаттӣ ва намудҳои онҳо, корҳои беруназсинфӣ ва амсоли инҳо маълумот медиҳад.

Пеш аз навиштани ин китоб муаллиф бо ҳамкории дотсенти Донишкадаи омӯзгории ба номи С. Айнии ш.Душанбе рафиқ Шербоев С. (ҳоло доктори фанҳои педагогӣ, профессор) барномаи курси «Методикаи таълими забони тоҷикӣ»-ро (1987) навишта аз чоп баровард.

Аз чопи аввали китоби мазкур 16-17 сол гузашт. Дар ин муддат дар забони тоҷикӣ ва усули таълими он тағйиротҳои зиёде ба вуҷуд омаданд. Соли 1989 ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ дода шуд.

Кори таълиму тарбияи насли наврас ба дараҷаи сифатан нав бардошта шуд. Олимон, педагогҳо,

рӯҳшиносон, методистон, муаллимони пуртаҷриба дар бобати фавран ислоҳ кардани барномаю китобҳои дарсӣ ва дар такмили шаклу метод ва воситаҳои таълим саҳми арзанда гузоштанд. Агар пеш бо ёрии усулҳои таълим хонандагон танҳо дониш гирифта, маҳорату малака пайдо мекарда бошанд, акнун дар назди методика вазифаи дигаре ба миён омад, ки он тараққии ҳартарафаи насли наврас, эҷодкорӣ ва инкишофи қобилият ва вусъати шавқи маърифатҷӯии ҳар як фард мебошад. Ҳамаи инро ба ҳисоб гирифта, соли 2009 бо баъзе тағйироту дигаргуниҳо бори дуюм он китобро аз нав чоп кардем ва ҳамон сол китоби С.Шербоев "Методикаи таълими забони тоҷикӣ", ки зикри он дар боло шуда буд, аз чоп баромад. Аҷибаш он буд, ки муаллифон аз чопи якдигар бехабар будаанд.

### 1.14. Принсипҳои омӯзиши забони модарӣ

Ҳар як муаллим ҳангоми таълими мавзӯи барнома аз усулҳо ва воситаҳои методии қулай истифода мебарад ва вобаста ба мазмуну хусусияти материали таълим усулҳои таълимро интихоб мекунад. Дар интихоби усул ва воситаҳои таълим муаллим бояд мустақил ва эҷодкор бошад. Вай дурустӣ ва нодурустин усулҳоро дар рафти таълим санҷида аз кори худ хулосаҳои даркорӣ бароварда тавонад. Муаллим бояд донад, ки усул ва воситаҳое, ки дар таълими мавзӯъҳо истифода менамояд, ба талаботи принсипҳои таълими мавзӯъҳои умумипедагогӣ ва нишондодҳои методӣ ҷавоб дода метавонанд ё не.

Барои дурусг ба роҳ мондани таълими забони модарӣ як қатор омилҳои дидактикӣ ба кор бурда мешаванд, ки онҳо дар мавриди баёни мавзӯъ, интихоби метод ва воситаҳои методӣ, ҳамчунин интихоби материалҳои дидактикӣ, иҷрои кори

мустақилона ва супоришҳои амалӣ мавриди исгифода қарор мегиранд.

Дар таълими забони модарӣ одатан аз принсипҳои умумидидактикӣ ва методии хусусӣ истифода карда мешавад.

Принсипҳои умумидидактикӣ вобаста ба инкишофи психологию синнусолӣ ва физиологии хонандагон, фаъолияти фикрию савияи дониши онҳо ва хусусияти материали таълим қоидаву қонунҳои худро пешниҳод менамояд.

Принсипи методӣ-хусусӣ бошад, ба предмети таълим, яъне ба таълими ҳар як фан алоқаманд аст.

Ба принсипҳои умумидидактикии омузиш: принсипи илмият, пайдарҳамӣ, принсипи алоқаи назария бо амалия, принсипи алоқамандии қисмҳо, принсипҳои бошуурона аз худ кардани дониш, фаъолнокӣ, принсипи аёният, мустаҳкамии дониш ва дастрасӣ, принсипи муносибати шахсӣ бо хонандагон дохил мешаванд, ки ҳама алоқаманди ҳамдигар мебошанд.

Методикаи таълими ҳар як фан, аз ҷумла методикаи таълими забони точикӣ низ аз ин принсипҳо истифода мебарад. Протсесси омӯзиши бомуваффақияти материали таълимӣ агар, аз як тараф, ба дараҷаи фаҳмогии мавзӯъ, фаъолнокии хонандагон марбут бошад, аз тарафи дигар ба истифодаи аёният, системанокӣ, пайдарҳамии баён ва алоқаи назария бо амалия низ вобаста аст.

### а) Принсипи илмӣ, системанокӣ ва пайдарҳамии таълими забони модарӣ

Мактаб дар назди худ вазифа мегузорад, ки ба хонандагон на фақат асосҳои илмро омузонад, балки онҳоро ҳамчун шахсони комил ва фаъоли сохтмони ҷамъияти давраи худ тарбия намояд.

Талабагон дар мактаб мазмуни мавзӯъҳои фанҳои чудогонаро чи тавре ки дар китоби дарсӣ нишон дода шудааст, ҳамон тавр айнан нусхабардорӣ накарда, балки асоси илмии онро бояд омӯзанд ва ба мазмуни он сарфаҳм раванд.

Принсипи илмӣ талаб мекунад, ки ҳар як мавзӯъе, ки ба хонандагон таълим дода мешавад, бояд дар илми забоншиносии имрӯза равшан карда шуда, асоси мустаҳками худро дошта бошад.

Масалан, хонандагони синфи V исмро ҳамчун ҳиссаи нутқ аз ҷиҳати маъно, хусусияти морфологӣ ва вазифаи синтаксисиаш меомӯзанд.

«Исм ҳиссаи нутк; буда, предметро ифода мекунад ва ба саволҳои кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо? ҷавоб мешавад. Дар чумла мубтадо, пуркунаида, муайянкунавда ва хабару ҳол шуда меояд». Ҳамин таърифот, ки маъно, сохт ва вазифаи синтаксисии онро дар бар мегирад, чиҳати илмии он ҳисобида мешавад.

Маълум аст, ки таълими забони модарй дар мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ аз синфи якум сар шуда, то синфи ёздаҳум давом мекунад.

Хонандагон дар давоми ин солҳо хондан, беғалат ва зебо навиштан, бо забони модарӣ сухан карданро ёд мегиранд. Инчунин масъалаҳои назарии забонро аз қисмҳои фонетика, лексика, грамматика, орфография, пунктуатсия ва услубшиносӣ меомузанд.

Ҳар кадоми ин соҳаҳо дар мактаб бо мақсади муайян таълим дода мешававд ва асосҳои илмии худро доранд. Тачриба нишон медиҳад, ки барои бомуваффақият омӯхтани қисмҳои забони модарӣ ба системанокӣ ва пайдарҳамии мавзӯъ диккат додани муаллим шарт ва зарур аст.

Принсипи пайдарҳамӣ ва системанокӣ талаб мекунад, ки ҳар як категорияи грамматикӣ дар алоқамандӣ

бо категорияи дигари грамматикӣ омӯхта шаванд. Масалан, ҳангоми омӯхтани морфология дар асоси принсипи пайдарҳамӣ алоқамандии тамоми ҳиссаҳои нутқи номӣ ба ҳисоб гирифта мешавад, хусусан категорияҳои грамматикии байни исм, сифат, шумора ва ҷонишин.

Дар натиҷаи татбиқи принсипи пайдарҳамӣ хонандагон оҳиста- оҳиста мефаҳманд, ки ин принсип дар омӯзиши ҳиссаҳои нутқ ҳодисаи тасодуфӣ набуда, балки қонунӣ аст, зеро дар илм аввалан предмет ва сониян аломати он муайян карда мешавад.

Дар мактаб қисмҳои гуногуни илми забон таълим дода мешавад, ки ҳар кадом мустақил буда, объекти омӯзиши худро дорад, вале аз рӯи мақсад ва вазифаи таълим онҳо бо ҳам алоқаманд буда, бо тартиби муайян омӯхта мешаванд.

Системанокӣ ва пайдарҳамии таълими мавзӯъҳои забони модарӣ ҳам қобилияти илмомузӣ ва ҳам чараёни азхудкунии мавзӯъҳоро осону сабук мегардонад. Масалан, дар омузиши ҳиссаи нутқи зарф дар синфи VI хонандагон алоқаи онро бо феъл ва сифат муайян мекунанд. Хонандагон таърифи зарфро ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқи тағйирнаёбанда омӯхта мефаҳманд, ки зарф бо феъл тобеъ аст ва онро шарҳ медиҳад. Вай ҳолатҳои гуногуни амалро ифода мекунад, дар синтаксис ҳол шуда меояд.

Ё ки дар вақти шарҳу эзоҳи алоқаи ҷумлаи пайрав бо сарҷумла дар синфи IX муаллим ба маълумотҳои синфи VI11 сараъзою аъэоҳои пайрав такя мекунад.

Принсипҳои ба ҳам алоқамандӣ ва пайдарҳамии мавзӯъҳои таълим дар вақти ба дарс тайёрӣ дидани муаллим, ҳангоми интихоби мисол. тайёр кардани аёният ва супоридани вазифаи хонагӣ низ риоя карда мешаванд.

Принсипҳои мазкур дар назди ҳар кадом машғулият талабу вазифаҳои нав мегузоранд. Муаллим ҳангоми такрор намудани мавзуи гузашта ва вобаста кардани он ба мавзӯи нав низ аз ин принсипҳо истифода мекунад. Ба ҳамин вобаста дар байни мавзӯъҳои наву гузашта алоқамандӣ, дар шуури хонандагон яклухтӣ ва вобастагии мавзӯъҳо ба вуҷуд оварда мешаванд.

**б) Принсипи фаъолнокӣ ва бошуурона аз худ кардани дониш**

Принсипи фаъолнокӣ талаб мекунад, ки хонандагон дар дарс ҳангоми омӯзиши ин ё он мавзӯъҳои забони модарӣ монанди муаллим фаъол бошанд.

Дар протсесси таълими грамматика муаллим ба хонандагон на фақат дониш медиҳад, балки фаъолияти фикрии онҳоро инкишоф дода, аз ҳодисаҳои забонӣ муқоисаву хулоса бароварданро меомӯзонад. Фаъолияти фикрии хонандагонро инкишоф додан ба тарзи гузориши масъала, ба дараҷаи тайёрии муаллим ва синну соли хонандагон алоқаманд аст.

Масалан, ҳангоми омӯхтани мавзӯи «Таркиби калима дар синфи V» саволи муаллим «Роли бандакҳо дар забони тоҷикӣ аз чӣ иборат аст?» ба хонандагон душворӣ меоварад, чунки дар ин савол нишонаи проблема мавҷуд буда, онро фикр карда ҳал намудан лозим меояд.

Дар ин гуна мавридҳо муаллимро лозим аст, ки ба хонандагон дар хусуси роҳҳои ҳалли масъалаи гузошташуда ёрӣ расонад, то ки онҳо бо мадади муаллим онро иҷро намоянд.

Саволҳои проблемавӣ дар таълими ҳар як фан, аз ҷумла, забони модарӣ аҳамияти ба худ хосе дорад.

Ҳар як супоришу машқе, ки аз тарафи муаллим ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, бояд онҳоро ба фикр кардан ва ҷустуҷӯ намудан водор намояд.

Масалан, иҷрои кори мустақилона бо супориши грамматикӣ, тартиб додани нақшаи ҳикоя, нақл, иншо ва ба таърифотҳои грамматикӣ аз худ мисол овардан ва ғайраҳо фаъолияти фикрии ҷиддӣ талаб менамояд.

Ё ки гузаронидани таҳлили грамматикии омехта, ислоҳи ғалатҳои содиркардаи якдигар, дуруст кор фармудани ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар нақлу иншо низ аз хонандагон фаъолнокиро талаб мекунанд.

Принсипи бошуурона аз худ кардан аз принсипҳои муҳими таълими грамматика ба ҳисоб меравад.

Дар таълими фанни забони модарӣ хонандагон бояд қоидаву таърифотҳои грамматикиро бошуурона, яъне маънои онро фаҳмида аз худ намоянд ва онро дар амал истифода карда тавонанд.

Бошуурона ва фаҳмида аз худ намудани қоидаҳо талаб менамояд, ки ҳар як факту далелҳои забонӣ дар муқоисаи якдигар омӯхтаву фарқ карда шаванд. Масалан, хонандагон ҳангоми омӯхтани мавзӯи «Аъзоҳои чидаи ҷумла» аввалан бо истилоҳи грамматикӣ, яъне мафҳуми грамматикӣ шинос мешаванд. Сониян, маҳфуми «Аъзоҳои чидаи ҷумла» маънои умумиаш фаҳмонида шуда, дар охир аломатҳои грамматикие, ки онро аз дигар аъзоҳои ҷумла фарқ мекунонад, муайян карда мешаванд. Монанди, аъзоҳои чидаи ҷумла ба як савол ҷавоб мешаванд, ба як аъзои ҷумла мансубанд, ба якдигар ба воситаи пайвандакҳо, ё интонатсия (аломати китобатӣ) алоқаманд мешаванд.

Ба ҷуз нишонаҳои асосӣ дар мушоҳида ва таҳлилу муқоисаи мисолҳои забонӣ нишонаҳои дуюмдараҷаи он муайян карда мешаванд:

а) аъзои чидаи чумла, одатан, бо калимаҳои як ҳиссаи нутқ ва ё ҳиссаҳои гуногуни нутқ ифода мешаванд;

б) онҳо тафсилӣ ва гайритафсилӣ шуда метавонанд;

в) дар ҷумла ду ё зиёда аъзоҳо чида шуда меоянд.

### в) Принсипи фаҳмо будан ва мустаҳкамии дониш

Муваффақияти ҳар як дарс ва ба мақсади худ ноил гардидани муаллим ба риояи принсипҳои дидактикӣ узван алоқаманд аст.

Одатан, талабагони як синф аз ҷиҳати синну сол бо ҳам баробаранд, вале ҳар кадоме бо рафтори шахсиашон аз якдигар фарқ мекунанд, ки муаллим бояд ҳангоми таълим инро ба ҳисоб гирад.

Мавзӯъҳои программа аз тарафи муаллимон бо усулҳои гуногун омӯзонида мешаванд. Ба хонандагон дастрас шудани мавзӯи дарс аз бисёр ҷиҳат ба савияи дониши муаллим, маданияти нутқ, маҳорати педагогӣ ва ҷустуҷӯҳои эҷодии ӯ алоқаманд аст. Мавзӯҳои таълимӣ ба фаҳму идроки хонандагон бояд мувофиқ бошанд.

Дар вақти эзоҳи мавзӯъ муаллим бояд ҷумлаҳои кӯтоҳи мазмунан фаҳморо истифода барад. Мутаассифона, баъзе муаллимон ҳангоми фаҳмонидани мавзӯи нав танҳо бо ҷумлаҳои китоби дарсӣ маҳдуд мешаванд. Талаба мазмуни таърифот ва ҷумлаҳои китоби дарсиро вақте мефаҳмад, ки агар муаллим онҳоро бо мисолҳои гуногун шарҳу эзоҳ диҳад. Нутқи муаллим дар баёни мавзӯи нав фаҳмо, содда, мӯъҷаз ва мувофиқи талаботи меъёри забони адабӣ бошад. Махфӣ нест, ки барои фаҳмо шудани мавзӯъ хусусиятҳои психологии хонандагонро нағз донистан ва вобаста ба он истифода кардани усул ва тарзҳои методӣ аҳамияти калон дорад.

Омӯзиши мавзӯъҳои забон ба талабагон дар ибтидо душвору абстракт менамояд, вале пас аз фаҳмидани аломат ва хусусияти ҳар кадоми он категорияҳои грамматикӣ конкрету фаҳмо мегардад. Хонандагон ба мазмуну моҳияти қоидаҳо вақте сарфаҳм мераванд, ки агар муаллим пеш аз шарҳи таърифот ва таҳлили мисолҳо корро аз эзоҳи аломат ва хусусияти ҳамон категория сар кунад, яъне пеш аз баёни қоида онро дар

асоси мисолҳо равшан исбот намояд, ҳар як қоида дар асоси мисол ба вуҷуд меояд. Талабагон аз ҷамъбасти хусусияту аломати мисолҳо моҳияту мазмуни қоидаро фаҳмида мегиранд. Аз ин ҷиҳат принсипи дастрасии дониш ба сифати мисолҳои овардашуда низ вобаста аст. Мазмуни мисол ва калимаҳои он ба талаба бояд фаҳмо бошад.

Дастрас будани дониш ба мустаҳкам аз худ кардани он асос мегардад. Принсипи дастрасӣ ва мустаҳкамии дониш аз ҳам ҷудонашавандаанд. Дониш бе маҳорату малака моҳияти худро гум мекунад.

Дониши талаба вакте мустаҳкам мешавад, ки агар вай дониш ва малакаи худро дар амал моҳирона татбиқ намояд. Ин гуна малака аз бисёр машқ кардану таҳлили мунтазами мисолҳо ҳосил мегардад. Барои ба вучуд овардани малака таҳлили грамматикӣ, намудҳои гуногуни кори мустақилонаи хонандагон, мунтазам гузаронидани нақлу иншо, корҳои контролӣ, диктантҳои таълимию санчишӣ, иҷрои вазифаи хонагӣ ва пурсиши он, корҳои эҷодӣ ва амсоли инҳо аҳамияти калон доранд.

Ғайр аз ин дониши талаба ба воситаи мутолиаи доимии китоби дарсӣ ва асарҳои дигари таълимию бадеӣ мустаҳкам карда мешавад. Бино бар ин ба муаллим лозим аст, ки бо тарзу воситаҳои гуногун шавқу ҳаваси шогирдонро ба китобхонӣ зиёд кунад. Бояд хотирнишон намуд, ки рӯз аз рӯз зиёд шудани дониши талабагон ба чигунагии муносибати онхо ба фанни забони модарӣ низ вобаста аст. Агар хонанда фанни ҷамъиятиро дӯст дорад, вай ба машғулиятҳои он фан бо иштиёқи зиёде иштирок мекунад, супоришҳои муаллимро бо мароқ иҷро менамояд ва ҳамин тариқ донишашро мустаҳкам мегардонад.

Роҳи дигари мустаҳкам аз худ кардани дониш ба тарзу усулҳои гуногуни такрори мавзӯъҳои гузашта

марбут аст. Мақсади асосии такрор мустаҳкам кардани дониш ва ҳосил кардани малака буда, он ҳамчунин барои дуруст аз худ намудан ва фаҳмидани мавзӯъҳои нави таълимӣ чун воситаи боэътимоде хизмат мекунад.

Такрор бояд ба таври мунтазам гузаронида шавад. Он ба такрори ҷорӣ, мавзӯӣ, боб ва солона (чорякӣ, нимсола, такрори солона) ҷудо мешавад.

Бомуваффақият гузаронидани такрор ба савияи дониши хонандагон ва маҳорати муаллим вобаста аст.

**г) Принсипи дар амал татбиқ кардани назария**

Принсипи дигари омӯзиш назарияро дар амалия татбиқ кардан аст. Алоқамандии назария бо кори амалӣ дар таълими забони модарӣ дар он зоҳир меёбад, ки хонандагон дониши аз машғулиятҳо ҳосилкардаашонро дар нутқи даҳонию хаттӣ ба осонӣ истифода намуда, фикри худро бо ҷумлаҳои мантиқан дуруст баён карда тавонанд ва ҳусни хати зебою беғалат дошта бошанд.

Барои ба вуҷуд овардани чунин малака дониши назариявиро, ки аз забони модарӣ дода мешавад, фавран бо кори амалӣ алоқаманд кардан лозим аст.

Барои назарияро ба амалия татбиқ намудан дар дарсҳои забони модарӣ чунин корҳоро ба иҷро расонидан лозим меояд:

а) Ҳар як таърифу қоидаро бо мисолҳои мувофиқ мустаҳкам кардан ва гаштаю баргашта далелҳо овардан;

б) Ҳангоми фаҳмонидани мавзӯъ аз аёният бештар истифода бурдан;

в) Аз асарҳои бадеӣ, публисистӣ, илмӣ доир ба қоидаҳои грамматикӣ мустақилона ёфтани мисолҳо аз тарафи хонандагон;

г) Дар машғулиятҳои адабиёт дар мавридҳои муайян вобаста ба мавзӯи дарс баъзе қоидаҳои грамматикӣ ва имлоиро такрор намудан ва шарҳу эзоҳ додан. Масалан, маънои баъзе калимаҳои фаҳмиш ва

навишташон душворро аз нуқтаи назари забони адабӣ таҳлил кардан, яъне таркиби морфологии онро ҷудо карда нишон додан;

ғ) Чи дар синф ва чи дар хона аз таҳлили грамматикӣ, фонетикӣ, лексикӣ, имловӣ ва услубӣ бештар истифода бурдан;

д) Хонандагонро ба кори мустақилона, ба корҳои эҷодии худсохтан, худёфтан бештар ҷалб намудан;

е) Иҷрои вазифаи хонагии хонандагонро давра ба давра санҷида истодан ва додани супоришдҳои нав ба нави гуногун;

ё) Ҳангоми такрори мавзӯи гузашта ва мустаҳкам намудани мавзӯи нав, мавзӯъҳои пешинаро хотиррасон ва такрор кардан;

ж) Дар машғулиятҳои инкишофи нутқи мураттаб бештар ба корҳои эҷодӣ ҷалб намудани хонандагон ва ғайраҳо.

Дар байни корҳои амалие, ки ба дарси забони модарӣ тааллуқ доранд, кори мустақилонаи хонандагон ҷои алоҳидаро ишғол мекунад. Ҳар як мавзӯи нави омӯхташуда бо кори мустақилона мустаҳкам карда мешавад. Аз ин ваҷҳ кори мустақилона барои дар амал татбиқ намудани дониши назариявӣ воситаи муҳим ба шумор меравад.

Ба кори мустақилона бояд ҳамаи хонандагон ҷалб карда шаванд. Дар вақти супоридани кори мустақилона хусусиятҳои дар як талаба ва дараҷаи дониши онҳоро ба ҳисоб гирифтан зарур аст, чунки завқу ҳаваси хонандагон гуногун аст.

Барои дар амал татбиқ намудани дониши назариявӣ дар атрофи ягон масъала ё ҳодисаи забонӣ баҳсу мунозира ташкил кардан, аз усули проблемавӣ истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст, зеро ба саволҳои проблемавӣ ҷавоб гардонидан хонандагонро водор мекунад, ки дониши назариявиашонро ба кори амалӣ

вобаста намоянд ва дар ин бобат малака ҳосил кунанд. Иҷрои ин корҳо аз муаллим таҷрибаи бой, дониши пухта ва тайёрии ҳартарафаро талаб мекунад.

**ғ) Принсипҳои хусусӣ-методии таълими грамматика**

Принсипҳои умумидидактикӣ одатан дар якчоягӣ бо принсипҳои хусусӣ-методӣ кор фармуда мешаванд. Чунон ки дар боло таъкид ёфт, ба принсипҳои хусусӣ-методии таълими грамматика ба ҳам алоқамандии қисмҳои грамматика, алоқаи омӯзиши грамматика бо инкишофи нутқ ва пайвасгагии таълими грамматика бо машғулиятҳои адабиёт дохил мешаванд.

Ба ҳам алоқамандии боби фонетика ва морфология аз рӯи мазмунашон муайян карда мешавад.

Маълум, ки фонетика яке аз фаслҳои забоншиносӣ буда, дар бораи овозҳои нутқ баҳс мекунад. Мавзӯи баҳси фонетика фонемаҳо мебошанд, ки онҳо воҳиди хурди забонӣ буда, барои сохтани калимаҳо ва фарқ кардани морфемаҳо хизмат мекунанд.

Морфология бошад, қоидаҳои тағйир ёфтани калимаҳо,тарзҳои ифодаи категорияҳои грамматикии ҳиссаҳои нутқро меомӯзад. Омӯзиши калима аз нуқтаи назари морфология моро водор менамояд, ки сохти калимаро аз мавқеи фонетика муайян намоем, зеро калима бе фонема шакл намегирад. Дар боби фонетика таълими зада ва ҳиҷо мавқеи алоҳида дорад, зеро агар мавқеи зада дигар карда шавад, маънои калима ҳам тағйир меёбад.

Тағйирёбии калима ва шакли он мавзӯи боби морфология аст. Аз ин ҷиҳат фонетика бо морфология низ пайвастагӣ дорад.

Дар навбати худ омӯзиши фонетика, хусусан масъалаҳои зада, ҳиҷо, ҳодисаҳои фонетикӣ бо морфология робитаи қавӣ дорад, чунки ҳамаи ин ҳодисаҳо дар дохили калима ба вуҷуд меоянд.

Ба ҳам алоқамандии омӯзиши боби синтаксис ва морфология бо он муайян карда мешавад, ки бунёди аксар категориҳои синтаксисӣ категориҳои морфологӣ мебошанд. Одатан дар машғулиятҳои синтаксис ҳангоми муайянкунии сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумла дар қатори дигар нишонаҳо тарзи ифодаи морфологии онҳо низ нишон дода мешавад.

Баръакси ин мавриди омӯзиши мавзӯъҳои морфология вазифаи синтаксисии ҳар як ҳиссаи нутқ дар ҷумла ва ибора муайян карда мешавад. Масалан, исм чун ҳиссаи нутқ дар чумла мубтадо, хабар, пуркунанда, муайянкунанда ва ҳол, сифат бошад, муайянкунанда, хабар ва ҳол шуда меояд. Баъзе мавзӯъҳои морфология, масалан, пайвандакҳо ва пешояндҳо дар синтаксис пурра ва ҳартарафа муайян карда мешаванд.

3. Алоқамандии таълими грамматика бо инкишофи нутқ, яъне инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон дар ҷараёни омӯзиши тамоми қисмҳои забон ва иҷрои машқҳои гуногун ба даст оварда мешавад.

Ҳангоми иҷрои машқҳои даҳонӣ ва хаттӣ на фақат ба ҷиҳати грамматикии он диққат дода мешавад, балки масъалаи инкишофи нутқ низ ба ҳисоб гирифта мешавад. Масалан, тартиб додани ҷумлаҳо аз тарафи худи хонандагон, истифодаи ин ё он калимаву ибора дар ҷумла, иншо аз рӯи расм, диктант аз рӯи расм, тартиб додани ҳикоя, кор бо варақаҳои грамматикӣ, ба наср баргардонидани порчаҳои манзум, нақли мазмуни расмҳо, аз ёд гуфтани қоидаҳо ва порчаҳои назмию насрӣ ва ғайраҳо дар инкишофи нутқи хаттӣ ва даҳонии хонандагон аз воситаҳои муҳим ҳисоб меёбанд.

Маълум, ки грамматика заминаи асосии таълими имло ва аломатҳои китобатӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар ҷараёни омӯзиши он хонандагон малакаи имлоро низ аз худ мекунанд. Дар асоси принсипи алоқаи таълими грамматика ва инкшофи нутқ, имло ва аломатҳои китобатӣ, тарзи тартиб додани машқҳо ва системаи гуногуни онҳо низ муайян карда мешавад.

# БОБИ ДУЮМ
# УСУЛҲОИ (МЕТОД) ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

## Маълумоти умумӣ дар бораи усулҳои таълим

Калимаи усул ба маънои васеи сухан тарзи муносибат ба ҳақиқат, омӯзиш ва татбиқи ҳодисаҳои табиату ҷамъият мебошад.

Усули омӯзиш дар мактаб тарзи кори муаллим ва хонанда мебошад, ки маҳз дар асоси он хонанда маълумот ва дониш мегирад. Усулҳои омӯзишро ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд:

1. Усули омӯзиши умумӣ, дар бораи ҳамаи фанҳо умумӣ буда, онро дар фанни педагогика назарияи омӯзиш меноманд.

2. Усули омӯзиши хусусӣ, ки хоси ҳар як фан мебошад. Фанни методикаи таълими забони тоҷикӣ ҷамъбасти усулҳои омӯзиши забони тоҷикиро дар бар мегирад. Намудҳои гуногуни усулҳои омӯзиш як системаи муайянро ташкил медиҳанд, ки он чунин нишонаҳои асосии худро дорад:

а) фарогирии ҳамаи соҳаҳои предмети омӯзиш (масалан, гарамматика, орфография, пунктуатсия, инкишофи нутқ ва ғайра);

б) бо ҳам алоқамандии ҳамаи усулҳо ва ба як мақсад нигаронида шудани онҳо;

в) ягонагии принсипҳои дидактикӣ, ки барои ҳамаи усулҳо асосӣ аст.

Усулҳои омӯзишро аз рӯи аломатҳояшон ба таври зер тасниф кардан мумкин аст:

а) аз рӯи дониши гирифтаи хонандагон;

б) аз рӯи дараҷаи фаъолияти хонандагон дар ҷараёни таълим (усулҳои фаъол ва ғайри фаъол, усули иҷрои корҳои мустакилона аз тарафи хонандагон);

в) аз рӯи характер ва ҷои иҷрои вазифа (дар хона ё дар синф, даҳонӣ ё хаттӣ иҷро карда шудани вазифа).

Хусусиятҳои асосии усулҳои омӯзиш дар қарори партия ва ҳукумат аз 25 августи соли 1932 тахти унвони «Дар бораи программаҳои таълимӣ ва режим дар мактаби ибтидоӣ ва миёна» нишон дода шудааст. Дар ин қарор усулҳои таълими фанни забон, ки дар асоси онҳо хонандагон дониш мегиранд, хеле хуб шарҳ ёфтаасг. Ба усулҳои омӯзиш, ки дар таълими забони модарӣ роли муҳим мебозанд, инҳо дохил мешаванд:

1. Усули баён
2. Усули суҳбат
3. Усули таҳлили грамматикӣ ё муоинаи забонӣ
4. Усули кор бо машқҳо ва тарзи иҷрои онҳо
5. Усули кор бо ашёи аёнӣ ва тарзи истифодаи онҳо
6. Усули кор бо китоби дарсӣ
7. Усули экскурсия
8. Усули омӯзиши тестӣ
9. Солҳои охир таълими проблемавӣ, программавӣ ва салоҳитнокӣ барин усулҳои нав ба миён омад, ки ҳоло дар омӯзиши забони модарӣ ба кор бурда мешаванд.

Ҳамаи усулҳои таълим бо мақсади ба хонандагон додани дониш ва ҳосил кардани малака истифода мешаванд.

Бояд гуфт, ки усулҳои таълими забон ҳодисоти хеле мураккаб буда, нишонаҳои зиёде доранд.

Дар бораи усулҳои асосии таълими грамматика ва имло ҳанӯз аз охирҳои асри XIX то солҳои охир дар байни муаллимону методистон ва забоншиносони русу тоҷик фикру мулоҳизаҳои гуногун буданд ва ҳастанд.

То солҳои охир чунин фикр ҳукмрон буд, ки гуё методи асосии таълими грамматика методҳои сӯҳбат ва баёни мавзӯъ бошад. Ин фикрро Кононикин Н.П., Щербакова Н.А. дар китоби худ чунин баён мекунанд:

«Таълими грамматика ва имлоро метавонем бо методи сӯҳбат ва методи аз тарафи муаллим баён кардани мавзуъ гузаронем».[24]

Рождественский Н.С. бошад, оиди ин масъала мегӯяд: «Ташаккулёбии мафҳуми грамматикӣ одатан бо методи сӯҳбат ба амал меояд»[25]. Сонитар профессор Рождественский Н.С. менависад: “Ба ҳама маълум аст, ки фаъолияти аналитикӣ - синтетикӣ шакли асосии дарккунӣ ҳисоб меёбад ва мумкин аст гӯем, ки ин метод методи асосии таълим мебошад».[26]

Профессор Лутфуллоев М. менависад, ки грамматика бояд методе дошта бошад, ки он ба тамоми протсесси дарс (на ягон лаҳзаи он) ҷавоб дода тавонад. Бино бар ин методи асосии таълими грамматика ва имло методи аналитикй - синтетикй (усули тахлил ва таркиб) мебошад[27]. Методист А.Эшонҷонов ба масъалаи методи таълими ҳиссаҳои нутқ дахл карда чунин менависад: «Методи асосии таълими ҳиссаҳои нутқ таҳлили грамматикӣ мебошад, ки вай аз таҳлил ва таркиб иборат аст»[28].

Ҳамин фикр дар асарҳои илмии Е.Н.Петрова, Д.Н.Богоявленский, М.Л.Закожурникова низ баён ёфтааст.

Методист В.И.Яковлева асарҳои илмиро омӯхтаву ба дарсҳои зиёди муаллимон иштирок карда ба чунин хулоса меояд: «Зоҳиран, вақти он расидааст, ки дар

---

[24] Кононикин Н.П., Щербакова Н.А. Методика преподования русского языка в начальной школе. Ленинград, 1955. -С.86.

[25] Рождественскый Н.С. Очерки по истории методики начального обучения правописанию. - Москва, 1961.

[26] Рождественскый Н.С. Очерки по истории методики начального обучения правописанию. - Москва, 1961. -С.316.

[27] Лутфуллоев М. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе: Маориф, 1985. – С.49.

[28] Эшонҷонов А. Баъзе масъалаҳои методии таълими забони модарӣ дар мактаби ибтидоӣ. –Душанбе, 1958.

бораи методи ягонаи таълими грамматика ва имло методи асосии дарккунии фаъолияти талабагон сухан ронем ва ба кор карда баромадани он шурӯъ намоем»[29].

Ҳар як усул ҷиҳати психологӣ низ дорад. Масалан, дар асоси истифодаи ин ё он усул аён мегардад, ки кадом ҷиҳати истеъдоди хонанда инкишоф меёбад ё машқ дода мешавад.

Усулҳои омӯзишро аз рӯи қонунҳои мантиқ низ фарқ мекунанд ва онҳо ба мо ёрӣ мерасонанд, ки ҳангоми таснифоти усулҳо аз кадом хусусиятҳои мантиқ истифода намоем. Дар ин ҷо ҳодисаҳои индуксия ва дедуксия, аналогия, муқоиса ва муқобилгузорӣ, анализ ва синтез ба ҳисоб гирифта мешавад.

Мавридҳои истифодаи ҳар як усули таълим гуногун буда, дурустии онҳо дар мавқеи худ ва натиҷаи он аён мегардад.

Аз ин рӯ, вазифаи ҳар як муаллим аз он иборат аст, ки ҳангоми таълими забони модарӣ аз усулҳои таълим дуруст истифода барад, то ки он натиҷаи хуб диҳад ва вақти зиёдро нагирад.

Ҳангоми таълими мавзӯъҳо оид ба интихоби усулҳо омилхое хастанд, ки ба он таъсир мерасонанд:

а) характер ё хусусияти фанни таълимӣ;

б) барномаҳои мавҷуда, ҳаҷму мазмуни онҳо;

в) дараҷаи тайёрии муаллим ва фаъолияти хонандагон;

г) ҷой ва вақги гузаронидани машғулият;

ғ) душворӣ ё осонии мавзӯъ.

Ҳамин тавр, усули ягонаи таълим вуҷуд надорад. Ҳар як усул дар мавриди худ мавқеъ дорад, дар мавридҳои дигар моҳияти худро суст ё гум мекунад.

[29] Яковлева В.И.Основы методика начального обучения русскому языку. -Москва, 1965. - С.355.

Усулҳои омӯзиш аз рӯи иштироки фаъолияти хонандагон дар ҷараёни таълим ба ду гурӯҳ: фаъол ва ғайрифаъол ҷудо мешаванд.

Ба усулҳои фаъол сӯҳбат, таҳлили грамматикӣ, иҷрои машқҳо, таснифоти калимаҳо ва ба усулҳои ғайрифаъол бошад, усули баён, руйбардоркунӣ, навишта гирифтани ҷумлаҳо аз тахтаи синф ва китоби дарсӣ дохил мешаванд. Мувофиқи усули баён хонандагон танҳо гуфтаҳои муаллимро гӯш мекунанд, вале дар хусуси шаклҳои грамматикӣ ва тарзи сохтани онҳо фикр намекунанд.

Дар фанни методикаи таълими забон ба ҷузъ усулҳо восита ё тарзҳои методӣ мавҷуданд.

Байни усул ва воситаҳои методӣ фарқи куллӣ гузоштан мумкин нест ва онҳоро шартан усул ва воситаҳои методӣ мегӯянд. Масалан, мавриди таълими ин ё он мавзӯи грамматика муаллим усули сӯҳбатро истифода мебарад ва ҳангоми фаҳмонидан мехоҳад, ки мисоли грамматикиро дар муқоиса нишон диҳад. Дар ин маврид муқоиса ҳамчун тарз кор фармуда мешавад. Одатан муқоиса ҳангоми мушкилӣ кашидани хонандагон дар муайян намудани шаклу категорияҳои грамматикӣ истифода карда мешавад. Тарзи методӣ барои дар амал татбиқ намудан ва самаранокии усулҳо роли муҳим мебозад. Барои татбиқи ин ё он усул албатта аз тарзҳои методӣ истифода кардан лозим аст. Масалан, дар вақти гузаронидани диктант аз тарзи методии муқоиса, яъне дар тахтаи синф навишта нишон додани орфограммаи нав истифода бурда мешавад.

Хулоса, усулҳои омӯзиш ҷамъбасти тарзи таълим буда, системаи саволу ҷавоб ва нақлу таҳлил мебошад. Ба ибораи дигар, амалиёти ҷудогонаи муаллим ва хонандагон барои аз худ намудан ва ҳалли ин ё он мавзӯъ ва ё иҷрои супориш усулҳои омӯзиш аст.

## Таснифоти усулҳои омӯзиши забони тоҷикӣ

Усулҳои омӯзиши забони тоҷикиро аз рӯи он сарчашмае, ки хонандагон дониш мегиранд, инчунин иштироки хонандагон дар ҷараёни таълим ва намуди иҷрои корҳо дар асоси материали таълимӣ ба гуруҳҳо ҷудо менамоянд.

Дар таснифоти усулҳои омӯзиши забони точикӣ чизи асосӣ сарчашмаи дониши ҳосилкарда аз фанни забон ҳисоб меёбад. Аз рӯйи сарчашмаи дониши андӯхта усулҳои омӯзиши забони тоҷикиро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст:

1. Усулҳои омӯзиши амалии забон;
2. Усулҳои назариявӣ омӯхтани забон;
3. Усулҳои назариявию амалӣ омӯхтани забон.

## Усулҳои амалӣ омӯхтани забон

Маълум, ки хонандагон ҳанӯз ба мактаб наомада амалан бо забони модарӣ гуфтугӯ мекунанд, баъзе қонуниятҳои грамматикиро беихтиёр риоя мекунанд ва дар нутқи худ аз онҳо истифода мебаранд.

Вазифаи мактаб ва муаллимон он аст, ки қонунҳои беихтиёр истифода бурдаи хонандагонро амалӣ гардонида, дониши онҳоро бой намоянд. Дар ғанӣ гардонидани дониши хонандагон мавқеи дарсҳои адабиёт, таърих, физика, география ва дигар фанҳои мактабӣ хеле калон аст. Дар ин дарсҳо хонандагон бо ёрии муаллим дониш мегиранд, гап мезананд, фикрашонро баён менамоянд ва бо ин роҳ инкишоф меёбанд. Ин ҷараёни азхудкунии забон характери амалӣ дорад, зеро факту ҳодисаҳои забон бе омӯзиши қоидаҳои грамматикӣ аз тарафи хонандагон беихтиёр ба амал меояд. Хонандагон ба қоидаҳои грамматикӣ такя накарда сухан мекунанд.

Фарқи машғулиятҳои забони тоҷикӣ ҳам аз дарсҳои дигар дар он аст, ки кор бо факту ҳодисаҳои

забон дар асоси тарзу воситаҳои методии омӯзиш бо ёрии муаллим ташкил меёбад. Ин имконият медиҳад, ки ҷараёни азхудкунии забон тезонида шавад. Дар ин маврид ҳам омӯзиши забон дар навбати аввал характери амалӣ дорад. Барои он ки хонандагон қоидаҳои забонро дуруст аз худ кунанд, бояд захираи луғавии онҳо бой гардонида шавад. Барои ин муаллимон тарзи бо китоб кор карданро ба хонандагон омӯзонанд ва ёд диҳанд. Ин кор барои бой шудани таркиби луғавии хонандагон ёрӣ мерасонад. Ин вазифа ба воситаи усулҳои омӯзиши амалӣ, монанди, кор бо луғатҳо, тайёр намудани хонандагон ба нутқи хаттӣ ва даҳонӣ ва ислоҳи хатоҳо иҷро карда мешавад.

Ба усулҳои амалӣ омухтани забон инҳо дохил мешаванд:

| **Усулҳои амалӣ омӯхтани забон** | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Шарҳ додан ва фаҳмонидани калимаҳои душворфаҳм | Истифодаи адабиёти зарурӣ ва омӯзонидани онҳо | Доштани дафтари луғат | Сохтани ибора ва ҷумлаҳо | Ислоҳи ғалатҳои нутқи хонандагон |

## Усулҳои назариявӣ омӯхтани забон

Баъди он ки хонандагон аз адабиёти даркорӣ чизҳои зарурирo хонда бо қоидаҳои грамматикӣ шинос гардиданд ва худашон ибора ва ҷумлаҳо тартиб дода метавонистагӣ шуданд, муаллим ба таҳлили ҷамъбасти материалҳои таълимӣ мегузарад. Бо ин мақсад аз чунин усулҳои назариявӣ омӯхтани забон истифода мебаранд:

| **Усулҳон назариявӣ омӯхтани забон** | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Сӯҳбат | Баён ва нақл | Ба таври мустақилона омӯхтани қоидаҳо аз китоби дарсӣ | Ҷудо намудани қоидаҳо | Таълими проблемавӣ |

Бояд гуфт, ки таснифоти болоии усулҳои омӯзиш як дараҷа шартист, зеро дар вақти истифодаи ҳар як усул унсури усулҳои дигарро ба кор бурдан мумкин аст.

## 2.1. Усулҳои амалӣ омӯхтани забон: шарҳи калимаҳои душворфаҳм

Маълум, ки объекти (чизи) асосии омӯзиш дар дарсҳои забони модарӣ калима, ибора ва ҷумла мебошад. Калима дар машғулиятҳои забони модарӣ аз нуқтаи назари лексикӣ, фонетикӣ ва грамматикӣ муайян карда мешавад.

Лаҳзаи аввалини кор бо калима дар мактаб равшан намудани маънои он мебошад. Агар хонанда маънои калимаро нафаҳмад, вай минбаъд ҳангоми гузаронидани таҳлили фонетикӣ ва грамматикӣ дар навиштани он ғалат содир мекунад. Сониян, онро дар мавридаш дар нутқи худ истифода карда наметавонад.

Дар эзоҳи калимаҳои душворфаҳм аз чунин тарзҳои методӣ истифода бурдан мумкин аст:

а) иваз намудани калимаи ношинос бо синоними он, агар бошад;

б) шарҳи мантиқии калима ва эзоҳи он дар таркиби ибора;

в) таҳлили таркиби он калима;

г) аз назму наср овардани мисолҳо.

Барои мисол калимаи «саодатмандӣ»-ро аз назар мегузаронем. Агар хонандагон маънои ин калимаро нафаҳманд, калима бо муродифҳояш: хушбахтӣ, некбахтӣ иваз карда мешавад. Сонӣ, маънои онро шарҳ додан мумкин аст.

Саодатмандиеро, ки ту дорӣ, араб дар хоби ширинаш надидааст (Мирзо Турсунзода).

Баъд таркиби ин калима муайян карда мешавад: аз решаи саодат, суффиксҳои манд ва ӣ сохта шудааст.

Пас калимаи сохта мебошад, ки ба воситаи пасванди-ӣ сохта шудааст.

Ё ки калимаи «саҳм»-ро мегирем.

Синонимҳои «саҳм» ҳисса, расама мебошанд. Калимаи саҳм маъноҳои қисм, ҳисса, ҳақ ва ҷузъро низ дода метавонад.

Калимаи сода буда, танҳо аз як реша иборат аст. Муаллимро зарур аст, ки дар ҳар як дарс калимаҳои душворфаҳмро шарҳу эзоҳ диҳад.

## Кор бо луғат

Яке аз вазифаҳои хеле муҳими муаллимони забони модарӣ он аст, ки аз машғулиятҳои аввалин сар карда ба хонандагон тарзи бо луғатҳо ва адабиёт кор карданро ёд диҳанд ва омӯзонанд. Вале мутаассифона, бисёр муаллимон ба ин масъала рӯякӣ рафтор карда, тарзи истифода аз луғатҳоро ба шогирдон дуруст ёд намедиҳанд. Аксарияти хонандагоне, ки мактаби миёнаро хатм кардаанд, аз луғатҳо (фарҳангҳо) истифода карда наметавонанд.

Ҳангоми кор бо луғат муаллим бояд аз чунин усулҳо истифода намояд:

1. Нишон додани луғатҳо ба хонандагон.
2. Нақл дар бораи вазифа ва моҳияти хелҳои луғат.
3. Шинос намудани хонандагон бо хелҳои луғатҳо ва тарзу техникаи кор бо онҳо.
4. Ҳамчун намуна аз луғат ёфтани ин калимаҳо аз тарафи муаллим ва хонандагон.
5. Донистани алифбо ва зарурати он.
6. Супориши муаллим додаро иҷро намудани хонандагон ба воситаи луғат.
7. Хизмати муаллифони луғатро кайд кардан ва нишон додани муаллим.

Масалан, муаллим ба хонандагон мефармояд, ки аз луғати орфографӣ 20-то калимаи аломати сактадорро

нависанд, ё ки аз он калимаҳои ҳамрешаро ҷудо намоянд.

Агар кор бо луғати синонимӣ бошад, аз хонандагон талаб карда мешавад, ки синонимҳои калимаҳоро ёбанд. Китобхонаи мактаб бояд луғатҳои орфографӣ, синонимӣ, луғати калимаҳои хориҷӣ, фарҳанги забони тоҷикӣ, тоҷикӣ-русӣ, русӣ-тоҷикӣ ва амсоли инҳоро дошта бошад.

**Дафтари луғати хонандагон**

Яке аз роҳҳои бой гардонидани захираи луғавии хонандагон дар дарсҳои забони модарӣ ташкил ва ба роҳ мондани дафтари луғат аст. Дафтари луғати хонандагон хусусияти шарҳдиҳии маънои калима ва имлои онро дорад. Ҳар як хонанда бояд дафтари луғат дошта бошад. Вале аз мушоҳида ва таҷрибаи мактабҳо маълум аст, ки аксарияти муаллимони забони модарӣ ба ин масъала эътибор намедиҳанд. Дар бисёр мактабҳо хонандагон дафтари луғат надоранд, ҳол он ки дафтари луғат дар бой гардонидани захираи луғавии хонандагон ва аз худ кардани имлои калимаҳо роли муҳим мебозад. Пӯшида нест, ки худи ба дафтар навиштани калимаҳо оғози машқ аст. Хонандагон бояд чунин луғатҳои шахсӣ дошта бошанд:

1. Луғати орфографӣ.
2. Луғати тафсирӣ.
3. Луғати мавзуӣ.

Албатта, ҳар сеи ин луғатро якҷоя гирифта бурдани хонандагон душвор аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки ин луғатҳоро якҷоя карда дафтари «Луғати калимаҳои душвор» тартиб додан беҳтар аст.

Муаллим бояд аз болои дафтари луғати хонандагон назорат бурда, давра ба давра онро тафтиш карда истад. Хонандагон дар дафтар калимаҳоро муво-

фиқи алифбо бояд нависанд. Он калима- луғатҳо бояд аз тарафи хонандагон азёд карда шаванд.

Баъди ин ки муаллим дар тахтаи синф калимаҳои навро навиштаю эзоҳ дод, хонандагонро лозим аст, ки онро ба дафтари луғаташон бардошта гиранд ва азёд намоянд.

### Тартиб додани ибора ва ҷумлаҳо

Тартиб додани ибора ва ҷумлаҳо аз калимаҳои додашуда яке аз усулҳои амалӣ омӯхтани забон ба ҳисоб меравад. Муаллим ба хонандагон мувофиқи талаботи мавзӯъ ҳамчун намуна аз калимаҳои ҷудогона сохтани ибораро нишон медиҳад. Масалан, аз калимаи «модар» якчанд ибора созед: модари меҳрубон, модари ғамхор, модари доно, модари меҳнатдӯст ва ғайра.

Баъд хонандагон аз калимаҳои дигар худ низ ибораро месозанд. Сипас бо ин роҳ, аз калима ва ибораҳо ҷумлаҳо тартиб дода мешавад. Ин кор хонандагонро водор менамояд, ки эҷодкор бошанд, аз худ мисолҳо оварда тавонанд ва аз ҳама муҳимаш он ки бештар андеша ронанд, фикри худро инкишоф диҳанд. Аз ин намуди кор дар ҳар як машғулияти забони модарӣ истифода намудан лозим аст, зеро эчодкорӣ аз муҳумтарин омилҳои инкишофи фикр ба шумор меравад. Инро бояд дар ҳар як дарс ташкил кард. Худ сохтану худ тартиб додан воситаи муҳими пешрафти дониши хонандагон ба шумор меравад.

## 2.2. Усулҳои назариявӣ омӯхтани забон усули баён дар таълими забони модарӣ

Усули аз тарафи муаллим баён кардани мавзӯъ яке аз усулҳои асосӣ дар таълими забони модарӣ ба ҳисоб меравад.

Дар адабиёти илмӣ ва методӣ ин усулро бо номҳои «усули баён», «усули баёни муаллим», «гуфтори муаллим» ва «усули донишҳои тайёр» ишорат кардаанд. Дар

таҳти истилоҳи «баён» мафҳуми васеъ ба назар мерасад. Баёни муаллим дар дарс бо мақсади фаҳмонидани мавзӯи нав, чизҳои номаҳфум, васеъ намудани материалҳои китоби дарсӣ, ба саволҳои хонандагон ҷавоб додан, пурра намудани дониши хонандагон доир ба ин ё он фасли забони модарӣ истифода мешавад. Гуфтори муаллим хусусан ҳангоми баёни масъалаҳои душворфаҳми забони модарӣ роли асосӣ мебозад. Усули мавзӯъро баён кардани муаллим дар мавридҳои зерин кор фармуда мешавад:

1. Дар вақти таълими мавзӯъҳое, ки хонандагон дар бораи он умуман тасаввурот надоранд ё хеле кам медонанд. Масалан, мавзӯъҳои сифати феълӣ, феъли ҳол, намудҳои феъл, зарф, ҷумлаи мураккаб, нутқи айнан нақлшуда ва дигарҳоро бо ин усул таълим додан мумкин аст.

2. Дар вақти таълими мавзӯъҳое, ки нисбатан фаҳмондани онҳо душворанд.

3. Дар вақти баёни баъзе мавзӯъҳои оид ба таърихи забон вобаста буда ва шарҳи онҳо.

4. Ҳангоми мустаҳкам намудани бобҳои гузашта ё такрори мавзӯъҳо ва хулосабарорию ҷамъбасткунӣ.

Чи хеле ки мебинем, ин усул ҳангоми гузаштани мавзӯъҳои душвор истифода карда мешавад, чунки хонандагон бо роҳи сӯҳбат он мавзӯъҳоро аз худ карда наметавонанд. Ин усул ба таҳлили грамматикӣ ва мушоҳидаҳои забонӣ алоқаманд аст ва аз усули сӯҳбат бо он фарқ мекунад, ки таҳлил ва мушоҳида дар пеши назари хонандагон аз тарафи муаллим иҷро карда мешавад ва пас аз таҳлили материали грамматикӣ худи муаллим хулоса ва таърифот мебарорад. Дар дарсҳои забони модарӣ баёни муаллим бояд аз 5 то 10-15 дақиқаро дар бар гирад. Хонандагон маҳз дар асоси баёни муаллим мавзӯъҳои фанни забонро фаҳмида мегиранд.

Ҳангоми фаҳмонидани мавзӯъ роли асосиро гуфтаи муаллим мебозад. Аз ин рӯ, доир ба нутқи муаллим чунин талаботи педагогӣ ва методӣ муайян карда шудааст:

а) сухани муаллим бояд равшан, мундариҷанок, бурро, саҳеҳ, мураттаб ва мантиқан дуруст бошад. Муаллим бо гуфтори худ ба хонандагон таъсир расонда тавонад;

б) ба меъёри забони адабӣ мувофиқ бошад;

в) барои хонандагон намуна бошад;

г) ба ҳамаи хонандагон дастрас бошад.

Мувофиқи усули баён дарси забони модариро тахминан ба чунин лаҳзаҳо ҷудо кардан мумкин аст.

Дар давраи якум, пас аз ташкили дарс, пурсиши вазифаи хонагӣ ва хулосабарорӣ аз дарси гузашта муаллим мавзӯъро ба хонандагон фаҳмонида медиҳад.

Хонандагон бо диққат ба гуфтаи муаллим гӯш мекунанд. Вақти фаҳмонидани мавзӯъ муаллим доир ба қоидаҳои грамматикӣ ба тахтаи синф мисолҳо навишта ё бо мисолҳои тайёр онро мустаҳкам намояд. Мисолҳо бояд равшан, амиқ, боэътимод ва исботи таърифхо бошанд ва гуфтаҳои муаллимро боз ҳам равшану барҷастатар тасдиқ намоянд.

Дар давраи дуюми дарс муаллим аз 2-3 нафар хонанда хоҳиш менамояд, ки баёни ӯро такроран гуфта диҳанд. Ин корро албатта кардан лозим аст.

Давраи сеюми дарси забони модарӣ бо усули баён аз кор кардани машқҳои китоби дарсӣ дар тахтаи синф ё дафтари кори синфӣ иборат аст, ки онро лаҳзаи кори мустақилонаи хонандагон ё мустаҳкамкунӣ меноманд. Дар ин лаҳза хонандагон вобаста ба мавзӯъ машқҳои гуногунмазмунро иҷро менамоянд. Муаллим роҳи иҷрои корро фаҳмонида рафти кори мустақилонаро назорат мекунад, тарзи иҷрои онҳоро мефаҳмонад.

Давраи чоруми дарс бо усули баён аз ҷамъбаст кардани мавзӯи гузашташуда ва шарҳи луғат ва истилоҳҳо ва таърифҳои грамматикӣ иборат аст. Ва, ниҳоят лаҳзаи охирин баҳогузорӣ ва супориши вазифаи хонагӣ мебошад.

Усули баён хусусиятҳои худро дорад. Вақте ки муаллим ба баёни мавзӯи нав сар мекунад, дар асоси ин усул аввал таърифи грамматикиро ба хонандагон фаҳмонида, баъд ба воситаи мисолҳо он қоидаро исбот мекунад. Усули аз тарафи муаллим баён кардани мавзӯъро усули дедуктивӣ ҳам меноманд.

Дедуксия ба маънои аз муҳокимаҳои умумӣ, яъне таърифҳои грамматикӣ ба муҳокимаҳои хусусӣ - мисоли грамматикӣ, аз кулл ба ҷузъ, аз бутун ба қисм ва аз мураккаб ба содда гузаштан мебошад.

Аз ин усул дар мавридҳое истифода карда мешавад, ки ин ё он таърифи грамматикиро ба хонандагон дар шакли тайёр бо мисолҳои ҷудогона фаҳмонидан мумкин бошад.

Ҳамин тавр, усули баён дар таълими забони модарӣ мавқеи алоҳида дошта, интихоби он ба муаллим ва табиати мавзӯи таълимӣ пайвастагӣ дорад. Вале ҳаминро ҳам фаромӯш набояд кард, ки таъсирбахшию самаранокии ин ё он усул ба масъалаҳои зерин вобаста аст:

а) мундариҷаи материали омӯхташаванда;

б) хусусияти синф, тайёрии хонандагон ва ҳаҷми материал;

в) маҳорату истеъдоди муаллим;

г) ба донишу қобилият ва истеъдоди хонандагон низ алоқаманд мебошад.

## 2.3. Усули сӯҳбат

Сӯҳбат аз усули серистеъмоли фанни забон буда, аксари мавзӯъҳои забони тоҷикиро муаллимон бо ин усул таълим медиҳанд.

Аз ин усул одатан, муаллимон дар дарсҳои баёни материали нав, мустаҳкамкунии донишҳои гирифташуда, дарсҳои санҷишӣ ва такрор бештар истифода мебаранд, чунки табиати ин дарсҳо инро талаб мекунанд.

Усули сӯҳбатро бо роҳи саволу ҷавоб омӯзонидани мавзӯъ мегӯянд. Усулҳои сӯҳбат ва баён бо ҳам вобастагӣ дошта, яке дигареро пурра мекунанд. Муаллим дар вақти фаҳмонидани ин ё он мавзӯъ бештар ҳамин ду усулро ба кор мебарад.

Усули сӯҳбат аз усули баён бо чунин хусусиятҳояш фарқ мекунад:

а) Агар дар усули баён, таҳлил ва мушоҳида дар пеши назари хонандагон иҷро карда шуда, пас аз таҳлили материали грамматикӣ худи муаллим хулосаҳо барорад, дар усули сӯҳбат ҳам муаллим ва ҳам хонандагон дар ҳалли мавзӯъ фаъолона иштирок мекунанд, чунки мавзӯи нав бо роҳи саволу ҷавоб аз худ шуда, бо ин мақсади дарс муайян карда мешавад.

б) Дар усули баён хонандагон дар ҳалли мавзӯъ иштирокчии фаъол набуда, танҳо сухани муаллимро гӯш мекунанд, аммо дар усули сӯҳбат хонандагон ба саволҳо чавоб медиҳанд ва худ низ савол ҳам медиҳанд, яъне дар ҳалли мавзӯъ фаъолнокӣ зоҳир мекунанд. Маълум аст, ки хонандагони синфҳои V-IX захираи луғавии бой надоранд. Баъзан барои баён кардани чизҳои оддӣ мушкилӣ мекашанд, фикрашонро дуруст ва пурра баён карда наметавонанд. Бино бар он яке аз вазифаҳои асосии муаллимони забони модарӣ он аст, ки нутқ ва захираи луғати хонандагонро бой гардонида, фаҳмиш ва хотираи онҳоро инкишоф диҳанд. Саволҳои муаллим дар асоси ин усул талабагонро ба фикр кардан, ҷустуҷӯ намудан водор месозад, рӯҳияи онҳоро баланд мебардорад.

Усули сӯҳбат бояд дар асоси накшаи муайян гузаронида шавад ва роҳҳои гузаронидани сӯҳбатро донистани муаллим ҳатмист.

Муаллим бояд аввал мисолҳои ба мавзӯи нав наздикро дар асоси саволу ҷавоб ҳал намуда, баъд хусусияту нишонаҳои онро маълум намояд. Дар охир аз мавзӯъ хулоса бароварда таърифи онро шарҳ диҳад.

Бартарии усули сӯҳбат аз усулҳои дигари таълимӣ низ дар он аст, ки вай барои фаҳмонидани мавзӯъҳо иштироки фаъолонаи хонандагонро таъмин менамояд. Муаллим ба ин восита мефаҳмад, ки хонандагон мавзӯъҳои гузаштаро то кадом дараҷа аз худ кардаанд ва бо кадоме аз онҳо боз иловагӣ кор бурдан лозим меояд.

Сӯҳбати муаллим бо хонандагон бояд гуногуншакл бошад. Дар баъзе мавридҳо муаллим дар бораи он қоидаву қонунқои забон сӯҳбат мегузаронад, ки ба хонандагон қисман маълум буда, дар таҷриба дидаанд ва медонанд, аммо ҳанӯз онро дар тафаккури худ ба системаи муайян надаровардаанд ва бино бар он ба тарзи мунтазам баён карда аз он хулоса бароварда наметавонанд. Аз ин рӯ, ба муаллим лозим меояд, ки бо роҳи сӯҳбат ин гуна қоида ва қонунҳои забонро, ки хонандагон ҳанӯз аз он мустақилона хулоса бароварда наметавонанд, дар тафаккури онҳо ҷойгир намояд.

Қайд кардан зарур аст, ки усули сӯҳбат дар машғулиятҳои забон бо мушоҳида ва таҳлили грамматикии матнҳое, ки аз тарафи муаллим пешниҳод карда мешавад, ё аз рӯи супориши муаллим худи хонандагон интихоб мекунанд, бояд алоқаманд бошад, яъне аввал мисолҳо таҳлил карда шуда, баъд аз он ба қоида ва хулосаҳо гузашта, диққати хонандагон ба воситаи мисолҳои конкретӣ ба ҳалли мавзӯъ ҷалб карда шавад.

Сӯҳбат се хел мешавад: а) сӯҳбати хабардиҳанда, б) сӯҳбати эвристикӣ, в) сӯҳбати аз нав бахотироранда.

1. Сӯҳбати хабардиҳанда чунин сӯҳбатест, ки дар он муаллим баъзе фактҳои навро ба хонандагон маълум менамояд. Дар ин маврид муаллим ба донишҳои аз таҷриба ҳосилкардаи хонандагон такя намуда, онҳоро ба сӯҳбат ҷалб мекунад. Хонандагон баъди ин ба саволҳои муаллим ҷавоб дода масъалаҳои заруриро фаҳмида мегиранд.

2. Дар сӯҳбати эвристикӣ муаллим бо саволҳои худ хонандагонро водор менамояд, ки доир ба масъалаи пешниҳодшуда фикри шахсии худро гӯянд ва ба хулосае оянд. Ин кор албатта бо ёрии муаллим иҷро карда мешавад. Дар рафти сӯҳбат хонандагон на фақат ба саволҳои муаллим ҷавоб мегӯянд, балки худ низ саволҳо медиҳанд.

Сӯҳбати эвристикиро ҳангоми таълими мавзӯъҳои душвор бештар истифода мебаранд. Ба тарзи саволу ҷавоб ҳал кардани мавзӯъро методӣ сукротӣ низ меноманд (аз номи файласуфи Юнони қадим Сукрот гирифта шудааст).

3. Сӯҳбати аз нав бахотироранда низ дар шакли саволу ҷавоб гузаронида мешавад. Мақсади ин сӯҳбат такрор ва мустаҳкам кардани мавзӯъҳои омӯхташуда буда, ҳангоми сӯҳбат мавзӯи нав гузашта намешавад. Ин сӯҳбатро муаллимон дар хели дарсҳои такрори материалҳои омӯхташуда, санҷишӣ ва ҷамъбастӣ бештар истифода мебаранд.

Барои бомуваффақият гузаронидани сӯҳбат ҳар як муаллим бояд ба тарзи гузориши савол эътибор диҳад. Ҳангоми тартиб додани саволҳо ба талаботи дидактикии он риоя бояд кард, яъне: а) савол аниқ ва мазмунан ба хонандагон фаҳмо бошад; б) савол пурра бошад ва хусусияти духӯра надошта бошад; в) ҳар як савол як ҷавоб талаб кунад; г) савол ба инкишофи зеҳн ва тафаккури эҷодии хонандагон ёрӣ расонад; ғ) ҷавоби хонандагон ба саволҳо бояд пурраву мундариҷанок ва ботартиб бошад.

Мувофиқи усули сӯҳбат дарси яксоатаи забони модариро тахминан чунин гузаронидан мумкин аст.

Дар давраи якуми дарс баъди пурсиши вазифаи хонагӣ ва хулосабарорӣ муаллим ба хонандагон дар тахтаи синф мисолҳо нишон медиҳад ва хонандагон онро аз назар гузаронида мушоҳида мекунанд.

Дар лаҳзаи дуюм мисолҳо бо роҳи сӯҳбат таҳлил карда мешаванд. Дар вақти таҳлили мисолҳо аз воситаҳои дидактикӣ, масалан, аёният, таблитса, схема, суратҳо, бӯрҳои ранга, тарзҳои муқоиса ва муқобилгузорӣ истифода бурда мешаванд.

Пас аз таҳлил, дар давраи сеюм дар асоси он мисолҳо, таърифи грамматикӣ гуфта мешавад. Таърифот ва истилоҳҳои нави грамматикӣ бо саволу ҷавоб мустаҳкам карда мешаванд. Муаллим чӣ тавр ба амал татбиқ намудани чизҳои гуфташударо амалан нишон медиҳад.

Давраи чоруми дарс бо усули сӯҳбат аз кори мустақилонаи хонандагон, яъне иҷрои машқҳо оид ба мавзӯъ иборат аст.

Давраи панҷум ҷамъбасти дарс, супориши вазифаи хонагӣ ва фаҳмонидани он мебошад. Пас аз супориши вазифаи хонагӣ баҳо ба ҷавобҳои хонандагон гузошта мешавад.

Усули сӯҳбатро вобаста ба хусусияташ усули индуктивӣ низ меноманд. Индуксия аз муҳокимаҳои ҷудогона ё хусусӣ ба муҳокимаи умумӣ гузаштан аст. Чизи хусусӣ, сода, ҷузъ мисоли грамматикӣ буда, чизи умумӣ, мураккаб, кулл қоидаву таърифоти грамматикӣ мебошад. Ин усул талаб мекунад, ки аз мушоҳида, таҳлили мисолҳо ва кори амалӣ ба назария, ба қоидаю таърифоти грамматикӣ гузашта шавад.

Усули индуктивӣ дар мавридҳое кор фармуда мешавад, ки дар он вақт, масалан, аз муҳокимаи овозҳо, калимаҳо ва ҷумлаҳои ҷудогона оид ба ин ё он таърифи грамматикӣ хулосаҳои умумӣ баровардан

мумкин бошад. Бино бар ин усули индуктивӣ ё сӯҳбатро усули мушоҳидаи забон низ меноманд.

Ҳамин тавр, усули сӯҳбат на танҳо барои фаҳмонидани мавзӯи нав, балки барои такрор ва мустаҳкам кардани мавзӯъҳои гузашта ҳам аҳамият дорад.

Муаллим ба воситаи сӯҳбат мавзӯъҳои гузаштаро пурратар карда, хулосаҳои даркорӣ мебарорад ва дониши хонандагонро мустаҳкам менамояд. Албатта, дар ҳамаи навъҳои сӯҳбат гузаронидани таҳлили грамматикӣ дар мади аввал меистад. Талабагон дар таҳлил фаъолона иштирок намуда, худ мустақилона хулосаҳо мебароранд. Барои ин роҳҳои гузаронидани сӯҳбатро донистани муаллим шарт аст.

Сӯҳбат дар синфҳои ҷудогона, вобаста ба ҳаҷм ва хусусияти мавзӯи таълим вақти кам ва ё зиёдро мегирад. Масалан, сӯҳбати муаллим дар синфхои У-У1 аз 7 то 15 ва дар синфҳои У11-У111IХ- Х-Х1 аз 10 то 25 дақиқаро бояд ташкил намояд.

## 2.4. Таълими проблемавӣ

Муаллимони фанни забони тоҷикӣ мавзӯъҳоро одатан, ё бо усули сӯҳбат, ё бо усули баён таълим медиҳанд. Ин ду усули таълим аз солҳои сиюми асри XX сар карда амал мекунад ва ҳамеша дар алоқамандии якдигар истифода мешавад.

Солҳои охир дар таълими фанни забони тоҷикӣ усули дигаре ба вуҷуд омад, ки онро таълими проблемавӣ меноманд. Усули мазкур солҳои 1967- 1970 ҳамчун таҷрибаи пешқадами муаллимони шаҳри Қазон эътироф шуда, ҳоло дар бисёр мактабҳои мамлакатамон аз он бомуваффақият истифода мекунанд. Ин усул дар шароити имрӯза аз усулҳои муҳим ва қобили таваҷҷӯҳ ба шумор рафта, тарзи ташкил ва гузаронидани он аз муаллим дониши устувор, таҷрибаи бой ва маҳорати хуб талаб мекунад. Таълими проблемавӣ дар бобати баланд бардоштани сифати таълим, амиқу

устувор омӯхтани мавзӯъҳо ва инкишофи тафаккури эҷодии талабагон аз ҳар ҷиҳат ёрии амалӣ мерасонад.

Моҳияти ин усул аз он иборат аст, ки ба дониши пештараи хонандагон такя карда, пас аз таҳлили он ба хулосае омада, дар охир фаъолияти эҷодии шогирдон инкишоф дода мешавад. Ин усул имконият медиҳад, ки мазмуни супоришҳо ба хонандагон фаҳмо, дастрас ва мароқангез гардад. Хонандагон супоришҳоро бо тарзҳои махсуси пешниҳодшуда ҳал карда, ҳис кунанд, ки гӯё барои худашон ҳодисаи наверо кашф мекунанд, аз ҷамъи фикрҳо хулосаҳои зарурӣ мебароранд.

Муаллимони соҳибтаҷриба ва пешқадаме, ки аз ин усул истифода менамоянд, ба чунин хулоса омадаанд, ки донишҳои хонандагоне, ки бо роҳи проблемагузорӣ таълим гирифтаанд, нисбат ба дониши хонандагоне, ки бо усулҳои баён ва сӯҳбат таълим гирифтаанд, фарқ мекунад. Муаллими забони русии яке аз мактабҳои шаҳри Қазон Закирьянов К.З. дар хусуси моҳияти ин усул чунин навиштааст: «Мавриди таълим ман ба хонандагон мавзӯи тайёрро нақл карда намедиҳам, балки хонандагон ҳангоми кори мустақилона ба тарзи эчодкорӣ ва ҷустуҷӯи шахсӣ, худ сохтану худ фикр кардан мавзӯъро фаҳмида мегиранд. Инро ташкил карда тавонистан лозим аст. Вай худ аз худ ба даст намеояд. Агар мо ин усулро мувофиқи нишондоди методикаи таълим ба роҳ монем, он гоҳ тафаккури эҷодии хонандагон ва мустақилияти онҳоро баланд бардошта метавонем»[30].

Муаллими пешқадами мактаби миёнаи №7 роҳбари иттиҳодияи методии муаллимони эабону адабиёти шаҳри Хуҷанд шодравон Мақсудҷон Қосимов ҳангоми сӯҳбат аҳамияти таълими проблемавиро чунин муайян намуд. Таълими проблемавӣ, ки солҳои охир дар мактаб ҷорӣ гардидааст, моро водор менамояд, ки ба

[30] Закирянов К.З. Русский язык в школе, 1969. №6. –С.27.

машғулиятҳо боз ҳам бештар тайёрӣ бинем, роҳҳои нави фикркунии хонандагонро ҷустуҷӯ намоем. Ин усул, аз як тараф, имконият медиҳад, ки хонандагон дар натиҷаи андеша ва ҷустуҷӯҳо мустақилона масъаларо ҳал кунанд, қоидаҳои грамматикаро фаҳмида аз худ намоянд, аз тарафи дигар, онҳо роҳҳои аз худ кардани мавзӯъро ёд мегиранд ва донишу малакаи мустаҳкам ба даст медароранд ва аз ҳама муҳимаш он аст, ки ба ҳар як масъалаи гузошташуда фикри шахсии худро баён мекардагӣ мешаванд.

Таълими проблемавиро чӣ тавр ташкил кардан ва ба роҳ мондан мумкин аст? Лаҳзаҳои он чӣ гуна аст?

Дар дарсҳои забони модарӣ барои ташкили таълими проблемавӣ муаллимро зарур аст, ки ба масъалаҳои зерин эътибор диҳад.

Аввалан, муаллим бояд вазъияти проблемавӣ ба вуҷуд оварда тавонад, ки он лаҳзаи муҳим ва асосии дарс ба ҳисоб меравад. Баъди ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ дар назди муаллим вазифаи дигар меистад, ки он ҷудо кардан ва гузориши проблема аст.

Лаҳзаи дигар ҳалли проблема дар асоси мисолҳои пешкашнамудаи муаллим мебошад. Ҳалли мисолҳо ба тарзи гузориши проблема вобаста аст. Баъди ин лаҳзаи тафтиш дурустӣ ё нодурустии мисолҳо ба миён меояд. Дар охир хулосаҳои хонандагон бо таърифҳои грамматикии китоби дарсӣ муқоиса карда мешаванд.

Дар адабиёти методии русӣ лаҳзаҳои дарси проблемавиро тақрибан чунин нишон додаанд:

1. Муайян намудани проблемаи таълимӣ;
2. Ташкил кардан ва ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ, ки дар ин лаҳза хонандагон доир ба масъалаи пешниҳодшуда фикру андеша мекунанд;
3. Ҳалли проблемаи гузошташуда ва роҳҳои исботи он;

4. Мустаҳкамкунии мавзӯъ, ки онро кори мустақилонаи хонандагон ҳам меноманд ва он бояд характери эҷодӣ дошта бошад.

Доир ба ҳар як мавзӯи забони модарӣ таълими проблемавиро ба кор бурдан мумкин аст. Ғайр аз ин ҳангоми иҷрои матнҳои характери гуногун дошта ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ айни муддаост. Муаллим пеш аз баёни мундариҷаи мавзӯъ аз ахбороти тайёр даст кашида, фикру зеҳни худи талабагонро ба кушодани мавзӯи таълимӣ равона месозад. Ба воситаи иҷрои машқҳои гуногун хонандагон ба мустақилона баён кардани фикр ва хулоса баровардан одат карда, дар як вақт қоида ва қонунҳои забони модариро бошуурона ҳазм мекунанд, ки ин завқи онҳоро ба дарсҳо афзун менамояд. Эҷодкорӣ қисми зиёди кори мустақилонаро бояд дар бар гирад.

Таълими проблемавиро бо чунин роҳу воситаҳо ҷорӣ намудан мумкин аст. Ба воситаи гузоштани саволҳои проблемавӣ. Савол бояд хонандагонро ба фикр кардан водор намояд ва характери эҷодӣ дошта бошад. Савол шакли махсуси фикр аст, ки байни донистан ва надонистан меистад, саволҳоро аз рӯи характери ифодашавиашон ба 3 гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

а) саволҳое, ки бевосита барои инкишофи хотири хонандагон дода мешаванд: Исм чист?, Сараъзоҳо кадомҳоанд? Ҷумлаи мураккаби тобеъ чист? ва ғайраҳо.

б) саволҳо-супоришҳое, ки фикри хонандагонро дар асоси дониши пештараашон инкишоф медиҳанд: Ҷумларо тағйир диҳед, ки мубтадо дар мобайн ояд. Аъзоҳои ҷумларо номбар кунед ва мисолҳо оред;

в) саволҳое, ки хонандагонро барои фикр кардан водор менамоянд ва дар асоси он дониши нав мегиранд: Дар нутқ феълро барои чӣ истифода мебарем? Чаро сифат ҳамеша бо предмет меояд? Инро чӣ тавр мефаҳмед? ва ғайраҳо.

Дар таълими проблемавӣ диққати муаллим бештар ба он равона карда мешавад, ки хонандагон мустақилона дар асоси мисолҳо қоидаи грамматикӣ баровара тавонанд.

Ин корро танҳо бо усули индуктивӣ ҳал кардан мумкин аст. Дар ин маврид хонандагон мисолҳоро бо ҳам муқоиса намуда таҳлил мекунанд ва хулосаҳо мебароранд. Муаллим бошад, ба воситаи савол ба шогирдон ёрӣ мерасонад ва онҳоро маҷбур менамояд, ки ба савол ҷавоб гардонанд. Бе саволу ёрии муаллим онҳо ин ё он масъаларо ҳал карда наметавонанд. Хонандагон қоидаи грамматикиро мефаҳманд, вале онро дар амал татбиқ карда наметавонанд. Барои дар амал ҷорӣ намудани қоидаҳо муаллим аз усули дедуксия истифода мебарад. Оҳиста-оҳиста хонандагон аз мисолҳо қоида мебаровардагӣ мешаванд. Яке аз лаҳзаҳои хеле муҳими дарс бо усули проблемавӣ гузаронида шуда, ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин лаҳза муаллим ба назди хонандагон вазифа - проблема мегузорад ва хонандагон ҳаракат мекунанд, ки онро мустақилона ҳал кунанд, вале аз сабаби надоштани таҷриба ва дониши кофӣ дар ҳалли он душворӣ мекашанд. Хонандагон фикр мекунанд ва роҳҳои ҳалли онро ҷустуҷӯ менамоянд. Чӣ тарз ва бо кадом роҳ

ҳал кардани он душворӣ проблема ҳисобида мешавад. Дар ин маврид саволи «Чӣ бояд кард?» ба миён меояд.

Вазъияти проблемавиро дар дарс чӣ гуна ба вуҷуд овардан мумкин аст? Роҳҳои ташкили вазъияти проблемавӣ гуногун мебошад.

Баъзе муаллимон ҳангоми муқоисаи фактҳои грамматикӣ, бархе ҳангоми супоридани машқҳо, ки иҷрои он эҷодкорӣ талаб мекунад ва гурӯҳи дигар ба воситаи саволгузорӣ ва гурӯҳи чорум вақти баёни мавзӯъ ҳолати проблемавиро ба миён меоваранд.

Бояд донист, ки машқҳои характери эҷодӣ дошта аз машқҳои оддӣ фарқ мекунанд, зеро гуруҳи якуми машқҳо ба гирифтани дониши нав нигаронида шуда хусусияти ҷустуҷӯӣ - эҷодӣ доранд. Ба воситаи онҳо хонандагон ба мустақилона гирифтани дониши нав ва тарзи нави ҳалли проблема кӯшиш мекунанд.

Инак, барои донишҷӯён ва муаллимон як дарси проблемавиро дар асоси мавзуи «Сифат ва хелҳои он» дар синфи V пешкаш менамоем.

Мавзӯи «Сифат» ҳам дар синфи IV хам дар синфи VI омӯхта мешавад. Муаллим баъди сухани муққадимавӣ, яъне муайян кардани моҳияти ин ҳиссаи нутқ мақсади дарсро маълум менамояд. Сонӣ дониши пештараи хонандагонро хотиррасон намуда, аз он хулосаҳо мебарорад. Дар тахтаи синф сарлавҳаи «Худатон муайян кунед» бо асбоби аёнӣ овехта мешавад, ки дар зери он чунин саволҳо навишта шудаанд:

1. Сифат бо кадом ҳиссаи нутк алоқа дорад ва чаро?
2. Сифат ба кадом ҳиссаи нутқ тобеъ аст?
3. Сифат чиро ифода мекунад ва ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад?
4. Сифат дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзои ҷумла меояд?
5. Сифат дар нутқи шифоҳӣ серистеъмол аст ё камистеъмол?

Барои ҷавоб гардонидан ба ин саволҳо муаллим ба хонандагон варақаҳо месупорад, ки онҳо пешакӣ тайёр карда шуда, супоришҳои гуногун доранд: матнро хонед ва таҳлил кунед, ибораҳои сифат доштаашро навишта гиред. Фикр кунед ва ба ду саволи аввал ҷавоб гардонед. Гуфта диҳед, ки ба саволҳо бо кадом роҳ ҷавоб ёфтед ва онро чӣ хел муайян кардед?

Маълум, ки хонандагон дар бораи сифат маълумоти умумӣ ва нопуррае доранд ва бе мушкилӣ аз матн сифатҳоро бо иборааш ёфта саволҳо мегузоранд. Бо ин

роҳ ба ду саволи аввал ҷавоб мегардонанд. Хонандагон тадриҷан ба саволҳо ҷавоб гардониданро ёд мегиранд. Хамин тариқ, лаҳзаи ба проблема ҷавоб гардонидин сар мешавад. Муаллим дар ин лаҳза бояд ҳамаи хонандагон, хусусан, хонандагони сустхонро зери назорат гирад.

Муаллим ба шогирдон мефармояд, ки аз калимаҳои сифатии ёфтаашон ҷумлаҳо тартиб диҳанд. Хонандагон мустақилона ҷумларо тартиб дода, беҳтарини онҳоро ба таври умумӣ менависанд. Ҳамин тарик, ба қоидаи сифат наздик мешаванд. Ҷустуҷӯ давом мекунад, мушкилиҳо зина ба зина бартараф мешаванд, аз як лаҳза ба лаҳзаи дигари мушкилтаре мегузаранд. Дар ин лаҳза муаллим бояд ба ҳисоб гирад, ки хонандагон аз ӯҳдаи мустақилона аз худ кардани мавзӯъ баромада метавонанд ё не. Донишу қувваашон ба ҳалли проблема мерасад ё не. Дар ҳолати душворӣ кашидан ба хонандагон ёрӣ расонида мешавад. Бо ин мақсад супоришҳои ёрирасон пешниҳод карда мешавад.

Супориши ёрирасон: Сифат, одатан ба исм тобеъ аст ва онро шарҳу эзоҳ медиҳад. Сифат баъзан пеш аз исм низ меояд. Матне пешниҳод карда мешавад, ки дар он сифатҳо ба исм бо бандаки изофӣ ва бе бандаки изофӣ тобеъ шуда омадаанд: хонаи калон, гули сурх, дарвозаи оҳанин, калонтарин хона, зеботарин инсон ва ғайраҳо. Барои ба саволҳои сеюму чорум ҷавоб додан хонандагон ҷумлаҳои тартиб додаашонро хонда савол мегузоравд ва сифатҳояшро муайян мекунанд. Дар охир вазифаи синтаксисии онро мувофиқ фаҳмиши худ ва бо кӯмаки муаллим равшан менамоянд.

Баъди ин дар тахта таблитсаи хелҳои сифат овехта мешавад, ки дар он дар як сутун сифатҳои аслӣ ва дар сутуни дигар сифатҳои нисбӣ навишта шудаанд. Муаллим рӯи мисолҳоро мепӯшад ва аз хонандагон талаб менамояд, ки худашон барои он мисолҳо гӯянд. Баъди овардани мисолҳо рӯи таблитсаро мекушояд ва хонан-

дагон боварӣ ҳосил мекунанд, ки ба хелҳои сифат мисолҳои гуфтаашон дурустанд ё не.

Сипас, муаллим ба хонандагон мефармояд, ки дар мавзӯи «Фасли баҳор» ҷумлаҳое тартиб диҳанд, ки сифатҳо дошта бошанд. Ҷумлаҳои гуфтаи хонандагон муқоиса карда мешавад ва муаллим ҷумлаи услубан беҳтаринро дикта мекунад ва дигарон навишта мегиранд. Дар ин маврид муаллим ба хонандагон муроҷиат мекунад: Канӣ, кӣ дар асоси машқу супоришҳои иҷро кардаамон таърифи сифатро муайян мекунад? Хонандагон ба қоидаи исм такя карда, таърифи сифатро мувофиқи дониш ва фаҳмиши худ шарҳ медиҳанд.

Барои ба саволи охирин ҷавоб додан муаллим матни тайёрро мехонад. Қайд карда мешавад, ки сифатҳо, албатта, дар нутки хаттӣ ва даҳонӣ истифода бурда мешаванд.

Ҳамин тавр, ҳамаи саволҳои проблемавӣ ҳал карда шуда, хонандагон бо роҳбарии муаллим назарияро дар амалия татбиқ мекунанд.

Дар охир таърифи грамматикии хонандагон баровардаро муаллим бо таърифи китоби дарсӣ муқоиса менамояд.

Барои мустаҳкам намудани донише, ки хонандагон мустақилона ва эҷодкорона гирифтанд, машқҳо дода мешавад:

1. Синоними сифатҳои хуб, калон ва бадро ёбед ва бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

2. Антоними сифатҳои сафед, калон ва доноро муайян кунед.

3. Бо исмҳои дарахт, муаллим ва гул чортогӣ сифат ёфта, ибора созед.

Хонандагон дар ин лаҳзаи дарс, ҳангоми иҷрои супориш метавонанд аз луғатҳои имло ва тафсирӣ истифода кунанд.

Дар охири дарс муаллим дар асоси хулосаҳои шогирдон ва корҳои эҷодии онҳо мавзӯъро ҷамъбаст намуда, хонандагони фаъолро таъриф ва сустхонҳоро огоҳ менамояд.

Бояд қайд кард, ки бо ин усул ба роҳ мондани таълими забони точикӣ барои донишандӯзии хонандагон аҳамияти басо муҳим дорад ва вазифаи ҳар як муаллими забони модарӣ он аст, ки ба моҳияти ин усул сарфаҳм рафта, дар мавридаш аз он самаранок истифода барад.

## 2.5. Таҳлил ва хелҳои он дар дарсҳои забони тоҷикӣ ҳамчун усули таълим

Таҳлил ҳамчун усули омӯзиши забони модарӣ ва як намуди машқ барои омӯхтани грамматика, фонетика, лексика ва забони асарҳои бадеӣ роли муҳим мебозад. Дар асоси ин усул ҳодисаҳои забонӣ ва нишонаҳои асосии он, монанди категорияи грамматикӣ, шаклҳои грамматикӣ, гурӯҳҳои калимаҳо ва орфограммаҳо, таснифоти овозҳо аз нуқтаи назари грамматика, лексика, фонетика ва услубшиносӣ равшан карда мешаванд.

Дар дарсҳои забони тоҷикӣ аз чунин хелҳои таҳлил истифода мебаранд: таҳлили фонетикӣ, таҳлили лексикӣ, таҳлили фразеологӣ, таҳлили морфологӣ: таҳлили этимологӣ, таҳлили синтаксисӣ: таҳлили ибора, тахлили чумлаҳои сода, таҳлили ҷумлаҳои мураккаб, таҳлили орфографӣ, таҳлили услубӣ, таҳлили морфемагӣ, таҳлили ҳиссаҳаи нутқ, таҳлили таркиби калима.

Ҳар кадоми ин таҳлилҳо дар таълими забони тоҷикӣ мавқеъ ва мақоми ба худ хоси гузаронидан дошта, муаллим вобаста ба мақсад ва талаботи дарс дар мавридҳояш аз онҳо истифода мебарад.

Аз таҷрибаи мактабҳо маълум аст, ки дар таълими забони тоҷикӣ, одатан, муаллимон аз таҳлили грамматикӣ ва фонетикӣ нисбатан бештар истифода мекунанд, вале аз намудҳои дигари он қариб истифода кар-

да намешавад. Зарур аст, ки аз хелҳои дигари таҳлил низ дар дарсҳои забони тоҷикӣ истифода карда шавад.

Яке аз намудҳои таҳлил таҳлили грамматикӣ ба ҳисоб меравад, ки он воситаи хуби омӯхтани калима ва сохти он, ҷумла ва хелҳои он буда, барои бошуурона аз худ кардани имло ёрӣ мерасонад.

Таҳлил чунин тарзи машқ аст, ки ҳангоми иҷрои он хонандагон бо нишондоди муаллим аз матн ё ҷумлаю ибораҳои ҷудогона ҳодисоти грамматикиро муайян намуда, онро аз рӯи нишонаҳояш ба ин ё он гурӯҳи калимаҳо ҷудо карда, характеристикаи грамматикӣ медиҳанд, вай:

а) воситаи пурқиммати дар амалия ба хонандагон фаҳмонидани қоидаҳои грамматикӣ ва маълумоти нави грамматикӣ мебошад;

б) ба хонандагон имконият медиҳад, ки таърифоти грамматикиро бошуурона дар амал татбиқ намоянд;

в) дар инкишофи фикри эҷодии хонандагон, ба як нуқта муттаҳид намудани афкори хонандагон ва кори мустақилонаи онҳо кӯмак мерасонад;

г) воситаи муҳими мустаҳкам намудан ва санҷиши дониши хонандагон аз грамматика ва қисмҳои забон мебошад;

ғ) дар мустаҳкам намудани малакаҳои орфографӣ ва пунктуатсионии хонандагон ёрии амалӣ мерасонад.

Таҳлил донишҳоеро, ки хонандагон дар вақтҳои гуногун аз забон гирифтаанд, бо ҳам алоқаманд мекунад ва ба онҳо ёрӣ мерасонад, ки донишҳои пештараашонро бештар ва чуқуртар аз худ намоянд. Ҳангоми иҷрои таҳлил хонандагон гӯё ба лабораторияи забон дохил мешаванд ва бо намунаҳое, ки аз устодони сухан, адибон, донишмандон дар шакли ҷумлаҳо ва байтҳо гирифта шудаанд, шинос мешаванд. Таҳлил на фақат барои фаҳмонидани маънои ҳар як ҷумла ва сохти калима аҳамият дорад, балки вай барои аз забон ба тарзи эҷодӣ истифода бурдан низ кӯмак мерасонад.

Ғайр аз ин таҳлил барои бошуурона аз худ намудани қоидаҳои грамматикӣ ва имло низ ёрӣ мерасонад. Таҳлили грамматикиро мазмунан ба ду гурӯҳ ҷудо менамоянд:

1. Таҳлили морфологӣ.
2. Таҳлили синтаксисӣ.

**Таҳлили морфологӣ дар навбати худ боз ба ду тақсим мешавад:**

а) таҳлили таркиби калима

б) таҳлили ҳиссаҳои нутқ

**Таҳлили синтаксисӣ ба се ҷудо мешавад:**

а) таҳлили ибора,

б) таҳлили синтаксисии ҷумлаҳои содда,

в) таҳлили синтаксисии ҷумлаҳои мураккаб: пайваст, тобеъ, сертаркиб ва омехта.

**Аз ҷиҳати ҳаҷм низ таҳлили грамматикӣ ду хел мешавад:**

а) таҳлили грамматикии ҷузъӣ (нопурра)

б) таҳлили грамматикии куллӣ (пурра)

а) Дар таҳлили грамматикии ҷузъӣ ё нопурра ягон категорияи грамматикӣ, масалан, агар таҳлили таркиби калима бошад, ягон ҳиссаи калима пасванд ё пешванд, агар таҳлили ҳиссаҳои нутқ бошад, категорияи ҷудогонаи нутқ монанди феъл ё сифат ва агар таҳлили синтаксисӣ бошад, ягон аъзои ҷумла ё ибора таҳлил карда мешавад.

б) Дар таҳлили грамматикии куллӣ ё пурра бошад, категорияҳои грамматикии ҳиссаҳои нутк аз ҳар ҷиҳат пурра таҳлил карда мешаванд. Масалан, агар таҳлили куллии синтаксисӣ бошад, ҳамаи аъзоҳо, ифодаёбии онҳо бо ҳиссаҳои нутқ пурра муайян карда мешавад. Вобаста ба ҷои иҷро таҳлили грамматикӣ синфӣ ва хонагӣ мешавад.

Ғайр аз ин, дар таҷрибаи баъзе муаллимон ва мактабҳо таҳлили грамматикии интихобӣ низ дучор

меояд, ки он аз хонандагон мустақилият ва фаъолнокиро талаб менамояд. Ин намуди таҳлилро даҳонӣ ва хаттӣ гузаронидан мумкин аст дар таҳлили интихоби аз ҷумла ягон ҳиссаи нутқ ё аъзои ҷумла интихобан гирифта шуда пурра таҳлил карда мешавад, масалан, феъл, мубтадо ё хабар.

Дар таҷрибаи мактабҳо намуди дигари таҳлил таҳлили омехта низ дида мешавад. Хусусияти асосии ин таҳлил дар он аст, ки агар ҷумларо таҳлил синтаксисӣ кардан лозим бошад, хонанда сараъзо ва аъзои пайравро муайян намуда, инчунин бо кадом ҳиссаи нутқ ифода шудани онҳоро нишон медиҳад. Масалан, Ман китобро хондам. Ман - мубтадо, бо ҷонишини шахси якуми танҳо ифода шудааст, хондам - хабар, бо феъли замони гузашта, сигаи хабарӣ, шахси якуми танҳо, феъли гузаранда, тарзи фоил, намуди мутлак, сохташ содда ва ғайраҳо.

Таҳлили омехта, чунон ки аз номаш маълум аст, ҳам хусусияти таҳлили морфологӣ ва ҳам синтаксисиро дорад. Ин таҳлил бештар барои такрор ва мустаҳкам намудани бобҳои калони омӯхташуда истифода бурда мешавад.

Ҳангоми гузаронидани таҳлил баъзе муаллимон ба сохтакорӣ ва якрангӣ роҳ медиҳанд. Аксар вақт на ҳамаи калимаҳои дохили ҷумла пурра таҳлил карда мешавад. Таҳлили грамматикӣ вақте натиҷаи дуруст медиҳад, ки агар муаллим онро пай дар пай ва бо мақсади муайян гузаронида истад. Сониян, таҳлил бояд ба мавзӯи онрӯза ва пешина мантиқан мувофиқат кунад ва ба талаботи дидактикию методӣ ҷавоб дода тавонад. Таҳлил шавқу ҳаваси хонандагонро ба забон зиёд намояд ва барои инкишофи нутқи хонандагон ёрӣ расонад.

Таҳлили грамматикии хаттӣ ҳамчун намуди кори хаттӣ аз забони модарӣ ба ҳисоб меравад. Вале дар

дарсҳои забони модарӣ аз ин намуди таҳлил муаллимон хеле кам истифода мебаранд.

Ҳангоми гузаронидани таҳлили грамматикӣ бояд матнҳои бо ҳам алокаманди насрӣ ва манзум интихоб карда шавад. Ин гуна мисолҳоро аз китобҳои дарсии хонандагон, рӯзномаву маҷаллаҳо ва асарҳои бадеӣ, инчунин аз насри классикӣ интихоб намудан лозим аст. Шоҳбайтҳои адабиёти классикӣ низ манбаи асосии таҳлили грамматикӣ ба ҳисоб меравад ва муаллими забонро зарур аст, ки ба ин масъала эътибори ҷиддӣ диҳад. Бисёр вақт муаллимон барои таҳлил ҷумлаҳое меоваранд, ки ягон аҳамияти тарбиявӣ надоранд. Моро зарур аст, ки ба интихоби ҷумлаҳо диққати ҷиддӣ диҳем ва аз насру назми адабиёти бои классикиамон бебаҳра намонем. Ва ҳаминро ҳам бояд қайд кард, ки муаллим метавонад худ низ мисолҳо эҷод намояд.

Хелҳои таҳлилро дар нақшаи поёнӣ ба тариқи зайл нишон додан мумкин аст:



## Таҳлили фонетикӣ

Таҳлили фонетикӣ яке аз хелҳои таҳлили лингвистӣ ва қисми таркибии таҳлили грамматикӣ ба ҳисоб меравад. Вай воситаи муҳими мустаҳкам намудан, такрор кардан ва ҳулоса баровардан аз мавзӯъҳои фонетика буда, барои бошуурона аз худ кардани қоидаву қонуниятҳои фонетикӣ ба ҳонандагон кӯмак мерасонад.

Аз таҷрибаи мактабҳо маълум аст, ки муаллимони фанни забони тоҷикӣ ба гузаронидани таҳлили фонетикӣ эътибори махсус намедиҳанд ва танҳо дар баъзе мактабҳо муаллимони ҷудогона аз он истифода мебаранд.

Баъди он ки хонандагон бо мавзӯъҳои фонетика як дараҷа шинос гардиданд, таҳлили фонетикӣ гузаронида мешавад. Ҳангоми гузаронидани таҳлили фонетикӣ ба тарзи тартиби таҳлил риоя намудан лозим аст.

Дар аввал хонандагон калимаро аз дохили ҷумла ҷудо намуда, ҳар як овозро талаффуз мекунанд. Пас, аз чанд ҳиҷо иборат будани калима ва ҷои зада муайян карда шуда, ба ҳар як овоз характеристика дода, садонок, ҳамсадо, ҷарангдор ва беҷаранг будани онҳо гуфта мешавад. Дар охир микдори ҳарфҳо ва овозҳоро дар калима нишон додан матлуб аст. Муаллим оиди йотбарсарҳои й, ё, ю, я ва ду овоз додани онҳоро низ маълум менамояд.

**Тартиби таҳлили фонетикаии калима дар мактаби миёна**

1. Ҷудо кардани ҳиҷои калима, баста ё кушода будани ҳиҷо ва нишон додани ҳиҷои заданок.
2. Ёфтани овозҳои садонок, бо кадом ҳарф ифода шудани онҳо.
3. Овозҳои ҳамсадо: ҷарангдор ва беҷаранг, бо кадом ҳарф ифода шудани онҳо.
4. Муайян кардани микдори овоз ва ҳарф дар калима.
5. Мувофиқат кардани овоз бо ҳарф.

**Намунаи таҳлил:**

**а) Таҳлили даҳонӣ:**

Ватан: Калимаи ватан аз ду ҳиҷо: кушода ва баста иборат буда, задаро ҳиҷои дуюм қабул мекунад: ва-тан.

Овозҳои садонок: дуто буда, садоноки якум зада қабул намекунад, садоноки дуюм (а) зада мегирад. Ҳар ду садонок бо ҳарфи (а) ифода шудааст.

Овозҳои ҳамсадо: (в) - ҳамсадои ҷарангнок, бо ҳарфи «вэ» ифода шудааст, (т)- ҳамсадои беҷаранг, бо ҳарфи «те» ифода шудааст. (н) - ҳамсадои ҷарангнок, бо ҳарфи «эн» ифода шудааст. Дар калимаи «ватан» 5 ҳарф ва 5 овоз мавҷуд аст.

**б)Таҳлили хаттӣ:**

Ватан: калимаи ватан аз ду ҳиҷо: кушода ва баста иборат буда, задаро ҳиҷои дуюм қабул кардааст.

в - (вэ) - ҳамсадои ҷарангнок, бо ҳарфи «вэ» ифода ёфтааст,

а - (а) - садонок,

т - (те) - ҳамсадои беҷаранг,

а - (а) - садонок, зада кабул кардааст,

н - (эн) - ҳамсадои ҷарангнок, сонорӣ

5 ҳарф ва 5 овоз дорад.

Мисоли дигар:

**Таълим:**

**а) Таҳлили даҳонӣ**

Дар ин калима ду ҳиҷо ҳаст, зада дар ҳиҷои дуюм меафтад: таълим. Овозҳои садонок якумаш (а), дуюмаш( и), садоноки (а) бо ҳарфи «а» ва садоноки (и) бо ҳарфи «и» ифода шудааст. Овозҳои ҳамсадо: (т) – ҳамсадои беҷаранг, бо ҳарфи «те» ифода шудааст. (ъ) - аломати сакта, сактадоршудани калимаро ифода мекунад, (л) - ҳамсадои ҷарангдор, бо ҳарфи «эл» ифода шудааст, (м) - ҳамсадои ҷарангнок, бо ҳарфи (эм) ифода

шудааст. Микдори овоз ва ҳарф мувофиқат намекунад. Дар калимаи «таълим» 6 ҳарф ва 5 овоз мавҷуд аст.

**б) Таҳлили хаттӣ**

т - (те) ҳамсадои беҷаранг, бо ҳарфи «те» ифода гардидааст; а - (а) садонок, бо ҳарфи «а» ифода шудааст; ъ - (айн) - ҳарф буда, овоз надорад;

л - (эл) - ҳамсадои ҷарангнок бо ҳарфи «эл» ифода шудааст; и - (и) - садонок, бо ҳарфи «и» ифода шуда зада қабул кардааст; м - (м) - ҳамсадои ҷарангнок, бо ҳарфи «эм» ифода гаштааст.

Ошёна:

**а) Таҳлили даҳонӣ**

Калимаи ошёна аз се ҳиҷо иборат буда, ҳиҷои сеюм зада қабул мекунад: ош-ё-на. Зада ба садоноки «а» меафтад.

Овозҳои садонок дар калима сето мебошанд: (о) - садонок, бо ҳарфи «о» ифода шудааст, (ё) - садонок, йотбарсар, ду овоз дорад: й-о, (а) - садонок, бо ҳарфи «а» ифода гаштааст. Овозҳои ҳамсадо: (ш) - ҳамсадои беҷаранг, бо ҳарфи «ше» ифода шудааст,

(н) - ҳамсадои ҷарангнок, бо ҳарфи «эн» ифода гардидааст. Дар калимаи «ошёна» микдори ҳарф ва овоз мувофиқат намекунад: панҷ ҳарф ва шаш овоз.

**б) Таҳлили хаттӣ**

о - (о) - садонок, бо ҳарфи «о» ифода шудааст, ш - (ше) - ҳамсадо, бо ҳарфи «ше» ифода шудааст, ё - (йо) йотбарсар ду овоз дорад,

н - (эн) - ҳамсадои ҷарангнок, сонорӣ бо ҳарфи (эн) ифода гардидааст,

а - (а) - садонок, бо ҳарфи «а» ифода гардида, зада қабул мекунад.

Ҳангоми гузаронидани таҳлили фонетикӣ муаллим бояд хонандагонро бо нишонаҳои фонетикии навишти калимаҳо шинос намояд. Масалан, аломати зада (/),

дарозии ҳарф (—), ҳарфҳоро дар қавсайн гирифтан (с). Таҳлили фонетикӣ бояд аз талаффузи калима ва навишти он оғоз ёбад. Мавриди талаффуз бояд ба нормаи талаффузи калима ва ба задаи он риоя карда шавад.

Таҳлили фонетикӣ дар мактаби олӣ: Дар ибтидо калимаро оварда, он ба ҳиҷо ҷудо карда шуда, микдори ҳиҷо, хел ва қолаби онро гуфта, ҷои задаи он аниқ карда мешавад.

Сониян, таснифи садонокҳо ва ҳамсадоҳоро мегузаронем. Масалан, агар дар калима садонокҳо бошанд, онро ин тавр таҳлил мекунем.

а - садоноки қатори омехта, бардошти поён, ғайри лабӣ, ноустувор.

и - қатори пеш бардошти боло, ғайрилабӣ, ноустувор.

о - қатори қафо, бардошти миёна, лабӣ, устувор.

у - қатори омехта, бардошти миёна, ғайрилабӣ, ноустувор.

э - ҳатори пеш, бардошти миёна, ғайрилабӣ, ноустувор.

ӯ - қатори қафо, бардошти боло, лабӣ, устувор.

Таҳлили ҳамсадоҳо низ дар мактаби олӣ назар ба мактаби миёна пурратар гузаронида мешаванд.

Дар мактаби олӣ онро ба таври зер гузаронидан ба мақсад мувофиқ аст:

Ҳамсадои б - лабулабии зичи тарканда, шавшувдор, ғайридимоғӣ, ҷарангдор;

п - ҳамсадои лабулабии зичи таркавда, шавшувдор, ғайридимоғӣ, беҷаранг.

д - ҳамсадои шавшувдори пеши забонии зичи таркандаи ҷарангдор.

т - ҳамсадои шавшувдори пешизабонии зичи таркандаи беҷаранг.

в - ҳамсадои лабудандонии шавшувдори роғи якмахраҷаи ҷарангдор.

ф - ҳамсадои лабудандонии шавшувдори роғи якмахраҷаи беҷаранг.

м - ҳамсадои сонории лабулабии зичи димоғӣ, лаҳнӣ.

ҷ - ҳамсадои шавшувдори пешизабонии зичи раҳнадори ҷарангнок.

ч- ҳамсадои шавшувдори пешизабонии зичи раҳнадори беҷаранг.

з - ҳамсадои пешизабонии шавшувдори роғи дорсалии (рӯизабонӣ) ҷарангнок.

с - ҳамсадои пешизабонии шавшувдори роғи дорсалии беҷаранг.

ж - ҳамсадои пешизабонии роғи думахраҷаи шавшувдори ҷарангнок.

ш - ҳамсадои пешизабонии роғи думахраҷаи шавшувдори беҷаранг.

н - ҳамсадои сонории пешизабонии зичи димоғӣ.

л - ҳамсадои сонории пешизабонии зичи роғи ғайридимоғӣ.

р - ҳамсадои сонории пешизабонии ларзони ғайридимоғӣ.

й - ҳамсадои сонории байнизабонии роғи ғайридимоғӣ.

г - ҳамсадои шавшувдори бехизабонии зичи таркандаи ҷарангдор.

к - ҳамсадои шавшувдори бехизабонии зичи таркандаи беҷаранг.

қ - ҳамсадои шавшувдори зичи таркандаи беҷаранги забончагӣ.

г - ҳамсадои роғи шавшувдори якмахраҷаи ҷарангноки забончагӣ.

ҳ - ҳамсадои роғи думахраҷаи шавшувдори беҷаранги забончагӣ.

ъ - ҳамсадои ҳалқии шавшувдори зичи таркандаи беҷаранг.

ҳ - ҳамсадои ҳалқии роғи беҷаранги ғайридимоғӣ.

Намунаи таҳлили фонетикӣ дар макотиби олӣ:

Модар:

Калимаи модар аз ду ҳиҷо иборат буда, ҳиҷои якум кушода - мо ва ҳиҷои дуюм баста - дар

Зада ба болои ҳиҷои дуюм, садоноки - а меафтад. Дар ин калима се ҳамсадо ва ду садонок мавҷуд аст.

м - ҳамсадои сонории лабулабии зичи димоғӣ, лаҳнӣ.

о - садоноки қатори қафо, бардошти миёна, лабӣ, устувор.

д - ҳамсадои шавшувдори пешизабонии зичи таркандаи ҷарангдор.

а - садоноки қатори омехта, бардошти поён, ғайрилабӣ, ноустувор.

р - ҳамсадои сонории пешизабонии ларзони ғайридимоғӣ.

Дар ин калима миқдори ҳарф бо овоз мувофиқат мекунад.

Барои бомуваффақият гузаронидани таҳлили фонетикӣ муаллим аз намудҳои гуногуни машқ ва супоришҳо истифода мебарад. Ин гуна машқҳо хонандагонро барои гузаронидани таҳлили фонетикӣ тайёр менамояд.

Дар дарсҳои фонетика истифодаи варақаҳои грамматикӣ аҳамияти ба худ хосе дорад. Маълум, ки варақаҳои грамматикӣ барои сарфаи вақт ва ислоҳи хатоҳои хонандагон ба муаллимон ёрӣ мерасонанд.

Варакаҳо дар баланд бардоштани савод ва инкишофи нутқи ҳонандагон низ аҳамияти калон доранд.

**ВАРАҚАИ № 1**

Ҳиҷо ва задаи калимаҳоро муайян намоед: абрешим, абрешимӣ, аввал, авлиё, адолатпарвар, боадаб, бедоршавӣ, бемуваффақият, васеъдоман, даҳанвасеъ, ихтирокор, таъначӣ, мӯътабар, бисёр, бисёрсола...

**ВАРАҚАИ №2**

Калимаҳоро ба ҳиҷоҳо ҷудо намуда, мувофиқи алифбо нависед: обуранг, насиҳатгар, фараҳбахш, пахтакор, мубаддал, муваффақият, дарёдил, бурёкӯбон, аълочӣ, дастпӯшак, заъфарон, модарарӯс, кабудӣ, нообод, маъво, маърака.

Муаллим метавонад микдори ин гуна варақаҳоро зиёд намояд. Ҳангоми гузаронидани таҳдили фонетикии ҷузъии нопурра дар мактаби миёна аз чунин намуди машкҳо истифода кардан аҳамиятнок аст:

1. Аз калимаҳои додашуда ба зери ҳамсадоҳои ҷарангнок як хат ва ба зери ҳамсадоҳои беҷаранг ду ҳат кашед: боғбон, колхозчӣ, гулзор, анор, ленинчӣ, соябон, тӯҳматчӣ, ҳафта, чашма, дастгоҳ.

2. Ба зери калимаҳое, ки дар онҳо микдори ҳарф нисбат ба овоз зиёд аст, хат кашед: одам, фаъол, фарзанд, шарм, шаън, талаба, таъмир, таърих, бисёр, биолог, модар, мӯътадил.

3. Калимаҳоеро, ки навишташон бо талаффузашон мувофиқат намекунанд, навишта гиред ва гӯед, ки кадом ҳарф бо кадом ҳарф мувофиқат намекунад: аввал, автобус, аврат, аспхона, арча, аъло, вакил, валинеъмат, Душанбе, сешанбе, анбор, анор, моил, тағйир, ҳамшира, хонаи калон.

4. Задаи калимаву ибораҳои додашударо гузоред: нарм, нафис, одил, бародар, дувоздаҳ, меравам, нишаст, ҳамсоя, боодоб, модари меҳрубон, одамӣ, намедонам, китоб, шанбе, дастӣ, парӣ.

5. Аз калимаҳои додашуда ҳиҷоҳои зададорро ҷудо намоед: модар, шукуфт, маъзур, зиёфат, ёздаҳ, дарозумр, дастгоҳ, вазифа, вазифашинос, бодбон, китобро, афғондухтар, маҳпайкар.

Миқдори ин гуна машқҳоро зиёд кардан мумкин аст.

## 2.6. Таҳлили лексикӣ

Дар барномаи таълимӣ ва китоби дарсии забони тоҷикии мактаби миёна дохил гардидани боби «Калимаҳо ва таъбирҳо» талаб менамояд, ки таҳлили лексикӣ низ гузаронида шавад.

Таҳлили лексикӣ барои такрор ва ҷамъбаст кардани боби калима, инчунин инкишофи нутқи хонандагон ва дуруст истеъмол намудани калимаҳо роли муҳим мебозад. Дар гузаронидани таҳлили лексикӣ ба калима аз ҷиҳати ифодаи маъно, истифода ва пайдоиши он характеристика дода мешавад. Ҳаминро бояд қайд намоем, ки муайян кардани пайдоиши калима аз масъалаҳои хеле душвор буда, на ҳама вақт онро ба хонандагон пешниҳод кардан лозим аст.

Таҳлили лексикӣ аз синфи панҷум сар карда гузаронида мешавад. Дар ин синф дар ҷараёни 6 соат доир ба мафҳум ва маънои аслӣ ва маҷозӣ, омонимҳо, синонимҳо ва антонимҳо маълумот дода мешавад.

Таҳлили лексикии калима ба тариқи зайл гузаронида мешавад:

1. Калимаи дар ҷумла овардашуда чӣ гуна маънон луғавӣ (лексикӣ) дорад?
2. Он калима як ва ё маънои бисёрро ифода мекунад. Агар маънои зиёд дошта бошад, онҳоро гуфта, якчанд ибора ва ҷумлаҳо оварда мешавад.
3. Калима ба маънои аслӣ оварда шудааст ё ба маънои маҷозӣ?
4. Муайян кардани синоним ва антоними он калима (агар бошад).

5. Ба калима ҳарактеристикаи услубӣ додан, яъне он калима дар гуфтугӯ бештар кор фармуда мешавад ё дар китобат, дар луғат қайд шудааст ё не, агар қайд шуда бошад, ба кадом маъно истифода шудааст?

6. Баромади калима: тоҷикӣ, арабӣ, ё аз дигар забон гирифта шудааст.

Ҳар як муаллим дар асоси ин нақша таҳлили лексики калимаро мегузаронад. Ҳангоми гузаронидани таҳлили лексикӣ калима дар дохили ҷумла ва матнҳои алоқаманд муайян карда мешавад. Хонандагон мавриди гузаронидани таҳлили лексикии калима аз луғатҳои тафсирӣ ва шарҳи охири китобҳои дарсии синфҳои V-XI истифода мебаранд.

Таҳлили лексикӣ даҳонӣ ва хаттӣ мешавад. Хонандагон бояд ба тартиби таҳлил риоя намоянд.

**Намунаи таҳлили лексикии калима**

Аз ҳавои хунук кӯдакро эҳтиёт намоед!

Ҳамчун намуна калимаи «хунук»-ро таҳлили лексикӣ менамоем.

1. Сифати «хунук» - якчанд маъно дорад. Дар ин ҷумла ба як маънои аслии ин калима сард, ҳавои хунук истифода шудааст.

2. Ин калима маъноҳои бисёре дорад: оби хунук, афти хунук, назари хунук ва ғайраҳо.

3. Дар ҷумла калимаи «хунук» ба маънои аслиаш истифода шудааст. Маънии маҷозии он дар ибораи «одами хунук» - безеб, бадафт, дилнокашро ифода мекунад.

4. Синоними ин калима сард, сармо, антонимаш гарм мебошад.

5. Калимаи «хунук» бештар дар забони гуфтугуӣ - халқӣ истифода карда мешавад. Дар китобат шакли «сард» ва «хунук» истифода мешавад.

6. Калимаи тоҷикист.

Ё ки дар байтҳои зер калимаи «ганҷур»-ро аз назар мегузаронем:

Биёвард ганҷури Хисрав калид,
Сари бадраҳои дирам бардарид. Фирдавсӣ

Ҳар куҷо ганҷе ниҳад дар кону дарё офтоб,
Он ки байтулмол ӯ дорад, туро ганҷур бод. Анварӣ

1. Калимаи «ганҷур» якчанд маъно дорад. Дар байтҳои болоӣ ба маънои хазинадор, хазинаҷӣ оварда шудааст.

2. Ин калима маъноҳои мудир ва мутасаддии хазинаро низ дода метавонад.

3. Дар байт ба маънои аслиаш "хазинадор" истифода шудааст.

4. Синоними ин калима «мудир», «хазинадор» мебошад.

5. Дар забони гуфтугӯии халқӣ бештар «мудир» ва дар адабиёти классикӣ «ганҷур» истифода мешавад.

6. Баромади калима тоҷикӣ аст.

Дар байти дуюм калимаи «байтулмол» оварда шудааст.

1. Маънои ин калима «хазина» мебошад.
2. Дар байти боло ба маънои аслии худ омадааст.
3. Ин калима маънои маҷозӣ надорад.
4. Ин калима синоними худро дорад: анбор, хазина ҷои нигоҳ доштани пул ва ҷавоҳирот.
5. Дар забони гуфтугуӣ ва бадеӣ бештар хазина ва анбор истифода мешавад.
6. Калимаи арабӣ аст.

Мисоли дигар:

Калимаи «сара» дар мисоли «Сухане хубу нуктае сара гуфт» (Ҷомӣ).

1. Сифати «сара» якчанд маъно дорад. Дар ҷумлаи болоӣ ба маънои нағз, хуб истифода шудааст.

2. Ин калима маъноҳои бисёре дорад: хуб, нагз, писандида, таъсирбахш ва ғайра.

3. Дар ҷумла ба маънои маҷозӣ омадааст, зеро нукта «сара» намешавад.

4. Синоними ин калима: хуб, нағз, писандида, бамаънӣ ва ғайра. Антоними он пуч мебошад.

5. Ин калима дар забони гуфтугӯии халқӣ хусусан шеваҳои ҷанубӣ серистеъмол аст. Дар шеваи шимол ҳам истифода мешавад.

Дар адабиёти классикӣ ба маъноҳои мумтоз, мунтаҳаб, баргузида низ истеъмол мегардад: Сад аспи сара ва аъло... каромат фармуд(Равзат-ус-сафо).

6. Калимаи тоҷикӣ.

## 2.7. Таҳлили таркиби калима

Таҳлили таркиби калима аз матн ва ё ҷумла ҷудо намудани ҳиссаҳои калима: реша, пешванд, пасванд, бандак ва асосро талаб менамояд.

Агар ҳонандагон аз калимаҳо реша, пасванд, пешванд ва бандакро ҷудо карда натавонанд, калимаҳои ҳамҷинсу ҳамрешаро ёфта наметавонанд, ба мазмуни калимаҳо сарфаҳм нарафта, роҳҳои калимасозии забони тоҷикиро муайян карда наметавонанд ва дар навишти калимаҳо ба ғалатҳо роҳ медиҳанд. Аз ин рӯ донистани таркиби калимаҳо аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад. Агар мо таркиби калима ва тарзи сохтани онҳоро ҳамаҷониба омӯхтаву аз худ накунем, забони модариамонро ҳар тарафа омӯхта ва дониста ҳам наметавонем.

Маънои бисёр калимаҳо вақте маълум мегардад, ки агар он аз ҷиҳати таркиб таҳлил карда шавад. На бояд фаромӯш кард, ки вазифаи асосӣ аз таҳлили таркиби калима муайян намудани морфемаҳо мебошад.

Тағйиротҳое, ки дар таркиби калима вобаста ба шароитҳои таърихӣ ба вуҷуд омадаанд, боиси дигар

шудани маънои калима гаштаанд. Ба ин масъала диққати хонандагонро бештар банд кардан хуб нест, зеро барои чунин таҳлил онҳо дониши мукаммал ва таҷрибаи кофӣ надоранд. Агар муаллим дар бораи этимологияи ин ё он калима фактҳои боэътимоде дошта бошад, шарҳи он калимаҳоро гузарониданаш дуруст аст. Вале мақсади асосии таҳлили таркиби калима дар мактаби миёна ҷудо кардану ёфтани реша, пасванд, пешванд, асос ва бандак мебошад.

Таҳлили таркиби калима чунин гузаронида машавад: аввало аз матн ё ҷумла он калимаҳое, ки танҳо аз реша иборатанд, ҷудо карда мешаванд: нон, одам, ҷой, осмон, сониян калимаҳое, ки аз реша ва пешванд иборатанд: ҳамкор, ҳамсинф, боодоб, мерафт муайян карда мешавад.

Баъди ин калимаҳои бандакдор оварда мешаванд: китобам, нависам, гуфтӣ, гуфтааст ва ғайраҳо.

Оҳиста-оҳиста калимаҳои пасванду пешванд ё пешванду бандак дошта таҳлил карда мешавад.

Таҳлили калимаҳои мураккаб низ аз ҷудо намудани решаҳо оғоз меёбад: мактабхона, чойхона, қадбаланд, меҳнатдӯст.

Баъд калимаҳои мураккаби пасвандошта оварда мешаванд: пахтакорӣ, ҳосилғундорӣ.

Таҳлили таркиби калима аз ҷиҳати ҳаҷм ҷузъӣ ва куллӣ ва аз ҷиҳати тарз хаттӣ ва даҳонӣ мешавад.

Намуди хаттии таҳлили таркиби калимаро дар схемаи поён ба тарзи зайл нишон додан мумкин аст:

| **Калимаҳо** | **АСОС** | | | **Бандак** | **Эзоҳ** |
|---|---|---|---|---|---|
| | **пешванд** | **реша** | **пасванд** | | |
| Коргарони | - | кор | гар, он | и | - |
| пешқадами | - | пеш, қадам | - | и | - |
| заводи | - | завод | - | и | - |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| хиштрезӣ | - | хишт, рез | Й | - | к.муракк аб пасоянд |
| плани | - | план | - | и | - |
| солонаашонро | - | сол | она | аш-он | ро- пасоянд |
| барзиёд | Бар | зиёд | - | - | - |
| иҷро | - | иҷро | - | - | - |
| карданд | - | кард | - | анд | - |

Ҳангоми гузаронидани таҳлили таркиби калима ба пешвандҳо ва пасвандҳо, ки серистеъмоланд, диққати махсус дода мешавад. Хусусан он морфемаҳое, ки дар забони адабии имрӯза кор фармуда мешаванд ва хонандагон онро мефаҳманд, бояд бештар таҳлил карда шаванд. Дар забони тоҷикӣ як гурӯҳ калимаҳое ҳастанд, ки хонандагон таркиби он калимаҳоро мустақилона ҷудо карда наметавонанд. Масалан: тобистон, зимистон, дуредгар, гиребон, корвон, сорбон, барзгар ва ғайраҳо.

Ин калимаҳо ҳангоми таҳлили таркиби калима бояд ҳамчун як реша ба ҳисоб гирифта шаванд.

Дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик»[31] қайд шудааст, ки бисёр исмҳои сохта ва мураккаб дар таърихи инкишофи забон ба ҳодисаҳои гуногуни забонӣ дучор шуда, маъно ва таркиби овозиашон тағйир ёфта рехта мешаванд. Ба ин гурӯҳ калимаҳои ҳошок, кишвар, марғзор, корзор, замбар, хокистар, шӯрбо, хуршед, фарҳанг, гиребон, зимистон, челонгар, дуредгар ва ғайраҳо дохил карда шудаанд.

Калимаи корзор дар асл сохта буда, аз решаи кор ва суффикси зор иборат мебошад, аммо ҳангоми таҳлил мо онро исми сохта намегӯем, зеро решаи он ба ин маънии аслии худ (ҷанг, ҳарб) ҳоло дар забони адабӣ

[31] Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.- Душанбе: Дониш,1985.- С.107-108.

мустақилона истифода намешавад. Ё ки калимаи фарҳанг дар асл низ сохта буда, аз пасванди фар (нур, ҳусн) ва решаи ҳанг иборат мебошад. Вале ҳар ду ҷузъ ҳам ҳоло маънои луғавӣ надоранд. Аз ин рӯ онро калимаи рехта меномем. Калимаҳои хокистар, шӯрбо, ки дар асл мураккабанд, низ ба исмҳои рехта дохил мешаванд.

Дар мактаби миёна ин калимаҳо ҳамчун калимаҳои сода ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ҳамин тавр, таҳлили таркиби калима барои ҳаматарафа фаҳмидани ҷиҳати маъногии калима ва қонунҳои инкишофи дохилии он, аз худ намудани воситаҳои калимасоз ва калимабанд, инчунин барои дуруст ва беғалат навиштани калимаҳо аҳамияти махсус дорад.

## 2.8. Таҳлили ҳиссаҳои нутқ

Таҳлили ҳиссаҳои нутқ аз хелҳои асосии таҳлил дар мактаби миёна ва олӣ ба ҳисоб меравад. Вазифаи таҳлили ҳиссаҳои нутк аз он иборат аст, ки хонандагон ва донишҷӯён аз матн ё ҷумлаҳо калимаҳоро аз рӯи аломатҳояш ба даҳ ҳиссаи нутқ бошуурона ҷудо карда тавонанд.

Дар таҳлили ҳиссаҳои нутқ аломатҳои гуногуни грамматикии ҳар як калима шарҳу эзоҳ дода мешавад. Аз байни он аломатҳо нишонаҳои асоситарини доимиро фарқ кардан лозим аст. Бо ибораи дигар аз ҷумла ё матн калима гирифта шуда, пеш аз ҳама аломатҳои доимӣ ва ё нишонаҳо, ҳусусиятҳои доимии грамматикиашон нишон дода мешавад.

Аломатҳои доимии грамматикии ҳиссаҳои нутқ он категорияҳо ва хусусиятҳои грамматикие мебошанд, ки онҳо қатъи назар аз ҷои ҳиссаҳои нутқ дар ҷумла ҳамеша бо он ҳиссаҳои нутқ ҳамроҳ ва ҳамтана мебошанд.

Ҳар як ҳиссаи нутқ аломати доимӣ - грамматикии ҳудро дорад.

Масалан:

барои исм - хосу ҷинс, ҷондору беҷон, шахсу ғайришахс;

барои сифат - аслӣ ва нисбӣ; барои шумора - микдорӣ ва тартибӣ;

барои ҷонишин - хелҳои ҷонишин;

барои феъл - тасрифӣ ё ғайритасрифӣ, монда ё гузаранда,мутлақ ё давомнок, сиғаҳо;

барои зарф - хелҳои зарф;

барои пешоянд - сода ё таркибӣ;

барои пайвандак - пайвасткунанда ё тобеъкунанда;

барои ҳиссачаҳо - гурӯҳи маънавии онҳо;

барои нидо - чи гуна ҳиссиётро ифода карданаш.

Ҳангоми омӯхтани ҳиссаҳои нутқ ва таҳлили онҳо дар синфҳои V-VI-VII танҳо бо нишон додани ҳусусиятҳои болоӣ қонеъ шудан дуруст несг. Бино бар ин ҳиссаҳои нутқ ғайр аз аломатҳои доимӣ боз дорои аломатҳои тағйирёбанда мебошанд.

Аломатҳо, хусусиятҳои ғайридоимии ҳиссаҳои нутқ бо он характерноканд, ки онҳо бо ҳиссаҳои нутқ доимо ҳамроҳ набуда, балки вобаста ба ҷой ва вазифаи нутқ дар ҷумла тағйир ёфта меистанд. Масалан, аломати ғайридоимии исм - танҳо ё ҷамъ, муайян ё номуайян будан, пешоянд қабул кардан ё накардани он, аз они феъл - замон, шахс, бевосита ва бавосита буданаш.

Муаллимон дар вақти таҳлили ҳиссаҳои нутқ бояд ҳамаи аломатҳои доимӣ ва ғайридоимии ҳиссаҳои нутқро бо тартиби муайян нишон диҳанд. Дар навбати аввал номи ҳиссаи нутқ ва саволи онро гуфта, баъд нишонаҳои доимӣ ва ғайридоимии он қайд карда мешавад.

Таҳлили ҳиссаҳои нутқ хаттӣ ва даҳонӣ, ҷузъӣ ва куллӣ мешавад.

Дар таҳлили морфологии ҷузъии ҳиссаҳои нутқ танҳо ягон категорияи грамматикии он ҳиссаи нутқ ва дар таҳлили морфологии куллии ҳиссаҳои нутқ бошад, ҳамаи категорияҳои ҳиссаҳои нутқ пурра шарҳу эзоҳ дода мешаванд.

Таҳлили морфологии куллии ҳиссаҳои нутқро ин тавр нишон додан мумкин аст:

**1.Таҳлили морфологии исм -** ба кадом савол ҷавоб мешавад, исми хос ё ҷинс, ҷондор ё беҷон, шахс ё ғайришахс, танҳо ё ҷамъ (ҷомеъ), муайян ё номуайян, маънӣ ё моддӣ, кулл ё ҷузъ, аз ҷиҳати сохт: сода, сохта, мураккаб ё таркибӣ, ба кадом калима тобеъ, ё кадом калимаро ба худ тобеъ кардааст, вазифаи синтаксисиаш.

**2. Таҳлили сифат -** ба кадом савол ҷавоб мешавад, сифати аслӣ ё нисбӣ, агар аслӣ бошад, дараҷаи оддӣ, қиёсӣ ё олӣ, сохташ: сода, сохта, мураккаб ё таркибӣ, ба кадом калима тобеъ аст, вазифаи синтаксисиаш.

**3. Таҳлили шумора -** саволаш, микдорӣ ё тартибӣ, агар микдорӣ бошад: аслӣ, касрӣ ё тахминӣ, сохташ: сода, сохта, мураккаб, таркибӣ, ба кадом калима тобеъ аст, вазифаи синтаксисиаш.

**4. Таҳлили ҷонишин -** аз ҷиҳати предмет, аломат ва миқдорро нишон доданаш: предметӣ, сифатӣ ё миқдорӣ, хелҳои ҷонишин аз рӯи маъно: шахсӣ, нафсӣ-таъкидӣ, саволӣ, ишоратӣ, таъинӣ, номуайянӣ, манфӣ, муштарак, сохташ: сода, сохта, мураккаб ё таркибӣ, ба кадом калима тобеъ, ба ҷои кадом ҳиссаи нутқ омадааст, вазифаи синтаксисиаш.

**5. Таҳлили феъл -** саволаш, феъли тасрифӣ ё ғайритасрифӣ, шакли масдариаш, шахсаш: якум, дуюм, сеюм, шумораваш: танҳо ё ҷамъ, асосаш: ҳозира ё гузашта, замони феъл: ҳозира, гузашта ё оянда, феъли мустақил ё ёридиҳанда, модалӣ ё ғайри модалӣ, феъли

монда ё гузаранда, бевосита ё бавосита, фоилӣ ё мафъулӣ, намуди мутлақ ё давомнок, шуҳудӣ ё нақлӣ, сиғааш: хабарӣ, шартӣ-хоҳишмандӣ, амрӣ, эҳтимолӣ, сохташ: сода, сохта, таркибӣ, ба кадом калима тобеъ ё кадом калимаро ба худ тобеъ кардааст, вазифаи синтаксисиаш, бо мубтадо дар шахсу шумора мувофиқат мекунад ё не?

**6. Таҳлили зарф** - саволаш, аз кадом хели зарф: тарз, замон, макон, сабаб, мақсад, миқдору дараҷа, монандӣ, сохташ: сода, сохта, мураккаб ё таркибӣ, ба кадом калима тобеъ аст,вазифаи синтаксисиаш.

**7. Таҳлили пешоянду пасояндҳо** - сохташ: сода ё таркибӣ, таркибӣ бошад, таркибии номии изофӣ ё беизофа, фалон маъноро ифода мекунад, кадом калимаро ба кадом калима алоқаманд мекунад.

**8. Таҳлили пайвандакҳо** - пайвасткунанда ё тобеъкунанда, агар пайвасткунанда бошад: пайиҳам, хилофӣ ё ҷудоӣ, агар тобеъкунанда бошад, аз кадом хелаш: замон, макон, тарз, миқдору дараҷа, монандӣ, сабаб, мақсад, шарт, хилофӣ, объектӣ, ҳамроҳӣ сохташ: сода, мураккаб, таркибӣ кадом калимаро бо кадом калима, кадом ҷумларо бо кадом ҷумла пайваст ё тобеъ менамояд.

**9. Таҳлили ҳиссачаҳо** - аз кадом ҳели ҳиссачаҳо: ишоратӣ, маҳдудӣ, таъкидӣ, тасдиқӣ, инкорӣ, саволӣ, қиёсӣ, эҳсосӣ, сохташ: сода, сохта ва таркибӣ, ба маънои ҷумла тобиш медиҳад ё ба аъзои ҷудогона.

**10. Таҳлили нидо** - аз кадом категорияи нидо, сохташ: якҳиҷоӣ ё дуҳиҷоӣ, ё сеҳиҷоӣ, чӣ гуна ҳиссиётро ифода мекунад.

Дар таҳлили болоӣ ҳамаи хусусиятҳои ҳиссаҳои нутқ ба таври ҷамъбаст ифода карда шудааст. Аз ин рӯ нақшаи мазкур танҳо дар он маврид истифода бурда

мешавад, ки агар тамоми қисми морфология пурра омӯхта шуда бошад.

Муаллим метавонад дар ҳар як дарси морфология вобаста ба мавзӯи таълимӣ таҳлили ҷузъӣ гузаронад.

Агар мавзӯи имрӯзаи дарс шумора бошад, муаллим ҳангоми таҳлил танҳо бо ёфтани шумора қаноат намуда, мавзӯъҳои пешинаро ба ёд меорад. Ё ки шумораро таҳлил намуда дигар ҳиссаҳои нутқро, ки омӯхта шуда буданд, масалан, исм ва сифатро такрор менамояд. Вале дигар ҳиссаҳои нутқро, ки ҳоло омӯхта нашудаанд, таҳлил кардан шарт нест ва лозим донад, таҳлили ҷузъӣ менамояд.

Хонандагон ҳар як ҳиссаи нутқро бояд фаҳмида ва бошуурона таҳлил намоянд.

Муаллим доимо аз шогирдон пурсида истад, ки чаро ин ё он калима ба фалон ҳиссаи нутқ дохил мешавад. Дар вақти таҳлили ҳиссаҳои нутқ ба чунин талаботи методӣ риоя кардан ва аз хонандагон қатъӣ талаб кардани он зарур аст:

1. Дар вакти номбар кардани хусусиятҳои грамматикии калимаҳо ба тартиби таҳлил риоя карда шавад.

2. Дар таҳлили ҳиссаҳои нутқ калимаҳои таркибӣ яклухт, ба монанди исмҳои таркибӣ, сифатҳои таркибӣ, феълҳои таркибӣ, пешоянду пайвандакҳои таркибӣ ва ғайраҳо ба ҳисоб гирифта шаванд: Мисолҳо, боду ҳаво, ордени Лениндор, бисту панҷ, ҳар кӣ, ҳеҷ чиз, кор кардан, ханда кардан, давида омадан, рӯз ба рӯз, сар то по, пеш аз, дар назди, вақте ки, то ки, гуё ки, на ин ки ва ғайраҳо.

3. Ҳангоми гузаронидани таҳлил бештар ба асоси калимаҳо такя намудан лозим аст. Баъзан ҳонандагон дар вақти таҳлил бандаки изофӣ, бандакҷонишинҳоро якҷоя бо асос таҳлил менамоянд: гули сурх,

китобам, гул-исм, и-бандаки изофӣ, китоб- исм, ам-бандакҷонишин, гуён таҳлил кардан хуб аст, на гули, китобам.

4. Хонандагон огоҳ карда шаванд, ки дар вақти ҳарактерисгикаи грамматикӣ додан исмҳои ҷомеъро ҷондору беҷон гӯён таҳлил накунанд, зеро исмҳои ҷомеъ бо ин нишонаҳои ҳуд фарқ карда намешаванд.

5. Дар вақти муайян кардани сифатҳои нисбӣ ба хонандагон фаҳмонидан лозим аст, ки сифатҳои нисбӣ дараҷа надоранд.

6. Ҳангоми таҳлили феъл ба феълҳои ёридиҳанда ва бандакҳои феълию хабарӣ эътибори махсус дода мешавад, чунки аксар вақт хонандагон бандаки хабарии «аст» ва ёридиҳандаҳои «буд», «шуд»-ро, ки ба вазифаи бандак меоянд, феъл гуён таҳлил мекунанд: Наима донишҷӯ аст, аст - бандаки хабарӣ, на-феъл аст.

7. Доир ба таҳлили сифати феълӣ ва феъли ҳол ҳаминро бояд қайд намуд, ки хонандагон аввал хусусиятҳои феълии онҳоро муайян намуда, баъд нишонаҳои сифатӣ ва зарфии онҳоро эзоҳ дода гузаранд.

8. Аз аломатҳои морфологии ҳиссаҳои нутқ чунин чизҳоро фарқ кардан лозим аст:

а) аломатҳое, ки хонандагон дар асоси нақша мустақилона таҳлил менамоянд ва онҳо аломатҳои доимии он ҳиссаҳои нутқ буда, таҳлили пурраи онҳо шарт ва зарур аст;

б) аломатҳое, ки шарҳи онҳо чандон муҳим набуда, хонанда на ҳама вакт онро қайд мекунад.

Ба аломатҳои гурӯҳи дуюм хонандагон вақте ҷавоб медиҳанд, ки агар муаллим савол гузорад. Ин гуна саволҳо метавонанд чунин чизҳоро дар бар гиранд:

а) мазмуни калимаи таҳлилшуда истода ҳамчун ҳиссаи нутқ; вақти таҳлили сифат нишон додани ранг, буй, маза, ҳаҷм, аз кадом материал сохта шудан, вақти

таҳлили исм чиро ифода кардани он: воқеа ё ҳодиса, чиз, амал ва ғайра;

б) аҳамияти шаклҳои гуногуни грамматикӣ; роли бандакҳо аз чӣ иборат? тасрифи феъл чӣ аҳамият дорад?

в) тарзи сохта шудани ҳиссаҳои нутқ (масалан, исм, феъл, зарф);

г) аз як ҳиссаи нутқ ба ҳиссаи дигари нутқ гузаштани калимаҳо ва муайян кардани онҳо;

ғ) вобастагии як калима бо калимаи дигар (мувофиқати мубтадо ва хабар).

Дар таҳлили морфологӣ ба тарзи навишти калимаҳо низ эътибор дода мешавад.

Мақсади асосии таҳлили орфографӣ ба хонандагон ёд додани қоидаҳои дурустнависии калимаҳост. Ҳангоми таҳлил қоидаҳои имло аз хонандагон пурсида мешавад. Дар таҳлили морфологӣ бошад, имлою хусусиятҳои калимаҳо дар асоси ҳиссаҳои нутқ муайян карда мешаванд.

Агар муаллим саводнокии хонандагонро ба ҳисоб гирифтан хоҳад, саволҳои иловагӣ дода, имлои калимаҳои ҷудогонаро дар асоси қоидаҳои имло хотиррасон карда мегузарад.

Бисёр вақт муаллимон ва хонандагони ҷудогона мепурсанд, ки таҳлили ҳиссаҳои нутқро аз чӣ оғоз намоем? Албатта, ба ин савол якбора ҷавоби мусбат додан ва аз ин ё он калима сар кардан беҳтар аст гуфтан мувофиқи нишондоди методӣ намебошад.

Таҳлили куллии морфологӣ чунон ки таъкид ёфт, вақте гузаронида мешавад, ки қисми морфология пурра омӯхта шуда бошад. Дар таҷрибаи мактабҳо аз ду тарзи таҳлили морфологӣ истифода мебаранд.

1. Таҳлил аз ҳиссаҳои мустақили нутқ сар мешавад, яъне аввал исму сифат, шумораю ҷонишин, феълу зарф

ва баъд ҳиссаҳои номустақили нутқ таҳлил карда мешавад.

2. Ҳамаи калимаҳои ҷумла ҳоҳ ҳиссаи мустақил ва ҳоҳ номустақил бошанд, паси ҳам бо тартиб аз ибтидо то интиҳо таҳлил карда мешаванд.

Интихоби ин ё он вариант ба муаллим вобаста аст.

Ба фикри мо, барои ягонагии таҳлил дар мактабҳо як намуди таҳлилро ҷорӣ кардан беҳтар буда, варианти дуюми он ба мақсад мувофиқтар аст.

Масъалаи дигар дар таҳлили ҳиссаҳои нутқ истифодаи тарзи таҳлил ва рангорангии он аст.

Муаллимон дар таҳлили морфологӣ аз намудҳои гуногуни таҳлил истифода мебаранд, ки асоситарии-нашон инҳоянд:

1. Бо тартиби муайян дар болои ҳар як калима навиштани аломатҳои грамматикии он:

| кӣ? | кай? | чӣ? | чандум? | чӣ кор мекунад? |
|---|---|---|---|---|
| исм, хос, ҷондор, шахс, танҳо, муайян, сода, мубтадо | зарф, замон, сода, ба феъл алоқаманд, ҳоли замон | исм, ҷинс, беҷон, ш.танҳо, г.шахс, муайян, сода, пуркунанда | ш.,т., сохта, ба калимаи синф тобеъ, муайянку нанда | ф., дав., гуз„ сиг. хаб, фоил, зам. ҳоз-оянда, бев., ш. 3, шум.т., феъли таркибии номӣ, хабар |
| Муҳаббат | имсол | синфи | даҳумро | тамом мекунад |

2. Ҳар як калимаи ҷумларо дар зер алоҳида-алоҳида таҳлил намудан, яъне ба ҳар як калима савол гузошта аломатҳои грамматикии онро навиштан.

Сарҳадчиён одами ношиносро дастгир кардаид.

Сарҳадчиён-киҳо? исм, ҷинс, ҷондор, шахс, ҷамъ, муайян, моддӣ, сохта. одам-кӣ? исм, ҷинс, ҷондор, шахс, танҳо, муайян, моддӣ, сода, ба феъл тобеъ аст. ношинос-чӣ хел? сифат, аслӣ, дараҷаи оддӣ, сохта, ба калимаи одам тобеъ аст. -ро- пасоянд; дастгир карданд-чӣ кор карданд? феъл, феъли гузаранда, бевосита,

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **8** | **1** | **1** | **1** | **7** |

мутлақ, сиғаи хабарӣ, фоил, замони гузашта, шахси 3, ш.ҷамъ, таркибӣ, бо мубтадо мувофиқат мекунад.

3. Дар болои калимаҳо гузоштани савол ва аз рӯи он муайян кардани танҳо ҳиссаи нутқ.

| **киҳо? исм** | **кай? зарф** | **чанд? шумора** | **чиро? исм** | **чӣ кор карданд? феъл** |
|---|---|---|---|---|
| Бачагон | имрӯз | ду | тракторро | таъмир карданд |

4. Дар болои калимаҳо навиштани фақат номи ҳиссаҳои нутқ:

| **исм** | **исм** | **зарф** | **пешоянд** | **исм** | **феъл** |
|---|---|---|---|---|---|
| Роҳбари | синфамон | дирӯз | аз | телевизион | гап зад |

5. Ҳиссаҳои нутқро бо рақамҳои арифметикӣ нишон додан:

| | | | |
|---|---|---|---|
| исм | -1 | зарф | -6 |
| сифат | -2 | пешоянду пасоянд | -7 |
| шумора | -3 | пайвандак | -8 |
| ҷонишин | -4 | ҳиссача | -9 |
| феъл | -5 | нидо | -10 |

Масалан:

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **1** | **2** | **5** | **1** | **1** |
| Насими | сабуке | бархост, | майсаву | себаргаҳо |
| **6** | **5** | **4** | **7** | **1** |
| оҳиста | ба ҷунбиш омаданд, | онҳо | ба рӯи | за мин |
| 5 | | | | |
| хаму рост мешуданд. | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Ҳамин ки | чашми | Исомаддин- | Маҳмуд | ба |
| **5** | **10** | **1** | **1** | **9** |
| афтод: | «Э... | Мулло | Азимшоҳ | -ку» |

Метавон гуфт, ки ин тарзи таҳлил хонандагонро ба шавқ меорад ва ба сарфа намудани вақт ёрӣ мерасонад, онро ҳамчун як намуди бозии грамматикӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Намунаи таҳлили ҳиссаҳои нутқ**

**Таҳлили исм**

1. Бахтро дар бозор нафурӯшанд (аз панду ҳикмат).

бахт - исм, ба саволи чӣ? ҷавоб мешавад, ҷинс, беҷон, ғайришахс, танҳо, муайян, маънӣ, ҷузъ, сода, ба феъл тобеъ аст, вазифаи синтаксисиаш пуркунанда.

**Таҳлили сифат**

2. Шамшери кӯтоҳ ба дасти диловарон дароз гардад (Кайковус).

кӯтоҳ; - сифат, чӣ хел? аслӣ, дараҷааш оддӣ, сохташ сода, ба калимаи шамшер тобеъ, вазифаи синтаксисиаш муайянкунанда мебошад.

**Таҳлили шумора**

3. Як ҳафта гузашт, як ҳафтаи кор ва эҷодиёт (Ҷ.Икромӣ).

як - шумора, чанд?, миқдорӣ, аслӣ, сода, ба ҳафта тобеъ аст, вазифаи синтаксисиаш муайянкунанда.

**Таҳлили ҷонишин**

4. Вай одами пурдон, боандеша ва хеле меҳрубон аст (Ҷ.Икромӣ).

вай - ҷонишин, предметӣ, шахсӣ, шахси сеюми танҳо - ғоиб, сода, бо ҳабар дар шахсу шумора мувофиқат дорад, вазифаи синтаксисиаш мубтадо.

**Таҳлили феъл**

5. Ашъори Ҳамдиро хурду калон дӯст медоранд. (Р. Ҳошим).

дӯст медоранд- феъл, ба саволи чӣ кор мекунанд ҷавоб мешавад чӣ кор мекунад? тасрифӣ, шакли масдариаш дӯст доштан, шахси 3, шумораи ҷамъ, асоси замони ҳозира, феъли мустақилмаъно, ғайримодалӣ, гузаранда, бевосита, фоили бевосита, давомнок, шуҳудӣ, с. хабарӣ, шакли замони ҳозира-оянда, бо калимаи ҳама дар шахсу шумора мувофиқат дорад, шахси сеюм, шумораи ҷамъ, вазифаи синтаксисиаш хабар.

**Таҳлили зарф**

6. Мазраи орзуҳоям нисбат ба майдони зиндагиям басе фароҳ аст (Р.Ғамзатов).

басе - зарф, чӣ қадар?, зарфи миқдор, сохташ сода, ба феъл тобеъ аст, вазифаи синтаксисиаш ҳоли миқдор.

**Таҳлили пешоянд**

7. Рав, забон аз ғайбати мардум бибанд,

То набинӣ дасту пои худ ба банд. (Ф.Аттор)

аз - пешоянд, содаи аслӣ, маънои сарчашмаи амал ва ҳолатро дорад, ба калимаи ғайбат тобеъ аст.

**Таҳлили пайвандак**

8. Саҳни бӯстон завқбахшу сӯҳбати ёрон ҳуш аст (Ҳофиз).

у - пайвандак, пайвасткунандаи пайиҳам, сода, ду ҷумлаи содаро ба ҳам пайваст намудааст.

**Таҳлили ҳиссача**

9. Ҳамаи тирҳои тахминӣ, хатто тасодуфӣ паррондаам ҳам ба нишон расид (Айнӣ).

ҳатто - ҳиссача, таъкидӣ, сода, ба маънои ҷумла тобиш медиҳад.

**Таҳлили нидо**

10. Оббо! Фақат шумо виҷдон дореду дигарон ҳама бевиҷдонанд (Р. Ҷалил).

оббо - нидо, ҳузну ҳасратро ифода мекунад, духиҷогӣ мебошад.

## 2.9. Таҳлили синтаксисӣ

Таҳили сиитаксисӣ аз намудҳои хеле муҳими таҳлили грамматикӣ буда, он таҳлили ибора, ҷумлаҳои сода ва мураккабро дар бар мегирад.

Таҳлили синтаксисӣ аз се ҷиҳат гузаронида мешавад.

а) аз ҷиҳати мазмун;

б) аз ҷиҳати ҳаҷм;

в) аз ҷиҳати тарз.

Таҳлили синтаксисиро мазмунан ба се ҷудо мекунанд:

а) таҳлили ибора;

б) таҳлили ҷумлаҳои сода;

в) таҳлили ҷумлаҳои мураккаб.

Таҳлили синтаксисӣ аз ҷиҳати ҳаҷм ду ҳел мешавад:

а) таҳлили синтаксисии ҷузъӣ - нопурра;

б) таҳлили синтаксисии куллӣ - пурра.

Таҳлили синтаксисӣ аз ҷиҳати тарз даҳонӣ ва хаттӣ мешавад. Ҳангоми гузаронидани таҳлили синтаксисӣ на фақат сохти иборау ҷумла инчунин маънои ҷумла, тарзи навиштани калимаҳо, алоқаи байни ҳамдигарии онҳо, аломатҳои китобатии байни ҷумлаҳо муайян карда мешавад. Мушоҳидаҳо бори дигар собит мекунанд, ки таҳлили синтаксисӣ дар инкишофи нутқи хаттӣ ва даҳонии хонандагон роли муҳим мебозад.

Дар таҳлили синтаксисӣ ба тартиб ва тарзи гузаронидани он бояд риоя карда шавад.

### Таҳлили ибора

Омӯзиши ибора ҳамчун машқи синтаксис аз синфи V сар шуда, дар синфи VIII боз ҳам васеътар мегардад.

Дар синфи V дар бораи калимаи тобеъкунанда ва тобеъшавандаи ибора маълумот дода, мавқеи бандаки изофӣ дар сохтани ибора фаҳмонда мешавад.

Одатан дар синфи V ибораҳоро берун аз ҷумла дар шакли тайёрашон таҳлил менамоянд. Ин кор аз як ҷиҳат дуруст аст, зеро аз ҷумла ҷудо кардани ибора ба хонандагони ин синну сол нисбатан душвор аст. Дар синфи VIII бошад, хонандагон ибораҳоро аз дохили ҷумла ҷудо менамоянд.

**Тартиби таҳлили ибора дар синфи V**

1. Ёфтани калимаи тобеъкунанда (асосӣ) ва тобеъшаванда.
2. Аз калимаи тобеъкунанда савол баровардан.
3. Муайян кардани таркиби морфологии ибора.
4. Муайян кардани алоқаи ибора.
5. Хели ибора

**Намунаи таҳлил**

Себи сурх

Дар ин ибора «себ» калимаи тобеъкунанда буда, калимаи тобеъшаванда «сурх» аст. Аз калимаи тобеъкунанда саволи чӣ хел? мебарояд. Калимаи тобеъкунанда исм ва тобеъшаванда сифат мебошад. Алоқаи ибора изофӣ аст. Ибораи исмӣ мебошад.

Дар синфи VIII таҳлили ибора пурратар мегузарад ва онро бо чунин тартиб гузаронидан мумкин аст:

1. Аз ҷумла ҷудо кардани ибораҳо.
2. Ёфтани калимаҳои тобеъкунанда ва тобеъшаванда.
3. Муайян кардани таркиби морфологии ибора, яъне аз кадом ҳиссаҳои нутқ сохта шудани он.
4. Муайян кардани хели ибора.
5. Шарҳи восита ва хелҳои алоқаи таркиби ибора: изофӣ, ҳамроҳӣ, вобастагӣ.
6. Сохти ибора.

**Намунаи таҳлили ибора дар синфи VIII**

Ба мактаб рафтани Амирбек падару модарро шод гардонид.

Дар ин ҷумла ба мактаб рафтан ибора буда, калимаи тобеъкунанда рафтан, тобеъшаванда ба мактаб мебошад.

Ибораи мазкур аз пешоянди ба, исми мактаб ва масдари рафтан сохта шудааст.

Ин ибораи феълӣ (масдарӣ) мебошад, зеро калимаи тобеъкунандааш феъл-масдар-рафтан аст.

Алоқаи таркиби ибора вобастагӣ-пешояндӣ буда, калимаи мактаб ба воситаи пешоянд ба феъл тобеъ шуда омадааст.

Аз ҷиҳати сохт ибораи сода мебошад.

Гули сурх – дар ин ибора калимаи тобеъкунанда гул буда, ҷузъи тобеъшаванда сурх аст. Ибораи исмӣ мебошад, зеро калимаи тобеъкунандааш исм - гул аст. Воситаи алоқаи ин ибора бандаки изофӣ аст. Пас ибораи изофӣ ва аз ҷиҳати сохт сода мебошад.

Ба ҳамин монанд, ибораҳои сифатӣ, шуморагӣ, ҷонишинӣ, феълӣ, зарфӣ, сифати феълӣ ва ғайраҳо таҳлил карда мешаванд. Чанд намунаи таҳлили ибора: китобро хондан

1. Калимаи тобеъкунандаи ин ибора «хондан» буда, тобеъшавандааш «китоб» аст.

2. Ибора аз исм ва масдар таркиб ёфтааст.

3. Ибораи феълӣ -масдарӣ мебошад.

4. Алоқаи таркиби ибора вобастагӣ буда, ба воситаи пасоянди - ро ба калимаи тобеъкунанда алоқаманд шудааст.

5. Аз ҷиҳати сохт ибораи сода.

Тез гап задан

1. Калимаи тобеъкунандаи ин ибора - «гап задан» буда, тобеъшавандааш «тез» мебошад.

2. Таркиби ибора аз зарф ва феъл-масдар иборат аст.

3. Ибораи феълӣ - масдарӣ.

4. Алоқаи таркиби ибора ҳамроҳӣ аст. Дар он воситаи грамматикӣ ҳамроҳ омадани калима мебошад.

5. Аз ҷиҳати сохт ибораи сода.

Ту барин доно

1. Калимаи тобеъкунанда «доно», тобеъшаванда «ту барин» аст.

2. Ибора аз ҷонишину пасоянд ва сифат таркиб ёфтааст.

3. Ибораи сифатӣ мебошад.

4. Алоқаи таркиби ибора вобастагӣ буда, бо пасоянди «барин» ба калимаи тобеъкунанда алоқаманд шудааст.

5. Аз ҷиҳати сохт ибораи сода.

Сеи онҳо

1. Калимаи тобеъкунанда «се», тобеъшаванда «онҳо».

2. Ибора аз шумораву ҷонишин сохта шудааст.

3. Ибораи шуморагӣ мебошад.

4. Алоқаи ибора изофист.

5. Аз ҷиҳати сохт сода.

Аз ҳама сонӣ ҳофизи ҳушхони номӣ Ҳоҷӣ Абдулазизро пешвоз гирифтанд («Дар хотирот»).

Аз ҳама сонӣ

1. Калимаи тобеъкунанда «сонӣ», тобеъшаванда «аз ҳама».

2. Ибора аз пешоянду ҷонишини таъинии ҳама ва зарфи сонӣ сохта шудааст.

3. Ибораи зарфӣ.

4. Алоқаи вобастагӣ - пешояндӣ.

5. Ибораи сода аст.

Аз мактаб омадан.

1. Калимаи тобеъкунанда «омадан”, тобеъшаванда, «аз мактаб».

2. Ибора аз пешоянду исм ва масдар таркиб ёфтааст.

3. Ибораи масдарӣ-феълӣ.

4. Алоқаи вобастагӣ - пешояндӣ.

5. Ибораи сода.

1. Бо ҳамин ҳол рӯи худро ба тарафи дарвозаи арк гардонда, ду қадам поёнтар рафт (С.Айнӣ).

ду қадам поёнтар - дар ин ибора калимаи тобеъкунанда «поёнтар» тобеъшаванда «ду қадам» буда, ибора аз шумора, исми қадам ва зарфи поёнтар сохта шудааст. Ибораи зарфист, зеро калимаи тобеъкунанда зарфи макон мебошад. Алоқаи таркиби ибора ҳамроҳӣ, сохти ибора мураккаб, чунки аз се калимаи мустақилмаъно иборат аст.

2. Ҷомӣ дар бештарини асарҳои худ хусусан дар «Баҳористон» аз адабиёти халқ - фолклор бисёр устодона истифода бурдааст (Деҳотӣ).

бисёр устодона - калимаи тобеъкунандаи ин ибора «устодона», тобеъшаванда «бисёр» мебошад. Ибора аз зарфу зарф сохта шудааст.

Ибораи зарфӣ, зеро калимаи тобеъкунанда зарф аст, алоқааш ҳамроҳӣ. Сохти ибора сода.

3. Вақт аз дуи шаб гузашта буд (Ф.Ниёзӣ).

дуи шаб - калимаи тобеъкунанда «ду», тобсъшаванда «шаб» мебошад. Ибора аз шумораи аслии ду ва исми шаб сохта шуднааст.

Ибораи шуморагӣ, алоқааш изофӣ, сохташ сода аст.

4. Маро каш-кашон ба тахи дарвозаи қӯрғон баровbooарданд ва дар он ҷо пуштамро бараҳна карда, як кам чил ҷӯб заданд (С.Айнӣ).

як кам чил чӯб - калимаи тобеъкунанда «як кам чил» ва тобеъшаванда «чӯб» аст.

Ибора аз зарфҳои миқдору дараҷаи як кам ва шумораи чил ва исми чӯб сохта шудааст.

Ибораи шуморагӣ, алоқааш ҳамроҳӣ, сохташ мураккаб мебошад.

Ибораҳои зеринро мустақилона таҳлил намоед:

Мадрасаи Кӯкалтош, чойники тунукаи сиёҳ, кӯчаҳои тангу тор, соати ҳашти бегоҳӣ, бонувони мактаби дигар, чашмони сурхшуда, офтоби фурӯ рафта истода, одамони омадагӣ, вақти хестан, қасди газидан, хурдтарин имконият, зеботарин бино, панҷумин иштирокчӣ, ҳазор кӯча, кадом дӯкондор, камтар чой, андаке ғам, муҳаббат ба ватан, мубориза барои сулҳ, кӯҳ барин ғам, Ворух ном қишлоқ, шумо барин одам, пур аз ашк, монанди сарв рост, бисёр калон, машҳури Бухоро, дутои боқимонда, чаҳор нафар аз коргарон, дуюм аз тарафи рост, мани муаллим, мани нодон, ҳамаи мо, ҳеҷ кадом аз одамон, инҳо ҳама, баъзе дигар, ба болои бом баромадан, дар тирамоҳ шумурдан, аз баҳри дармон омадан, мактубро навиштан, ранги зард барин тофтан, ҳамеша омӯхтан, хандакунон даромадан, дар вақти талаб накардан, аз ҳама охиртар, як соат пештар, торафт зиёдтар ва ғайраҳо.

## 2.10. Таҳлили ҷумлаҳои сода аз ҷиҳати маънову мақсад ва интонатсия

Ҷумлаҳои сода аз се ҷиҳат таҳлил карда мешаванд:

а) аз ҷиҳати маънову мақсад ва интонатсия;

б) аз ҷиҳати тип ё таркиб;

в) аз ҷиҳати иштироки сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрав.

Ҳангоми гузаронидани таҳлили синтаксисӣ аз ҷиҳати маънову мақсад ва оҳанги талаффуз хели ҷумлаҳои сода, яъне ҳикоягӣ, саволӣ, хитобӣ ва амрӣ муайян карда мешавад.

Масалан, ҷумлаҳои «Асарҳои С.Айниро хонандагон бо мароқ мутолиа менамоянд». «Аввалин луғати русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русӣ соли 1913 дар Бухоро чоп

шудааст» (Р.Ҳошим). Аз ҷиҳати маъно ва оҳанги талаффуз ҳар ду ҷумлаҳои содаи ҳикоягӣ мебошанд.

Ё ки ҷумлаҳои: «Охир дар дунё ба кас аз падару модар меҳрубонтар ва наздиктар кист?», «Аз ман ба онаатон салом расонед» (Р.Ҷалил). «Ёдгори Айниву ин кӯҳсорон зинда бод! Шеъри Турсунзодаву ин обшорон зинда бод!» (Лоиқ). «Ман ин некиҳои шуморо асло фаромӯш намекунам» («Садои Шарқ»).

Ҷумлаи содаи якум аз ҷиҳати маънову мақсад ва интонатсия ҷумлаи содаи саволӣ, ҷумлаи содаи дуюм амрӣ, ҷумлаи содаи сеюм хитобӣ ва ҷумлаи содаи чорум инкорӣ мебошад.

Дар таҳлили синтаксисии ҷумлаҳои сода аз рӯи тип ё таркиб дутаркиба ё яктаркиба будани ҷумлаҳои сода эзоҳ дода мешавад. Агар ҷумлаи сода яктаркиба бошад, равшан карда мешавад, ки он аз кадом хели ҷумлаҳои содаи яктаркиба: бешахс, умумишахс, номуайяншахс, муайяншахс ва ё унвонист. Масалан: «Ҳамаи миллатҳои Ватани мо дар як оилаи бародарона зиндагӣ мекунанд»

- ҷумлаи содаи дутаркибаи тафсилӣ. «Мактубро бояд навишт» - Ҷумлаи содаи яктаркибаи бешахс. «Китоб хондам» - ҷумлаи содаи муайяншахс. «Чӯҷаро дар тирамоҳ мешуморанд» - ҷумлаи содаи номуайяншахс.

«Тирамоҳ. Баргҳои дарахтон рехтанд». Ҷумлаи содаи унвонӣ «тирамоҳ» мебошад ва ҷумлаи «Дарди худ пеши дардмандон магӯ» (Зарбулмасал), ҷумлаи содаи яктаркибаи умумишахс мебошад.

Дар таҳлили синтаксисии ҷумлаҳои сода аз ҷиҳати иштироки сараъзо ва аъзоҳои пайрав аввал аз ҷумла сараъзоҳо: хабару мубтадоро ёфта, саволи онҳо, мувофиқати онҳо аз рӯи шахс ва шумора, бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтанашон муайян карда мешавад.

Масалан, дар ҷумлаи «Мо шаҳри азизамонро ҳамеша дӯст медорем» сараъзоҳои ҷумла: дӯст медорем - хабар, ба саволи чӣ кор мекунем? ҷавоб мешавад, бо феъли «дӯст доштан» ифода шудааст, сиғаи хабарӣ, замони ҳозира-оянда буда, дар шахсу шумора бо мубтадо мувофиқат мекунад.

Мо - мубтадо, ба саволи кӣ? ҷавоб мешавад, бо ҷонишини шахси якуми ҷамъ ифода шудааст.

Баъди таҳлили сараъзоҳои ҷумла аъзоҳои пайрав ёфта мешаванд.

Аъзоҳои пайрави ҷумла низ ба воситаи савол муайян карда мешаванд. Ғайр аз ин мавриди таҳлили аъзозҳои ҷумла ҳар як муаллим бояд ба масъалаҳои зерин эътибор диҳад:

а) ба кадом савол ҷавоб шудани сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрав;

б) аъзои кадом ҷумла аст;

в) ба кадом калима тобеъ аст, ё кадом калимаро эзоҳ медиҳад;

г) ба кадом калима чӣ тарз алоқаманд шудааст (намуди алоқа нишон дода мешавад).

Масалан, «Пешоҳангон ба кори муйсафедон ёрӣ мерасонанд», ёрӣ мерасонанд - хабар, ба саволи чӣ кор мекунанд? ҷавоб мешавад, бо феъли замони ҳозира-ояндаи сиғаи хабарӣ ифода шудааст. Пешоҳангон - мубтадо, ба саволи киҳо? ҷавоб мешавад, бо исми ҷинс ифода шудааст.

ба кор - пуркунанда, ба саволи ба чӣ? ҷавоб мешавад, бо пешоянду исм ифода шудааст, пуркунандаи бавосита буда, ба калимаи «ёрӣ мерасонанд» тобеъ аст.

муйсафедон - муайянкунанда, ба саволи киҳо? ҷавоб мешавад, бо исм ифода шудааст, ба калимаи «кор» тобеъ мебошад.

ҳамеша - ҳоли замон, ба саволи кай? ҷавоб мешавад, бо зарфи замон ифода шуда, ба хабар тобеъ аст.

Таҳлили пурраи ҷумлаҳои сода чунин гузаронида мешавад: Мо Тоҷикистони офтобрӯяро ҳамеша дӯст медорем. Ин ҷумлаи содаи мазмунан ҳикоягии дутаркибаи тафсилӣ мебошад.

дӯст медорем - хабар, ба саволи чӣ кор мекунем? ҷавоб мешавад, бо феълӣ замони ҳозира-ояндаи сиғаи хабарӣ ифода шудааст.

мо - мубтадо, ба саволи кӣ? ҷавоб мешавад, бо ҷонишини шахси якуми ҷамъ ифода шуда, бо хабар дар шахсу шумора мувофиқат мекунад.

Тоҷикистон - пуркунанда, ба саволи ҷиро? ҷавоб мешавад, бо исми хос ифода шудааст, ба хабарӣ «дӯст медорем» тобеъ мебошад, хабар бо феъли замони ҳозира-ояндаи сиғаи хабарӣ ифода шудааст.

офтобрӯя - муайянкунанда, ба саволи чӣ хел? ҷавоб мешавад, бо сифати нисбӣ ифода шудааст, ба калимаи Тоҷикистон тобеъ мебошад, калимаи мураккаб аст.

ҳамеша - ҳоли замон буда, ба саволи кай? ҷавоб мешавад, бо зарфи замон ифода шуда, ба хабар тобеъ аст. Нақшаи ин ҷумларо бо аломати шартӣ чунин нишон додан мумкин аст:




Ҷумлаҳои зеринро таҳлили пурра намоед:

Ҳаво сард. Ӯ донишҷӯ аст.

Дар баҳори соли 1931 ман ҳам дар катори рафиқони дигар ба районҳои шарқии республикаамон фиристода шуда будам (Ҳ.Карим). Дар дами парешонҳолӣ дӯстро мешиносӣ (Зарбулмасал). Оҳанро дар гармиаш мекӯбанд (Зарбулмасал). Дар он замон ин шаҳрро Бухорои шариф меномиданд (Ҷ-Икромӣ). Туро беҳуда Наврӯзи зӯр намегӯянд (С.Айнӣ). Ба ин муддати дуру дароз Зайнабро ба хона руст карда мондан нашояд

(Ҷ.Икромӣ). Лайлиро бо чашми Маҷнун бояд дид (Зарбулмасал). Ин одамро аз Мадраса пеш кардан лозим аст (С.Айнӣ).

## 2.11. Таҳлили ҷумлаҳои мураккаб ва нақшаи онҳо

Таҳлили ҷумлаҳои мураккаб аз рӯи маъно, тарзи алоқа ва сохт ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд:

а) таҳдили ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор ва бепайвандак

б) таҳлили ҷумлаҳои мураккаби тобеи як ҷумлаи пайравдор;

в) таҳлили ҷумлаҳои мураккаби тобеи якчанд пайравдор ё сертаркиб;

г) таҳлили ҷумлаҳои мураккаби омехта.

Пеш аз он ки ин ё он ҷумларо таҳлил намоем, лозим аст, ки он аз тарафи муаллим ё хонандагон мувофиқи меъёри талаффуз хонда шавад. Баъд мазмуни он аз хонандагони ҷудогона пурсида шуда, муаллифи ҷумла ё байт гуфтаву калимаҳои душвори он муайян карда мешавад. Ин кор дар инкишофи нутқи хонандагон ва алоқаманд кардани дарси забон ва адабиёт роли муҳим мебозад.

## 2.12. Таҳлили ҷумлаи мураккаби пайваст

Баъди он ки муаллим дар бораи ҷумлаи мураккаби пайваст ба шогирдон маълумоти муфассал медиҳад, тарзи таҳлили он ба миён меояд. Ҳангоми гузаронидани таҳлил муаллим бояд ба тартиби таҳлил эътибор диҳад ва қайд намояд, ки дар ҷумлаи мураккаби пайваст ҷумлаҳои содаи дохили он баробарҳуқуқ буда яке ба дигаре тобеъ нестанд, аз яке савол баромада дигаре ҷавоб намешавад, ҷумлаҳои содаи он хусусияти

тобеъкунӣ ва тобеьшавӣ надоранд. Онҳо метавонанд бо пайвандак ва бе пайвандак оянд. Баъд мазмуни он аз хонандагони ҷудогона пурсида шуда, муаллифи ҷумла ё байт муайян карда мешавад. Агар дар ҷумла калимаҳои душвори эзоҳталаб бошанд, онҳо аз тарафи муаллим шарҳу эзоҳ дода мешаванд ва хонандагон он калимаро дар дафтари луғаташон менависанд.

**Тарзи таҳлили ҷумлаи мураккаби пайваст чунин аст:**

1. Ин ҷумла аст.
2. Аз ду ва зиёда ҷумлаи сода сохта шудааст. Ҳудуди ҷумлаҳои сода муайян карда шуда бо аломати шартӣ байни ҷумлаҳои сода хати рост (-1 -) кашида мешавад.
3. Пас ҷумлаи мураккаб гуфтан, чунки он аз ду ва зиёда ҷумлаи сода таркиб ёфтааст.
4. Ҷумлаи мураккаби пайваст.
5. Ҷумлаҳои содаи он бо роҳи пайваст, яъне бо пайвандакҳои пайвасткунанда ё бепайвандак, яъне ба воситаи интонатсия ба ҳам алоқаманд шудаанд.
6. Амали ҷумлаҳои содаи дохили ҷумлаи мураккаб нишон дода мешаванд, ки онҳо дар як вақт руӣ додаанд, ё паси ҳам, ё бар хилофи якдигар.
7. Нишон додани аломати китобатии он ҷумлаи мураккаби пайваст ва сабаби гузошта шудани онҳо.
8. Кашидани нақшаи ҷумла.
9. Таҳлили куллии ҷумлаҳои содаи таркиби он.

**Намунаи таҳлили ҷумлаи мураккаби пайваст:**

I. Товус думашро мепарварад, (аммо) одам ба нигоҳ доштани шарафи худ кӯшиш мекунад.

1. Ин ҷумла аст.
2. Аз ду ҷумлаи сода иборат
3. Пас ҷумлаи мураккаб

4. Ҷумлаи мураккаби пайвасти пайвандакдор

5. Ҷумлаҳои содаи дохили он бо пайвандаки пайвасткунандаи хилофии “аммо” ба якдигар пайваст шудаанд.

6. Амали ҷумлаҳои соддаи дохили ҷумлаи мураккаб бар хилофи якдигар рӯй додаанд.

7. Дар ҷумла ду аломати китобатӣ: дар охири ҷумлаи соддаи якум пеш аз пайвандаки хилофии аммо аломати вергул, дар охири ҷумлаи соддаи дуюм аломати нуқта гузошта шудааст.

8. Нақшаи ҷумла




9. Ҷумлаи содаи якум ҳикоягӣ, дутаркибаи тафсилӣ, ҷумлаи содаи дуюм ҳам ҳикоягӣ ва дутаркибаи тафсилӣ мебошад.

Мисоли дигар:

II. Фарзанд – дона,/ набера-мағзи дона (Сумане аз ҳар чамане).

1. Ҷумла аст.
2. Аз ду ҷумлаи сода иборат.
3. Ҷумлаи мураккаб
4. Ҷумлаи мураккаби пайвасти бепайвандак
5. Ҷумлаҳои содаи дохили он бо интонатсия ба ҳам пайваст шудаанд.
6. Амали ҷумлаҳои содаи дохили ҷумлаи мураккаб бар хилофи якдигар рух додаанд.
7. Дар ҷумла се аломати китобатӣ: дар ҷумлаи содаи якум байни сараъзоҳо аломати нимтире ва дар охири он аломати вергул, дар ҷумлаи содаи дуюм низ байни сараъзоҳо аломати нимтире ва дар охири

ҷумла аломати нуқта гузошта шудааст. Сабаби дар байни саразъзоҳо гузошта шудани нимтире он аст, ки хабари номии ҷумлаҳои сода бе бандак ифода гардидааст.

8. Нақшаи ҷумла




9. Ҳар ду ҷумлаи содаи яктаркибаи хуллас мебошад.

III. Чашмони сиёҳи ӯ дар рӯи қоғаз метохтанд \ (ва) чеҳраи ӯ торафт кушодатар мешуд (Х.Карим).

1. Ин чумла аст.
2. Аз ду ҷумлаи сода иборат.
3. Ҷумлаи мураккаб.
4. Ҷумлаи мураккаби пайвасти пайвандакдор.
5. Ҷумлаҳои содаи дохили он бо пайвандаки пайвасти пайиҳами «ва» ба якдигар пайваст шудаанд.
6. Амали чумлаҳои содаи дохили ҷумлаи мураккаби пайваст паси ҳам рӯй додаанд.
7. Дар ин ҷумла аломати китобатии нуқта дар охир гузошта шудааст.
8. Нақшаи ҷумла.




9. Ҳар ду ҷумлаи сода ҷумлаи содаи ҳикоягии дутаркибаи тафсилӣ мебошад.

Мисолҳо барои таҳлили ҷумлаи мураккаби пайваст:

1. Дӯст панд диҳад, душман фанд (Сумане аз ҳар ҷамане).

2. Русия моро аз моли саноатӣ таъмин мекунад, мо пӯсти қарокулӣ, пахта ва абрешими худро ба Русия мефурӯшем (Ҷ.Икромӣ).

3. Лоҳутӣ дар назми советии тоҷик ҳамчун яке аз асосгузорони он ҳамеша зинда хоҳад монд, ёди ӯ ҳамчун патриоти назми тоҷик ҳамеша дар дилҳои мо ҷой хоҳад дошт, осори ӯ дар назми мо ҳамеша ҷавон хоҳад зист (Р.Ҳошим).

4. Ғаразҳо тира дорад дӯстро,
Ғаразҳоро чаро аз дил наронем? (Ҷ. Румӣ)

5. Ҳазор дӯст камӣ кунаду як душман зиёдатӣ (Сумане аз ҳар ҷамане).

6. Рӯзҳои чиллаи зимистон буд, ҳавои сарди беғубор ба рӯи кас форам мерасид (Ф.Ниёзӣ).

7. Шеър оташу эҷодиёти шоир сӯхтан аст (Р.Рамзатов).

8. Ҳама ҷиз гум мешавад, ҳунар не (Сумане аз ҳар ҷамане).

9. Зарар андар сухан зи ҳад беш аст,
Марди пургӯй душмани хеш аст. (К.Биноӣ)

10. Уқоб ба муқобили бод мепарад, моҳӣ ба муқобили ҷараёни об шино мекунад (Р. Ғамзатов).

11. Зарби задан мераваду зарби сухан не (Сумане аз ҳар чамане).

12. Дарахт бе реша намесабзад,
Одам бе илм. (Сумане аз ҳар чамане)

## 2.13. Таҳлили ҷумлаи мураккаби тобеи як ҷумлаи пайравдор

**Ҷумла бояд бо чунин тартиб таҳлил карда шавад:**

1. Ин ҷумла аст.
2. Муайян кардани миқдори ҷумлаҳои содаи он.

3. Пас ҷумлаи мураккаб гуфтан.

4. Ҷумлаи мураккаби тобеъ.

5.Ҷудо кардани сарҷумла ва ҷумлаи пайрав. Ба зери сарҷумла хати рост (_______) ва ба зери ҷумлаи пайрав хати мавҷнок (~~~~~~) кашида мешавад. Саволи ҷумлаи пайравро, ки аз сарҷумла мебарояд, муайян карда ба болои ҷумлаи пайрав навиштан.

6. Муайян кардани хели ҷумлаи пайрав.

7. Ҷумлаи пайрав чиро шарҳу эзоҳ медиҳад: тамоми сарҷумла, ё аъзои алоҳидаи онро?

8. Ҷумлаи мураккаби тобеи пайвандакдор ё бепайвандак.

9. Дар ин ҷумла чӣ хел аломати китобатӣ гузошта шудааст ва чаро?

10. Нақшаи ҷумларо кашидан.

**Намунаи таҳлили ҷумлаи мураккаби тобеъ**

(кадом?)

Навиштани китобе, (ки) ба кишвари азиз бахшида мешавад, кори аз ҳама масъулиятнок аст (Р. Ғамзатов).

1. Ин ҷумла аст.

2. Аз ду ҷумлаи сода сохта шудааст.

3. Ҷумлаи мураккаб.

4. Ҷумлаи мураккаби тобеъ.

5. «Навиштани китобе кори аз қама масъулиятнок аст» - сарҷумла буда, «ки ба кишвари азиз бахшида мешавад» - ҷумлаи пайрав мебошад. Аз сарҷумла саволи кадом китоб? мебарояд.

6. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда.

7. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда, муайянкунандаи сарҷумла «китоб»-ро, ки бо исми номуайянӣ ифода шудааст, шарҳу эзоҳ медиҳад.

8. Ҷумлаи мураккаби тобеи пайвандакдор аст.

9. Дар ин ҷумлаи мураккаб барои ҷудо намудани ҷумлаи пайрав ду аломати китобатии вергул гузошта

шудааст, зеро нисфи сарҷумла дар аввал ва нисфи дигараш дар охир омадааст.

10. Нақшаи ҷумла.




Мисоли дигар.

*(кай?)*

(Вақте ки) аскарони сурх ва фидоиён ӯро модар меномиданд, ҳамин табассуми виқоромез дар рухсори сероҷинги ӯ пайдо мешуд. (Р.Ҷалил).

1. Ин ҷумла аст.
2. Аз ду ҷумлаи сода иборат.
3. Ҷумлаи мураккаб.
4. Ҷумлаи мураккаби тобеъ.
5. Сарҷумлааш ҷумлаи дуюм, ҷумлаи пайраваш ҷумлаи якум аст.
6. Ҷумлаи пайрави ҳоли замон.
7. Ҷумлаи пайрави ҳоли замон тамоми сарҷумларо шарҳу эзоҳ медиҳад, савол аз тамоми сарҷумла мебарояд.
8. Ҷумлаи мураккаби тобеи пайвандакдор - вақте ки.
9. Дар ин ҷумлаи мураккаб барои ҷудо кардани ҷумлаи пайрав ва сарҷумла дар байнашон вергул гузошта шудааст.

10. Нақшаи ҷумла




**Ҷумлаи дигар:**

Ба дил донаи ҳирс чандон макор,
***(чаро?)***
(Ки) охир пушаймонӣ орад ба бор. (Х.Деҳлавӣ)

1. Ин ҷумла аст.
2. Аз ду ҷумлаи сода иборат.
3. Ҷумлаи мураккаб.
4. Ҷумлаи мураккаби тобеъ.
5. Сарҷумла - якум буда, аз он саволи чаро? мебарояд, ҷумлаи пайрав - дуюм
6. Ҷумлаи пайрави ҳоли сабаб.
7. Ҷумлаи пайрави ҳоли сабаб тамоми сарҷумларо шарҳу эзоҳ медиҳад.
8. Ҷумлаи мураккаби тобеи пайвандакдор аст.
9. Байни сарҷумла ва ҷумлаи пайрав аломати вергул гузошта шудааст.
10. Нақшаи ҷумла.



Супориш: Ҷумлаҳои зерро мисли ҷумлаҳои болоӣ таҳлил намоед.

1. Бадхоҳ агар бадхоҳӣ накунад, бадхоҳ намешавад (Ҷ.Икромӣ).

2. Илме, ки дар он амал набошад,
Ҷуз арбадаю ҷадал набошад. (Ҳилолӣ)

3. Ин шеърҳо ҷавононро тарғиб мекарданд, ки ба лоҳутивор шеър гуфтан кӯшиш намоянд (Р.Ҳошим).

4. Зиндагӣ саросар омӯзиш аст, зеро зиндагӣ ҳамвора дар пешравист (Панду ҳикмат).

5. Ҳар чӣ донӣ ту, беҳ зи нодонист (Авҳадӣ).

6. Нек чун бо бад нишинад, бад шавад (Панду ҳикмат)

7. Салом гӯй, алек мегирӣ (Сухане аз ҳар чамане).

8. Ақл агар кӯр бошад, аз дидаи бино чӣ гила (Сухане аз ҳар ҷамане).

9. Мурда он аст, ки номаш ба некӯӣ набаранд (Саъдӣ).

10. Ҳар ҷо тамаъ вуҷуд надорад, бахил нест (Соиб).

11. Ҳақ гӯй, агарчӣ талх бошад (Кайковус).

## 2.14. Таҳлили ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиба

Маълум, ки ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиба аз се ва зиёда ҷумлаи сода сохта мешавад. Дар ин гуна ҷумлаҳо метавонад яке аз ҷумлаҳои сода сарҷумла бошад ва ду ҷумлаи содаи дигар ҷумлаи пайрав шуда ояд. Ҷумлаҳои пайрав дар ин тип ҷумлаҳо ба ду гурӯҳ: ҳампайрави чида ва ғайричида ҷудо мешаванд.

Тарзи таҳлили ҷумлаҳои мураккаби сертаркибаро чунин гузаронидан мумкин аст:

1. Ин ҷумла аст.

2. Аз се ва зиёда ҷумлаҳои сода сохта шудааст. Ҳудуди ҷумлаҳои сода муайян карда шуда, бо хати рост нишон дода мешавад.

3. Пас ҷумлаи мураккаб гуфтан.

4. Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиба, зеро аз се ё чор ҷумла иборат аст.

5. Муайян кардани сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, ба зери сарҷумла ва ҷумлаи пайрав хат кашидан, саволи ҷумлаҳои пайравро нишон додан.

6. Муайян кардани хели ҷумлаи пайрав, пайрави чида ё ғайричида.

7. Ҷумлаҳои пайрав ба сарҷумла бо пайвандак ё бепайвандак алоқаманд шудаанд?

8. Ҷумлаҳои пайрав чиро шарҳу эзоҳ медиҳанд?: тамоми сарҷумларо, ё яке аз аъзо ё сараъзои сарҷумларо, ё калимаҳоро, ё калимаҳои ҳамнисбати сарҷумларо.

9. Нишон додани алоқаи байни ҷумлаҳои сода

10. Нишон додани аломати китобатии байни ҷумлаҳои сода ва сабаби гузошта шудани онҳо.

11. Нақшаи ҷумла.

**Намунаи таҳлили ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиба**

1. Ҳампайрави чида

Мо аз сидки дил меҳнат кардаем, (то ки) ин кӯзаҳо зебо шаванд, мардум бо ҳавас тамошо кунанд. (Р. Ғамзатов)

1. Ин ҷумла аст.
2. Аз се ҷумдаи сода иборат.
3. Ҷумлаи мураккаб.
4. Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиба.
5. Сарҷумлааш: ҷумлаи якум, ҷумлаҳои дуюм ва сеюм пайрави ҳамчидаанд.
6. Ҳар ду ҷумлаи пайрав ба як савол «бо кадом мақсад?» ҷавоб мешавад, ҷумлаи пайрави ҳоли мақсад.
7. Ҳар ду ҷумлаи пайрав ба сарҷумла бо воситаи пайвандаки таркибии мақсади «то ки» алоқаманд шудааст.

8. Ҷумлаҳои пайрави ҳоли мақсад тамоми сарҷумларо шарҳ эзоҳ додаанд, зеро савол аз тамоми сарҷумла мебарояд.

9. Ҷумлаҳои пайрави дохили ҷумлаи мураккаби сертаркиба ба якдигар ба воситаи интонатсия (аломати вергул) алоқаманд гардидаанд.

10. Дар ин ҷумла се аломати китобатӣ: байни ҷумлаи содаи якум ва дуюм аз сабаби пайвандаки «то ки» будан аломати вергул ва байни ҷумлаҳои содаи дуюму сеюм низ аломати вергул ва дар охири ҷумла аломати нуқта гузошта шудааст.

11. Нақшаи ҷумла.




Баъзан сарҷумлаи ҷумлаи пайрави ҳамчида дар охир меояд, ки дар он маврид нақшаи ҷумла ин тавр мешавад.

Мисол: (Вақте ки) ҳама рафтанду / оромии шабонгаҳ барқарор гардид, садои шар – шари чашма ба гӯши Ҳотам расид. (Р. Ҷалил).



## 2.15. Таҳлили ҷумлаи сертаркибаи пайраваш ғайричида

Мисол: (Агар) ман метавонистам, тамоми хурофот, дин, одатҳои разилро ҳамроҳи худ ба гӯр мебурдам, (то ин ки) дигар духтарон ба доми онҳо наафтанд
(А. Шукӯҳӣ).

1. Ин ҷумла аст.
2. Аз се ҷумлаи сода иборат.
3. Ҷумлаи мураккаб.
4. Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиба, ҷунки аз се ҷумлаи сода таркиб ёфтааст.
5. Сарҷумлааш: ҷумлаи дуюм, ҷумлаҳои содаи якум пайрави ғайричида мебошанд.
6. Ҷумлаи пайрави якум ба саволи ба кадом шарт? ва ҷумлаи пайрави сеюм ба саволи бо кадом мақсад? ҷавоб мешавад. Ҷумлаи пайрави якум ҳоли шартӣ ва ҷумлаи пайрави дуюм ҳоли мақсад мебошад.
7. Ҳар ду ҷумлаи пайрав ба сарҷумла ба воситаи пайвандакҳои гуногун, яке «агар» - шартӣ, дигаре «то ки» - мақсад алоқаманд шудаанд.
8. Ҷумлаи пайрави шартӣ тамоми сарҷумларо ва ҷумлаи пайрави ҳоли мақсад, хабари сарҷумла «ба гӯр мебурдам»-ро шарҳу эзоҳ дода истодааст.
9. Ҷумлаи пайрави дохили ҷумлаи мураккаби сертаркиба бо сарҷумла яке бо воситаи пайвандаки тобеъкунандаи «агар»-и шартӣ ва дигаре бо пайвандаки таркибии мақсади «то ки» алоқаманд гардидаанд.
10. Байни ҷумлаи содаи якум ва дуюм аломати вергул ва дуюму сеюм пеш аз пайвандаки «то ки» низ аломати вергул ва, дар охири ҷумла нуқта гузошта шудааст.

11. Нақшаи ин ҷумла чунин аст:




Чанд мисолҳо барои таҳлил

1. Қарор дода шуд, ки ба Холбӯта имконияти ором гирифтан дода нашавад, дастааш тамоман торумор карда шавад (Р. Ҷалил).

2. Ҳамин ки дар он соҳил пайдо шудем, диққат карда дидам, ки соҳили дигар базӯр менамояд ва одамони мо дар паси пардаи туман мондагӣ барин қариб ҳеҷ наметофтанд (Ҷ. Икромӣ).

3. Гуфтан мумкин аст, ки таронае ё ашӯлае набуд, ки каму беш паҳн шуда бошаду мо онро надонем (С.Улуғзода).

4. Дар мадрасаи Мири Араб, ки дар он ҷо 300 нафар зиёдтар талаба ва муллоҳои хатмкарда буданд, ман дар он сол ба касе вонахӯрдам, ки аз шеъру адабиёт гап занад (С.Айнӣ).

5. Дӯст он аст, ки бигирёад, душман он аст, ки бихандонад (Аз панду ҳикмат).

6. Бувад маълуми ҳар озоду банда,
Ки нодон мурдаву доност зинда. (А.Ҷомӣ)

7. Як рӯз, вақте ки дар ёбон ба ҷуволҳо коҳ ҷой мекардем, аз дур дидем, ки бо роҳи калони Ғиждувон як даста аскарҳои сурх ва одамони шаб ҳамон мегузаранд (Ҷ. Икромӣ).

8. Шеъре, ки қофия дораду маъно не, ба зеборӯе монанд, ки сурат дораду сират не (Аз панду ҳикмат).

9. Агар хоҳӣ, ки аз шумораи озодмардон бошӣ, тамаъро ба худ роҳ мадеҳ ва дар дил ҷой мадеҳ (Кайковус).

10. Ман, ки аз модар хеле хурд монда меҳри модариро надида будам, чашм кушода ҳамин кампирро дидам, ки ба ман лутфу марҳамат дорад (Ҷ. Икромӣ).

## 2.16. Таҳлили ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаҳои пайрави дараҷагӣ

Агар дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб ҷумлаҳои пайрав пай дар пай ба якдигар тобеъ шуда оянд, ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркиби дараҷагӣ ба вуҷуд меояд.

Дар ин тип ҷумлаҳо ҷумлаи якум одатан сарҷумла ва ҷумлаи охирин вазифаи ҷумлаи пайравро адо мекунад, ҷумлаҳои дигари дар байн омада нисбат ба ҷумлаи пешина вазифаи ҷумлаи пайрав ва нисбат ба ҷумлаи баъдина вазифаи сарҷумларо иҷро мекунад.

Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаҳои пайрави дараҷа дудараҷагӣ, седараҷагӣ ва якхелаву ҳархела мешаванд.

Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиби бо ҷумлаҳои пайрави якхелаи дараҷаи ду ё зиёда ҷумлаҳои пайрави якхела омада, ҷумлаи пайрави якум сарҷумларо, ҷумлаи пайрави дуюм пайрави якумро ва ғайра эзоҳ медиҳад.

Мисол: Ман маҷбур шуда будам, ( ки) қаламро доимо бо худам гирифта гардам ва эҳтиёт кунам, (то ки) гум нашавад (С. Улуғзода).

1. Ин ҷумла аст.
2. Аз се ҷумлаи сода иборат.
3. Ҷумлаи мураккаб.

4. Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркибаи пайраваш паёпай ё дараҷагӣ.

5. Ҷумлаи содаи якум сарҷумлаи ҷумлаи содаи дуюм аст, ки ҳамин ҷумлаи содаи дуюм ҳам вазифаи ҷумлаи пайравро низ иҷро мекунад ва ҳам нисбат ба ҷумлаи пайрави сеюм вазифаи сарҷумларо иҷро дорад. Ҷумлаи пайрави якум ба саволи ба чӣ? ва ҷумлаи пайрави дуюм ба саволи «бо кадом мақсад?» ҷавоб мешавад.

6. Ҷумлаи пайрави якум ба сарҷумла ба воситаи пайвандаки «ки» ва ҷумлаи пайрави дуюм ба воситаи пайвандаки мақсади «то ки» ба сарҷумла ба тарзи дараҷагӣ ё пайдарпай алоқаманд шудаанд.

7. Ҷумлаи пайрави якум пайрави пуркунанда ва ҷумлаи пайрави дуюм пайрави ҳоли мақсад мебошад.

8. Ҷумлаи пайрави якум хабари сарҷумла «маҷбур шуда будам» ва ҷумлаи пайрави дуюм тамоми сарҷумларо шарҳу эзоҳ медиҳад.

9. Дар ин ҷумлаи мураккаб кадом аломати китобатӣ гузошта шудааст. Се аломати китобатӣ: байни ҷумлаи содаи якум ва дуюм пеш аз пайвандаки тобеъкунандаи «ки» аломати вергул ва байни ҷумлаҳои содаи дуюму сеюм пеш аз пайвандаки таркибии мақсади «то ки» аломати вергул ва дар охири ҷумла аломати нуқта гузошта шудааст.

10.Нақшаи ин ҷумла чунин аст:




Мисоли дигар:

Дуруст аст, (ки) баъзан дар баробари сиёҳ гаштани коғаз чизҳое офарида мешаванд, (ки) баъди сари

нависанда ҳам, ношир ҳам бақодор хоҳад монд. (Р. Ғамзатов).

1. Ин ҷумла аст.

2. Аз се ҷумлаи сода иборат.

3. Ҷумлаи мураккаб.

4. Ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркибаи пайрав-ҳояш паёпай ё дараҷагӣ ҳам мегӯянд.

5. Сарҷумла ҷумлаи содаи якум, ҷумлаи содаи дуюм ҷумлаи пайрав буда, дар навбати худ вазифаи сарҷумларо нисбат ба ҷумлаи содаи сеюм иҷро мекунад, яъне ҳам ҷумлаи пайрав ва ҳам сарҷумла аст. Ҷумлаи пайрави якум ба саволи чӣ? ва ҷумлаи пайрави дуюм ба саволи «чӣ гуна?» ҷавоб мешавад.

6. Дар ин ҷумлаи мураккаб ҳар ду ҷумлаи пайрав ба сарҷумла ба воситаи пайвандаки «ки» ба тарзи дараҷагӣ ё пайдарпай алоқаманд гардидааст.

7. Ҷумлаи пайрави якум пайрави мубтадо ва ҷумлаи пайрави дуюм пайрави муайянкунанда мебошад.

8. Ҷумлаи пайрави якум хабари сарҷумла, ки муносибати субъектро ифода мекунад ва тобиши модалият дорад, «маълум аст»-ро ва ҷумлаи пайрави дуюм, ки дар навбати худ вазифаи сарҷумларо дорад, мубтадои сарҷумла «чизҳое»-ро бо исми номуайянӣ ифода гардидааст, шарҳу эзоҳ дода муайян менамояд.

9. Дар ин ҷумлаи мураккаби тобеи сертаркибаи пайдарпай ё дараҷагӣ се аломати китобатӣ: байни се ҷумлаи сода пеш аз пайвандаки тобеъкунандаи «ки» аломати вергул ва дар охири ҷумлаи содаи сеюм аломати нуқта гузошта шудааст.

10. Нақшаи ин ҷумла чунин аст:




Мисолҳо барои таҳлил:

1. Мурувват он аст, ки дар пинҳон коре кунанд, ки дар ошкор шуданаш аз он хиҷолат набояд («Таърихи гузида»).

2. Мегӯянд, ки кӯзаи мӯякрафтаро бутун кардан натавонӣ, аздусар об метаровад (Р. Ғамзатов).

3. Давлат фармуд, ки рафта ба ду командири взвод гӯяд, ки онҳо бо ҷанговарон ба ягон мавқеи қулай паноҳ шаванд ва ба танку тӯпҳои худгарди немисҳо кордор набошанд (Ф. Ниёзӣ).

4. Модаркалон ба назди онҳо даромад, то хабар диҳад, ки даста ба деҳа наздик шуд («Садои Шарқ»).

5. Аз ту пурсидам, ки ягон кор кун, то ки ба ман ягон пули чой рӯяд (С.Айнӣ).

6. Расул ба мо гуфт, ки хубии кор дар ин аст, ки қоғазҳо насӯхтаанд («Садои Шарқ»).

7. Душман медонад, агар занон озод шаванд, агар мардум босавод шаванд, дигар онҳоро фиреб додан ва ба болои онҳо ҳокимӣ кардан нахоҳад шуд! (С.Айнӣ).

## 2.17. Таҳлили ҷумлаи мураккаби омехта

Ин типи ҷумлаи мураккаб аз дигар ҷумлаҳои мураккаб бо он хусусияташ фарқ мекунад, ки дар он ҷумлаҳои сода бо ду восита: ҳам бо роҳи пайваст ва ҳам бо роҳи тобеъ алоқаманд мешаванд. Бо роҳи пайваст

ҷумлаҳои содаи баробарҳуқуқ ба ҳам алоқаманд мегар-данд, бо роҳи тобеъ бошад, ҷумлаи пайрав ба сарҷумла тобеъ мешавад.

Дар зери истилоҳи сарҷумла ҷумлаи тобеъкунанда фаҳмида мешавад, хоҳ вай ба дигар ҷумла тобеъ бошад, хоҳ не, аммо мафҳуми ҷумлаи содаи баробарҳуқуқ ҷумлаеро ифода мекунад, ки ба ягон ҷумла тобеъ нест, вале вай метавонад, бо ҷумлаҳои дигар дар алоқаи пайвастӣ бошад ва ё дигар ҷумлаҳоро ба худ тобеъ намуда, ҷун сарҷумла воқеъ гардад.

Дар ҷумлаҳои мураккаби омехта як ҳиссааш ҷумлаи сода буда, ҳиссаи дигараш ҷумлаи мураккаби тобеъ мебошад.

Тарзи таҳлили ҷумлаи мураккаби омехта чунин аст.

Мисол:

Субҳ наздик шуд, (аммо) абри сиёҳе, (ки) шарқӣ – ҷанубии кӯҳистони тоҷикро фаро гирифтааст, ба сафед шудани рӯз роҳ намедиҳад (С. Айнӣ).

1. Ин ҷумла аст.

2. Аз се ҷумлаи сода иборат.

3. Ҷумлаи мураккаб.

4. Ҷумлаи мураккаби омехта, зеро дар ин ҷумлаи мураккаб ду намуди алоқа: пайваст ва тобеъ дида мешавад.

5. Ҷумлаи содаи мустақил ҷумлаи якум аст ва он ба тариқи пайваст ба ҷумлаи содаи дуюму сеюм алоқаманд шудааст, ҷумлаи дуюму сеюм ба якдигар ба тариқи тобеъ алоқаманд гардидаанд.

6. Сарҷумлааш: «абри сиёҳе ба сафед шудани рӯз роҳ намедиҳад» ва «ки шарқӣ-ҷанубии кӯҳистони тоҷикро фаро гирифтааст» ҷумлаи пайрав аст.

7. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда мебошад.

8. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда муайянкунандаи сарҷумла «сиёҳ»-ро шарҳу эзоҳ медиҳад ва ба саволи кадом? ҷавоб мешавад.

9. Ҷумлаи мураккаби омехтаи ду пайвандакдор, яке пайвандаки пайвасти хилофӣ, дигаре тобеъкунандаи ки.

10. Дар ин ҷумла чор аломати китобатӣ гузошта шудааст: байни ҷумлаи содаи якум ва дуюм пеш аз пайвандаки хилофии аммо аломати вергул ва аз сабаби нисфи сарҷумла баъди ҷумлаи содаи якум ва нисфаш дар охир омадан ҷумлаи пайрав дар мобайни сарҷумла омада, он аз ду тараф бо вергул ҷудо карда шудааст. Дар охири ҷумла аломати нуқта гузошта шудааст, чунки фикр ба охир расидааст.

11.Нақшаи ҷумла:




Мисоли дигар:

Аз ҳосили дунё ба ҷуз ном намемонад ва бадбахт касест, (ки) аз ӯ ин ҳам намемонад (Саъдӣ).

1. Ин ҷумла аст.
2. Аз се ҷумлаи сода иборат.
3. Ҷумлаи мураккаб.
4. Ҷумлаи мураккаби омехта, зеро дар он ду алоқа дида мешавад, ҳам пайваст ва ҳам тобеъ.
5. Ҷумлаи содаи мустақил ҷумлаи якум ва он ба ҷумлаи содаи дуюму сеюм ба тариқи пайваст, ҷумлаи дуюму сеюм ба тариқи тобеъ ба якдигар алоқаманд гардидаанд.

6. Сарҷумлааш: «бадбахт касест», ҷумлаи пайрав «ки аз у ин ҳам намемонад» аст.

7. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда.

8. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда, хабари номии сарҷумларо, ки бо исми номуайянӣ ва бандаки хабарӣ ифода шудааст, шарҳу эзоҳ медиҳад ва аз сарҷумла саволи кадом касест? мебарояд.

9. Ҷумлаи мураккаби омехтаи ду пайвандакдор, яке пайвандаки пайвасти пайиҳами ва ва дигаре пайвандаки тобеъкунандаи ки.

10. Дар ин ҷумла ду аломати китобатӣ, яке барои ҷудо кардани сарҷумла аз ҷумлаи пайрав, дигаре аломати нуқта дар охири ҷумлаи содаи ҳикоягӣ гузошта шудааст.

11. Нақшаи ҷумла чунин аст:




Мисоли дигар:

Ҳар ду ҳам нағз ҳис мекарданд, (ки) хомӯширо барҳам додан зарур аст, (аммо) ҳеҷ

кадоми онҳо ҷуръат намекарданд, (ки) авалин шуда лаб во кунад (П. Толис).

1. Ин ҷумла аст.

2. Аз чор ҷумлаи сода иборат.

3. Ҷумлаи мураккаб.

4. Ҷумлаи мураккаби омехта, чунки дар он ҳам алоқаи тобеъ ва ҳам пайваст мавҷуд аст.

5. Ҷумлаи мураккаби тобеи якум ва ҷумлаи мураккаби тобеи дуюм бо якдигар ба тариқи пайваст алоқа-

манд шудаанд, яъне ҷумлаи мураккаби омехта, ки ҳар ду ҳиссаи онҳоро ҷумлаҳои пайрави якхелаи пуркунанда эзоҳ додаанд.

6. Сарҷумла дуто ва ҷумлаи пайрав низ дуто, ҷумлаи пайрави якум ба саволи чиро? дигаре ба саволи ба чӣ? ҷавоб мешавад.

7. Ҷумлаи пайрави пуркунанда мебошад.

8. Ҳар ду ҷумлаи пайрави пуркунанда хабари сарҷумла «ҳис мекарданд» ва «ҷуръат намекарданд»-ро шарҳу эзоҳ медиҳад.

9. Ҷумлаи мураккаби омехтаи се пайвандакдор аст, ду пайвандаки тобеъкунанда ва як пайвасти хилофӣ.

10. Дар ин ҷумла чор аломати китобатӣ гузошта шудааст: се вергул ва як нуқта аст.

11. Нақшаи ҷумла чунин аст:




Мисолҳо барои таҳлил:

1. Ман ҳозир ба бозор фаромада будам, ки нархи бодарингро фаҳмида биёям, не, дар бозор бодаринг набудааст (П.Толис).

2. Дар хона чароғ даргирифт ва мӯйсафеде, ки чашмони хоболудашро аз рӯшноии чароғ нимпӯш мекард, дарро ба рӯи онҳо кушод (П.Толис).

3. Гуфтугӯи онҳо қариб як соат тӯл кашид, чое, ки Саодатбибӣ оварда буд, ба пиёлаҳо рехта нашуда хунук шуд (Р.Ҷалил).

## 2.18. Таҳлили этимологӣ

Маълум аст, ки таркиби калимаҳо дар забон як хел нестанд ва онҳоро ба сода, сохта, мураккаб ва таркибию омехта ҷудо менамоянд.

Профессор Рустамов Ш.Р. дуруст қайд мекунад, ки “барои муайян намудани калимаҳои рехта, ки аслан онҳо сохта ё мураккабанд, таҳлили этимологӣ роли муҳимро мебозад”[32]. Таҳлили этимологии калима дар барқарор намудани морфемаҳои каммаҳсул ёрӣ мерасонад. Барои мисол аффиксҳои калимасози - но, - фар - ва -лох-ро мегирем. Дар назму насри классикӣ бо ин се морфема исмҳои зиёде сохта шудаанд. Чунончи, бо суффикси -но исмҳо: фарохно, дарозно, тезно, тангно сохта шудааст. Аз ин калимаҳо чунин хулоса мебарояд, ки суффикси -но сифат, исм месохтааст.

Аммо дар забони адабии ҳозиран тоҷик ин суффикс бемаҳсул буда, дар калимаи «тангно» дучор мегардад.

Таҳлили этимологӣ сайри таърихӣ ва тағйироти калимаро муайян мекунад. Таҳлили этимологӣ аз таҳлили морфологӣ ва лексикӣ ба куллӣ фарқ мекунад.

Ҳангоми гузаронидани таҳлили морфологӣ таркиби калима мувофиқи хусусияти забони адабии ҳозира таҳлил ва морфемаҳо муайян карда мешаванд. Аз ин нуқтаи назар, таркиби як калима мувофиқи таҳлили морфологӣ ва этимологӣ ба морфемаҳои гуногун ҷудо мешавад. Масалан, “калимаи дашном мувофиқи таҳлили морфологӣ исми сода аст, вале аз рӯи таҳлили этимологӣ вай калимаи мураккаб ба шумор меравад. Ҳиссаи якуми он даш || душ-буда, ҳиссаи дуюми он ном мебошад, маънии таркибии онҳо

[32] Рустамов Ш. Исм. -Душанбе:Дониш, 1981. -С.108.

номи бад, бадном аст. Ҷузъи якуми калимаи душман ҳам ҳамин гуна маънӣ дорад”[33].

Таҳлили этимологӣ инчунин барои таъмин кардани маънои ҷузъҳои калима ёрӣ мерасонад. Калимаи этимология юнонӣ буда, илм дар бораи пайдоиши калимаҳо мебошад. Этимология ду хел мешавад: халқӣ ва таърихӣ ё илмӣ. Этимологияи халқӣ аз рӯи фаҳмиши халқӣ бе асоси таърихӣ маънидод кардани калима аст.

Этимологияи таърихӣ бошад, дар асоси далелҳои забон ва таъриху сарчашмаҳо пайдоиши калимаро муайян менамояд.

Таҳлили этимологиро чӣ тарз бояд гузаронд?

Барои дуруст гузаронидани таҳлили этимологӣ муаллим бояд дониши хуб дошта бошад.

Дар ибтидо ба кадом забон тааллуқ доштани калима муайян карда шуда, сонӣ дар забони модарӣ синоним доштан ё надоштани он, дар калимасозӣ иштирок кардани он, дар забони зинда бо кадом шакл ифода ёфтанаш аниқ карда мешавад. Масалан, калимаи падар умумиэронӣ мебошад. Дар забони авесто дар шакли питар, дар форси тоҷикии кадим пита, дар забони паҳлавӣ падар, дар суғдӣ птр, дар форсӣ пидар, дар афгонӣ плар, дар немисӣ фатер, дар англисӣ фазе истифода мешавад.

Дар забони тоҷикӣ калимаи падар аз «пита»-и забони қадим бо иловаи суффикси-ар ва гузориши «т» ба «д» шакл гирифтааст.

Дар протсесси такомули забон маънии калима васеъ шудааст ва ҳамчун ҷузъи калимасоз мафҳумҳои навро ба вуҷуд овардааст:

---

[33] Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик.- Душанбе: Дониш,1985.- С.109.

падар- устод, бузург, пир, пири хирадманд, падарвор, падарона, падархонд ва ғайра.

Калимаи писар.

Маънояш фарчанд, бача. Ин ҳам калимаи ҳинду-авропоӣ буда, дар забони форсии қадим дар шакли nvcpa. Ҳиндуи қадим путра истеъмол шудааст. Дар забони классикии давраҳои аввал дар чунин шаклҳо: пур, пус, пусар кор фармудаанд.

Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар шакли пус ва пур вомехӯрад:

***На Рустам супурдаш дилу дидаро,***
***Ҷаҳонҷӯй пури писандидаро.***
***Биёмад нахуст он сувори хажир,***
***Пуси шаҳриёри ҷаҳон - Ардашир.***

Калимаи даҳ-рақам. Дар авесто-даса, ҳиндуи қадим дас, скифӣ- даса, форсӣ-тоҷикии қадим-даса, форсӣ-тоҷикии миёна-даҳ. Натиҷаи гузариши «с» ба «ҳ».

Калимаи ду-рақам дар авесто-два, ҳиндуи қадим-дува, форсӣ-тоҷикии қадим-дува, форсӣ-тоҷикии миёна-ду, осетинӣ-дува, афғонӣ-два, курдӣ-ду, ягнобӣ-ду, русӣ-два, англисӣ-ту.

Калимаи муаллим-устод, таълимдиҳанда, раҳбалад (айнан: илмро меомӯзонад), калимаи арабист. Решаи калима ба илм алоқаманд буда, аз он дар забони тоҷикӣ калимаҳои олим, таълим вуҷуд доранд.

Этимологияи ин калима дар забони мо маънии тоза гирифтааст. Муаллимро пеш аз ҳама ҳамчун шахси пурмаърифаттарини замони мо, тарбиятгар ва тарбияткунандаи ҷаҳонбинӣ, идеалҳои пешқадамтарин, роҳбаладу роҳнамуни зиндагиву ҳаёти даврон, ҳамчун интеллигентсияи пешқадам маънидод кардан равост.

Ё ки калимаи гӯсфанд аз ду ҷузъ гав(гӯ) - ҳайвони судманд ва спанд - муқаддас, пок иборат аст, яъне ҳайвони муқаддас, пок мебошад.

Калимаи қаҳрамон дар забони адабии имрӯза маънои далер, ҷасурро дорад. Аслӣ ин калима эронӣ буда, маънояш ҳукмфармо, идоракунанда аст. Ин калимаи қадимаи тоҷикӣ-эронӣ тасодуфан бо калимаи «қаҳра»-и арабӣ монанд аст, ки дар забони арабӣ маънои ғалаба кардан, забардастро дорад.

Имрӯз шахси далер, паҳлавонро низ қаҳрамон мегӯянд. Калимаи хуршед -хур - офтоб, шед - дурахшон, яъне офтоби дурахшон аст.

Бағдод, шаҳри таърихӣ, маркази сиёсӣ, динӣ ва фарҳангии ҷаҳони ислом, пойтахти хилофати Аббосиён, пойтахти шаҳаншоҳи Ироқ аз с. 1921

Номи Бағдод асли Эронӣ дорад ва аз ду ҷузъ иборат аст: вада- вад ва data-dat-dad ба маънои «Худодод», «офаридаи Худо», ки дар форсии бостон ба сурати вада, data (муқ.авастоии Bavo - data), дар форсин миёна ба сурати BKdt (талаффуз: Baqdata). Ҷузъӣ аввали ин вожа дар суғдӣ ба гунаи Baqa ба кор рафта, маънои «Худо» ва «ҷонишини меҳр»-ро доштааст ва дар ҳиндӣ ба сурати Bhaqa собиқа дорад (Доирату-л-маориф, қ-12, с.291).

Бархе ба он ақидаанд, ки гуё дар асл номи буте будааст ва гуё ба ҳамин сабаб мансури Аббосӣ номашро аз Бағдод ба «Мадинату-л-ислом» тағйир дод, зеро Даҷларо низ дар он вақт «Водию-л-ислом» меҳисобиданд. Бино ба андешаи бархе пажӯҳишгарон, нахустин бор он ҷоро гуё Мансур «Бағдод» номидааст.

Ин ақида мавриди тааммул аст, дар давраи исломӣ Бағдодро «Мадинаи мансур», «мадинаи Абиҷаъфар ва-л-зуроъ» низ мехонданд (Табарӣ, 4-9, с.319).

Мисоли дигар:

Вожаи Исфаҳон, шаҳр дар қисми маркази Эрон, дар соҳили дарёи Зиндаруд.

Ин вожа дар осори асримиёнагӣ бо номҳо ё гунаҳои «Анзон», «Гобиён», «Гобийа», «Ҷӣ», «Исбоҳон», «Испаҳон», «Исфоҳон», «Асфаҳон», «Сипоҳон» ва «Сифоҳон» зикр шудааст.

Абулфидо навиштааст, ки ин шаҳрро ба он сабаб «Исфаҳон» ё «Сипоҳон» хондаанд, ки пеш аз ислом ба ҳангоми вуқуи ҷанг сипоҳиёни Форсу Кирмону Аҳвоз дар он ҷо гирд меомаданд.

Бархе Исфаҳон-ро ба вожаи асп (асб) ҳамреша диниста, онро «шаҳри аспҳо» ё «сарзаминн шаҳсаворон» пиндоштаанд.

Локҳорт онро «ҷойгоҳи лашкар», «маҳалли нигаҳдории асп» низ шарҳ додааст.

Батлимус номи Исфаҳонро ба сурати «Аспандона» зикр кардааст. Р.Н. Курдзн чунин ақида дорад, ки номи хонадони Фаридунаст, ки дар паҳлавӣ ба сурати “аспиён” омадааст.

Доир ба таърихи пайдоиши номи Исфаҳон афсонаҳое низ вучуд дорад.

Мофрухӣ аслӣ Исфаҳонро «Исфаҳон» (Сипоҳиён) диниста, таъкид мекунад, ки бо мурури замон ба Исфаҳон табдил ёфтааст.

Ӯ ба ривояте дигар истинод карда, номи Исфаҳонро ба маънои «лашкари Худой» меҳисобад ва марбут ба замони Намруд ва Иброҳими Халилуллох медонад. Ин вожа то замони густариши ислом ба шакли «Испаҳон» ва «Сипоҳон» ба кор рафтааст, баъд ба сурати «Исбаҳон» ва «Исфаҳон» истифода гардидааст[34].

[34] Ҳасанов А. Донишномаи Сомониён. -Ҷ.1. –Хуҷанд, 2009. –С.43.

## 2.19. Таҳлили сохти калима ва шакли он

Дар забони адабии ҳозираи тоҷик калимаҳо аз рӯи сохташон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. Сода 2. Сохта 3. Мураккаб 4. Таркибӣ.

1. Калимаҳои сода аз асоси аслӣ иборат буда, ба морфема баробаранд: нон, дарахт, гул, аз, об, воҳ, даҳ ва ғайра.

2. Калимаҳои сохта аз асосу морфемаҳои калимасоз иборатавд ва маънои калимаро тағйир медиҳанд: чашм-а, бор-иш, мард-она, Тоҷик-истон, ҳам-кор, бо-одоб, бар-дошт ва ғайра.

3. Калимаҳои мураккаб аз ду ва зиёда асосҳои аслӣ иборатанд ва онҳоро ба ду гурух ҷудо менамоянд: тобеъ: падарарӯс, қадбаланд, дусад ва ғайраҳо. Пайваст; рафтуомад, ҷоноҷон, калон- калон.

4. Калимаҳои таркибӣ аз ду ва зиёда ҷузъҳо иборат буда, ҷузъҳо аз ҳам ҷудо навишта мешаванд ва якчоя як ҳиссаи нутқро ташкил медиҳанд:

хонаҳои дарун ба дарун, духтари ба ору номус, одами хушқаду қомат, бисту панҷ, нуҳсаду навад, ҳар кӣ, ҳеҷ кас, кор кардан, ran задан, бекаму кост, бемавриду бамаврид, аз наздиқ ба боло, пеш аз, пас аз, вақте ки, пеш аз он ки, наход ки, ҳатто ки ва ғайра.

Калимаҳоро аз рӯи шаклашон низ таҳлил менамоянд.

Масалан, калимаҳои модарон, китобҳо, калонтар, калонтарин, мерафт, рафтан, бирафт ва ғайра аз рӯи сохташон сода буда, шаклашон сохта мебошанд.

Баъзе муаллимон калимаҳои болоиро аз рӯи сохташон калимаҳои сохта мегӯянд. Ин калимаҳоро ба гурӯҳи калимаҳои сохта дохил кардан мумкин нест, зеро морфемаҳои ба реша ҳамроҳшуда маънои калимаро тағйир надода, шакли калимаро тағйир медиҳанд.

## 2.20. Таҳлили лексикии матн

Барномаи мавчудаи забони модарӣ аз муаллимон талаб мекунад, ки дар машғулиятҳои забони модарӣ аз таҳлили лексикии матн моҳирона истифода баранд.

Таҳлили лексикии матн аз матн ёфтан ва муайян кардани калимаҳои бисёрмаъно, синонимҳо, антонимҳо, калимаҳое, ки маънои кӯчида доранд, ибораҳои фразеологӣ, неологизмҳо, калимаҳои куҳнаи таърихӣ, лаҳчавӣ ва калимаҳои касбӣ ва амсоли инҳоро дар назар дорад.

Ин ҳам як намуди машқ буда, тарзи гузаронидани он аз муаллим ва хонандагон дониши амиқ ва устуворро талаб мекунад.

Ҳангоми гузаронидани таҳлили лексикии матн на фақат синониму антонимҳо, калимаҳои кӯҳнашуда, ибораҳои фразеологӣ ва ғайраҳо муайян кардаву шарҳ дода мешаванд, балки чаро ва барои чӣ истифода шудани онҳо ҳамчун воситаи лексикӣ муайян карда мешаванд. Муаллим ҳангоми гузаронидани таҳлили лексикии матн бояд ба чунин масъалаҳо эътибор диҳад:

1.Хусусияти матне, ки тахлил карда мешавад;

2. Тарзи гузаронидани тахлил;

3. Вазифаи таълимии дарсе, ки ба таҳлил бахшида мешавад.

Таҳлили пурраи лексикии матнро дар машғулиятҳои инкишофи нутқи мураттаб, дар таҳлили матни намунавии иншо ва ҳангоми таҳлили матни накли хаттӣ гузаронидан манфиатнок аст.

Таҳлили лексикии матн бо таҳлили грамматикӣ алоқаи зич дорад, вале тарзи гузаронидани он нисбат ба таҳлили грамматикӣ басе душвор буда, аз муаллим дониши васеъ талаб мекунад. Ин намуди таҳлил як соати муайян ва ҳатто баъзан ду соатро дарбар мегирад. Барои ҳамин ҳам гузаронидани таҳлили лексикии

матнро дар дарсҳои инкишофи нутқи мураттаб мувофиқ донистем.

Масъалаҳо ва супоришҳое, ки ба хонандагон дар ин намуди тахлил дода мешаванд, хеле гуногунанд. Тарзи тахминии гузаронидани таҳлили лексикӣ чунин аст:

1. Нақли мазмуни матн ва аз кадом асар гирифта шудани он, муайян кардани муаллифи матн.

2. Муайян кардани мазмуни калимаҳо. Шарҳи мазмуни калимаҳои душворфаҳм ва ё аз дигар забонҳо дохилшуда. Ҷудо кардани калимаҳои ҳамреша. Гузаронидани тахлилҳои таркиби калима, этимологӣ ва калимасозӣ.

3. Дуруст ва аниқии интихоби калимаҳо. Тартиб додани қаторҳои синонимӣ, бо мақсади он ки кадоме аз онҳоро истифода бурдан мувофиқ аст.

4. Ёфтани архаизмҳо, неологизмҳо ва сабабҳои истифодаи онҳо дар матни додашуда.

5. Таъқид кардани ғалатҳои лексикӣ, истифодаи калимаҳои ғайриадабӣ, ибораҳои тавтологӣ ва зиёдатӣ (агар бошад).

6. Аз ҷиҳати жанр ва услуб мувофиқат кардани калимаҳои дар матн буда.

7. Хусусиятҳои фардии муаллиф, истифодаи калимаҳои нав ва ибораҳое, ки дар асарҳои муаллифони дигар дучор намегарданд.

8. Аҳамият ва мавқси услубии фразеологизмҳо дар матн. Муайян кардани шаклҳои гуногуни ибораҳои фразологӣ (дар шеваҳо).

Табиист, ки дар асоси як матн ҳамаи нншондодҳои болоиро таҳлил ва муайян кардан аз имкон берун ва ба ин зарурат ҳам нест.

Характер ва ҳаҷми тахлил аз руи хусусияти матн ва дараҷаи омӯзиш, инчунин дарачаи тайёрии хонандагон муайян карда мешавад.

Ҳангоми интихоби матн, ки дар асоси маводи он таҳлил гузаронида мешавад ва хонандагон ба навиштани иншо пешакӣ тайёр кунонида мешаванд, характери алоқамандии гуфтор, мазмунан фаҳмо будани он, хусусияти жанрии он ба ҳисоб гирифта мешавад. Барои мисол чунин матн интихоб карда шуд:

1. 1. Матнро хонед. Муаллиф ва аз кадом асар гирифта шудани онро муайян намоед. Мазмунашро нақл кунед. Сарлавҳа гузоред. (Агар хонандагон муаллифи матн ва асарро надонанд, муаллим бояд гӯяд).

Рӯзи дигар наздики қиёми офтоб як марди солхӯрдаи паҳнриш- навкари хазинадори султон ба ҳавлии Моҳак ду халтаи чарминро ба асп бор карда овард. Халтаҳоро фуроварда ба лаби суфа гузошт. Ба Моҳак ва Абу Дулаф, ки онҳо ҳозир буданд, гуфт:

-Бист ҳазор дирам. Барои Абулқосими Фирдавсии шоир. Фирдавсиро садо карданд, вай аз болохона фуруд омад. Навкар гуфтаашро такрор кард.

-Дирам? - гашта пурсид Абу Дулаф. Барои «Шоҳнома» бист ҳазор тангаи дирам фиристодан хандаовар буд. -Чӣ магар хостанд, ки шоирро масхара кунанд?

-Дирам набуда чӣ буд?

-Магар ман тангаро намешиносам? - ҷавоб гардонд навкар ва рафт.

Абу Дулаф даҳони халтаро кушода, як каф танга баровварда нигоҳ кард - ҳақиқатан дирам буд, дирами маскук аз мис, каме нуқра ва дигар фузулоти арзонбаҳо. Курби дирам нисбат ба динори тиллоӣ даҳ бар як буд.

-Бубар, ба ман даркор нест, агар динор ҳам мебуд, даркор нест, гуфт Фирдавсӣ ба навкар (С.Улугзода, «Фирдавсӣ»),

1. Баъди хондани матн муаллим аз хонандагон мепурсад, ки матн ба қалами кӣ тааллуқ дорад? Шарҳи мазмуни калимаҳои душворфаҳм: паҳнриш-ришкалон, навкар-хизматгор, дирам-танга, пули нуқра, ровӣ-аспбон, ривояткунанда, нақлкунанда, дирами маскук-тангаи сикказадашуда, фулузот- ҷамъи оҳанҳо, динор-зар, тилло, умуман пул.

2. Ҷудо кардани калимаҳои ҳамреша (агар бошад) ва синониму антонимҳои калимаҳои матн.

3. Гузаронидани таҳлили таркиби калима: ҳам хаттӣ ва ҳам даҳонӣ, инчунин таҳлили этимологӣ.

4. Муайян кардани калимаҳои архаистӣ, историзмҳо на неологизмҳо.

Калимаҳои навкар, хазинадор, дирам, ровӣ, динор дар матни боло ҳамчун калимаҳои таърихӣ буда, дар забони адабии ҳозира синоним надоранд, онҳо барои ифодаи воқеияти гузашта истифода шудаанд.

5. Дар матн ғалати услубӣ дида намешавад. Ин маҳорати баланди нависандаро нишон медиҳад. Агар дар матн истифодаи ноҷояи калимаҳо, такрор ва калимаҳои ғайриадабӣ-шевагӣ дучор гардад, як-як қайд намудан лозим аст.

6. Ҷудо кардани ибораҳои фразеологӣ (агар бошад). Дар матни боло ибораҳои фразеологӣ дучор нагардид.

7. Матн ба кадом услуб хос аст; бадеӣ, таърихӣ, илмӣ публисистӣ. Матни боло ба услуби бадеӣ алоқаманд мебошад.

Ҳангоми гузаронидани таҳлили лексикии матн, хусусан дар вақти муайян кардани маънои калимаҳои душворфаҳм, ёфтани синонимҳо, инчунин гузаронидани таҳлили этимологӣ муаллимонро зарур аст, ки ба шогирдон аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ва

луғатҳои дигари забоншиносӣ истифода бурданро таъкид намоянд.

Ҳамин тавр, таҳлили лексикии матн ҳамчун як намуди машқ дар тайёр намудани хонандагон ба навиштани иншо ва нақл аҳамияти ба худ хосе дошта, дар инкишофи нутқи хаттӣ ва даҳонии хонандагон роли бағоят муҳим мебозад, вале афсӯс ки он дар дарсҳои забони тоҷикӣ аз тарафи муаллимон қариб гузаронида намешавад.

Дар таҳлили лексикии матн муайян кардани синонимҳои контексти матнӣ хеле манфиатнок аст. Синонимҳои контекстӣ барои такрор нагардидани калимаҳо, алоқамандона ифода ёфтани фикр ва возеҳу равшан баён шудани матн роли муҳим мебозанд.

Дар китобҳои дарсии синфҳои V-VI-VII-VIII-IX бисёр маводҳо - матнҳое ҳастанд, ки онҳоро ба мақсади ёфтани синонимҳои контекстӣ истифода бурдан мумкин аст.

Таҳлили нопурраи лексикии матнро дир кадом типи дарсҳо гузаронидан мумкин аст? Бисёр муаллимон ин намуди таҳлилро дар дарсҳои инкишофи нутқи мураттаб ва баъзеҳо дар дарсҳои такрор мегузаронанд.

Ба фикри мо, таҳлили нопурраи лексикии матнро дар ҳамаи типҳои дарс вобаста ба мақсаду талаботи он дарс, дар мавқеи муносиб гузаронидан аҳамиятнок аст. Аммо таҳлили пурраи онро дар дарсҳон инкишофи нутқи мураттаб гузаронидан ба мақсад мувофиқтар мебошад.

## 2.21. Таҳлили воҳидҳои фразеологӣ

Воҳидҳои фразеологӣ дар фасли махсуси илми забоншиносӣ - фразеология омӯхта мешавад. Воҳидҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ фаровон буда, дар таркиби луғавии забон қабати махсусро ташкил

медиҳанд. Онҳо бо мақсади рангин ва таъсирбахш намудани калом истифода бурда мешаванд.

Шоиру нависандагони тоҷик С.Айнӣ, А.Деҳотӣ, Ҳ.Карим, М.Турсунзода, Р. Ҷалил, С.Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Лоиқ, Фарзона ва нависандагони ҷавон фразеологизмҳоро ба таври фаровон дар асарҳои худ истифода кардаанд.

Дар мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ таҳлили воҳидҳои фразеологиро чӣ тарз гузаронидан мумкин аст?

Дар аввал матн ё ҷумла оварда шуда, аз дохили он воҳиди фразеологиаш ҷудо карда мешавад. Масалан, Гоҳо кор то ба ҷое мерасид, ки онҳо шарм надошта, дар болои соати дарс бо ҳамдигар сурху сафед мешуданд (Ф. Муҳаммадиев).

Дар ин ҷумла воҳидӣ фразеологии «сурху сафед шудан» дида мешавад.

Сипас маънои яклухти он, яъне чиро ифода кардани фразеологизм шарҳ дода мешавад. Баъд аз ин вазифаи синтаксисии водидҳои фразеологӣ муайян карда мешавад. Маълум мегардад, ки онҳо дар ҷумла ба вазифаи мубтадо, хабар, пуркунанда, муайянкунанда ва ҳол омада метавонистаанд.

Мисолҳо барои таҳлил:

Дар ин миён Шубҳабоев раиси собиқро аз сурохии сӯзан гузаронидааст (Р. Чалил).

1. Воҳиди фразеологии ин ҷумла "аз сурохии сӯзан гузаронидан"

аст. Аз сурохии сӯзан гузаронидан ба маънои танг кардан, азоб доданро ифода намуда, дар ҷумла ба вазифаи хабар омадааст.

2. Арақи ҷабин қобилиятҳои ниҳонии организмро бедор мекунад (А.Баҳорӣ, «Сунбула»),

Дар ҷумлаи болоӣ воҳиди фразеологии «арақи ҷабин» маънои меҳнатро ифода карда, ба вазифаи мубтадо омадааст.

3.Ёдгор ғайр аз ба тақдир тан додан чораи дигаре надошт (С. Айнӣ).

«Ба тақдир тан додан» ҳамчун воҳиди фразеологӣ ба маънои розӣ шудан, ором шудан молик буда, дар ҷумла ба вазифаи пуркунанда омадааст.

4. Ман бошам, сол дувоздаҳ моҳ дар чӯл мебошам (С. Айнӣ).

Дар ҷумлаи болоӣ ибораи фразеологии «сол дувоздаҳ моҳ» ба маънои доимо, ҳамеша ифода гардидааст. Дар ҷумла ба вазифаи ҳол омадааст.

5. Ман як танбурчӣ ва як ҳофизи дилам пур мешудагиро ёфта ба ҳуҷра овардам (С. Айнӣ).

Воҳиди фразеологии ин ҷумла «дилам пур мешудагӣ» буда, ба маънои боваринок ифода шудааст. Он дар ҷумла вазифаи муайянкунандаро иҷро кардааст. Мавриди гузаронидани воҳидҳои фразеологӣ муаллим ба хонандагон бояд дар хусуси тағйир дода нашудани калимаҳои он, иваз нашудану устувораи инҳо низ маълумот диҳад. Хонандагон бояд ибораҳои фразеологии зиёдеро аз ёд донанд.

## 2.22. Таҳлили орфографӣ

Таҳлили орфографӣ яке аз воситаи муҳими мустаҳкамкунии дониши хонандагон оид ба имло аст. Одатан, таҳлили орфографӣ ҳам дар шакли даҳонӣ ва ҳам хаттӣ гузаронида мешавад.

Дар ин намуди таҳлил диқати асосӣ ба он калима ва морфемае равона карда мешавад, ки дар навишти онҳо хонандагон хатогӣ (ғалат) содир кардаанд ё роҳ доданашон мумкин аст.

Агар хонандагон қоидаи имлоро донанд, ҳеч гоҳ дар навишти калимаҳо хатогӣ содир намекунанд. Масалан, кадом морфемаҳо ё калимаҳо якҷоя навишта мешаванд? Барои беғалат навиштани ин морфемаҳо ва

калимаҳо хонандагон қоидаҳои: якҷоя навишта шудани ҳамаи пешвандҳо ва пасвандҳо, бандакҳои феълӣ, хабарӣ, бандакҷонишинҳо, бандаки изофӣ, калимаҳои мураккаби типи тобеъ ва пайваст ва ғайраҳоро бояд донанд. Агар имлои сифат бошад, хонандагон бояд донанд, ки кадом сифатҳо якчоя навишта мешаванд ва кадом сифатҳо ҷудо.

Тарзи гузаронидани таҳлили орфографиро тахминан чунин муайян кардан мумкин аст:

Дар ибтидо хонандагон аз ҷумлаи додашуда тарзи навишти калимаи омӯхташавандаро мебинанд ва ба зераш хат мекашанд.

Аз ҷумла ғалати содиршударо муайян мекунанд. (агар бошад)

Қоидаи имлоро ба хотир оварда, тарзи дурусти навишти он калимаро нишон медиҳанд.

Агар дар навишти он калима шубҳа пайдо намоянд, онро аз луғати имло ё манбаъҳои дигар меҷӯянд.

Масалан, Муалимон ба мо маслиҳат доданд ки усто хонаро аз ҳисоби пули даромади майдончаи таҷрибавии мактап таҷҳизонем.

Дар ин ҷумла якчанд калимаҳо қасдан ғалат навишта шудаанд. Хонандагон он ғалатҳоро ёфта шарҳу эзоҳ медиҳанд.

Монанди, калимаи муаллим бо ду ҳарфи л навишта мешавад, чунки дар забони тоҷикӣ калимаҳои ташдиддор бо ду ҳарфи хамсадои якхела навишта мешаванд. Ба монанди арра, калла, мулло ва ғайраҳо.

Пеш аз пайвандаки ки мувофиқи қоидаи забони тоҷикӣ вергул гузошта мешавад, сониян ин ҷумлаи мураккаб аст ва ҷумлаҳои содаи он бо вергул ва пайвандакҳои тобеъкунанда ҷудо карда мешаванд.

Калимаи мактаб бошад, гарчанде дар охир пе талаффуз шавад ҳам бо хамсадои б-и ҷарангдор навишта мешавад.

Ҳамин тавр, таҳлили орфографӣ бояд ба таври мунтазам дар муддати 5-10 дақиқа дар дарсҳои забони тоҷикӣ гузаронида шавад. Барои дуруст гузаронидани ин таҳлил қоидаҳои имлоро донистани хонандагон шарти асосӣ аст. Ҳангоми гузаронидани таҳлил муаллимон бояд аз хонандагон қоидаҳои имлоро пурсида истанд.

## 2.23. Машқ ва мавқеи он дар таълими забони тоҷикӣ

Дар дарсҳои забони тоҷикӣ хонандагон аз яктараф ба қоидаву конунҳои забони тоҷикӣ ба таври назариявӣ шинос шаванд, аз тарафи дигар ба воситаи машқҳо онҳоро дар амал татбиқ менамоянд. Аз ин рӯ, машқ ҳамчун як намуди муфиди таълим дар дарсҳои забони тоҷикӣ мавқеи алоҳида дорад. Одатан, муаллимон машқро дар тамоми лаҳзаҳои дарс, яъне ҳам дар баёни мавзӯи нав, ҳам дар лаҳзаи такрори мавзӯъҳои гузашта, ҳам дар мавриди мустаҳкамкунии мавзӯъ ва ҳам дар хотимаи дарс истифода мебаранд. Машқҳо аз ҷиҳати сохту мундариҷа ва мақсаду тартиби гузарониданашон гуногун буда, пеш аз ҳама онҳо ба инкишофи нутқи саҳеҳу мураттаб, саводнокӣ, пайдо кардани хислатҳои наҷиби инсонӣ ба хонандагон ёрӣ мерасонанд.

Манбаъҳои асосие, ки ба муаллимони забони модарӣ ҳамчун сарчашмаи машқ хидмат мекунанд, инҳоанд:

а) машқҳои китобҳои дарсии забони модарии синфҳои V-XI;

б) матнҳои бадеӣ ва ахбороти матбуоти даврагӣ: назму наср;

в) матнҳои бевосита аз тарафи худи муаллим ё талабагон таҳия шуда,ки барои дурусттар фаҳмонидани мавзӯи таълимӣ ва ё бар далелу исботи савияи дониши ахли синф хизмат мекунанд. Таълими забони тоҷикиро бе материали дидактикӣ, аёният ва машқу мисолҳо тасаввур кардан мумкин нест.

Ҳангоми интихоби материали дидактикӣ, машқу мисолҳо ва супоришҳо, масъалаи пайдарҳамӣ ва мувофиқати онҳо ба мавзӯъҳо ба инобат гирифта мешавад. Материалҳои дидактикӣ ва машку мисолҳо вақте манфиатнок мешаванд, ки агар онҳо ба мавзӯъ ва такрору мустаҳкам кардани онҳо мувофиқ бошанд. Машқҳо ҳам аз ҷиҳати таълимӣ ва ҳам тарбиявӣ бояд ба талаботи зерин ҷавоб диҳанд:

- ҳамаи масъалаҳои ба моҳияти мавзӯъ дахлдорро дар бар гиранд;
- ба пайдарҳамию алоқамандӣ ва тадриҷан мураккабшавии мавзӯъҳои таълимӣ мусоидат кунанд;
- барои муқоиса ва муқобилгузорӣ факту далелҳои фаровон дошта бошанд;
- ҳаҷман калон набошанд ва хонандагонро ба он водор кунанд, ки ба забон на сарсарӣ, балки дақиқона муносибат кунанд;
- ба инкишофи малака ва маҳорати хонандагон равона карда шуда бошанд.

Машқҳо аз ҷиҳати мундарича бояд ба талаботи зерин ҷавоб диҳанд:

а) аҳамияти тарбиявӣ дошта бошанд;

б) дар бораи ҳодисаҳои зиёди имрӯза ва гузашта ахборот диҳанд;

в) бозёфт ва навигариҳои тозаи илму техникаро дар бар гиранд;

г) хислатҳои беҳтарини одамони даврони моро инъикос кунанд;

ғ) фактҳои таърихиро ба хонандагон омӯзонида, дар хусуси таърихи халқи худ ва халқҳои дигар маълумот диҳанд;

д) оид ба зиндагию кору бори ашхоси бузург маълумот диҳанд;

е) таърифоти грамматикиро исбот карда тавонанд.

Машқҳои китоби дарсӣ бештар аз осори маъруфтарин намояндагони адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик интихоб карда шаванд, ки бо равонӣ ва суфтагии услуби худ хонандаро ба шавқ оварда, ба пайравӣ кардан водор намояд.

Қисми дигари машқҳои китоби дарсиро осори классикони адабиёти тоҷик ва адабиёти халқҳои бародар бояд ташкил диҳанд.

Қисми сеюми машқҳо ҷумлаҳои алоҳида, таблитсаю схема ва расму лавҳаҳои чудогонаро бояд дар бар гиранд, ки ба мақсади ҳар чӣ барҷастатар намоиш додани моҳияти таълими забон, омӯзонидани ҷиҳатҳои ҷудогонаи каломи бадеӣ, муқоисаи қонуниятҳои гуногуни забон, санҷиши дониш ва маҳорати талабагон, ба мустақилият водор намудани онҳо тартиб дода шуда бошанд.

Машқҳои китоби дарсӣ аз ҷиҳати ҳаҷм низ якхела нестанд. Баъзе калон ва баъзеи онҳо хурданд. Дар баъзе машқҳо ба ҷузъ супориши асосӣ супоришҳои иловагӣ низ дода шудаанд.

Масалан, машқи 95. Ҷумлаҳоро пурра карда хонед. Аз калимаҳои дар қавсайн буда маъмулашро истифода баред.

1. Бародарам аз шикор... омад (бефара шуда, монда шуда, ҳалок шуда, хаста шуда, партов шуда).

2. ... сабр кунӣ, ҳама чамъ мешавад (иқа, пичӣ, гардақ, андаке, каме).

Хушбахтона, дар китобҳои дарсии нашри солҳои охир пеш аз маълумоти назариявӣ машқҳое тавсия шудаанд, ки онҳо барои ба талабагон фаҳмонидани мундариҷа ва мазмуни мавзӯъҳои таълимӣ кӯмак мерасонанд.

Мақсади асосии ин машқҳо бо усули проблемавӣ таълим додани забони модарӣ аст. Онҳо пеш аз таърифҳо оварда шуда, муаллимонро водор мекунанд, ки аз ахбори тайёр даст кашида, фикру зеҳни талабагонро ба маънидоди мавзӯъ равона созанд. Масалан, машқи 247 китоби «Забони тоҷикӣ»-и синфи У1 талаб мекунад, ки хонандагон ҷумлаҳои ду сутунро бо ҳам муқоиса намуда, калимаҳои ба маънои аслӣ-ҳақиқии худ наомадаро нишон диҳанд.

Машқҳои китобҳои дарсии забони тоҷикӣ бо мақсадҳои гуногун тавсия шудаанд:

а) машқҳое, ки барои мустаҳкам намудани мавзӯи дарс хизмат мекунанд;

б) машқҳое, ки барои кори мустақилонаи хонагӣ тавсия мешаванд ва машқҳое, ки барои фаҳмонидани мавзӯи нав;

в) барои иккишофи зеҳни талабагон;

г) барои фаҳмидани мазмуни нақшаву лавҳахо;

г) барои инкишофи нутқи мураттаб.

Дар китобҳои дарсӣ вобаста ба ҳар як қисму боби забони тоҷикӣ машқҳои зиёде оварда шудаанд.

**1. Машқҳо доир ба фонетика ва имло:**

а) Талаффузи дурусти калимаҳоро машқ кунед. Гӯед, ки чаро талаффузи онҳо нисбатан душвор аст?

бабр, план, профессор, кабк, бригадир, Владимир, сабр, стансия, стул, вақт , звено, грамм.

б) Калимаҳоро навишта, дар онҳо задаҳоро дуруст гузоред:

муваффақият, ғалаба, ҳосил, ҳосилғундорӣ, колхоз, колхозчӣ, сиёҳ, сиёҳӣ, сиёҳидон.

в) Ҷумлаҳоро хонед ва гӯед, ки онҳо чаро аз ҷиҳати маъно фарқ доранд?

Ҳасан, аз Моҳӣ хурдӣ? Ҳасан, аз моҳӣ хӯрдӣ?

Ин шеър аст. Ин шер аст.

Рустам расми акаашро кашид. Рустам расми аккаашро кашид.

**2. Машқҳо доир ба лексика**

Машқҳои лексикиро ба хелҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

а) дар ибора, ҷумла ва ё матн пайдо кардани далелҳо доир ба мавзӯи омӯхташаванда;

б) аз худ ва ё аз ягон асар овардани далеле, ки ба исботи ин ё он қонуни лексикӣ хизмат мекунад;

в) гузаронидани таҳлили лексикӣ.

г) муайян кардани намудхои услуб.

Доир ба лексика машқҳоро ин тавр тартиб додан мумкин аст:

а) Машқи 76. Тобишҳои маъноии калимаҳои сар, забон ва омадамро дар ибораҳои зерин муайян кунед:

1. Сари кор, сари кӯҳ, сари кӯча, сари ангур, аз сар гузаронидан, сари стол.

2. Забони русӣ, забони модарӣ, забони ҳайвонот, забони шеър, забони ширин.

3. Омади гап, омади кор, омад-омади одамон.

б) Машқи 80. Чор ҷумла тартиб диҳед, ки калимаи сахт ба маънои аслӣ ва ба маъноҳои маҷозии душвор ва хасис ояд.

в) Машқи 83. Кадом маъноҳои омонизмҳои зеринро медонед, ба онҳо ҷумла гӯед: пул, хор, чанг, тор, ток.

г) Машқи 87. Синонимҳои калимаҳои зеринро муайян кунед ва нивисед: пир, хуб, калон, дунё, офтоб, чашм.

**3. Машқҳо доир ба морфология ва имло**

Машқ ва корҳои амалӣ доир ба морфология бо мақсадҳои зерин гузаронида мешаванд:

а) муайян кардани он, ки калима ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ дорад;

б) равшан кардани аломатҳои грамматикии ин ё он ҳиссаи нутқ;

в) аз ҳам фарқ кардани ин ё он ҳиссаи нутқ

г) муайян кардани тарзи калимасозии ҳиссаҳои нутқ;

ғ) донистани пешванду пасвандҳои калимасоз ва вазифаҳои онҳо;

д) шарҳи аломат ва вазифаҳои ҳиссаҳои ёридиҳанда;

е) донистани вазифаи синтаксисии ин ё он ҳиссаи нутқ дар ҷумла;

ё) бо роҳи таҳлили морфологӣ муайян кардани маънои ин ё он ҳиссаи нутқ.

**4. Машқҳо доир ба синтаксис ва пунктуатсия**

Машқҳо оиди синтаксис ва аломатҳои китобатӣ бо чунин мақсад истифода карда мешаванд:

а) қиёсан муқаррар кардани вазифаи синтаксису морфология ва робитаи байни онҳо;

б) ба тартиб даровардани маълумоти назариявӣ доир ба ибора;

в) донистани аломатҳои фарқкунандаи ҷумлаҳои сода ва мураккаб;

г) фарқ кардани ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ;

д) фарқ кардани хелҳои ҷумлаи пайрав;

е) донистани қонунҳои истеъмоли аломатҳои китобатии ҳамаи хелҳои ҷумла.

Машқҳои боби синтаксис чунин талабот доранд:

Ҷумлаҳоро нависед ва мубтадоро нишон дода, бо кадом ҳиссаи нутқ ифода шудани онро гуед, ба ҷои нуктаҳо аз қавс мубтадои мувофиқ ёфта гузоред, аз калимаҳои зерин ибораҳо сохта, онҳоро дар ҷумла истифода кунед, ба саволҳо ҷавоби пурра навишта, мубтадою хабар ва пуркунандаҳои онҳоро ишорат кунед, ба зери сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумла хат кашед, аз рӯи нақшаи додашуда ҷумлаҳо тартиб диҳед, аз ҷумлаҳои додашуда сарҷумла ва ҷумлаи пайравашро ҷудо кунед ва ғайраҳо.

Намуди дигари машқҳо гузаронидани таҳлили фонетикӣ, морфологӣ ва синтаксисӣ мебошанд.

Муаллимони забони модарӣ дар ҷараёни дарс бояд намудҳои гуногуни таҳлилро вобаста ба мавзӯи таълимӣ ҳам дар такрори мавзӯи гузашта, ҳам дар баёни мавзӯи нав ва ҳам дар лаҳзаи мустаҳкамкунӣ истифода баранд.

Таркибу тарзи иҷрои машқҳо, самаранокии машқҳо ба гузаронидан ва тарзи иҷрои онҳо вобаста аст.

Машқҳо бояд характери эҷодӣ дошта, мустақилияти хонандагонро таъмин намоянд. Ҳар як машқ мавриди истифодаи худро дошта бо супоришу тарзи масъалагузориаш фарқ мекунад. Агар талаботу мақсади машқҳо якранг бошанд, ба костани завқи хонандагон сабаб мегарданд.

Машқҳое интихоб намудан лозим аст, ки мустақилияти талабагонро таъмин намуда, онҳоро ба фикр кардан водор кунанд.

Барои машқи хаттӣ матнҳои ҳаҷман калон интихоб кардан лозим нест, чунки ин ҳам вақти зиёдро мегирад ва ҳам хонандагонро хаста мекунад. Ба ин мақсад машқҳои ҳаҷмашон миёнаро интихоб кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Алҳол дар китобҳои дарсӣ дар ҷараёни таълими забони модарӣ иҷрои машқҳое маъмуланд, ки саволу супоришҳояшон талабагонро бештар ба иҷрои чунин корҳо водор мекунанд:

1. Ҷумлаҳоро навишта ба зери ягон аъзои он хат кашидан;

2. Аз матн калимаҳои ҳамрешаро ёфта, суффиксҳои онҳоро муайян кардан ва фарқи маънoии онҳоро гуфтан;

3. Ба саволҳо ҷавоб ёфта навиштан;

4. Аз калимаҳо сохтани ибора ва ҷумлаҳо;

5. Аз рӯи нақша тартиб додани ҷумла;

6. Ба ҷои нуқтаҳо ҳарф, пасванд ва ё пайвандаку пешояндҳо гузошта навиштан;

7. Машқро хонда, ҷумлаҳои сода ва мураккаби онро муайян кардан;

8. Дарёфтани сарҷумла ва ҷумлаи пайрав ва ғайраҳо.

Як гурӯҳи машқҳо аз талабагон фаъолияту мустақилияти баланд ва як қисмашон мустақилияти камро талаб мекунанд.

Ба гурӯҳи якум инҳо дохил мешаванд: сохтани калима бо пасванду пешвандҳо, префиксҳои додашуда, маънидоди маънои калима, муқоисаи шаклҳои морфологӣ, аз худ ҷумла тартиб додан ва ғайраҳо.

Гурӯҳи дуюм навиштани машқҳои тайёр ва қоидаҳои имлоро фаро мегирад.

Муаллим вобаста ба дараҷаи дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон метавонад супориш ва талаботи машқҳои китоби дарсиро тағйир диҳад ва ё баъзан онҳоро тамоман дигар кунад.

Муаллим ҳангоми иҷрои машқҳо рафти кори хонандагонро назорат менамояд ва дар мавридҳои зарурӣ ба кори хонандагон ёрӣ мерасонад.

Дар иҷрои машқ танҳо дар ду лаҳзаи дарс – ҳангоми фаҳмонидани мавзӯи нав ва ҷамъбаст намудани мавзӯъ ёрии ҳамаҷонибаи муаллим зарурат пайдо мекунад.

Яке аз масъалаҳои баҳсноки методикаи таълим истифодаи машқҳои ба ҳам алоқаманд мебошад.

Чанд сол қабл аксари методистон ба муқобили дар дарсҳои забон аз ҷумлаҳои алоҳида истифода бурдан баромада, таъкид менамуданд, ки масъалаю таърифотҳои забон бояд дар дохили матнҳои бо ҳам алоқаманд эзоҳ дода шаванд.

Ҳоло бошад, ин талабот моҳияти худро гум кардааст, зеро матнҳои бо ҳам алоқаманд дар таълими забони модарӣ вақти зиёд талаб менамояд. Лекин дар баъзе мавридҳо истифодаи матнҳои бо ҳам алоқаманд, хусусан дар ҷамъбасти таҳлилҳои синтаксисӣ дар синфҳои болоӣ (баъди ба итмом расонидани «Ҷумлаҳои мураккаб» ва таҳлили пунктуатсионӣ) аҳамиятнок аст.

Машқҳои бо ҳам алоқаманд барои гузаронидани диктант ва нақли хаттӣ низ истифода карда мешаванд.

Мисолҳои ҷудогонае, ки дар дарсҳои забони модарӣ истифода карда мешаванд, бояд мавзӯи муайянеро дар бар гиранд. Агар барои таҳлил ҷумлаҳои ҷудогона пешниҳод шаванд, ҷумлаҳоро бо рақамҳо нишон додан лозим аст.

Ҳамин тариқ, “муваффақият пайдо кардани таълими забони модарӣ дар мактаб ва баланд бардоштани нутқи хаттӣ ва даҳонии хонандагон ба интихоби машқҳо вобастааст. Бино бар ин ҳар як муаллим бояд кӯшиш кунад, ки дар гузаронидани машқҳои китоби дарсӣ аз ҳамаи имкониятҳои методӣ истифода барад”[35].

---

[35] Каримов А., Аминов С. Тартиби гузаронидани машқ аз забони модарӣ дар синфҳои 4-8. - Душанбе, 1979.

## 2.24. Аёният дар дарсҳои забони тоҷикӣ

Дар байни усулҳои таълими забони тоҷикӣ аёнӣ гузаронидани машғулиятҳои забони модарӣ ҷои махсусро ишғол менамояд. Аёният бештар ҳангоми фаҳмонидани мавзӯи нав истифода карда мешавад. Баъзан аёниятро дар дарсҳои такрор ва мустаҳкамкунии донишҳои гирифташуда низ истифода кардан аз аҳамият холӣ нест.

Баёни муаллим ва аёният якҷоя шартӣ асосии бошуурона ва мустаҳкам аз худ намудани материали таълимӣ ба шумор меравад. Дар бораи таълими аёнӣ чи дар халқ ва чи дар эҷодиёти адибону методистони гузашта гуфтаҳои ибратбахше мавҷуданд:

Шунидан кай бувад монанди дидан.
Он чи, ки аён аст, ҳоҷат ба баён нест.
(Халқӣ)

Ё ки:

Ту гӯш ниҳодастию мо дида ба дидор,
Аз дида басе фарқ бувад то ба шунида.
(К.Хуҷандӣ)

Аёният чизи нав нест. Таърихи истифодаи он тахминан бо таърихи омӯзиш баробар аст. Дар замонҳои пеш аёниятро «Қоидаи тиллоӣ» меномиданд, зеро аёният илму хунар ва дониши инсонро равшану намоишнок ва мустаҳкамтар мекунад.

Педагоги машҳури рус К.Д.Ушинский дар таълимоти худ аҳамияти кор фармудани аёниятро дар системаи таълиму тарбия бо фактҳои ҳаётӣ ва психологӣ равшан нишон дода, зарурати бо асбобҳои аёнӣ гузаронидани дарсҳои ҳар як фанро ба муаллим он тавсия намудааст. Агар дар таълими ин ё он мавзӯъ асбобҳои аёнӣ истифода бурда шавад, бачагон он дарсро бошуурона ва ба таври конкретӣ фаҳмида,

муддатҳои дароз онро дар хотир нигоҳ медоранд, чунки аёният бо образнокӣ, зинда ва мушоҳидаҳои равшани конкретӣ дар хотири бачагон акс меёбад. «Шумо,- мегӯяд ӯ,ба бача панҷ калимаро гӯед, ӯ ин калимаҳоро бе мушкилӣ ва дар муддати дароз аз ёд мекунад, вале бист калимаи ба воситаи расм ёд додашударо дар муддати кӯтоҳ баосонӣ аз худ менамояд».[36] Дарсе, ки бе аёният гузаронида мешавад, аксар вақт сабаби нафаҳмидани мавзӯъ аз тарафи хонандагон мешавад. Аз аёният истифода бурдан на танҳо аҳамияти таълимӣ, балки ҷиҳати тарбиявӣ ҳам дорад, чунки ба ин восита диққати хонандагон ба дарс ҷалб мешавад ва ҳаваси онҳо ба он зиёд шуда, муҳаббаташон ба муаллим боз ҳам меафзояд.

Дар дарсҳои забони тоҷикӣ аз чунин намудҳои аёният истифода бурда мешавад: таблитса, схема, [29]диаграммаҳо, харитаҳои таърихӣ ва геометрӣ, расмҳо, кинофилмҳо ва ғайраҳо

1. Таблитса ва схемаҳо яке аз маъмултарин намудҳои асбоби аёнӣ ба шумор мераванд, ки муаллимон ҳангоми фаҳмонидани мавзӯъ низ аз онҳо истифода мебаранд. Дар дарсҳои такрор ҳам аз онҳо истифода кардан мумкин аст.

2. Албомҳо - таблитсаҳо низ дар фаҳмонидан ва мустаҳкам намудани мавзӯъҳо истифода карда мешаванд. Онҳо хусусияти мавзӯӣ дошта, одатан, онро муаллимон ба дасти хонандагон медиҳанд. Ин гуна албомҳоро доир ба як боб ва гурӯҳи мавзӯъҳо тартиб додан мумкин аст.

3. Таблитсаҳо-луғатҳо ба орфографӣ ва лексикӣ ҷудо мешаванд. Агар ин гуна таблитсаҳо-луғатҳо хусусияти орфографӣ дошта бошанд, ба қоидаи муайян

[36] Ушинский К.Д. Осори мунтахаби педагогӣ. - Душанбе, 1964. - С.429.

тартиб дода мешаванд, агар лексикӣ бошанд, ба гурӯҳи калимаҳои касбу кори гуногун сохта мешаванд.

4. Лото ва бозиҳои дигари руимизӣ.

5. Рамзҳои гуногун, ки бо мақсади инкишоф додани нутқи хонандагон истифода карда мешаванд.

6. Диапозитивҳо, диафилмҳо ва кинофилмҳо, ки хусусияти таълимӣ ва тарбиявӣ доранд.

**Таблитса** яке аз шаклҳои маъмули аёнияти забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Дар рафти таълим ҳамаи мавзӯъхои забонро бо таблитса нишон додан мумкин аст, вале афсӯс ки бисёр муаллимон аз он истифода намебаранд.

Аз ҷиҳати мазмун таблитсаҳо фонетикӣ, орфографӣ, грамматикӣ, лексикӣ ва пунктуатсионӣ мешаванд. Баъзе таблитсаҳое ҳастанд, ки ҳам хусусияти морфологӣ ва ҳам орфографӣ доранд.

Аз рӯйи мавзӯъхои лексика низ таблитсаҳои алоҳида тартиб додаву истифода бурдан мумкин аст.

Таблитсаҳо аз ҷиҳати мундариҷа сода ва мураккаб мешаванд.

а) Таблитсаҳои сода танҳо як мафҳум ва ё як масъалаи ҷолиби диққати забонро инъикос карда, фақат барои баён, мустаҳкамкунӣ ва такрори мавзӯъҳои алоҳида истифода бурда мешаванд.

б) Таблитсаҳои мураккаб дар дохили худ як қатор масъалаҳои ба як мавзӯи калон тобеъ ва ё ҷиҳати зарурии чанд мавзӯи ба ҳам алоқаманди забонро якҷоя инъикос мекунанд.

Таблитсаҳо метавонанд шакли ҳаракаткунанда низ дошта бошанд. Онҳо дастӣ тартиб дода мешаванд.

Яке аз методистони рус А.В.Хлебников дар мақолаи худ таблитсаҳоро ба ду; хулосадор ва бехулоса ҷудо мекунад[37].

Дар дарсҳои забони модарӣ мо бояд чунин таблитсаҳое тартиб диҳем ва истифода барем, ки онҳо ба шакли графикии худ қоида ва мафҳумро барҷаста инъикос намоянд ва хонанда мустақилона қисмҳои таблитсаро маънидод карда тавонад. Зеро «материали таълимӣ маҳз дар протсесси фарқкунӣ дуруст аз худ карда мешавад ва чи қадарс, ки тафаккур фаъол бошад, вай ҳамон қадар чуқур ва мустаҳкам ҳазм хоҳад шуд[38].

Солҳои охир оид ба мафҳуми аёният як қатор фикру мулоҳизаҳои ҷолиби диққат пайдо шудаанд.

Мувофиқи маънидоди нави мафҳуми аёният таблитса бояд изоморфӣ ва барои фаҳмиши хонандагон осон ва имконпазир бошад.

«Аёният, менависад В.Г.Болтянский - бояд ду хосият изоморфӣ ва сода буданро дошта бошад. Набудани яке аз он хосиятҳо мавҷудияти аёниятро инкор менамояд»[39].

Таблитсаҳоро доир ба як ва ё чанд қоида тартиб додан мумкин аст. Таблитсаҳое, ки барои омӯхтани якчанд қоида ва такрори бобҳо сохта мешаванд, бештар дар дарсҳои мустаҳкамкунӣ, такрор ва ҷамъбасткунӣ мавриди истифода қарор мегиранд. Ин гуна таблитсаҳоро доир ба ҳар як қисми забон тартиб додан мумкин аст:

а) Таблитсаҳо дар омӯзиши «Таркиби калима»

---

[37] Хлебникова А.В. Наглядные таблитсы на уроках грамматики и правописания. «Русский язык в школе». 1955, № 6.

[38] Саидов А. Таблитсаҳои грамматикӣ. - Душанбе: Ирфон, 1967. - Таблитсаи 8-9.

[39] Болтянский В.Г. Формула наглядности изоморфизм плюс простота. Журнал «Советская педагогика», 1970, № 5. -С.27.

Мо дар таблитсаи мазкур панҷ аломат:



решa, суффикс, префикс, асос ва бандакро истифода бурда, бо ин роҳ таркиби калимаҳоро муайян менамоем. Таблитсаи зер низ дар омӯзиши таркиби калима мувофиқи мақсад аст:

| Калимаҳо | АСОС | | | Бандак | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|
| | **пешванд** | **реша** | **пасванд** | | |
| падарам | - | падар | - | Ам | - |
| Меравам | ме | рав | - | Ам | - |
| дӯстӣ | - | дӯст | ӣ | - | - |
| китобро | - | китоб | - | - | ро пасоянд |

Доир ба таркиби калима аз чунин таблитса истифода бурдан мумкин аст: **пасвандҳои исмсоз**

пахта
дарахт
Гул
лола
беша
чакалак
анор
тут
→ зор

чашм
даст
овоз
гӯш
тунук
ҳафт
мол
ҳавз
→ а

Баъзан чунин таблитсаҳоро, ки ба шакли бозии грамматикӣ сохта мешаванд, пешниҳод кардан аҳамиятнок аст:



Тарзи истифодаи таблитса ба қобилият, маҳорат ва истеъдоду дониши муаллим вобаста буда, ӯ метавонад онро дар шакли тайёр ба тахта овезад ё пешакӣ ба доскаи сайёра кашида монда дар лаҳзаҳои зарурӣ аз он истифода барад.




Таблитсаҳоро доир ба бобҳои фонетика, лексика, морфология ва синтаксис низ тартиб додан аҳамияти калон дорад.

Расмҳо ва истифодаи онҳо дар дарсҳои забони модарӣ. Аҳамияти расмҳо дар таълими забони модарӣ калон аст. Онҳо бо мақсади дарккунӣ, васеъ намудани доираи фаҳмиши мактабиён ба ҳақиқати объективӣ, фаҳмидани эҳтиёҷи одамон, табиат ва амсоли инҳо истифода карда мешаванд. Расмҳо як намуди шиносоии мактабиён бо асарҳои санъати тасвирӣ ва тарбияи завқи эстетикӣ аст.

Ҷиҳати дигари истифодаи расмҳо характери амалӣ методӣ доштани онҳо буда, вай ба муаллим имконият медиҳад, ки машғулиятҳоро шавқовар ташкил карда, доир ба инкишофи нутқи хонандагон кор барад.

Вақте ки хонандагон аз рӯи расм бо роҳбарии муаллим ҳикояча ё иншо менависанд, дар баёни мазмун ва ё таҳлили ҳолатҳои тасвиршуда душворӣ намекашанд. Хонандагонро одат кунонидан лозим аст, то

ки онҳо мақсади кори эҷодӣ, ҷиҳати эстетикию бадеии расмро дуруст сарфаҳм раванд. Баён кардани мазмуни расм, мувофиқи қоидаҳои грамматикӣ тартиб додани ҷумлаҳо, навиштани ҳикояча ва амсоли инҳо аз талабҳоест, ки дар назди кор бо расмҳо гузошта мешаванд.

Дар дарсҳои грамматика ҳам аз расмҳо истифода бурда мешавад. Хусусан расмҳои манзаравӣ, рангҳои гуногун дар тартиб додани сифатҳо, сифатҳои аслӣ ва нисбӣ, дараҷаи сифат, ҷумлаҳои сода ва амсоли инҳо мавқеи муҳим доранд.

Аз рӯи расм навиштани иншо яке аз шаклҳои қадим ва маъмул дар дарсҳои забони модарист.

Иншо аз рӯи расм намудҳои гуногун дорад: баён кардани мазмуни расм, тасвири манзара, тасвири ягон лаҳзаи расм, ки бо он мазмун ибтидо ва интиҳо меёбад, инчунин иншо бо супоришҳои грамматикӣ.

Иншо аз рӯи расм бояд дар ҳамаи синфҳо гузаронида шавад ва он дар ҳар як синф вобаста ба синну соли хонандагон хусусияти худро дошта бошад.

Иншо аз рӯи расм хонандагонро ба баён ва фаҳмидани мазмун, муайян намудани ҷиҳати бадеии асар ва чизи дидаашонро бо хат ифода намудан одат мекунонад. Расмҳо имконият медиҳанд, ки тафаккури мантиқии хонандагон инкишоф ёбад. Ҳангоми тасвир ва баёни мазмуни расмҳо хонандагон чизи асосиро аз ғайри асосӣ ҷудо намуда алоқамандии расмҳоро нишон медиҳанд.

Мавзӯи расмҳо гуногун буда, муаллим вобаста ба мавзӯи таълимӣ расмҳои мувофиқро ҷудо менамояд. Расмҳо дар инкишофи нутқи хаттӣ ва шифоҳии хонандагон як воситаи муҳим ба ҳисоб меравад.

## 2.25. Тарзҳои истифодаи аёният дар дарсҳои забони тоҷикӣ

Ҳар як воситаи аёние, ки дар дарсҳои забони тоҷикӣ истифода мешавад, бояд мазмунан бо мавзӯи таълимӣ мувофиқат намояд. Махфӣ нест, ки баъзан як таблитса дар якчанд дарс бо мақсади гуногун истифода карда мешавад.

Масалан, таблитсаи барои асосҳои феълӣ ё замонҳои феъл тартибдодаро дар муайянкунии таркиби калимаҳо низ истифода бурдан мумкин аст.

Ҳангоми истифодаи таблитсаҳо дар дарсҳои забони тоҷикӣ бо чунин қоидаҳои методӣ риоя намудан зарур аст;

1. Усули ба хонандагон фахмонидани мазмуни таблитсаро муаллимон бояд аз худ намоянд. Дар навбати аввал хонандагонро бо номи таблитса шинос намуда, сипас ҳангоми баён аз чизҳои асосӣ ба чизҳои дуюмдараҷа гузаштан, мазмуни ҳар як расмро муфассал кушода, алоҳида онро бо мавзӯи назариявии таълимӣ муайян кардан ва онро бо фактҳои дигар муқоиса намудан лозим аст.

2. Ҳангоми шарҳи мавзӯъ фикри шахсии хонандагонро низ гирифтан лозим аст, то ки онҳо ҳам мисолҳои худро пешниҳод намоянд.

Муаллим бо роҳи сӯҳбати пешакӣ хонандагонро барои фаҳмидани мазмуни таблитса тайёр менамояд ва қайд мекунад, ки ба ҳамин монанд таблитсаҳоро дар дарсҳои пешин истифода карда будем ва агар лозим донад, схемаи онро ба тезӣ ба тахтаи синф мекашад.

Хонандагонро ба он одат кунонидан лозим аст, ки дар хусуси таблитса мустақилона фикр кунанд ва ба мазмуни он сарфаҳм раванд. Хонандагон бояд дар синф ё дар хона дар дафтари худ он таблитсаро албатта аз нав кашанд, то ки мазмуни он дар хотирашон дуру

дароз нақш бандад. Хонандагон инчунин метавонанд ба ҳамон монанд таблитсаи нав тартиб дода, мисолҳои онро тағйир диҳанд.

Ниҳоят, ба он муваффақ шудан лозим аст, ки хонандагон мустақилона барои мавзӯъҳои таълимӣ схемаю таблитсаҳо тартиб медодагӣ шаванд.

Ҳар як таблитса тарзи истифодаи худро дошта, он одатан ҳангоми баёни мавзӯи нав фаҳмонида мешавад. Баъзан чунин ҳам мешавад, ки муаллим онро дар охири дарс ба тезӣ хонда медиҳад, вале хонандагон онро чунон ки бояд намефаҳманд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳар як дарс як ё ду таблитсаро истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

Агар дар вақти фаҳмонидани мавзӯъ якчанд таблитса истифода бурда шавад, мумкин аст хонандагон чизҳои асосиро аз чизҳои ҷузъӣ ҷудо карда натавонанд. Баъзан вобаста ба характери мавзӯъ, типи дарс ва мақсади таълим миқдори таблитсаҳоро ба 3-4-то расонидан низ мумкин аст. Аз ҷумла, дар дарсҳои такрор ва ҳангоми такрори бобҳои ҷудогона аз таблитсаҳои зиёд истифода бурда мешавад. Агар мавзӯъ нисбатан осон бошад ва онро хонандагон дар асоси баёни муаллим фаҳманд, таблитса зарурат надорад. Ин албатта маънои онро надорад, ки дар дарсҳои забон таблитса истифода карда нашавад.

Муаллимоне ҳастанд, ки барои ҳамаи мавзӯъҳои таълимӣ таблитса тартиб додаанд, ва инро мо дар таҷрибаи корӣ чандин муаллимон мушоҳида намудем.

Ба фикри мо, таблитсаро барои мавзӯъҳое тартиб додан зарур аст, ки фаҳмишашон душвор бошад. Масалан, калимасозии исмҳо, суффиксҳои исмсоз, суффиксҳои сифатсоз, шумораҳои таркибӣ, ҷонишинҳои таркибӣ, сиғаҳои феъл, тарзу намуди феъл, сифати феълӣ, замонҳои сифати феълӣ, ҷумлаҳои мураккаб,

ҷумлаҳои пайрав ва ғайраҳоро бе таблитса фаҳмонидан душвор аст.

**Оид ба тайёр кардани таблитсаҳои забон.** Тайёр кардани таблитсаҳо як қатор талаботи педагогию психологӣ ва гигиенӣ дорад. Аз ин рӯ, оид ба ороиши таблитсаҳо чанд сухан гуфтан лозим аст. Муаллимон аксар варқ дар дарс таблитсаҳои дастӣ сохтаро истифода мебаранд.

Таблитса бояд аз масофаи 6-8 м хоно бошад ва ҳамаи хонандагон онро дидаву хонда тавонанд,

Барои ҷудо кардани чизҳои асосӣ истифодаи рангҳои гуногун, моҳият ва вазифаи таблитсаҳоро аён мегардонад. Бо ин мақсад ба ҷузъ ранги сиёҳ боз ранги сурх истифода карда мешавад.

Маълум, ки мактабҳо таблитсаҳои чопиро асосан ба шакли рулон ва беҳошиябандӣ мегиранд. Бисёр муаллимон ба таблитсаҳо матоъ ширеш мекунанд ва ё аз болою поёни онҳо бо чӯбакҳо ҳошия мебанданд. Баъзан таблитсаҳои ба картон часпонидашударо истифода мебаранд.

Бо вуҷуди ин, таблитсаҳо дар муддати 2-3 соли таҳсил аз кор мебароянд.

Талаботи асосӣ нисбат ба таблитсаҳо он аст, ки дар онҳо якчанд мавзӯъ ҷойдода нашаванд ва хатҳои зиёди каҷу рост кашида нашаванд.

Дар сохтану тартиб додани таблитсаҳои забони тоҷикӣ аз аломатҳои ифодакунандаи символӣ (рамзӣ) истифода мебаранд.

Барои сохтани таблитсаҳо:

а) хатҳои рост, мавҷнок ва пунктир (якто ва якчандто) истифода карда мешавад;

б) дар қавсайн нишон додани аломатҳо;

в) ҷудо кардан бо хатҳои рост аз боло ба поён, аз рост ба чап

г) истифодаи фигураҳои геометрӣ: дар ин маврид ҳар як фигураҳои геометрӣ як сараъзо ё аъзои ҷумларо ифода мекунад.

Барои ифодаи алоқаи байни калимаҳои ҷудогона ва ё расмҳои ҷумла аз ишораҳо, калимаҳои ҷудогона ва қавсайн истифода кардан мумкин аст,

Стрелкаҳо бояд аз болои калимаи тобеъкунанада бо тобеъшаванда оварда шаванд:



хонаи калон                    падари меҳрубон

Баъзан муаллимон ба як мавзӯъ якчанд таблитса тартиб дода, онҳоро дар синфҳои гуногун истифода мебаранд. Таблитсаро бояд чунон тартиб диҳем, ки гуногунмазмун ва намудҳои гуногун дошта бошанд.

Таблитсаҳои доир ба забони тоҷикӣ, одатан дар шакли серияҳои гуногун ва алоҳида тартиб дода мешаванд.

Аз ҷиҳати мавзӯъ ва мазмун таблитсаҳо доир ба фонетика, морфология, синтаксис, пунктуатсия, орфография ва инкишофи нутқ шуда метавонанд.

Солҳои охир нашриёти «Маориф» чанд серияи таблитсаҳоро доир ба таълими забон пешниҳод кардааст, ки аз манфиат холӣ нест.

Муаллимон дар таълими забони тоҷикӣ ғайр аз таблитсаҳои чопӣ аз таблитсаҳои дастӣ низ истифода мебаранд.

Ин гуна таблитсаҳоро ҳам муаллимон ва ҳам хонандагон вобаста ба мавзӯъ худ тартиб медиҳанд.

**Истифода аз тахтаи синф ва фанелеграф.** Тахтаи синф ҳамчун аёният дар таълими забони тоҷикӣ хизмат менамояд. Агар муаллими фанни забон аз ӯҳдаи кашидани расмҳо баромада тавонад ва хати хоною зебо

дошта бошад, дар тахта схема, расмро кашида мавзӯъҳои таълимиро ба осонӣ мефаҳмонад ва хонандагон ҳам онро дар хотир хуб нигоҳ медоранд.

Муаллим бояд аз тахтаи синф моҳирона истифода барад. Навиштанро аз мобайн сар накунад ва бо ҳарфҳои калон-калон нанависад. Бо ҳарфҳои хурд ҳам навиштан дуруст нест, зеро хонандагони дар ақиб нишаста навиштаҷоти муаллимро хонда наметавонанд. Дар тахтаи синф сана, сарлавҳа, мисолҳо, истилоҳоти грамматикӣ, калимаҳои душворфаҳму душворнавис ва амсоли инҳо навишта мешаванд. Хати муаллим зебо ва намунаи ибрат бошад. Беҳуда нагуфтаанд, ки:

***Хатнавиштан фазилати ҳунар аст,***
***Хондани он зиёда мӯътабар аст!***

Муаллим бояд тавре кор барад, ки хонандагон ба ӯ тақлид намуда, аз тахтаи синф дуруст истифода бурданро ёд гиранд.

Дар таълими забони тоҷикӣ на фақат аз тахтаи синф, балки аз доскаи магнитӣ (фанелеграф) низ истифода бурда мешавад. Доскаҳои магнитӣ аз тахтаи синф ҳаҷман хурд буда, аз материали мулоим сохта мешаванд ва ба осонӣ қат кардан ҳам мумкин аст. Дар доскаи магнитӣ бо бӯр навишта намешавад, балки бо ашёҳои пешакӣ тайёр кардашуда расмҳо мекашанд. Ин гуна расмҳо дар картони тунук пешакӣ дар шакли хона, кӯча, одамон, костюм, мактаб ва предметҳои гуногун кашида шудааст. Ин расмҳоро ба доскаи магнитӣ часпонида ба воситаи онҳо муаллим вобаста ба мавзӯи таълимӣ мисолро меорад, мазмуни онҳоро аз хонандагони ҷудогона мепурсад ва дар асоси онҳо ибора, ҷумла ва ҳар гуна ҳикоячаҳо тартиб медиҳанд. Ин гуна корҳо хонандагонро фаъол намуда, дар инкшофи нутқи хаттӣ ва даҳониашон кӯмак мерасонад.

## 2.26. Истифодаи воситаҳои техникӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ

Инкишофи пурраи илму техника ба ҳаёти мактаб, ба усулҳои таълиму тарбия ва гузориши таълими забони тоҷикӣ бешак таъсир мерасонад.

Инқилоби илмӣ-техникӣ ва прогресси рӯзафзуни илму техника такмили мунтазами ҷараёни таълимро талаб мекунад. Ба туфайли ин солҳои охир дар мактабҳо барои таълими фанҳои ҷудогона, микдори зиёди воситаҳои гуногуни таълимию техникӣ истифода бурда мешаванд.

Як вақтҳо дар таълими забони модарӣ аз чунин воситаҳои техникӣ: патефон, диапозитивҳо, эпидиаскоп, аллоскоп, проигрыватель, кодоскоп, диапроэктор ва филмоскопҳо истифода мекарданд.

Ҳоло бошад, бо тақозои замон вобаста ба пешрафти илму техника намудҳои басо мураккаб ва навтарини воситаҳои техникӣ ба вуҷуд омадаанд: магнитофону радио, кинофилму телевизор, доскаҳои электронӣ ва машинаҳои программавии таълим.

Дар шароити ҳозира таълими фанни забонро бе истифодаи воситаҳои нави таълимии техникӣ тасаввур кардан мумкин нест. Аз ҳамин ҷост, ки дар таълим истифодаи асбобҳои гуногуни экранӣ ва овозӣ, истифодаи кино, радио, телевизион, магнитофон яке аз проблемаҳои муҳимтарини илми педагогикаи имрӯза мебошад.

Солҳои охир ҳалли ин проблемаи мазкур чи дар мамлакати мо ва чи дар хориҷа диққати доираи васеи

педагогҳоро ба худ ҷалб кардааст, мегӯяд методист Камолов Н.[40]

Аз 27 то 30-юми ноябри соли 1973 дар шаҳри Москва намояндагони мамлакатҳои сотсиалистии ҷаҳон дар конференсияи илмӣ-байналхалқӣ оид ба проблемаи ҷиҳозҳои мактабӣ ҷамъ омада, дар хусуси таҷҳизоти бинои мактаб, синф-кабинетҳо, таҷҳизоти дарс, аз ҷумла меъёр ва низоми истифодаи воситаҳои техникии таълим дар мактаб изҳори ақида карда, оид ба ҳамкорӣ ва муқоисаи таҷриба шартномаи илмӣ бастанд.

Дар мактабҳо ба таври васеъ истифода бурдани воситаҳои таълимии техникиро қарори КМ КПСС ва Совети Вазирони СССР аз соли 1972 «Оид ба анҷом додани гузаштан ба маълумоти миёнаи умумии ҷавонон ва инкишофи мактаби маълумоти умумӣ» яке аз роҳҳои баланд бардоштани сифати таълиму тарбия меҳисобад. Чаро дар ин давра масъалаи истифодаи воситаҳои таълимии техникӣ ин дараҷа актуалӣ шудааст?

Ин ҷо мо метавонем се сабаби ба ҳам алоқамандро номбар кунем:

1) таъсири зиёди эмотсионалӣ доштани кино, радио ва телевизион ба талабагон;

2) дар таълим имконияти калон ва шароити хуб фароҳам овардани ин гуна асбобҳои техникӣ; инчунин сарфаи вақт ҳангоми таълими мавзӯъҳо;

3) дар натиҷаи мураккабшавии мазмуни маълумот ба воситаҳои таълимии техникӣ эҳтиёҷ доштани мактаб.

---

[40] Камолов Н. Истифодаи воситаҳои нави таълимии техникӣ дар дарсҳои забон. - Душанбе, 1978. -С. 36.

Сababи дигари беш аз пеш паҳн шуда истодани воситаҳои таълимии техникӣ дар мактаб аз он иборат аст, ки онҳо самараи меҳнати муаллим ва талаба, яъне ҷараёни таълимро баланд мебардоранд. Тараққиёти пуравҷи илм ва дар истеҳсолот татбиқ шудани кашфиёҳои илмӣ ба васеъ гаштани маводи барнома оварда мерасонад ва танҳо бо ёрии воситаҳои таълимии техникӣ протсесси таълимро дар мӯҳлати муқарраршуда муътадил кардан имконпазир мегардад.

Бо тақозои ҳаёт муаллимони забон ва адабиёт дар дарс ва машғулиятҳои берун аз синф аз намоиши кино, телевизион, радио, радиоузели мактабӣ , магнитофон, дигар воситаҳои аккокӣ: кодоскоп, диапроектор, филмоскоп ва ғайра бештар истифода мебаранд.

Магнитофон дар таълими забони модарӣ имкониятҳои калон фароҳам меоварад. Вай махсусан дар омӯзиши боби синтаксис оид ба истифодаи аломатҳои китобатӣ хизмат мерасонад. Магнитофон барои баланд бардоштани натиҷаи кор оид ба хониши бурро, муайян кардани мавқеи зада ва аломати ист аз воситаҳои хуб ба шумор меравад, зеро хонандагон бо ёрии он чизҳои муҳимми матнро такроран шунидаву таҳлил менамоянд. Инчунин бо кӯмаки магнитофон хониши худро шунида то як андоза аз ӯҳдаи супориш боромада тавонистани худро фаҳмида мегиранд. Ба ровиён тақлид намуда, шеърхониро ёд мегиранд.

Радиоузели мактабӣ низ ба таълими забон, дар иҷрои корҳои берун аз синф чун воситаи хуби таълимӣ хизмат менамояд. Бо ёрии радиоузели мактаб шабҳон саволу ҷавоб, конкурси дикторҳои беҳтарин, хониши бадеӣ ва дигар тадбирҳоеро, ки барои ташаккули

маданияти нутқи хонандагон сабаб мегардад, ташкил кардан мумкин асг.

Дар байни асбобҳои проэксионӣ роли кодоскоп дар таълими забони модарӣ хеле калон аст.

Кодоскоп асосан вазифаи тахтаи синфиро адо кунад ҳам, вале барои сарфаи вақт, дар зери назорати худ доштани хонандагон ва дорои хусусияти хуби гигиенӣ будани он самаранокии дарсро як бар чанд баланд мебардорад.

Муаллим ба лентаи махсуси кодоскоп бо ручкаи оддӣ ҷумла, ибора, калима ва нақшаро менависад ва хонандагон онҳоро аз экран мехонанд. Барои он ки кор осон шавад, мисол ва натиҷаҳои лозимиро пешакӣ дар лентаи кодоскоп навишта ҳангоми баёни мавзӯъ аз онҳо истифода бурда мешавад.

Ба шакли диапозитив табдил додани машку таблитсаҳои эзоҳдиҳанда чандон мушкил нест. Машқу таблитсаҳоро дар доска ва ё қоғази сафед навишта, бо роҳи оддии суратгирӣ расми онро гирифтан мумкин аст. Ҳар як машқ ё таблитса бояд кадри алоҳидаеро ташкил диҳад.

Як ҷиҳати хуби диапозитив ин аст, ки вобаста ба як мавзӯъ якчанд машқҳои якхеларо ба навор гирифтан осон аст, ки он аҳамияти калони дидактикӣ дорад.

Муаллимони соҳибтаҷриба шакли пурраи таблитсаро ба диапозитив гирифта онро ба сифати худсанҷии талабагон истифода мебаранд.

Минбаъд диапозитив дар таълим мавқеи васеъ пайдо хоҳад кард.

Ҳоло дар ШМА, Шветсия, Франсия, Дания ба ҷои таблитса ва харитаҳои географию таърих диапозитивҳо истеҳсол карда мешаванд.

Воситаҳои техникии таълим вақте манфиат мебахшанд, ки истифодаи онҳо дар дарс низоми муайян пайдо кунад ва намоиши онро дар ин ё он лаҳзаи дарс зарур ва ногузир бошад.

Ҳамин тавр, аёният ва воситаҳои техникӣ дар дарсҳои забони модарӣ дар бобати ба фаҳми хонандагон мувофиқ кунонидани мазмуни мавзӯъ, дар амалия санҷидани назария, пайдо кунонидани малака, аз материалҳои конкрет хулосаҳои зарурӣ баровардан, талабагонро ба мушоҳидакунию муҳокимаронӣ одат кунонидан, зиёд намудани шавқу ҳаваси хонандагон ба дарс, истифодаи самараноки вақт ва амсоли инҳо аҳамияти калон доранд.

# БОБИ САВВУМ
# ДАРС ВА ХЕЛҲОИ ОН.
# ТАЛАБОТ БА ДАРСИ ИМРӮЗА

*«Як соат дарси хуб мазмуни як асари бадеиро дорад»*

В.И.Ленин

Таълиму тарбия дар мактаб бо ҳам алоқаи зич дошта, онҳоро аз ҳам ҷудо тассавур кардан мумкин нест. Барои дуруст ба роҳ мондани кори таълиму тарбия дар тамоми марҳилаҳои инкишофи маорифи халқ дарс ҳамчун шакли асосии кори таълим мавқеи асосиро ишғол карда меояд.

Шавқу ҳаваси муаллимон ва хонандагон ба проблемаи дарси имрӯза хеле зиёд шуда, дарсҳои имрӯза ранги дигар касб кардаанд.

Вазифаи аввалиндараҷа ва асосии ислоҳоти мактаби маълумоти умумӣ, пеш аз ҳама, ин баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи бачагон ва ҷавонон мебошад.

Вазифаҳои мураккаб ва серсоҳаи дар назди мактаби имрӯза гузоштаи ҷамъият талаб менамояд, ки дарс ва усули гузаронидани он боз ҳам такмил дода шавад. Ҳоло сохт ва нақшаи анъанавии дарсҳои пешин, ки дар онҳо баёни муаллим мавқеи асосиро ишғол менамуд, як дараҷа тағйир дода шудааст.

Маълум, ки дар тарзи баён ҷои асосиро сухани муаллим ишғол мекард ва он имконият намедод, ки хонандагон ба ҳаёти имрӯза пурра ва мустақилона тайёр карда шуда, ба меҳнати фоиданоки фаъолона иштирок намоянд, эҷодкорона масъалаҳои муҳимро ҳал кунанд ва фаҳмида гиранд.

Вазифаи мактаб на фақат он аст, ки дониши боварибахши мустаҳкам диҳад, балки дар асоси он донишҳо хонандагонро водор намояд, ки онҳо мустақилона

андеша ронанд, хулосаҳо бароранд ва ба таълим эҷодкорона рафтор намоянд.

Барои ҳалли ин масъалаҳо муаллимон бояд дар сохти дарс ва усули гузаронидани он тағйироту дигаргуниҳое дохил намоянд.

Аксар вакт муаллимон, методистон, олимон ва шахсоне, ки ба таълиму тарбия сару кор доранд, чунин савол медиҳанд: дарси имрӯза бояд чӣ гуна бошад? Системаи кабинетӣ дар сохту мазмуни дарс чӣ хел тағйиротҳо ба вучуд овард? Оё дарси имрӯза ва усули гузаронидани он ба талаботи замон ҷавоб дода метавонад?

Ин саволҳо албатта тасодуфан ба миён наомадаанд. Вобаста ба инкишофи илму техника, инқилоби илмӣ-техникӣ аъзоёни ҷамъият дар назди мактаб вазифаҳои нав ба нав гузоштаанд, ки иҷрои он ба такмили дарси имрӯза алоқаманд аст. Вақти он расидааст, ки шакл ва усулҳои тозаи таълимро ҷустуҷӯ намуда, аз онҳо моҳирона истифода барем. Дар ин ҷустуҷӯй омилҳои асосӣ фаъолиятмандӣ, худсозӣ, эҷодкорӣ, мустаҳкамшавии алоқаи мактаб бо ҳаёт ва ба ҳисобгирии шавқу ҳаваси хонандагон дар таълим ба ҳисоб мераванд. Ин вазифаҳоро танҳо ҳангоми ташкилу гузаронидани дарси хуб, ки сохту усули он вобаста ба инкишофу тараққии ҷамъият такмил ёфтааст, бомуваффақият ҳал кардан мумкин аст.

То солҳои 70-ум дар гузаронидани дарсҳои забони тоҷикӣ усули эзоҳи мавзӯъ дар асоси мисол мавқеи муҳимро ишғол мекард ва бо номи усули эзоҳӣ-эллистративӣ маъмул буд. Хусусияти характерноки ин усул дар он зоҳир мегардад, ки муаллим бо тартиби муайян мавзӯъро ба шогирдон баён намуда, баъд мисолҳои аниқ меовард, аз намудҳои гуногуни аёният истифода мебурд ва дар мустаҳкамкунии мавзӯъ иҷрои

машқҳои гуногунро кор мефармуд. Аз ин усули таълим муаллимони фанни физика, риёзиёт, кимиё, забону адабиёт, биология ва дигарон бештар истифода мебурданд ва ҳоло ҳам истифода мебаранд. Ин усули фаҳмонидани мавзӯъ, албатга, барои пешрафти донишҳосилкунии хонандагон ва дар онҳо пайдо кардани малакаву маҳорат ёрӣ мерасонд. Аммо ин усули таълим баъзе норасоиҳо низ дошт. Масалан, муаллим аз хонандагон талаб менамуд, ки фақат чизи шунидаашонро дар хотир нигоҳ доранд ва дар мавридаш онро такроран гуфта диҳанд. Дар ин усул эҷодкорӣ, мустаҳкамкунӣ, фикр кардани хонандагон ва ба роҳи проблемагузорӣ омӯхтани мавзӯъ дида намешуд. Роли асосиро танҳо сухани муаллим ва шарҳу эзоҳи ӯ мебозид. Хонандагон бошанд, гуфтаҳои муаллимро пассивона гуш мекарданд ва дар хотир нигоҳ медоштанд. Албатта мо бо ин гуфтанӣ нестем, ки усули эзоҳӣ эллистративӣ ҳоло тамоман истифода карда намешавад, ё аз байн рафтааст. Баръакс, ин усул ҳоло ҳам истифода мешавад ва дар таълим мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Вале дар тарзи гузаронидану фаҳмонидани он вобаста ба талаботи замон баъзе тағйироту дигаргуниҳо ба вучуд омадааст. Муаллим ҳангоми фаҳмондани мавзӯи нав диққати аҳли синфро ба дарс ҷалб намуда, дар назди онҳо супоришҳо-вазифаҳои гуногун мегузорад, саволҳое медиҳад, ки хонандагонро барои фикр кардан водор менамоянд.

Хонандагон аз гуфтаҳои муаллим доир ба мавзӯъ тасаввуроти пурра нагирифта, барои ҳалли он худашон мустақилона фикр мекунанд, ҷустуҷӯ менамоянд ва хулоса мебароранд.

Сипас, муаллим гуфтаҳои хонандагонро ҷамъбаст намуда, хулосаҳои даркорӣ мебарорад. Ин усул хонандагонро водор менамояд, ки ба ҳалли мавзӯъ

фаъолона иштирок намуда, фикри мустақили худро баён кунанд ва ниҳоят аҳли синф аз оғоз то анҷоми дарс фаъол бошад.

Дуруст аст, ки солҳои охир илми педагогика, таҷрибаи мактабҳои ҷудогона ва муаллимони пешқадам роҳҳои нави такмилдиҳии машғулиятҳоро ба миён гузоштаанд. Чунончӣ, солҳои 60-ум таҷрибаи пешқадами муаллимони мактабҳои Липетск машҳур буд. Сонитар таҷрибаи пешқадами муаллимони вилояти Ростов паҳн шуд, ки масъалаи дар як синф ду сол таҳсил накардани хонандагон ва таъқиди донишандӯзии онҳоро ба миён гузошт. Баъдтар бошад, фикру мулоҳизаҳои муаллимони мактабҳои РАСС Тотористон доир ба масъалаи таълими проблемавӣ ҷолиби диққат гардид. Инчунин дар байни коллективҳои педагогӣ ташаббуси муаллимони вилояти Волгоград «Ба ҳар як дарс - бо тайёрии пухта ва бо сифати баланд» дастгирӣ ёфта буд. Дар дарси имрӯза бисёр муаллимон аз таҷрибаи пешқадами мактабҳои номбурда мувофиқи қобилият ва дониши худ ҳаддалимкон истифода мебурданд ва мебаранд, ки ин дар пешрафти кори таълиму тарбия ёрии амалӣ мерасонд.

Хусусияти хоси дарси имрӯза дар чист?

Ҷиҳати фарқкунандаи дарси имрӯза аз пешин, ба назари мо, дар зиёдшавии фаъолияти мақсадноки муаллим ва хонанда дар дарс аст. Ҳар як дарс мақсади дидактикӣ ва тарбиявӣ дорад ва вазифаи асосии муаллим ҳам он аст, ки дар асоси факту рақамҳо мавзӯъро ба хонандагон фаҳмонад. Дар назди онҳо дар ҳар як дарс мақсади муайян гузошта шудааст, ки дар иҷрои он роли асосиро боз муаллим мебозад. Барои он ки мақсади дарс иҷро гардад, вай бояд пешакӣ ба нақша дароварда шавад. Муаллим дар асоси реҷаи кашидааш

кор карда, аз усулу воситаҳои методии навтарин моҳирона истифода барад.

Талабот нисбат ба дарси имрӯза иҷрои мақсади дарс аст. Дарси имрӯза таъмин ва ташкили аниқи ҳар як лаҳзаро талаб карда, дуруст ташкил карда тавонистани дарс аз ибтидо то интиҳо ба муаллим вобаста аст. Дарс бояд аз лаҳзаи танаффуси хонандагон шакл гирад. Бо супориши муаллим ҳангоми танаффус хонандагон, лаборантҳо ва шахсони дахлдор бояд ашёҳои зарурӣ монанди, воситаҳои техникӣ, таблитса, схема, материалҳои дидактикӣ, китобҳо, адабиёти иловагӣ, бӯру латта ва ғайраҳоро тайёр кунанд.

Солҳои охир масъалаи лаҳзаи тафтиши вазифаи хонагӣ ва санҷиши сифати дониши хонандагон диққати муаллимону методистонро бештар ба худ ҷалб намудааст.

Аз таҷрибаи муаллимони ҷудогона ва тафтиши баъзе мактабҳои вилояти Суғд маълум шуд, ки ба ин лаҳзаи дарс як гурӯҳ муаллимон вақти зиёд сарф мекунанду натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварда наметавонанд. Вақти зиёд сарф кардан боиси ба лаҳзаҳои дигари дарс нарасидани вақт мегардад. Дар натиҷа мақсади дар наздаш гузошташудаи муаллим иҷро намешавад.

Вақти он расидааст, ки роҳҳои нави пурсишу санҷишро ҷустуҷӯ намуда ин лаҳзаро такмил диҳем ва дар амалиёти худ усулҳои гуногунро ба кор барем. Бояд аз тафтиши фронталӣ, истифодаи варақчаҳои гуногун ва саволҳои кӯтоҳ-кӯтоҳи пурмазмун ва усули тестӣ бештар истифода барем.

Хусусияти дигари дарси имрӯза баланд бардоштани мустақилият ва рафтори эҷодии хонандагон мебошад.

Рафтори эҷодӣ ва мустақилияти хонандагон талаб менамояд, ки ҳангоми дарс аз усул ва воситаҳои нави

таълим, ба монанди таълими проблемавӣ ва салоҳиятнокӣ моҳирона истифода карда шавад. «Дарси ҳозираи ҳар як фан, аз ҷумла фанни забони модарӣ пеш аз ҳама, аз он ҷиҳат бартарӣ дорад, ки талабагонро на фақат бо асосҳои илм мусаллаҳ гардонида, роҳҳои ба амал татбиқ намудани онро меомӯзонад, балки ба он низ водор мекунад, ки онҳо ҳамеша аз паи мустақилона дониш андӯхтан бошанд ва сӯҳбат ба такмилдиҳии дониш ва одати онҳо мубаддал гардад. Дарси ҳозираи забони модарӣ талқин мекунад, ки дар рафти таълими мавзӯъҳо муаллим ҳатман фаросати хонандагонро ба кор андозад, то ки ба як қатор масъалаҳо худашон сарфаҳм раванд».

Масъалаи мустақилона дониш андӯхтан ва эҷодкор будани хонандагон дар протсесси кори мустақилона бо китоби дарсӣ, адабиёти илмӣ, луғатҳо, таблитсаҳо, схема ва амсоли онҳо бо роҳбарии бевоситаи муаллим ҳал карда мешавад.

Проблемаи дигари дарси имрӯза сермаҳсулии протсесси таълиму тарбия дар дарс мебошад.

Қобили қайд аст, ки ҷорӣ гардидани системаи кабинетӣ ва усули нави салоҳиятнокӣ ба самарнокии дарс таъсири хуб расонида истодааст.

Дарси имрӯза аз муаллимон талаб менамояд, ки ба хонандагон мувофиқи меъёр вазифаи хонагӣ супоранд. Вақте ки ба хонандагон вазифаи хонагии зиёд месупорем, онҳо мавзӯи дар синф омӯхтаашонро дар хона такрору мустаҳкам карда наметавонанд.

Барои он ки дарс маҳсулнок гузарад, аз воситаҳои техникӣ ва аёният моҳирона истифода бурдан лозим аст. Дар системаи кабинетӣ дуруст ҷо ба ҷо гузоштани аёният ва истифодаи онҳо вақтро сарфа менамояд. Сарфаи вақт бошад, барои дониши аниқ гирифтан манбаи муҳим аст. Муаллим ба ҷои ба тахтаи синф

навиштани ҷумлаҳо, матнҳо, машқҳо метавонад аз кодоскоп, эпидоскоп, таблитсаҳо ва схемаҳо суботкорона истифода барад.

Ба дарси имрӯза талабот хеле зиёд аст. Педагог - олим В.А.Онишук дар китобаш дар назди дарси имрӯза чор талаб мегузорад: талаботи тарбиявӣ, дидактикӣ, психологӣ ва гигиенӣ[41].

Ҷиҳати тарбиявии дарс дар назди муаллимон вазифа мегузорад, ки ба протсесси таълиму тарбия эътибори ҷиддӣ диданд, дар хонандагон сифатҳои баланди ахлоқу одоб, поквиҷдонӣ, муҳаббат, инсондӯстӣ, ҳурмату эҳтиром ба Ватан ва меҳнатдӯстиро тарбия намоянд.

Талаботи дидактикӣ бошад, ташкил ва бо маҳорати баланд гузаронидани дарсро дар назар дорад. Муаллим бояд ҳар як дақиқаро самаранок истифода барад, мавзӯъро мувофиқи мақсад ба хонандагон фаҳмонда диҳад, ба ҷиҳати таълимӣ ва тарбиявии дарс эътибори махсус диҳад.

Барои бо муваффақият иҷро намудани ин вазифаҳо муаллим пешакӣ нақшаи корӣ ва план-конспект тартиб дода, дар он мавзӯъ, мазмун, ҷиҳатҳои таълимӣ ва тарбиявӣ, мақсаду вазифа, таъмини аёният, лаҳзаҳои дарс, усулу воситаҳои таълим ва тарзи истифодаи онҳоро нишон медиҳад ва муаллим вазивадор аст, ки мавзӯи навро бо мавзӯи гузашта алоқаманд намояд.

Талаботи дигар аз дарси имрӯза ба такмили ихтисоси муаллим алоқаманд аст. Муаллим бояд маҳорати педагогии худро доимо баланд бардошта истад, дар протсесси дарс аз қоидаву қонуниятҳои педагогӣ ва психологӣ моҳирона истифода барад.

[41] Онищук В.А. Урок в современной школе. – Москва: Просвещение, 1981. -С.85.

Самаранокии ҳар як дарс аз бисёр ҷиҳат ба интихоби дурусти усули таълим ва воситаҳои методӣ вобастагӣ дорад. Ба ихтиёри муаллим усулҳои гуногуни таълим мавҷуданд, ки онҳо дар ҳалли масъалаҳои дидактикӣ ёрӣ мерасонанд. Муаллим ҳамчунин аз таҷрибаи пешқадами ҳамкоронаш моҳирона истифода барад.

Дар давраи Шӯравӣ дар мактабҳо дар дарс баёни материали фаровон мавқеъ пайдо карда буд. Бо ин усул муаллимон дар як дарс материали 3-4 соатаро ба хонандагон фаҳмонида медоданд. Муаллимони шаҳри Кировоград, муаллими химияи мактаби миёнаи рақами 2 районии Ананеви вилояти Одесса Н.П.Гузик ва муаллими шаҳри Донетск Ф. Шаталов бо ин усул кор бурда, натиҷаҳои дилхоҳ ба даст овардаанд.

Дар асоси ин усул вақти баён мағзи асосии мавзӯъ ба хонандагон пешкаш карда мешавад. Дар як соат гузаштани 3-4 мавзӯъ имконият медод, ки хонандагон бештар бо китоби дарсӣ мустақилона кор кунанд, адабиёти иловагиро хонанд ва масъалаҳоро худашон мустақилона омӯзанд.

Ҳангоми баёни мавзӯъи нав ва ҷудо кардани чизи асосӣ аз ғайриасосӣ ба мавзӯъ чӣ тавр шавқу ҳаваси хонандагонро ба вуҷуд овардан мумкин аст?

Муаллим дар назди синф проблема ва ё саволҳои проблемавӣ мегузорад. Дар ин вақт хонандагон маҷбур мешаванд, ки ба гуфтаҳои муаллим бо диққат гӯш кунанд ва худашон барои ба саволҳо ҷавоб додан фикр намоянд.

Албатта, худи хонандагон ба ин гуна саволу масъалаҳо ҷавоб медиҳанд ва баъзан ҳолатҳое мешавад, ки онҳо аз ӯҳдаи он баромада наметавонанд. Он гоҳ муаллим ба онро ёрӣ мерасонад.

Барои хуб дар хотир нигоҳ доштани қисмҳои муҳимми мавзӯъ муаллим аз роҳҳои гуногуни кор, монанди, дар доска навиштани истилоҳҳо, санаҳои асосӣ, номҳо ва схемаҳо истифода мебарад. Ҳангоми кори мустақилона хонандагон он истилоҳу санаҳоро пурра намуда, онҳоро дар шакли нақша навишта мегиранд. Масалан, доир ба боби феъл: шахс, шумора, замон ва сиға барои истилоҳҳо дар доска навишта мешаванд.

Дар вақти баёни мавзӯи нав хонандагон оҳиста-оҳиста бо ёрии муаллим чизҳои заруриро дар дафтар ба таври мухтасар, баъд дар шакли план, тезис ва сонитар (дар синфҳои болоӣ) дар шакли конспект қайд карда мегиранд.

Аз ин усул муаллим В.Ф.Шаталов (аз шаҳри Донетск) хеле хуб истифода менамояд. Тарзи кори ӯ чунин аст. Мавзӯъро ба хонандагонаш ду маротиба, бори аввал муфассал ва пай дар пай ва бори дуюм хеле мухтасару мӯъҷаз баён мекунад.

Баъди баёни якум Шаталов дар доскаи синф плакатеро меовезад, ки дар он ҷиҳати асосии мавзӯъ дар шакли истилоҳу иборaҳо қайд гардидааст. Аз рӯи он мавзӯи баёншуда такрор карда мешавад. Ишораҳои кӯтоҳи дар плакату таблитса овардаи Шаталов аз аломатҳо, нишонаҳо, формулаҳо, рақамҳо, номҳо ва истилоҳҳо иборат буда, ифодакунандаи мағзи асосии мавзӯъ мебошанд.

Хонандагон ҳангоми нақли муаллим он ишораҳоро дар хотир медоранд ё навишта мегиранд. Агар муаллим ишораҳоро ба миқдори зиёд тайёр карда бошад, ба хонандагон шакли тайёри онро медиҳад ва хонандагон онҳоро пурра навишта мегиранд.

Қобили қайд аст, ки усули Шаталов баъди ду соли таҷриба дар синфҳои VI-VII дар 45 мактаб аз озмоиш

гузаронида шудааст. Таҷрибаи Шаталов натиҷаҳои дилхоҳ дод ва сифати дарсазхудкунии хонандагон аз фанни физика хеле баланд гардид. Ҳоло аз таҷрибаи ӯ якчанд мактабҳо ва муаллимони ҷудогонаи шаҳру районҳои РС ФСР истифода бурда истодаанд.

Талаботи дигар нисбат ба дарси имрӯза талаботи психологист. Муаллим бояд хусусияти психологии ҳар як хонандаро омӯзад ва мунтазам ба ҳисоб гирифта истад. Муаллиме, ки хусусияти психикии хонандаи худро намедонад, дар кори таълим пеш рафта наметавонад.

Ҳолати психикии муаллим ва хонандагон ба дараҷаи муайян ба натиҷаҳои дарс таъсир мерасонад. Руҳияи муаллим, худдорӣ, дақиқназарӣ ва тундмизоҷӣ, албатта, ба шогирдон таъсир мегузорад. Ҳар як хонанда кӯшиш мекунад, ки ба муаллими худ пайрав бошад. Аз ин рӯ муаллим бояд бо хислатҳои некаш ба хонандагон намуна бошад. Барои муаллим ботамкинӣ ва худдорӣ барин хислатҳо чизи асосӣ ва басо муҳим аст. Муаллим бояд барои аҳли синф талаботи ягона дошта бошад, ҳар як вазифаи супоридаашро дар вақт-вақташ дида барояд ва иҷрои онро талаб намояд. Агар як ё ду маротиба вазифаи супоридаро дар мӯҳлати муқарраршуда насанҷад, хонандагон ба хулосае меоянд, ки муаллим ваъдахилоф аст ва гуфтаи худро аз хотир мебарорад.

Хонандагон ба талаботи муаллим бештар эътибор медиҳанд, аз ин рӯ, талабот бояд хайрхоҳона ва ҳаққонӣ бошанд.

Талаботи дигар ба дарси имрӯза талаботи гигиенӣ аст.

Синф бояд озода, равшан ва ҳарорати мӯътадил дошта бошад. Муаллимон ҳамеша онро ба ҳисоб гиранд, ки хонандагон ҷисман ва руҳан хаста наша-

ванд. Барои ин дарсро моҳирона, бо шавқу завқ гузаронидан лозим аст. Агар дарс якрангу якхела бошад, хонандагон вазифаҳоро бе шавқу ҳавас, ба тариқи маҷбурӣ иҷро менамоянд, дарс шавқовар намегузарад ва шогирдон зуд хаста мешаванд. Аз ин рӯ, бояд муаллим кӯшиш намояд, ки дарс рангоранг ва таъсирбахш гузарад. Иҷрои машқҳои гуногун, кор аз рӯи расм, худ сохтан, худ тартиб додан,нақлу ривоятҳо, истифодаи бозиҳои грамматикӣ ба хонандагон шавқу завқ бахшида онҳоро ба хасташавӣ намегузорад. Агар ин намуди корҳо дуруст ва бо шавқу завқ ташкил карда шаванд, дарс барои хонандагон истироҳати маданӣ мешавад. Ба ин ҷиҳати дарс бояд эътибори махсус дода шавад.

Дарси имрӯза дар назди муаллимон чунин вазифаҳоро мегузорад:

1. Ба хонандагон додани дониши амиқу устувор ва бошууронае, ки он асоси таҳкурсӣ барои тарбия намудани эътимоди илмию сиёсӣ ва ҷаҳонбинӣ бошад;

2. Баланд бардоштани ҷиҳати тарбиявии дарс, дар хонандагон ташаккул додани хислатҳои беҳтарини инсонӣ;

3. Дар хонандагон ба вуҷуд овардани маҳорат ва малакаи мустаҳкам, баланд бардоштани саводи онҳо, ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ тайёр намудани онҳо;

4. Дар хонандагон тарбия намудани мустақилият, фаъолияти зҷодкорӣ, ҳалли эҷодкоронаи масъалаҳо чӣ дар синф ва чӣ берун аз он;

5. Дар хонандагон тарбия намудани малакаи хониш ва омӯзиши мустақилона кор карда тавонистан бо китоб, татбиқи эҷодкоронаи назария дар амал;

6. Дар хонандагон ба вуҷуд овардани ҳисси муҳаббат ба хондан, бо шавқу завқ иштирок кардан ба

дарс ва корҳои беруназсинфию мактабӣ, дӯст доштани забони модарӣ;

7. Дар хонандагон тарбия намудани ҳисси меҳнатдустӣ, ба ҷамъият фоида расонидан, шахсони меҳнатдӯстро эҳтиром намудан ва ғайра.

Иҷрои ин вазифаҳо бевосита ба муаллим, ба масъулиятнокӣ, донишу маҳорат, ба сифати кори ӯ ва муҳаббати вай ба фанни таълимӣ ва шогирдон вобастагии қавӣ дорад.

## 3.1. Дарс - шакли асосии кори таълим

Ҳар як фан мақади муайяни таълимӣ дорад. Забони тоҷикӣ ҳам, пеш аз ҳама, бо мақсади саводнок намудани хонандагон ва инкишоф додани нутқи хаттию шифоҳии онҳо таълим дода мешавад.

Таълими забони модарӣ дар мактаб дар шаклҳои гуногун гузаронида мешавад. Шаклҳои аз ҳама муҳими он: дарс, корҳои беруназсинфӣ, консултатсияҳо, факултативҳо ва мафҳилҳо мебошанд.

Дар байни ин шаклҳои таълим мавқеи асосиро дарс мебозад. Аз ин рӯ, шакли асосии ташкил кардани кори таълим дар мактаби ибтидоӣ ва миёна дарс аст. Принсипҳо ва воситаҳои таълими забони модарӣ, ки онро методикаи таълим муайян кардааст, дар дарс истифода бурда мешаванд. Хонандагон дар дарс асосҳои донишро аз худ мекунанд ва барои дар нутқи хаттӣ ва даҳониашон аз боигарии забони модарӣ истифода бурдан кӯшиш менамоянд. Бояд донист, ки аз тарафи хонандагон ҳартарафа омӯхтани забони модарӣ ба дарс ва моҳияти он узван вобаста мебошад, зеро ҳар як дарс мазмун ва мундариҷаи худро дорад. Дар навбати худ дарсҳо аз якдигар ҷудо набуда, давоми якдигар хисобида мешаванд ва чун занҷир ба ҳам пайвастаанд. Қимати ҳар як дарс аз рӯи ҳиссае, ки дар

системаи таълими умумӣ мегузорад, муайян карда мешавад.

Одатан дарсро акти эҷодӣ мегӯянд. Вай аз муаллим ва хонандагон қувваи солимфикрӣ ва ҳиссиёти зиёдеро талаб карда, ҳамчун оина тамоми муваффақияту норасоиҳои ҷараёни таълимро нишон медиҳад.

Дарс асари бутунеро мемонад, ки нигориши он ба маҳорати эҷодии муаллим вобастагии узвӣ дорад.

Дар барномаи мактабҳои таҳсилоти хамагонӣ ба ҳар як қисму боби забони модарӣ соатҳои муайян ҷудо карда шудааст. Дар асоси он соатҳо муаллим мавзӯъҳои программаро ба дарсҳои алоҳида таҳсим менамояд. Дуруст аз худ намудани мавзуъҳои таълимӣ ба беҳтаршавии сифати дарс ёрӣ мерасонад. Аз ин рӯ , ҳар як муаллим вазифадор аст, ки ба сифати дарс ва тамоили тарбиявии он эътибори махсус диҳад. Барои он ки дарсҳои забони тоҷикӣ натичахои дилхоҳ диҳанд, мазмун ва сифати онҳоро баланд бардоштан лозим аст. Барои ин муаллимон бояд роҳ ва тарзҳои гузаронидани дарси забони модариро дуруст донанд.

Дарс, қолаб нест мегӯяд, академик Лутфуллоев М.

Дарсҳои забони тоҷикӣ аз рӯи мазмун, мақсад, сохт ва тарзи гузаронидан аз якдигар фарқ мекунанд ва дар айни ҳол бо ҳам алоқаи зичу нишонаҳои умумӣ доранд, ҳамаи дарсҳо бо мақсади ба хонандагон додани дониш ва ҳосил кардани малака гузаронида мешаванд. Муаллим бояд типҳои дарсро ҷудо карда тавонад.

Дарс ҳамон вақт пурмазмун ва самарабахш мешавад, ки агар он ба як системаи муайян даровarда шуда, муаллим асоси ин система - лаҳзаи азхудкунии материали навро хуб донад. Протсесси аз худ кардани материали нав ба чунин қисмҳо ҷудо мешавад: лаҳзаи ба хонандагон фаҳмонидани материали нав, мустаҳкам кардан ва такрор намудани он.

Дар дарсҳои грамматика, имло, пунктуатсия ва фонетика протсесси азхудкунии материали навро ба панч лаҳза ҷудо кардан мумкин аст: лаҳзаҳои материали навро фаҳмонидан, мустаҳкам намудани дониш, малака ва маҳорат ба воситаи машқҳои ҷудогона, муайян кардани дараҷаи дониши хонандагон ва такрори материали омӯхташуда. Ин лаҳзаҳо қариб дар ҳар дарс мушоҳида мешаванд.

Солҳои зиёд дар илми педагогика ва дар таҷрибаи мактабҳо чунин нуқтаи назар ҳукмрон буд, ки гӯё дарс аз лаҳзаҳои муайяни пайдарҳам иборат бошад, ҳар як муаллим бояд ба он лаҳзаҳо вақти муайян ҷудо намуда, ба тартиби он риоя намояд. Ғайр аз ин, бисёр муаллимон қайд менамуданд, ки ҳама гуна дарс бояд аз лаҳзаи пурсиш ОҒОЗ ёбад. Сонияи, схемаҳои гузаронидани типҳои гуногуни дарс муайян карда шуда буд, ки аз рӯи ба лаҳзаҳо ҷудокунии вақт аз якдигар фарқ мекарданд.

Солҳои охир вобаста ба такмили таълим ва талаботи барномаҳои нави таълимӣ дар сохти дарсҳои забони тоҷикӣ баъзе тағйиротҳо ба вучуд омад. Маълум шуд, ки дарсҳо қолаби ягона надоранд. Дар ҳар кадом типи дарс ба таври озод аз лаҳзаву унсурҳои гуногуни он истифода бурдан мумкин аст. Ин пеш аз ҳама, ба таҷриба ва маҳорати муаллим вобаста аст. Лаҳзаҳои дарс вобаста ба мазмуни мавзӯъ, вазифа ва мақсади дар назди он гузошташуда ва дараҷаи тайёрии хонандагони синф муайян ва ҷудо карда мешаванд, ҳоло баъзе муаллимон лаҳзаҳои дарсро чунон тағйир додаанд, ки ба нишондодҳои илми педагогика мувофиқат намекунад.

Аз рӯи гузориши мақсад се намуди дарсҳои забони тоҷикиро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Дарсе, ки доир ба ин ё он қисми забони тоҷикӣ бо мақсади ба хонандагон додани материали нав гузаронида мешавад.

2. Дарсе, ки бо мақсади мустаҳкамкунии донишҳои гирифтаи хонандагон гузаронида мешавад.

3. Дарсе, ки бо мақсади санҷиши дониш ва малакаи хонандагон дар асоси як ё якчанд мавзӯъ гузаронида мешавад. Ғайр аз ин дарсҳои такрор дар таълими забони модарӣ ҷой муҳимро ишғол мекунанд, ки онҳоро дарси мустаҳкамкунӣ ҳам меноманд. Ин тақсимоти типи дарсҳо як дараҷа шартӣ буда, дар ҳар як дарс элементҳои баёни чизи нав, мустаҳкамкунӣ ва санҷиш дида мешавад. Типи дигари дарсҳо дарсҳои контролӣ, ислоҳи корҳои хаттӣ ва ҷамъбасткунанда мебошанд. Ҳамин тавр, дарс яке аз проблемаи мушкил, вале хеле муҳим дар таълими фанҳо ба ҳисоб меравад. Дар методикаи таълими забони тоҷикӣ ва амалияи таълим дарси тамоман якхела вуҷуд надорад.

Дар қарори КМ ВКП (б) аз 25 августи соли 1932 дар бораи рол ва аҳамияти дарс чунин навишта шудааст: шакли асосии ташкили кори таълим дар мактаби ибтидоӣ ва миёна бояд дарс бошад, ки бо гурӯҳи муайяни хонандагон дар асоси ҷадвали мураттаб ва программаю китоби дарсӣ гузаронида мешавад.

Ҳар як дарс дар асоси барномаи давлатӣ гузаронида мешавад, ки он барнома барои мактабҳо ягона буда, иҷрои он ҳатмист. Муаллим ҳуқуқ надорад, ки берун аз барномаи давлатӣ ба хонандагон чизе гузарад.

Хусусияти дигари дарс он аст, ки вай бо гурӯҳи муайяни хонандагон гузаронида мешавад. Ин гурӯҳи муайян дар журнали синф аниқ карда шудааст.

Мақсади дарсҳои забони тоҷикӣ танҳо ба хонандагон додани дониши муайян аз грамматика набуда, балки дар онҳо ҳосил намудани донишҳои орфографӣ

ва услубӣ низ мебошад. Аз ин рӯ, дар дарс аз намудҳои гуногуни корҳо: такрори қоидаҳо, мисолҳо овардан, дуруст навиштани калимаҳо, ҳалли машқҳо барои инкишофи нутқ ва ғайраҳо истифода карда мешаванд. Ин гуна корҳоро дар консултатсия ва маҳфилҳо низ гузаронидан мумкин аст, вале онҳо берун аз барнома вобаста ба ин ё он шароит гузаронида мешаванд.

Дониши гирифтаи хонандагон ва малакаи ҳосил намудаи онҳо дар дарс бо баҳогузорӣ муайян карда мешавад. Дар ин маврид муаллим бояд ба меъёри баҳо қатъӣ риоя намояд.

Дарс, чи хеле ки дар қарори КМ ВКП(б) аз соли 1932 қайд карда шудааст, аз рӯи ҷадвали дарсӣ гузаронида мешавад, ки он барои хонандагон ва муаллимон ягона ва ҳатмист.

Машғулиятҳои маҳфил, кор бо хонандагони қафомонда, консултатсияҳо бошанд, дар асоси ҷадвали махсус мегузаранд.

Чи хеле ки мебинем, дар таълими забони модарӣ мавқеи асосиро дарс мебозад ва нишонаву хусусиятҳои зиёде дорад. Маҳз дарс ба хонандагон доир ба забон дониши ҳаматарафа дода метавонад. Шаклҳои дигари кор оид ба забон характери иловагӣ доранд, албатта онҳо низ барои амиқу васеъ гардонидани дониши хонандагон ва инкишофи нутқи онҳо ёрӣ мерасонанд, аммо вазифаю мавқеи дарсро пурра иҷро карда наметавонанд. Ҳамаи инро ба ҳисоб гирифта, дарсро шакли асосии кори таълим дар мактаб меноманд.

## 3.2. Дарсҳои забони модарӣ ва корҳои тарбиявӣ

Ҳар як фан дар мактаб хусусияти таълимӣ ва тарбияви дорад. Дар мактаб таълим ва тарбия бо ҳам алоқамандона бурда мешавад. Мо дар дарсҳои забони

модарӣ ба хонандагон ин ё он мавзӯъҳоро омӯзонида, дар як вақт онҳоро тарбия ҳам менамоем.

Маълум, ки забони модарӣ аз рӯи табиат ва вазифааш монанди фанҳои дигар хусусияти тарбиявӣ дорад. Забон ҳамчун воситаи алоқа ва мубодилаи афкор дар ҳаёти инсон роли муҳим бозида табиатан тарбиятгари инсон мебошад.

Дар дарсҳои забони тоҷикӣ муаллим бояд хонандагонро дар рӯҳи сифатҳои баланди ахлоқ, муносибати содиқона ба меҳнат, манфиати умумӣ ва шахсӣ аз меҳнат, ҳисси коллективизм ва гуманизм, хулоса, ҳамаи қоидаҳои кодекси ахлоқи инсониро тарбия намояд. Тарбияи хонандагон дар дарсҳои забони модарӣ, пеш аз ҳама, дар асоси материали худи забон ба миён меояд, зеро забони модарӣ сарчашмаи муҳими тарбия ва воситаи он мебошад. Дар тарбияи хонандагон мавқеи муаллим хеле калон буда, сухани ӯ воситаи асосии тарбия мебошад.

Агар хонандагон вазифаи аз тарафи муаллим супоридашударо дар вақташ иҷро кунанд, ба дарс фаъолона иштирок намуда, бо тайёрии пухта оянд, ин маънои онро дорад, ки муаллим аз ӯҳдаи иҷрои вазифаи худ - таълим ва тарбия баромада тавонистааст.

Дарсҳои забони модарӣ бояд чунон ташкил карда шаванд, ки мазмуни баланди таълимӣ ва тарбиявӣ дошта бошанд.

Ҳар як қисми забони тоҷикӣ бояд муҳаббати хонандагонро ба каломи модарӣ зиёд намояд. Омӯхтан ва донистани забони модарӣ далели он аст, ки хонандагон онро нағз мефаҳманд, халқи худ - эҷодкори забонро дӯст медоранд.

Барои он ки гуфтаҳои болоӣ амалӣ гардад, дар ҷараёни таълим муаллимон бояд бо мисолҳои аниқ боигарӣ ва фасоҳати забони модариро нишон диҳанд.

Аз ин рӯ, қудрату боигарии забони тоҷикӣ дар ҳар як дарс вобаста ба мавзӯъҳои таълимӣ бо мисолҳои конкретӣ нишон дода мешавад.

Тарбияи хонандагон дар дарсҳои забони модарӣ бо усулҳои гуногун гузаронида мешавад. Чунончи, ба хонандагон фаҳмонидани таълимоти классикони марксизм - ленинизм оид ба забон, гуфтаҳои шахсони бузург, нависандагон, олимон ва ашхоси таърихӣ доир ба забони тоҷикӣ, сӯҳбати хоссаи муаллим дар бораи боигарии забони тоҷикӣ, забон ва алоқаи он бо таърихи халқ, дар асоси материалам конкретӣ нишон додани воситаҳои тасвирии забон (боигарии синонимҳо, антонимҳо, фразеологизмҳо), ташкил намудани шабҳои саволу ҷавоб, ҳафтаҳои забон, гузаронидани маҳфилҳо ва конференсияҳо оид ба масъалаҳои забон - ҳамаи инҳо бо мақсади тарбияи ғоявӣ - сиёсии хонандагон гузаронида мешаванд.

Ғайр аз ин материали таълимӣ барои дар амал татбиқ намудани тарбияи идеявӣ - сиёсӣ роли муҳим мебозад. Дар мавриди таълими ҳар як мавзӯъ бояд матнҳо ва мисолҳое оварда шаванд, ки аз ҷиҳати мазмун ва ифода баланд буда, ба хонандагон таъсир расонида тавонанд. Вақти он расидааст, ки муаллимон аз ҷумлаҳои “Аҳмад омад”, “Ман ба бозор меравам” даст кашида аз назму насри адабиёти имрӯза ва классикӣ ҷумлаҳоеро интихоб намоянд, ки хонандагонро дар руҳи маърифат, одампарастӣ, дӯст доштани Ватан, ҳурмату эҳтироми падару модар тарбия намоянд.

Тарбия дар дарсҳои забони модарӣ як лаҳзаи дарс ё як чораҷӯӣ набуда, балки яке аз қисмҳои асосӣ ва таркибии машғулиятҳо дар ҷараёни таълим мебошад.

## 3.3. Корҳои индивидуалӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ

Муаллим ҳангоми таълими забони модарӣ дар мактаби миёна, пеш аз ҳама, бо бачагони синни 12-17 сола сару кор дорад. Руҳияи мактаббачагони синни миёнаи мактабӣ аз хурдсолон ва хусусан аз синни калони мактабӣ фарқ мекунад. Аз ин сабаб барои дуруст ба роҳ мондани таълими забони тоҷикӣ донистани психологияи бачагон аз омилҳои муҳими пешравии кор ба ҳисоб меравад. Муаллим дар машғулиятҳои забони тоҷикӣ назорат бурда, мебинад, ки баъзе аз хонандагон мавзӯъҳоро зуд фаромӯш мекунанд, яъне хотираи мустаҳкам надоранд, гурӯҳи дигарашон дар натиҷаи ноустувории диққат дар аз худ кардани материали таълимӣ душворӣ мекашанд, як қисмашон қоидаҳои грамматикиро қориёна аз худ мекунанд, дар баъзе хонандагон бошад, узви шунавоӣ хеле хуб инкишоф ёфтааст ва ғайраҳо.

Вазифаи муаллим он аст, ки хусусиятҳои фардии ҳар як хонандаро омӯхта, ба онҳо сари вақт ёрӣ расонад, то ки материали таълимро бо тезӣ ва осонӣ аз худ кунанд. Яке аз вазифаҳои асосии муаллимони фанни забони модарӣ дар дарс ташкил намудани кори мустақилонаи хонандагон аст. Зарур аст, ки кори мустақилонаро дуруст ба роҳ монем ва шавқу ҳаваси хонандагонро ба дарс зиёд намуда, он норасоиҳоро, ки дар ҷараёни таълим рӯй медиҳанд, тадриҷан бартараф намоем. Муаллимон бояд роҳҳои бартараф намудани норасоиҳоро муайян кунанд, сониян, эътироф бояд кард, ки баъзе муаллимон муваффақияти ин ё он хонандаро тарғиб намекунанд, гӯё он хонанда аз таъриф саргаранг мешуда бошад. Ба фикри мо, хурд-

тарин муваффақияти хонанда бояд таъриф кардаву дар айни замон камбудии ӯ сари вақт нишон дода шавад.

Кори мустақилонаро чунин ташкил кардан лозим аст, ки баъди иҷрои он хонандагон фаҳманд, ки онҳо бисёр чизҳоро аз худ намудаанд ва оҳиста - оҳиста ба муваффақиятҳои калон ноил хоҳанд гардид.

Кори мустақилонаро бо хонандагони ҷудогона дар ҳамаи лаҳзаҳои дарс: санҷиши дониш, баёни материали нав ва мустаҳкамкунӣ, супориши вазифаи хонагӣ ва ғайраҳо гузаронидан мумкин аст. Сониян, набояд фаромӯш кард, ки ҳар як дарс дар натиҷаи ба ҳисобгирии хусусиятҳои фардии хонандагон ташкил карда мешавад.

Дар вақти тайёрӣ ба дарс муаллим бояд пешакӣ муайян намояд, ки ҳангоми пурсиши вазифаи хонагӣ ба кадом хонанда чӣ қадар вақт сарф мекунад, кадоме аз хонандагонро дар ҷояш мепурсад, киро ба назди тахтаи синф даъват менамояд, ба кӣ варақчаҳои грамматикӣ медиҳад.

Методикаи таълими забон аз муаллимон талаб менамояд, ки тарзи пурсиши хонандагон ва роҳҳои саволгузориро донанд. Ин кор, албатта ба маҳорати муаллим вобаста аст. Дар вақти пурсиши хонанда муаллим бояд диққати асосиро ба қисми амалии мавод равона созад, ки хонанда бо мисоли овардааш қоидаро дар амал татбиқ карда метавонад ё не, аз хонандаи дигар шарҳи мазмуни қоидаро пурсад, аз сеюми мувофиқи нақлҳо ҷавоб додан ва мисол фикр кардан, аз чорумӣ ба тариқи супориши иловагӣ таҳлили таркиби калима, аз панҷумӣ таҳлили ҳиссаҳои нутқ ва синтаксисиро пурсидан матлуб аст.

Пурсиши хонандагон на фақат санҷиши дониш, балки муайян намудани дараҷаи фаҳмиш ва хусусияти индивидуалии онҳо низ мебошад. Ҳар як муаллим бояд

хуб донад, ки киро чӣ тарз, бо кадом шакл ва бо кадом мақсад мепурсад.

Кори мустақилона бо хонандагон ҳангоми баёни материали нав роли басо муҳим мебозад. Муаллим мавзӯъро баён намуди, ба хонандае бо савол муроҷиат мекунад, аз дигаре ба он қоида мисол овардан, аз сеюмӣ таҳлили он ҷумларо талаб мекунад. Ин тарзи кор протсесси таълимро фаъол гардонида, ҳамаи хонандагонро ба он ҷалб менамояд.

Аксар вақт муаллимон пешакӣ аниқ менамоянд, ки аз хонандагони ҷудогона кадом мавзӯъ ва чӣ хел пурсида мешавад, то ки натиҷаи дилхоҳ ба даст ояд. Агар хонанда диққати ноустувор дошта бошад, муаллим бояд бо савол ба ӯ муроҷиат намояд, таҳлили ин ё он ҷумларо талаб кунад ва ё водор намояд, ки гуфтаи муаллимро аз нав такрор кунад.

Муаллим аз хонандагоне, ки мавзӯъҳоро ба тарзи қориёна аз худ мекунанд, бояд талаб намояд, ки ба қоидаҳо мисолҳо оранд, таърифҳои грамматикиро мувофиқи фаҳмиши худ, ба забони оддию содда баён кунанд ва аз он хулоса бароварда, материали навро бо пешина муқоиса намоянд.

Яке аз лаҳзаҳои муҳими дарс мустаҳкам намудани материали нав мебошад. Дар ин лаҳза хонандагон қоидаҳои омӯхташударо дар амал месанҷанд, мисолҳо меоранд.

Бояд гуфт, ки дар амалия санҷидани назария бо тарзҳои гуногун ба амал бароварда шуда, он ба хусусияти индивудуалии хонандагон вобастагӣ дорад. Ҳангоми мустаҳкамкунӣ муаллим бояд машқҳоеро интихоб намояд, ки ба хонандагони ҷудогона дар бобати бартараф намудани норасоиҳо ёрӣ расонанд. Дар асоси хусусияти фардии хонандагон интихоб намудани

материалҳои таълимӣ аз омилҳои муҳими пешравии кор дар дарсҳои забон ба ҳисоб меравад.

Масалан, барои мустаҳкам намудани мавридҳои истифодаи аломати сакта "Ъ" матн оварда мешавад. Талаботи матн: ба зери калимаҳое, ки бо аломати сакта навишта мешаванд, хат кашед ва онҳоро аз нав дар дафтаратон нависед ва маънояшро шарҳ диҳед:

Маъмура толибаи аълочӣ аст. - Намуна

Мудири шӯъбаи маориф ваъдаи қатъӣ дод, ки кабинети забон ва адабиётро бо ашёҳои аёнӣ таъмин намояд.

Ӯ шеърро ба дараҷаи аъло хонд.

Ин ҷумлаҳоро хонандагон хонда, сипас таҳлил менамоянд.

Баъд муаллим дикта мекунад ва хонандагон навишта мегиранд. Баъд аз он дар асоси дараҷаи дониш ба хонандагони ҷудогона варақчаҳои грамматикӣ - супориши индивидуалӣ дода мешаванд.

ВАРАҚАИ №1

1. Таркиби морфологии калимаҳоро таҳлил намуда, онро бо аломатҳои шартиаш нишон диҳед: гулзор, ҳамсинф, китобча, сабза, нодонӣ.

2. Аз рӯи нақшаи зерин ҷумла созед:

__________ _._._._._._._._ __________

ВАРАҚАИ №2

1. Шакли дурусти калимаҳои зерро нависед: тасуб, изат, буро, лазат, дафа, чума, замбар.

2. Синонимҳои калимаҳои зеринро муайян кунед ва нависед: дунё, офтоб, чашм, таҳсил кардан.

Ҳангоми зарурат микдори ин гуна варақчаҳоро зиёд намудан низ мумкин аст.

Ба хонандагони дигар ҳам аз машқҳои китоби дарсӣ супориш дода мешавад. Одатан, корҳои муста-

қилонаро муаллимон дар хона тафтиш мекунанд ва баҳо мегузоранд.

Барои он ки корҳои мустақилона натиҷаҳои дилхоҳ диҳанд ва мақсади дар назди дарс гузошташуда иҷро гардад, чунин омилҳоро ҳамеша ба ҳисоб гирифтан зарур аст:

1. Корҳои мустақилона дар ҳар дарс ба таври доимӣ гузаронида шаванд.

2. Он корҳо ҳаҷман хурд ва ба синну соли хонандагон мувофиқ бошанд.

3. Супоришҳои варақчаҳои грамматикӣ характерӣ амалӣ дошта бошанд.

4. Ҳар як супориш ба савияи дониш ва маҳорату малакаи хонандагон-мувофиқ бошад.

5. Корҳои мустақилона бояд тафтиш карда, баҳо гузошта шаванд.

## 3.4. Тайёрии муаллим ба дарс

Муаллим симои асосӣ дар дарс буда, гуфтори ӯ барои хонандагон омили муҳим аст, зеро маҳз тавассути муаллим мавзӯъҳои китоби дарсӣ дастраси хонандагон мешавад.

Таълими забони модарӣ он вакт самаранок мегардад, ки агар муаллим ба ҳар як машғулият тайёрии пухта ва ҳамаҷониба бинад.

Саволе ба миён меояд, ки тайёрӣ ба дарс аз чӣ сар мешавад?

Вақти тайёрӣ ба дарс муаллим бояд чунин чизҳоро ба ҳисоб гирад:

1. Ҳуҷҷати асосӣ ва раҳнамои кори доимии муаллим барномаи давлатӣ аз забони модарӣ ва адабиёт аст. Дар он мазмуни таълим, ҳаҷми материалҳои таълимӣ системанок ва пайдарҳам ҷой дода шудаанд. Тайёрӣ ба дарс бояд аз шиносоӣ бо барнома ва тавзеҳоти эзоҳи он

оғОЗ гардад. Вазифаи аввалини муаллим ҳам он аст, ки барномаи давлатиро дуруст аз худ намуда, онро ба қисмҳои муайян ҷудо карда тавонад.

2. Чизи дигари муҳим барои муаллим кор бо китоби дарсии забони тоҷикӣ аст. Муаллим ба дарс тайёрӣ дида, аввалан материали китоби дарсиро бо барнома муқоиса менамояд, ки материали он ба талаботи барнома ҷавоб дода метавонад ё не. Сониян, ӯро зарур аст, ки ҳангоми бо материали китоби дарсӣ шинос шудан ба чунин масъалаҳо бояд эътибор диҳад:

1.Таърифи грамматикии китоби дарсӣ барои хонандагон фаҳмост ё не, ба синну соли онҳо мувофиқат мекунад ё на.

2. Дар китоб мавзӯи таълимӣ пурра дода шудааст ё не.

3. Миқдор ва мазмуни супориши машқҳои додашуда ба талабот ҷавоб дода метавонанд ё не.

4. Машқҳо чӣ гунаанд, якхела ё рангоранг.

5. Пайдарҳамии машқҳо риоя карда шудааст ё не.

6. Дараҷаи осонӣ ва мушкилии мавод чӣ гуна аст?

7. Доир ба инкишофи нутқи хонандагон машқ оварда шудааст ё на ва ғайраҳо.

3. Мавзӯъҳое, ки таълим дода мешаванд, бояд ба талаботи забони адабии ҳозираи точик мувофиқ кунонида шаванд. Маълум, ки забон доимо бо кашфиёт ва бозёфтҳои тозаи илмӣ такмил меёбад. Аз ин ваҷҳ муаллимро зарур аст, ки аз навигариҳои илми забон бохабар шуда, маҷалла, рӯзнома ва луғатҳои гуногунро пайваста мутолиа намояд. Ин дастурҳо барои васеъ гардонидани чаҳонбинй ва дониши муаллим ёрии калон мерасонанд.

4. Методикаи таълими забони тоҷикӣ монанди фанҳои дигар ҳамеша ннкишофу такмил меёбад, аз ҳисоби таҷрибаҳои пешқадам пурра мешавад. Муаллим

ҳангоми тайёрӣ ба дарс бояд аз таҷрибаи пешқадами муаллимон, мактабҳо ва коллективҳои алоҳида ба таври доимӣ истифода барад.

Чунон ки маълум аст, интихоби материали дидактикӣ ва усулҳои таълимӣ на танҳо ба қонуниятҳои омӯзиши забон, балки ба баъзе шароитҳои дигар ҳам алоқаманд мебошад, ки инҳо тайёрии синф ва хонандагони ҷудогона, мавҷудияти асбобҳои хониш ва ғайра мебошанд.

Муаллим ба дарс тайёрӣ дида истода чунин материалҳои дидактикӣ интихоб намояд, ки онҳо барои ба хонандагон додани дониши амиқ ёрӣ расонанд. Сониян, муаллим усули таълими мавзӯъ, тарзи иҷрои машқҳо, корҳои мустақилонаи хонандагон ва корҳои индивидуалиро пешакӣ аниқ намояд.

5. Ҷиҳати дигари тайёрии муаллим ба дарс тартиб додани план- конспект мебошад. План - конспекте, ки хуб тартиб дода шудааст, ба муаллим барои дуруст ва бо мақсади муайян гузаронидани дарс кӯмак мерасонад. Муаллим ба конспекти худ такя намуда, аз мавзӯъ дур намешавад ва онро бо як низому тартиби муайян баён мекунад. Албатта, тарзи тартиб додани мазмун ва мундариҷаи план - конспекти дарс ба маҳорату дониш ва ҷустуҷӯҳои эҷодии муаллим вобаста аст. Бе нақшаи - тавзеҳӣ ба дарс даромадани муаллим мумкин нест.

Барои он ки план-конспект дар ҳақиқатан ба кори муаллим ёрӣ расонад, дар он ғайр аз мавзӯъ ва мақсади дарс боз чунин чизҳо бояд бошанд:

а) саволҳо барои пурсиши вазифаи хонагӣ,

б) мисолҳо доир ба таҳлили мавзӯъҳо,

в) мисолҳо барои муайян кардани қоидаҳо, хулосаҳо доир ба мавзӯи нав ва мавҷудияти ашёҳои аёнӣ,

г) саволҳо барои санҷиши материали нав,

ғ) материали дидактикӣ барои машқ дар синф,

д) хулоса доир ба дарс,

е) машқҳо ва супоришҳо барои вазифаи хонагӣ.

Лозим аст, ки тайёрӣ ба дарс тамоили методӣ дошта бошад.

Муаллим баробари тайёрӣ дидан ба дарс фикр кунад, ки дарсро чӣ тавр мегузарад, ба саволҳои хонандагон чӣ хел ҷавоб медиҳад ва дарси имрӯзааш натиҷаҳои хуб дода метавонад ё не.

6.Тайёрӣ ба дарс талаб мекунад, ки муаллимон барои ҳар як мавзӯъ асбоби айёнӣ тайёр намоянд.

Тайёрӣ ба дарс як тарафи масъала бошад, гузаронидани он тарафи дигари кор аст. Баъзан муаллим ба дарс тайёрии ҳартарафа мебинад ва материалҳои дидактикӣ, ашёҳои гуногун тайёр менамояд, вале дарсро дуруст ташкил кардаву гузаронида наметавонад.

Албатта, самарабахшу пурмазмун гузаронидани дарс ба маҳорати муаллим вобаста буда, он дар натиҷаи мутолиаи мунтазам, ҷустуҷӯҳои эҷодӣ, омӯзиши таҷрибаи пешқадам ва дониши мустаҳкам ба даст меояд.

Бино бар ин ба муаллим лозим аст, ки аз навигариҳои илми забон, педагогика ва таҷрибаи пешқадами мактабҳо ҳамеша бо хабар шуда истад ва усулҳои беҳтарини таълимро донад ва омӯзад.

### 3.5. Хелҳои дарси забони тоҷикӣ ва сохти онҳо

Дар адабиёти педагогӣ ва методӣ зиёда аз даҳ намуди таснифи дарсҳои забони модарӣ мавҷуд аст.

Профессор Текучёв А. В. дар китоби «Методикаи таълими забони русӣ дар мактаби миёна»[42] панҷ хели дарси забони русиро нишон додааст: дарси баёни материали нав, дарси мустаҳкамкунии донишҳои

[42] Текучев А.В. Методика русского языка в средней школе. - Москва, Просвещание, 1970. -С.132.

гирифташуда, дарси санҷиши дониш, дарси такрор ва дарси омехта.

Муаллифони китоби «Методикаи забони русӣ»[43] Е.А.Баринова, Л.Ф.Боженкова, В.И.Лебедев бошанд, чор типи дарс: баёни материали нав, мустаҳкамкунии дониш ва малака, такрор ва контролиро қайд кардаанд.

Г.Н.Приступа дар китобаш «Курси мухтасари методикаи забони русӣ»[44] ҳафт хели дарсро ҷудо менамояд.

Чунон ки мебинем, дар методикаи таълими забони русӣ дар хусуси муайянкунии типу хелҳои дарс ақидаи ягона мавчуд нест.

Илми педагогика бошад, чунин типҳои дарсро нишон медиҳад:

1. Дарси баёни материали нав.
2. Дарси мустаҳкамкунӣ.
3. Дарси иҷрои машқҳо ва корҳои амалӣ.
4. Дарси такрор ва ҷамъбасткунӣ.
5. Дарси лабораторӣ.
6. Дарси синтетикӣ.[45]

Профессор М.Лутфуллоев вобаста ба характери ҳар як лазҳза (этап) хелҳои зерини дарсҳоро нишон додааст: 1) дарси омӯхтани материали нав, 2) дарси мустаҳкам намудани қоидаҳои грамматикӣ-имлоӣ, ҳосил намудани маҳорат ва малакаҳо; 3) дарси ҷамъбаст ва ба система даровардани дониши талабагон; 4) дарси омехта; 5) дарси ба ҳисоб гирифтани дониш ва маҳорати талабагон; 6) дарси тахлили корҳои хаттӣ.[46]

---

[43] Баринова Б.А., Боженкова Л.Ф., Лебедев В.И. Методика русского языка. - Москва: Просвещание, 1974. -С.211.

[44] Пристула Г.Н. Краткий курс методики русского языка. Рязань, 1975. -С.147-148.

[45] Педагогика школы. -Москва. Просвещение, 1978 - Стр. 8

[46] Лутфуллоев М. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. -Душанбе, «Маориф». 1985. –С. 128.

Масъалаи хели дарсҳо масъалаи ҷораёни азхудкунии дониш аст. Пеш аз муайян намудани хелҳои дарс лозим аст, ки марҳилаҳои омӯзиши забонро қайд намоем. Марҳилаи омӯзиши забонро баёни материал, инкишофи нутқ, санҷиши азхудкунии мавзӯъ, кор бо хатоҳо ва хулосабарорӣ аз материал ташкил менамоянд.

Вобаста ба ин чунин хелҳои дарсро нишон додан мумкин аст:

1. Дарси баёни материали нав.
2. Дарси мустаҳкамкунии мавзӯъҳо ва инкишофи малака.
3. Дарси такрор.
4. Дарси ҷамъбасткунии мавзӯъҳо ва такмили малака.
5. Дарси инкишофи нутқ.
6. Дарси санҷиши дониш ва малакахо ё контроля.
7. Дарси кор бо хатоҳои хонандагон.

Ин намудҳои дарс аз рӯи мазмун, мундариҷа ва мақсад аз якдигар фарқ мекунанд.

Ҳар як дарс сохти муайян дорад ва он дар гузашта ва ҳоло чунин муайян карда шудааст:

1. Оғози дарс ё лахзаи ташкили дарс.
2. Тафтиш ва пурсиши вазифаи хонагӣ.
3. Баёни материали нав.
4. Мустаҳкам кардани материал.
5. Супориши вазифаи хонагӣ.
6. Баҳогузорӣ ба дониш.

Сохти дарс вобаста ба хусусияташ ҳар хел шуда метавонад.

Тақсимоти болоии сохти дарсҳо дар давоми чандин солҳо дар мактабҳои мо давом карда омадааст. Лекин солҳои охир дар асоси талаботи барнома ва китобҳои дарсии нав баъзе тағйиротҳои индивидуалиро дар сохти дарсҳо мушоҳида мекунем. Монанди, баёни

мавзӯи нав, мустаҳкамкунӣ, супориши вазифаи хонагӣ, тафтиши вазифаи хонагӣ, пурсиши хонадагон ва ғайра, яъне ҷои лаҳзаҳои дарс тағйир дода шудаанд.

Сохти дарсро вобаста ба мақсади дарс, намуди корҳои иҷрошаванда ва тарзи иҷрои машқҳо тағйир додан мумкин аст. Ҳарчанд хели дарси хос-якхела нест (дар ҳар як дарс мо элементҳои дарси дигарро истифода мебарем), бо вуҷуди ин лозим меояд, ки дар хусуси ҷиҳатҳои характерноки ҳар як хели дарс сухан ронем.

Ҳамин тавр, хели дарс ва сохти он аз рӯи характери кор бо мавод, мақсад ва вазифаи таълимии дарс муайян карда мешавад. Бояд гуфт, ки таснифоти болоии хели дарсҳо як дараҷа шартӣ мебошанд.

### 3.6. Дарси баёни материали нав

Ин хели дарс дар системаи таълими забони модарӣ дар байни типҳои дигари дарс ҷои асосиро ишғол менамояд. Омӯхтани мавзӯи нав аз грамматика, орфография, пунктуатсия ва инкишофи нутқ вақте дуруст ба роҳ монда мешавад, ки агар материали гузаштаро хонандагон нагз аз худ карда бошанд ва муаллим ҳангоми баёни мавзӯи нав ба материали пешгузашта такя намояд. Дар ин хусус Я.А.Коменский навишта буд: «Машғулиятҳо дар мактаб тавре ҷо ба ҷо гузошта шаванд, ки машғулияти минбаъда дар пешгузашта ва пешгузашта исботи худро дар минбаъда ёфта тавонад». Ба гуфти К.Д.Ушинский санъати муаллимӣ ҳам дар он аст, ки ҳангоми таълими материали нав муаллим саросема нашавад, баёнро аз фактҳои майда сар карда, ба калон оварда расонад. Яку якбора куллро гуфта, аробаи холиро гирифта нагурезад.[47]

[47] Ушинский К.Д. «Сборн. соч.», том. 10, М-Л., АПН, РСФСР, 1950. -С.164.

Мавзӯъҳои дарсҳои забони модарӣ аз рӯи характер ва дараҷаи мушкилиашон мухталифанд. Аммо ба гуногунии материал ва мушкилии баъзе мавзӯъҳо нигоҳ накарда, ба он муваффақ шудан лозим аст, ки хонандагон мустақилона фикр кардан, муҳокима рондан, мушоҳида намудан, аз мушоҳида баровардани хулоса ва амсоли инҳоро ёд гиранд. Чунон ки К.Д. Ушинский менависад, тарбиятгар бояд аз ибтидои кор ба шогирдон мустақилона фикр карданро ёд диҳад, то ки хонандагон ҳар як чизи нав омӯхтаашонро дар амал санҷида хулосаҳо бароранд.

Дар дарсҳои баёни материали нави забони модарӣ лаҳзаи аз ҳама муҳим ва масъулиятнок фаҳмонидани мавзӯи нав ба хонандагон аст. Ин лаҳзаро шартан нуқтаи кулминатсионӣ ё қуллаи дарс меноманд.

Нуқтаи кулминатсионӣ талаб мекунад, ки диққати хонандагон ба мавзӯъ тамоман ҷалб карда шавад. Бино бар он барои ин хел дарсҳо тамоми синфро тайёр ва сафарбар карда тавонистан лозим аст. Нуқтаи кулминатсионӣ аз муаллим чизҳои зеринро талаб мекунад;

а) фаҳмонида тавонистани материали нав;

б) ташкили завқовари дарс;

в) бедор кардани хоҳиши хонандагон барои донистан ва дар хотир нигоҳ доштани материали нав;

г) нутқи фаҳмо, гӯё, ифоданок ва таъсирбахш;

ғ) истифода бурдани аёният;

д) ҷудо кардани чизҳои фаҳмо ва нофаҳмои дарс.

Я.А.Коменский дар «Дидактикаи бузург» ном китобаш нишон медиҳад, ки баёни маълумотҳои нав бояд аз фактҳо, ҳодисаҳо сар карда шаванд. Аз ин ҷиҳат дар дарсҳои баёни материали нав матнҳоеро интихоб намудан лозим аст, ки онҳо ба миқдори кофии фактҳо ва далелҳо таъмин бошанд.

Типи дарси баёни материали нав аз муаллим риоя намудани қоидаҳои зерини дидактикиро талаб менамояд:

а) материали нав бо асбобҳои аёнӣ, схемаҳо, таблитсаҳо, саволномаҳо, варақчаҳои грамматикӣ, бӯрҳои ранга ва ғайраҳо таъмин бошад;

б) тартиби баёни материали нав аз чизҳои шинос ба ношинос, аз содда ба мураккаб, аз фаҳмо ба нофаҳмо бурда расонида шавад;

в) доир ба мавзӯъ матнҳо ва ҷумлаҳои аҳамияти тарбиявӣ дошта интихоб карда шаванд, ки исботи мавзӯи навро таъмин созанд.

г) барои аз худ кунонидани материали нав муаллим донад, ки ба кадом донишҳои пештараи хонандагон такя менамояд;

ғ) барои фаҳмонидани материали нав методи таълимӣ ва воситаҳои методии мувофиқро интихоб карда тавонад;

д) роҳҳои хулосабарорӣ аз мавзӯи навро фикр карда, тарзи ҷамъбасткунии онро ба ҳисоб гирад;

е) барои кори мустақилонаи хонандагон, машқҳо, матнҳои мазмунан баланд ва аҳамияти тарбиявӣ доштаро интихоб намояд;

ё) дар хусуси шарҳи истилоҳ ва калимаҳои душворфаҳм фикр карда тарзи супориши вазифаи хонагиро ба инобат гирад.

Сохти дарси баёни материали нав. Сохти дарси баёни материали навро ба тариқи умумӣ ин зайл нишон додан мумкин аст:

1. Такрори мавзӯи гузашта (пурсиши вазифаи хонагӣ).
2. Баёни материали нав.
3. Санҷиши азхудкунии назария.
4. Намунаи дар амал татбиқ намудани назария.

5. Мустаҳкам намудани дониш ва ҳосил кардани малака - иҷрои машқҳо.

6. Вазифаи хонагӣ ва тарзи супориши он.

Ба сохти ин дарс эълони мавзӯъ ва мақсади дарс низ дохил мешавад. Ҳаминро бояд қайд намуд, ки сохти мазкур ягона ва қатъӣ набуда, вай шаклҳои дигар ҳам дорад. Баъзе аз лаҳзаҳои номбурдаро мумкин аст дар ин дарс истифода накунем. Агар мавзӯи нав бо материали пешина алоқаманд набошад, хонандаро пурсидан шарт нест.

Вазифаи хонагиро муаллим метавонад, баъди мустаҳкамкунӣ ҳам супорад.

а) Пурсиши вазифаи хонагӣ

Одатан, дар ҳамаи дарсҳо лаҳзаи пурсиши вазифаи хонагӣ гузаронида мешавад. Дар дарсҳои забони модарӣ пурсиш боз як хусусияти дигар дорад. Ин ҷо хонандагон дар вақти ҷавоб қоидаҳоро баён намуда аз худ мисолҳо меоранд, эҷод мекунанд. Хусусияти эҷодкорӣ дар дарсҳои забон нисбат ба дигар дарсҳо бештар аст. Сониян, забон як системаи мураккабро дарбар мегирад. Дар вақти такрор ё пурсиши вазифаи хонагӣ ба мақсади муайян ноил шудан лозим аст.

Масалан, дар вақти пурсиши ҷумлаи мураккаби тобеъ дар синфи IX ба хонандагон чунин супоришҳо дода мешавад:

1. Ҷумлаи мураккаби тобеъ гӯед, ки сарҷумлааш дар аввал ояд.
2. Типи ҷумлаи пайравашро муайян кунед.
3. Нақшаи ҷумларо нишон диҳед.
4. Аз рӯи нақшаи додашуда ҷумлаи содае фикр кунед.

Санҷиши дониши хонандагон бо роҳҳои гуногун гузаронида мешавад. Монанди пурсиши фронталию индивидуалӣ ва пурсиш бо варақчаҳои грамматикӣ.

а) Пурсиши фронталӣ аз шаклҳои паҳншудатарин дар дарсҳо мебошад. Дар ин намуди пурсиш хонандагон ҳартарафа пурсида мешаванд. Мақсади асосии пурсиши фронталӣ санҷиши дониши хонандагон ва тайёр намудани онҳо ба фаҳмидани материали нав мебошад.

Дар пурсиши фронталӣ мавқеи асосиро саволҳои муаллим мебозад. Аз ин ҷиҳат ба саволҳои муаллим якчанд талабот гузошта мешавад. Ҳар як савол бояд мақсади муайян дошта, ба хонандагон фаҳмо бошад ва танҳо як ҷавоб талаб намояд. Хонандагон ба саволҳо пурра ҷавоб диҳанд ва инро муаллим ҳамеша талаб намояд. Намуди дигари пурсиши фронталӣ супориши характери амалӣ дошта мебошад. Масалан, пурсиши фронталиро дар мавзӯи «Таркиби калима» ин тавр гузаронидан мумкин аст.

1. Ба таркиби калимаҳо чиҳо дохил мешаванд?

2. Реша чист? Бандакро бо аломати шартиаш ҷудо намоед.

3. Пешванд чист? Пешвандаҳои калимасозро номбар кунед.

4. Аз калимаҳои додашуда решаашонро ҷудо кунед: боинтизом, пахтазор, босаводӣ, мерафтам.

5. Калимаҳои ҳамрешаро таъриф кунед ва мисолҳо оред.

6. Пасванд чист? Асос чист?

7. Аз ин калимаҳо пасванд ва асосҳоро ҷудо кунед: мусиқачӣ, гулистон, гулдон, даста, дастӣ.

Дар ин намуди пурсиш хонандагон таърифоти грамматикиро ба хотир оварда, супоришҳоро амалан иҷро менамоянд. Дар пурсиши фронталӣ саволҳо ба таври умумӣ дода шуда, аз хонандагони ҷудогона

пурсида мешавад. Дар пурсиши фронталии характери амалӣ дошта ҳамаи хонандагон баробар супоришро хаттӣ иҷро менамоянд.

б) Пурсиши индивидуалӣ. Дар ин намуди пурсиш мавзӯъҳо ба тарзи рӯякӣ пурсида нашуда, балки дониши хонандагон бо низоми муайян ва ҳамаҷониба санҷида мешавад. Дар ҳар дарс муаллим аз ин роҳи пурсиш истифода мебарад. Масалан, агар аз хонандае гуфта додани ҷумлаи мураккаби тобеъро талаб намоем, вай бояд ба саволҳои зерин ҷавоб диҳад:

1. Чӣ хел чумларо чумлаи мураккаби тобеъ меноманд?
2. Фарқи ҷумлаи мураккаби тобеъ ва пайваст дар чист?
3. Ҷумлаи пайравро аз сарҷумла чӣ тавр фарқ мекунед?
4. Ҷумлаи пайрав ба сарҷумла чӣ тавр алоқаманд мешавад?
5. Дар нутқи хаттӣ ва даҳонӣ ҷумлаи пайрав бо сарҷумла чӣ хел алоқаманд мегардад?
6. Сарҷумла чист?
7. Аз худ ҷумлаи мураккабе гӯед, ки сарҷумла ва ҷумлаи пайрав дошта бошад.

Хонанда ба ин саволҳо бояд пурра ҷавоб диҳад. Пас аз он муаллим фаҳмида мегирад, ки хонанда қоидаҳои грамматикиро то чӣ андоза дуруст аз худ кардааст, мазмуни қоидаҳоро шарҳ дода метавонад ё не. Ҳар як муаллим ба шогирдонаш фаҳмонад, ки қоидаҳоро чӣ хеле ки хоҳанд, ҳамон тарз аз худ кунанд. Саволҳое, ки ба хонандагони ҷудогона дода мешаванд, дар план - конспект ва дар варақаҳои грамматикӣ пешакӣ навишта мешаванд.

в) Пурсиши пурра. Ин ба пурсиши индивидуалӣ монанд аст. Фарқ дар он аст, ки он бо истифодаи варақчаҳои грамматикӣ гузаронида мешавад.

Варақчаҳои грамматикӣ бояд ба чунин талабот ҷавоб дода тавонанд:

1.Супориши варақаҳо мазмунан фаҳмо ва аҳамияти тарбиявӣ дошта бошанд.

2. Супориш ба материали назариявӣ мувофиқат кунад ва он машқ шуда хизмат намояд.

3. Супоришҳо ҳам мавзӯи нав ва ҳам мавзӯъҳои пешинаро дар бар гиранд.

4. Дар ҳар як супориш хусусияти индивидуалии хонандагон ба назар гирифта шавад. Мисолҳо:

ВАРАҚАИ №1

1. Бо калимаҳои зерин чумла созед. Дар ин калимаҳо ҳарфҳои садонок кадомҳоянд? доноӣ, нодонӣ, навоӣ.

2. Ҷумла чист? Мисол оред.

3. Антонимҳои калимаҳои сиёҳ, калон, талх, кӯҳна ва лоғарро нишон динед.

ВАРАҚАИ №2

1. Ба калимаҳои додашуда пасвандҳои мувофиқ ёфта нависед, ки хислати инсонро ифода кунанд: дард, иззат, хирад, дурӯғ.

2. Аз калимаи рав се замони феълро созед.

3. Феъл чист?

ВАРАҚАИ №3

1. Феълҳо чанд сиға доранд? Мисолҳо оред.

2. Имлои исмҳои мураккабро бо мисолҳо фаҳмонед.

3. Шеъри дӯстдоштаатонро азёд хонед.

Хонандагон ҳангоми ҷавоб бо супоришҳои варақчаҳои грамматикӣ пурра ҷавоб гӯянд, доир ба қоидаҳои грамматикӣ аз худ мисол оранд ва ин кор ба як низоми муайян даровварда шавад.

г) Баёни мавзӯи нав

Марҳилаи муҳими дарс ба хонандагон фаҳмонидани маводи нав мебошад. Муаллим мавзӯъро бо хонандагон бо кадом усуле, ки бошад, бояд фаҳмонад.

Ба тарзи баёни муаллим чунин талабот муайян карда шудааст:

1. Сухани муаллим пурмазмун, кӯтоҳу фаҳмо ва адабӣ бошад.

2. Баён мақсади муайян дошта бошад. Ин чунин маъно дорад, ки баёни муаллим ва саволи ӯ дар инкишофи нутқи хонандагон ёрӣ расонад. Хонандагон ҳис намоянд, ки материали таълимиро фиҳмида истодаанд. Масалан, дар вақти баёни "Ҷумлаи мураккаби тобеъ" муаллим мақсади дарсро чунин шарҳ медиҳад: Маълумот дар бораи ҷумлаи мураккаби тобеъ, ёд додани тарзи ҷудокунии сарҷумлаю ҷумлаи пайрав ва фарқи онҳо аз якдигар, бо ин роҳ инкишоф додани нутқи хонандагон ва дар нутқи худ истифодаи ҷумлаҳои мураккаб.

3. Баёни муаллим бояд қобилияти фикркунии хонандагонро инкишоф диҳад. Ҳангоми таҳлил муаллим ба гузориши саволҳо эътибор дода хонандагонро ба фикр кардан водор намояд. Сипас, бо саволҳои: Барои чӣ ин масъаларо ин тавр мешуморед? Аз ин чӣ мебароянд? Онҳоро аз якдигар чӣ хел фарқ мекунед? ба хонандагон муроҷиат намуда, ба кушоиши фикри онҳо ёрӣ мерасонад.

Албатта, гузориши чунин саволҳо хонадагонро ба фикр кардан водор менамояд. Аз ин рӯ, ҳар сари чанд вақт дар назди аҳли синф гузошта истодани ин гуна саволҳо аҳамияти калон доранд.

Санҷиши азхудкунии таърифотҳои грамматикӣ

Муаллим пеш аз иҷрои ин ё он машқ санҷиш мегузаронад, ки хонандагон таърифотҳоро аз худ кардаанд ё не. Муаллим бо ин фаҳмида мегирад, ки кадоме аз хонандагон таърифотҳоро аз худ кардаанд ва бо кадоме аз онҳо боз кор бурдан лозим аст. Агар ҳамаи хонандагон онро надонанд, он аз нав такрор карда мешавад.

Дар вақти санҷиши дониши хонандагон аз чунин усулҳо истифода бурда мешавад:

а) Аз тарафи хонандагон такрор намудани гуфтаи муаллим (такрори таърифотҳо)

б) Аз ҷониби онҳо нақл кардани мазмуни параграф ё таърифот.

в) Ба саволҳои муаллим ҷавоб додани хонандагон.

Дар таҷрибаи мактабҳо аз усули сеюм бештар истифода мебаранд. Масалан, барои санҷиши мавзӯи «Ибора» ба хонандагон чунин саволҳо дода мешаванд.

1. Ибора чист? Ҷузъи асосӣ ва тобеъ чист? Аз худ мисолҳо оред.

2. Ҷузъи асосии ибора бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода мешавад?

3. Алоқаи ҷузъҳои ибораро бо мисолҳо нишон диҳед.

Агар муаллим боварӣ ҳосил намояд, ки хонандагон таърифро аз худ намудаанд, ба иҷрои машқҳо шурӯъ мекунад. Муаллимон бояд ба ин қисмати кор эътибори махсус диҳанд.

Баъзан муаллимон хонандагонро насанҷида бевосита ба иҷрои машқҳо сар мекунанд. Дар натиҷа аксарияти хонандагон машқҳоро дуруст иҷро карда наметавонанд ва муаллим мачбур мешавад, ки корро боздошта аз нав ба такрори таърифҳо (қоидаҳо) баргардад.

## 3.7. Мустаҳкам намудани дониш ва ҳосил кардани малака (Машқҳо)

Забони тоҷикӣ дар мактаб бо чунин роҳҳо омӯзонида мешавад:

а) шарҳи қоидаҳои грамматикӣ,

б) қоидаҳоро дар амалия санҷидан, яъне ҳалли машқҳо,

в) пайдо кунонидани малака ва маҳорат.

Ду роҳи охирин зинаи омӯзиш буда, ба воситаи онҳо дониши гирифтаи хонандагон мустаҳкам карда мешавад.

Мустаҳкамкунии дониши хонандагонро шартан ба ду қисм: назариявӣ ва амалӣ ҷудо кардан мумкин аст. Дар мустаҳкамкунии назариявӣ таърифоти граматикӣ ба хотир овардаву мустаҳкам карда мешаванд. Дар мустаҳкамкунии амалӣ бошад, ба хонандагон ёд дода мешавад, ки таърифотро дар амал ба воситаи мисолҳои грамматикӣ санҷида, малака ҳосил намоянд.

Барои мустаҳкамкунӣ аз чунин воситаҳо ва машқҳо истифода бурда мешавад:

1. Материалҳои дидактикӣ барои машқ. Муаллимони пуртаҷриба материали дидактикиро алифбои омӯзиш меҳисобанд, чунки омузиш аз он оғоз ёфта таърифот ба воситаи он аз худ кунонида мешаванд ва бо пайдо кардани малака интиҳо меёбад. Олимон А. Каримов ва С. Аминов дуруст таъкид менамоянд, ки «Таълими забони тоҷикиро бе материали дидактикӣ, машқу мисолҳо тасаввур кардан мумкин нест».[48]

Материалҳои дидактикӣ доир ба забони тоҷикӣ ғайр аз шарҳу эзоҳи қоидаҳо инчунин таблитсаҳо, схемаҳо, расмҳо, калимаҳо, ибораҳо, ҷумлаҳои алоҳида ва матнхои бо ҳам алоқамандро дар бар мегиранд. Дар

---

[48] Каримов А., Алимов С. Тартиби гузаронидани машқ аз забони модарӣ дар синфҳои IV-VIII. –Душанбе, 1979. -С.10.

асоси таҳлили фактҳои забонӣ таърифот баровардаю бо мисолҳо исботкардашуда ба воситаи усулҳои омӯзиш дар амал татбиқ карда мешаванд. Дар натиҷаи ин оҳиста - оҳиста хонандагон малакаҳои нутқ пайдо мекунанд.

Чунон ки дида шуд, асоси омӯзиши забон ба материалҳои дидактикӣ вобаста буда, муваффақияти ҳар як дарс ҳам ба сифати материали дидактикӣ ва истифодаи дурусти он марбут аст.

Намудҳои асосии материали дидактикӣ дар инкишофи нутқи хонандагон калима, ибора, таркиб, ҷумла ва матнҳои ба ҳам алоқаманд мебошанд. Материали дидактикӣ ба талаботи умумидидактикӣ ва мстодӣ ҷавоб дода тавонад. Масалан, фанни педагогика талаб менамояд, ки материали дидактикӣ бояд пурмазмун, ба синну соли хонандагон мувофиқ бошад, шавқу ҳаваси онҳоро ба фанни забон зиёд намояд ва дар айни ҳол хусусияти тарбиявӣ низ дошта бошад. Методикаи таълими забони тоҷикӣ ҳам ин талаботро ба инобат гирифта, дар навбати худ боз ҳалли чунин масъалаҳоро ба миён мегузорад:

1. Маълум аст, ки воситаи асосии омӯзиши забони тоҷикӣ худи материали забон аст, бино бар он вай бояд ҳамаи тарафҳои мавзӯи омӯхташавандаро дар бар гирад. Аз ин ҷиҳат ба интихоби материали дидактикӣ диққати махсус дода, он тавре интихоб карда шавад, ки ҳар як ҳодисаи забонӣ ба воситаи он шарҳу эзоҳи худро ёфта тавонад.

2. Аён аст, ки хонандагон ҳодисаҳои забониро ҳар хел аз худ мекунанд. Баъзе аз онҳо мавзӯъҳои забонро ба осонӣ ва тез, гурӯҳи дигарашон бо мушкилӣ ва оҳиста. Масалан, агар дар таркиби ҷумлаи мураккаби пайваст ҷумлаи содаи дутаркиба оварда шуда бошад, онро бо тезӣ хонандагон мефаҳманд, аз худ мекунанд ва

агар ҷумлаҳои содаи яктаркибаи бешахс ва номуайяншахс дошта бошанд, онро бо мушкилӣ аз худ мекунанд.

Материали дидактикӣ бояд услубан дурусг, дар мустаҳкамкунии қоидаҳо роли муҳим бозида тавонад.

3. Материали дидактикӣ хусусияти пайдарҳамӣ, характери эҷодӣ, аз худ сохтан, худ мисол ёфтан ва хусусияти таҳлили фонетикӣ ё грамматикӣ дошта бошад. Аз ҳамин ҷост, ки бо мақсади дар хонандагон мустаҳкам намудани дониш ва ҳосил кардани малака ин талабҳо гузошта мешаванд.

Супориши вазифаи хонагӣ

Дар дарсҳои баёни материали нав хонандагон қоидаҳоро аз худ мекунанд ва малакаи аввалин ҳосил менамоянд. Баъди ин дар назди муаллимон вазифаи дигаре ба миён меояд, ки он дар хонандагон ҳосил кунонидани малакаи нутқи маданӣ мебошад. Иҷрои бомуваффақияти ин кор бе супориши иловагӣ, яъне вазифаи хонагӣ номумкин аст. Сонияи, барои он ки хонанда ба нутқи фасеҳу бехато соҳиб шавад, ӯро лозим аст, ки машқҳои зиёдеро бо мақсади муайян иҷро намояд ва асарҳои бадеӣ хонад. Махфӣ нест, ки ба нутқи дурусту бехато соҳиб шудан протсесси дуру дароз ва душвор буда, он яку якбора ба тезӣ ба даст намеояд. Хонанда баробари омӯхтани қоидаҳои имло, таърифоти грамматикӣ ва иҷрои машқҳо дар синф бояд барои дуруст ва мустақилона аз бар кардани он мавзӯъҳо ба хона вазифа гирад. Аз ин ҷо, зарурати супориши вазифаи хонагӣ ба миён меояд. Вазифаи хонагӣ мантиқан давоми кори синфӣ буда, мақсади асосии вай мустаҳкам намудани мавзӯи омӯхташуда мебошад. Барои он ки вазифаи хонагӣ натиҷаҳои дилхоҳ диҳад, ба талаботи зерин риоя карда шавад:

1.Муаллим барои вазифаи хонагӣ маводҳое супорад, ки вай аҳамияти тарбиявӣ дошта бошад. Мазмуни он барои хонандагон фаҳмо ва дорои хусусияти аналитикӣ - синтетикӣ бошад. Ҳар як супориши хонагӣ бояд ба пешрафти дониши хонандагон мадад расонад.

2. Вазифаи хонагӣ ғайр аз таърифоти грамматикӣ ҷиҳати амалӣ низ дошта бошад. Қисми асосии супориши хонагиро машкҳое дарбар гиранд, ки хонандагонро доир ба он мавзӯъ малака ҳосил кунонида тавонанд.

3. Маводи вазифаи хонагӣ боз чунин масъалаҳоро бояд дарбар гирад:

а) саволҳои контролӣ ва хусусияти такроркунӣ дошта бошад,

б) характери супоришҳо индувидуалӣ бошанд,

в) ҳаҷми кор зиёд набошад,

г) мақсади муайян дошта бошад.

Муаллим намунаи иҷрои вазифаро амалан нишон медиҳад ва як-ду нафар хонанда аз вазифаи хонагӣ намунаҳо иҷро мекунад.

Нақшаи тахминии дарси баёни материали навро чунин нишон додан мумкин аст:

1. Лаҳзаи ташкили дарс 2-3 дақиқа.

1. Пурсиши вазифаи хонагӣ, эълон кардани мавзӯи нав, тайёрӣ ба баёни мавзӯи нав, хулосабарорӣ аз дарси гузашта ва алоқаманд кардани он ба дарси нав 10-12 дақиқа.

2. Лаҳзаи баён ва таҳлили мавзӯи нав (нуқтаи кулминатсионии дарс), 5-10 дақиқа.

3. Лаҳзаи кори мустақилонаи хонандагон ё мустаҳкамкунӣ 10- 15дақиқа.

4. Лаҳзаи тафтиши дониши хонандагон ва хулосабарорӣ (шарҳи луғатҳо, истилоххо), 3-5 дақиқа.

5. Супориши вазифаи хонагӣ ва фаҳмонидани он 3-4 дақиқа.

6. Баҳогузори ба дониши хонандагон 2-3 дақиқа.

Мавзӯи навро муаллим метавонад пас аз пурсиши вазифаи хонагӣ ё тафтиши он ва ё баъди ташкили дарс баён намояд. Интихоби ин ё он тарзи кор ба хусусияти материали омӯхташуда ва мавзӯи нав вобаста аст. Муаллим материали навро дар асоси нақшаи муайян баён намуда, аз мисолҳо баровардани таърифоти грамматикиро таъмин менамояд. Баъди баёни мавзуи нав ба хонандагон савол дода муайян кардан мумкин аст, ки онҳо мавзӯъро ба кадом дараҷа фаҳмидаанд.

Намунаҳо аз дарси баёни материали нав

(аз таҷрибаи муаллимаи мактаби №21 ш. Хуҷанд Олимова М.)

Мавзӯи дарс: Ҷумлаи пайрави замон.

Мақсади дарс: Ба хонандагон фаҳмонидани ҷумлаи пайрави замон ва дар нутқи хаттӣ ва даҳонӣ дуруст истифода бурдани он. Ёфтани ҷумлаи пайрави замон аз асарҳои бадеӣ. Тартиб додани ҷумлаҳо аз тарафи хонандагон.

Нақшаи дарс:

Тайёр намудани хонандагон барои аз худ намудани мавзӯъ

1. Пурсиши вазифаи хонагӣ.

2. Алоқаманд кардани дарси гузашта бо мавзуи нав.

3. Фаҳмонидани мавзуи нав.

4. Таҳлили мисолҳо доир ба мавзӯъ.

5. Таҳлили аёниятҳо, таблитсаҳо, схемаҳо ва ғайраҳо.

Кор бо мавзӯи нав:

1. Аз тарафи хонандагон мустақилона хондани параграфи китоби дарсӣ.

2. Саволу ҷавоб доир ба мазмуни чиэи хондашуда.

3. Ба сарҷумла ёфтани ҷумлаи пайрав ва ба ҷумлаи пайрав ёфтани сарҷумла.

4. Таҳлили ҷумлаҳо.

5. Хулосаҳо.

Мустаҳкамкунии чизи омӯхташуда:

1. Ба пайвандакҳои ҷумлаи пайрави ҳоли замон ба тарзи хаттӣ ҷумлаҳо сохтан. Кор бо машқҳои китоби дарсӣ.

2. Байтбарак бо мақсади ёфтани ҷумлаи пайрави ҳоли замон.

Супориши вазифаи хонагӣ ва баҳлгузорӣ.

Ҷамъбасти дарс.

Рафти дарс

1. Муаллим диққати хонандагонро ба дарс ҷалб намуда, ба тахтаи синф асбоби аёниро, ки пешакӣ тайёр кардааст, овехт:

а) Вақте ки дар митинги вилоятӣ мактуби ба зарбдорони хоҷагии қишлоқ навиштаи М. Турсунзода хонда шуд, меҳнаткашони вилоят бо сарфарозӣ ӯҳдадории иловагӣ қабул намуданд (Аз газетаи «Ҳақиқати Ленинобод»)

б) Ҳангоме ки расми ҳамшаҳриамонро дар қатори пешқадамони истеҳсолот мебинем, ҳастии моро хурсандӣ ва ҳаяҷон фаро мегирад.

Чӣ хеле ки мебинем, ҷумлаҳо аҳамияти тарбиявӣ доранд.

Аввал бо таклифи муаллима ҷумлаҳоро хонандагон бо оҳанги бурро хонданд. Баъд хонандае ҷумлаи якумро дар асоси гуфтаи муаллима таҳлил намуд. Таҳлил аз ҷудо кардани ҳудуди ҷумлаҳои сода оғоз ёфт. Таҳили ҷумлаҳои сода аз се ҷиҳат гузаронида шуд:

1. Муайян намудани мазмун, мақсад ва оҳанги талаффузи ҷумла, яъне хели ҷумла.

2. Яктаркиба ё дутаркиба будани ҷумлаҳои содаи дохили ҷумла.

3. Таҳлили сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумла.

Ҳамаи ин кор даҳонӣ ва бо тезӣ иҷро карда шуд. Хонандагон фаъол буданд.

2. Баъди он ки хонандагон ҷумлаҳои содаи дар таркиби ҷумлаи мураккаб бударо аз се ҷиҳат таҳлил намуданд, муаллима бо роҳи саволу ҷавоб сарҷумла ва ҷумлаи пайрави ҷумлаҳои болоиро муайян намуда, аз рӯи мисолҳо қоидаи грамматикӣ баровард.

3. Сонӣ мисолҳои асбоби аёнӣ таҳлил карда шуд ва хонандагон бо тезӣ онро навишта гирифтанд.

Хонандагон бо супориши муаллима аз китоби дарсӣ таърифи ҷумлаи пайрави ҳоли замонро мустақилона хонда баромаданд. Баъди хондани таърифот, онро такрор намуда, пайвандакҳои ҷумлаи пайрави ҳоли замонро нишон доданд.

4. Дар тахтаи синф таблитсае, ки дар он пайвандакҳои ҷумлаи пайрави ҳоли замон хеле зебо навишта шудааст, овехта шуд. Муаллима ба хонандагон фармуд, ки ҳар кадоме ба воситаи ин пайвандакҳо дутогӣ ҷумлаи мураккаб нависанд, ки дар таркибаш ҷумлаи пайрави ҳоли замон бошад.

Баъд 2-3 хонанда ҷумлаҳои тартиб додаашонро хонда таҳлил намуданд. Ҷумлаҳои услубан нодурусгро хонандагон бо ҳамроҳии муаллима ислоҳ намуданд.

5. Сипас, муаллима бо чунин савол ба хонандагон муроҷиат намуд. Канӣ, кӣ аз ашъори ин ё он шоир шеър мегӯяд, ки он ҷумлаи пайрави ҳоли замон дошта бошад?

Чор нафар хонанда ин супоришро хеле хуб иҷро намуданд. Хусусан бо пайвандаки вақте ки мисолҳо бо тези оварда шуданд.

6. Баъд муаллима ба хонандагон варақчаҳои грамматикӣ супорид. То тайёр шудани онҳо аз дигарон таърифи ҷумлаи пайрави ҳоли замон пурсида шуд. Хонандагон ба саволҳои варақча ҷавобҳои пурра доданд. Хонандагоне, ки ҳангоми ҷавоб додан хатогӣ содир менамуданд, аз тарафи хонандагоии дигар бо ёрии муаллима ислоҳ карда мешуданд.

7. Пеш аз супориши вазифаи хонагӣ муаллима ба ҷавобҳои хонандагон баҳо гузошт.

8. Дарс ҷамъбаст карда шуд, баъзе истилоҳҳо аз тарафи муаллима такроран шарҳ дода шуданд. Чанд калимаи душворфаҳм ҳамчун луғат омӯзонида шуд, ки ин кори басо хуб буд ва хонандагон дар дафтари луғаташон онро навишта гирифтанд.

9. Супориши вазифаи хонагӣ.

**Намунаи дарси баёни материали нав** аз қисми морфология дар синфи 5

(аз таҷрибаи муаллим Қосимов М. мактаби № 7 ш.Хуҷанд)

Мавзӯъ: «СИФАТ»

Мақсади дарс:

1. Ба хонандагон фаҳмонидани мазмун ва аломатҳои грамматикии сифат.

2. Ба воситаи мисолҳои аҳамияти тарбиявӣ дошта, бой кардани нутқи хонандагон.

3.Ҷудо карда тавонистани аломати предмет, ҳаҷми предмет, маза ва бӯй.

Нақшаи дарс:

1. Ба хотир овардани мавзӯъҳои пешомӯхта аз тарафи хонандагон

2. Фаҳмонидани мазмуни калимаҳои «сифат» ва «аломат».

Кор бо мавзӯи нав:

1. Саволу ҷавоб доир ба материали баёнкардашуда.

2. Ба исмҳои додашуда ёфтани сифат ва сохтани иборaю ҷумлаҳо.

3. Таҳлили сифатҳо.

4. Хулосаҳо ва шарҳи истилоҳҳо.

Кори мустақилонаи хонандагон:

1. Гузаронидани диктанти эҷодӣ.

2. Таҳлили куллии морфологӣ.

3. Супориши вазифаи хонагӣ.

4. Ҷамъбасти дарс.

5. Баҳогузори ба ҷавобҳои хонандагон.

Рафти дарс:

1. Пеш аз баёни материали нав муаллим хотиррасон намуд, ки хонандагон дар синфҳои сеюм ва чорум доир ба сифат баъзе маълумотҳо гирифта буданд.

Канӣ, ба хотир оред, сифат чист?

Хонандагон В ва Д қоидаи сифатро гуфта мисолҳо оварданд.

2. Муаллим гуфтаҳои хонандагонро ҷамъбаст карда, аз рӯи мисолҳое, ки пешакӣ дар тахта навишта шуда буд, ба талабагон саволҳо дод:

1. Шумоён кадом ҳиссаҳои нутқро медонед?

2. Дар ибораи «гули сурх» сифаташ кадом аст?

3. Хонаи калон, хонаи чӯбин, одами доно, гули баҳорӣ.

Дар ин ибораҳо сифатҳо кадом аломати предметро ифода мекунанд?

Калимаҳоеро, ки аломати предметро ифода менамоянд, кадом ҳиссаи нутқ мегӯем? (Сифат мегӯем). Пас, муаллим ба хонандагон фармуд, ки ба дафтарашон

номи мавзӯъро нависанд. Сонӣ, китобро кушода мавзӯъро хонед, ба саволҳои ман медодагӣ тайёр шавед.

Хонандагон мустақилона таърифоти сифатро хонданд ва ба саволҳои зерини муаллим ҷавоб гардониданд:

Барои чӣ сифат бештар бо исм якҷоя меояд?

Шумо кадом аломатҳои сифатро медонед?

Сифатҳо аз ҷиҳати маъно чанд хел мешаванд?

Дар ҷумла сифат ба кадом вазифаҳои синтаксисӣ меояд?

Хонандагон ба саволҳои муаллим мувофиқи фаҳмишашон ҷавоб медоданд, агар аз ӯҳдаи ҷавоб набароянд ё нопурра шарҳу эзоҳ диҳанд, муаллим ба онҳо ёрӣ мерасонд.

1.Супориш: ба калимаҳои додашуда сифатҳои мувофиқ ёбед.

гул (сурх, сафед, зард)

хона (калон, зебо, баланд)

чашм (сиёҳ, зебо, кабуд)

Бо ин калимаҳо иборахо созед. Нишонаи предметро муайян карда, ба сифатҳо савол гузоред.

2. Ҷумлаҳои дар таблитса будаоро нависед ва ба зери сифатҳояшон хат кашида, вазифаи синтаксисиашонро муайян намоед.

1.Ба одами доно як ишорат бас аст.

2. Ҳаво имрӯз соф ва беғубор мебошад.

3. Пионерон бо галстуки сурхи худ фахр мекунанд.

4. Акнун хулосаҳо бароред. Сифат чиро ифода мекардааст? Баъди иҷрои вазифа се нафар хонанда ҷумлаҳоро хонд ва вазифаи синтаксисии онро муайян кард.

1. Сифат ба кадом саволҳо ҷавоб мешудааст? (Хонандагон бо ёрии муаллим хулосаҳо бароварданд).

Хонандагон саволҳои сифатро: чӣ хел? чӣ гуна? ва кадом? муайян карданд.

2. Муаллим калимаҳои пионер, галстук хона, синф, китобро дар тахтаи синф навишта ба хонандагон фармуд, ки ба ин калимаҳо сифати муносиб гузоранд. Масалан, пионери ҷасур, далер, аълочӣ ва ғайра ва чанд нафар хонанда ба он калимаҳо сифатҳои муносибро гуфтанд.

Баъди иҷрои супориш он ба таври фронталӣ тафтиш карда шуд.

V. Супориши вазифаи хонагӣ:

а) Таърифи сифатро аз ёд кунед.

б) Машқи фалонро нависед ва сифатҳояшро муайян кунед.

в) Фасли баҳорро чунон тасвир кунед, ки дар ҷумлаҳои навиштаатон сифатҳо бошанд. Ба сифатҳо савол гузоред. Тасвиратон 5-6 ҷумларо дар бар гирад.

VII. Ҷамъбаст ва натиҷаи дарс.

VIII. Баҳогузорӣ ба дониши хонандагон.

Аз дарси имрӯза дар бораи сифат чӣ чизи нав ёд гирифтед?

Баъзе хонандагон мувофиқи фаҳмишашон нақл намуданд ва муаллим дарсро ҷамъбаст намуд.

## 3.8. Дарси мустаҳкам намудани донишҳои гирифташуда ва инкишофи малака

Дар машғулиятҳои забони модарӣ баъди баёни мавзуи нав одатан дониши хонандагон бо тарзу усулҳои гуногун (корҳои гуногуншакли хаттӣ ва пурсиш) мустаҳкам карда мешавад. Ин намуди мустаҳкамкунӣ дар ҳар як дарс баъди баёни мавзӯи нав мегузарад ва онро лаҳзаи мустаҳкамкунии мавзӯи нав меноманд.

Барои ҳамаҷониба мустаҳкам намудани дониши гирифташудаи хонандагон дарсҳои махсуси

мустаҳкамкунӣ мавҷуданд, ки онҳо дар давоми 45 дақиқа гузаронда мешаванд.

Дар ин типи дарс якчанд мавзӯи омӯхташуда мустаҳкам карда мешавад. Ин хели дарс аз дарси баёни материали нав чи аз рӯи сохт ва чи аз рӯи мундариҷа ва мазмун фарқ мекунад. Агар дар дарси баёни материали нав нуқтаи кулминатсионӣ фаҳмонидани материали нав бошад, дар ин типи дарс иҷрои машқҳои гуногун мавқеи асосӣ дорад.

Хусусияти характерноки дарси мустаҳкамкуниии донишҳои гирифташуда аз он иборат аст, ки дар он диққати хонандагон ба ҳамаи қисмҳои он баробар тақсим карда мешавад. Чунон ки дар асарҳои мусиқавӣ лейтмотив гаштаю баргашта омада, ғояи асосии асарро таъкид намояд, дар дарсҳои мустаҳкамкунӣ ҳам ба воситаи машқҳо, варақчаҳои грамматикӣ қоидаву таърифотҳо гуфтаву мустаҳкам карда мешаванд. Туфайли иҷрои машқҳои гуногун оҳиста - оҳиста хонандагон доир ба ин ё он таърифоти грамматикӣ малака ҳосил мекунанд. Ҳамин тариқ, қоидаву қонунҳои грамматикию фонетикӣ дар хотир ва амалиёти хонандагон мустаҳкам мешаванд, зеро чунон ки дар боло қайд кардем, дар ин гуна дарсҳо лейтмотив (оҳанги такрор) мавҷуд аст.

Мақсади дарсҳои мустаҳкамкунӣ ба воситаи мисол ва машқҳои гуногун дар амал татбиқ намудан ва чуқур аз худ кунонидани қоидаю қонун ва категорияҳои грамматикии забон мебошад. Бояд қайд намуд, ки хонандагон дар ҷараёни як дарс ҳамаи таърифотҳои грамматикиро такрор карда наметавонанд. Бино бар ин бо мақсади мустаҳкам кардани қоидаҳои грамматикӣ як силсила дарси мустаҳкамкунӣ гузаронида мешавад. Барои он ки дарсҳои мустаҳкамкунӣ пурмазмун гузаранд, муаллим бояд

пешакӣ аниқ кунад, ки ба синф барои мустаҳкамкунии ин ё он таърифот чӣ хел супоришҳо додан лозим аст. Ба иҷрои он чӣ қадар вақт ҷудо бояд кард, онҳо чӣ гуна ва бо кадом тарзҳо иҷро карда мешаванд.

Маълум, ки дар ҷараёни таълим қисме аз супоришҳоро дар синф, қисми дигарро ба гурӯҳи талабагон ва ниҳоят қисми сеюмро ба тарзи индивидуалӣ ба хонандагони ҷудогона додан мумкин аст. Бо ҳамин мақсад, дар дарсҳои забони модарӣ аз варақчаҳои грамматикӣ истифода мебаранд.

Дар дарсҳои мустаҳкамкунии дониш кори мустақилонаи хонандагон қисми зиёди машғулиятро ташкил мекунад. Муаллим бояд ҳангоми иҷрои машқҳо дар синф гардиш карда, сифати иҷрои супоришҳоро назорат кунад ва агар лозим ояд, ба хонандагони ҷудогона ёрӣ расонад. Агар тамоми хонандагон машқро нодуруст иҷро карда истода бошанд, он гоҳ синфро аз кор муваққатан боздошта он камбудиҳоро бартараф намуда, тарзи иҷрои онро аз нав фаҳмонад. Аз ин рӯ, ба ин қисми дарс, яъне ба кори мустақилонаи хонандагон тахминан 20-25 дақиқа вақт ҷудо карда мешавад.

Дар дарси мустаҳкамкунӣ ташкил ва иҷрои машқҳо роли муҳим мебозад. Машқҳо вобаста ба таърифҳои грамматикӣ ва дараҷаи дониши хонандагон интихоб карда мешаванд. Ҳар як машқ мақсади муайян ва мазмуни гуногун дошта бошад. Машқҳо даҳонӣ ва хаттӣ иҷро карда мешаванд. Яке аз талаботи асосии дарсҳои мустаҳкамкунӣ оид ба машқҳо баҳисобгирии кор бо калимаҳо, ҷумлаҳо ва нутқи алоқаманд аст. Муаллим машқҳоеро интихоб намояд, ки онҳо ҳам дар инкишофи таркиби луғавии хонанандагон, ҳам дар инкишофи нутқи хаттӣ ва дарккунии онҳо роли муҳим бозанд.

Аз рӯи характери супоришҳо машқҳоро, ки дар дарсҳои мустаҳкамкунӣ иҷро карда мешаванд, ба чунин хелҳо ҷудо кардан мумкин аст:

1. Машқҳо доир ба ҷудо кардани ин ё он категорияҳои грамматикӣ, калима ва оффограммаҳо аз матнҳои алоқаманд ё ҷумлаҳои ҷулогона. Мақсади ин гуна машқҳо ёфтани категорияҳои грамматикӣ, хондан ва талаффуз кардани онҳо мебошад. Чунин машқҳоро метавонад худи муаллим тартиб диҳад ва ё аз адабиёти бадеӣ ва публисистӣ интихоб намояд.

Ҳангоми иҷрои машқҳо чизи асосӣ ба ёд овардани қоидаҳои грамматикӣ аст, зеро агар талаба қоидаҳоро надонад, вай категорияҳои грамматикӣ, калимаҳо, орфограммаҳоро ҷудо карда наметавонад.

2. Таҳлили грамматикӣ ҳамчун як намуди беҳтарини машқ дар дарсҳои мустаҳкамкунӣ мавқеи алоҳида дорад. Хусусан таҳлили грамматикии куллӣ (пурра) ва ҷузъӣ (нопурра), инчунин таҳлили интихобӣ барои мустаҳкам кардани донишҳои назариявии хонандагон аҳамияти муҳим доранд.

3. Машқҳо доир ба гузоштани ҳарфҳо, ҳиҷоҳо, калимаҳо, ибораҳо ва аломатҳои китобӣ дар ҷумлаҳо. Ин намуди машқҳо қариб дар ҳамаи синфҳо бо мақсади мустаҳкам кардани қоидаҳои грамматикӣ гузаронида мешаванд.

Дар ин ё он ҷумла гузоштани калима ё ибораи аз ҷиҳати мазмун мувофиқ аз хонандагон фикр кардан ва донистани қоидаҳои грамматикиро металабад. Ин гуна машқҳо дар инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон роли муҳим мебозанд.

4.Намуди дигари машқҳо аз нав сохтан ё днгар кардани ҷумлаҳо, иваз кардани як ҷумла бо ҷумлаи дигар, калимаю ибора бо калима ва ибораи дигар мебошанд. Хонандагон ин гуна машқҳоро иҷро карда,

аз як тараф, қоидаҳои грамматикиро мустаҳкам менамоянд, аз тарафи дигар, нутқи хаттӣ ва даҳониашонро инкишоф медиҳанд. Ин гуна машқҳо аз китоби дарсии «Адабиёти Ватан», рӯзномаву маҷалла ва луғатҳо интихоб карда мешаванд.

5. Намуди дигари машқҳо аз калимаҳо ва ибораҳо тартиб доданн ҷумла ва ба саволҳо ҷавоб гардонидан аст. Бояд гуфт, ки аз калимаҳои додашуда ибора ва аз ибора ҷумлаҳо сохтан аз хонандагон дониши амиқу завқи солим талаб мекунад. Аз ин рӯ муаллим бояд ба услуби ҷумлаҳои тартиб додаи хонандагон диққати махсус диҳад.

6. Хелҳои гуногуни диктантҳои таълимӣ ҳамчун намуди алоҳидаи машқҳо дар мустаҳкамкунии қоидаҳои грамматикӣ ва малакаи имло мавқеи алоҳида дорад. Дар вақти навишт ва иҷрои диктанти таълимӣ хонандагон на фақат ба тарзи дурустнависии калимаҳо, балки иҷрои супоришоти грамматикӣ низ диққат медиҳанд.

1. Бо мақсади мустаҳкам кардани материалҳои омӯхташуда аз рӯи расмҳо ва калимаю ибораҳои додашуда навиштани иншо ҳамчун намуди машқ дар инкишофи фикри эҷодии хонандагон роли муҳим мебозад.

2. Машқҳо оиди ислоҳи хатоҳо ва амсоли онҳо.

Намуди гуногуни машқҳои болоӣ дар дарсҳои мустаҳкамкунӣ вобаста ба синну сол ва давраҳои тайёрии хонандагон дар мавридҳои зарурӣ гузаронида мешаванд. Муаллим бояд ба натиҷаи иҷрои машқҳо диққати алоҳида диҳад, то ки хонандагон дар дарс супоришҳоро сарсарӣ иҷро накунанд. Хонандагон ҳангоми иҷрои машқҳо мақсади иҷрои онро фаҳманд, бояд дар ҳалли он аз кадом таърифи грамматикӣ исгифода карданро донанд.

Дар таълими забони модарӣ машқҳое мешаванд, ки онҳо ду ва зиёда супоришҳоро дар бар гирифтаанд.

Мувофиқи қоидаҳои дидактикӣ хонандагон аввалан машқҳои оддӣ ва фаҳморо иҷро мекунанд ва сипас зина ба зина ба иҷрои машқҳои нисбатан мушкилтар мегузаранд.

**Сохти дарси мустаҳкамкунӣ**

Дарси мустаҳкамкунӣ ҳам сохти худро дорад.

Чизи асосӣ дар ин типи дарс чиҳати амалии он буда, дар маркази сохти ин дарс машқ ва иҷрои он меистад.

Дарси мустаҳкамкунӣ ба тарзи тахминӣ аз чунин лаҳзаҳо иборат аст:

1.Ба хотир овардани донишҳои грамматикӣ, яъне қоидаву таърифҳои грамматикӣ ва мисолҳо овардан ба онҳо.

2. Инкишофи малака доир ба мавзӯъҳо (машқҳо). Иҷрои машқҳо.

3. Хулоса ва ҷамъбасти он.

4. Шарҳи истилоҳҳо ва калимаҳои душворфаҳм.

5. Вазифаи хонагӣ ва супоридани он.

1. Ба хотир овардан ё такрори дониш. Барои он ки дарсҳои мустаҳкамкунӣ самаранок гузаранд ва натиҷаҳои дилхоҳ диҳанд, хонандагонро пешакӣ ба он тайёр намудан лозим аст. Барои ин муаллим хонандагонро пешакӣ огоҳ карда мефармояд, ки мавзӯъҳои омӯхтагиамон ва қоидаҳои имлоро хонда оянд. Дар оғози дарси мустаҳкамкунӣ муаллим ба хонандагон аз мавзӯъҳои хонда омадаашон супоришҳо медиҳад.

Супоришҳо бояд чунин чизҳоро дар бар гиранд: а) саволномаҳо барои худтафтишкунӣ, б) иҷрои машқҳои нисбатан хурд.

Масалан, агар мавзӯи дарси мустаҳкамкунӣ «Сифати феълӣ» бошад, чунин саволҳо пешакӣ тайёр карда мешаванд:

1. Сифат чист?
2. Феъл чист? Мисолҳо оред.
3. Сифати феълӣ чист?
4. Сифати феълӣ чанд замон дорад?
5. Чаро сифати феълӣ мегӯем?
6. Хуссусиятҳои сифатӣ ва феълии сифати феълиро муайян намоед.

Ин саволҳо хонандагонро водор менамояд, ки ба мазмун ва ҷиҳати асосии мавзӯъ диққат диҳанд.

Барои он ки хонандагон ба ин типи дарс комилан тайёр шаванд, дар ибтидои дарс чунин машқҳоро иҷро менамоянд. Мисолҳои дар китоби дарсӣ бударо бо мисолҳои худ иваз намуда, таблитсаи ҷумларо мекашанд ва аломатҳои китобиашро мегузоранд.

Санҷиши пешакӣ рафти корро дар дарс ба дараҷае муайян мекунад. Агар аз санҷиши пешакӣ маълум гардад, ки хонандагон мавзӯъро дуруст намедонанд, муаллим мавзӯъро бори дигар мефаҳмонад ва агар мавзуъро донанд, бевосита ба иҷрои машқҳо мегузаранд.

2. Инкишофи малака. Дарси мустаҳкамкунӣ лаҳзаҳои муҳим ва зиёде дорад. Ин чунин маъно дорад, ки дар дарси мустаҳкамкунӣ кор бо материалаҳои дидактикӣ ва методӣ хеле мушкил аст. Дар ин гуна дарсҳо муаллим бояд мустақилияти хонандагонро ба ҳисоб гирад. Хонандагон дар дарс қоидаҳои азхудшударо мустақилона дар амал санҷидаву мустаҳкам менамоянд ва малака ҳосил мекунанд. Бо ибораи дигар, хонандагон дар дарси мустаҳкамкунӣ дониши аз дарси баёни материали нав гирифтаашонро такмил медиҳанд ва бо ин роҳ нутқашонро ҳам инкишоф медиҳанд.

Мақсад аз омӯхтани забон дар мактаб он аст, ки хонандагон қоидаҳои грамматикиро дар нутқ истифода бурда, калимаю ибора ва ҷумлаҳоро дар мавқеи худ истифода намоянд. Ин кор маҳз ба тавассути машқҳои мунтазам амалӣ гардонида мешавад.

Ба системаи кори мустақилона машқҳо ва қоидаҳои грамматикие дохил мешаванд, ки ба воситаи онҳо хонанда дониш гирифта, малака ҳосил мекунад.

Материали дидактикӣ дар ин дарс мавқеи асосиро мебозад ва он бояд ба чунин талабот ҷавоб дода тавонад:

1. Материали дидактикӣ чизҳои нав ва дар дарсҳои пешина истифода нашуда бошад. Талаботи методӣ низ он аст, ки дар ҳар як дарс фактҳои грамматикии нав бошанд ва онҳо иваз карда шаванд.

2. Барои он ки хонандагон аз машқҳои мушкилтар истифода бурда малакаи нутқашонро боз ҳам инкишоф диҳанд, материали дидактикиро пай дар пай мушкил кардан лозим аст.

3. Материали дидактикӣ пурра ва гуногунмазмун бошад.

| **Намудҳои асосии машқҳо** | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Машқи даҳонӣ** | | | **Машқи омехта** | | | **Машқи омехта** | | | | |
| Ҷавоб ба саволҳо | Ҷудо кардани чизи хондашуда дар нутқ | Баёни фактҳои забонӣ | Баёни чизи навишташуда | Шарҳдиҳӣ | Тартиб додани таблитсаҳо | Рӯйбардоркунӣ | Навиштани мисолҳо аз китоби бадеӣ | Кори эҷодӣ: худ сохтан, тартиб додан | Ба тарзи хаттӣ навиштани чизи дода шуда | Кор аз рӯи расмҳо |

Дар як дарси мустаҳкамкунӣ чунин машқҳоро иҷро кардан мумкин аст:

1. Ба саволҳо ҷавоб додан.

2. Иваз намудани мисолҳо дар таблитса.

3. Гузаронидани диктанти интихобӣ

4. Гузоштани ҳарфҳои партофташуда дар калима ва ибораҳо.

5. Кор бо калимасозӣ ва ғайраҳо.

6. Аз худ сохтани калима ибора ва ҷумлаҳо.

Ҷамъбаст намудани дарси мустаҳкамкунӣ

Лаҳзаи дигар ҷамъбаст намудани дарс мебошад. Муаллим баъди иҷрои машқҳо дарсро ҷамъбаст мекунад. Ӯ муваффақият ва норасоиҳои дарсро фаҳмида аниқ менамояд, ки минбаъд ба кадом масъалаҳои эътибор диҳад, кадом қоидаҳоро хонандагон такрор намоянд ва ба кадом хонанда чӣ хел супориш додан лозим аст. Муаллим аз дарс ба хулосае ояд, ки он чӣ натиҷа дод. Мақсади дарс ба кадом дараҷа иҷро гардид, методҳои истифодакардааш натиҷанок буданд ё не.

Дар ин типи дарс аз чунин намуди корҳо истифода кардан мумкин аст:

а) ҷавоби хонандагон ба саволҳои асосии мавзӯъ,

б) сохтани таблитсаҳо,

в) баровардани хулосаҳо доир ба мавзуъ.

а) Ҷавоб ба саволҳо. Маълум, ки дар дарси баёни материали нав ҳам ин намуди корҳо гузаронида мешуданд.

Саволҳои контролии ин типи дарс мақсади онро дорад, ки хонандагон аз мавзӯъҳои гузашта чизҳои асосиро ҷудо карда, хулосаҳои даркорӣ бароварда метавонанд ё не.

Одатан, саволҳо дар шакли вариантҳои грамматикӣ дода мешаванд.

ВАРИАНТИ № 1

1. Сифати феълиро аз феъл чӣ хел фарқ мекунед?

2. Феълҳо чанд замон доранд? Мисолҳо оред.

3. Сиғаҳои феълиро номбар унед ва мисол оред? Мисол оред.

ВАРИАНТИ №2

1. Ибора чист? Аз калимаи «модар» бо сифатҳо иборaҳо созед.

2. Сифати феълӣ чанд замон дорад? Мисол гӯед.

3. Калимаи «кошинкор» чи маънӣ дорад? (Аз луғат ёбед).

Ба кадоме аз хонандагон додани ин вариантҳо ба муаллим вобаста аст, зеро ӯ дониш ва хусусияти ҳар як хонандаашро медонад.

б) Сохтани таблитсаҳо. Яке аз роҳҳои мустаҳкамкунии дониши хонандагон сохтани таблитса мебошад. Агар хонанда материали таълимиро аз худ карда бошад, онро бешубҳа дар таблитса акс кунонида метавонад. Сохтани таблитсаҳо яке аз тарзҳои мустаҳкамкунии материал мебошад.

Масалан, дар охири дарси мустаҳкамкунӣ хонандагон дар мавзӯи: «Феъл ва замонҳои он» чунин таблитса сохтаанд:

| **Замони ҳозира** | **Замони гузашта** | **Замони оянда** |
|---|---|---|
| Хон<br>Хонда истодаам | Хонд<br>Хонда буд | Мехонам<br>Хоҳам хонд |

в) Хулосаҳо доир ба мавзӯъ. Яке аз усулҳои ҷамъбасткунии дарс аз тарафи хонандагон доир ба мавзӯъ баровардани хулосаҳо мебошад:

Аҳамияти ин усул он аст, ки:

а) дар вакти хулосабарорӣ хонандагон чизи асосиро ҷустуҷӯ менамоянд;

б) доир ба мавзӯъ хулоса мебароранд ва бо ин роҳ нутқи худро инкишоф медиҳанд.

в) муаллим ба хонандагон саволҳои ёридиҳанда пешниҳод менамояд. Масалан, мавзӯи «Феъли ҳол»- ро

мустаҳкам намуда, муаллим аз хонандагон мепурсад, ки феъли ҳол чаро ду ном дорад.

Сипас, хонандагон мустақилона ё бо ёрии муаллим ба савол ҷавоб дода, аз дарс хулоса мебароранд ва моҳияти мавзӯъро дуруст фаҳмида мегиранд.

г) Супориши вазифаи хонагӣ. Супориши вазифаи хонагӣ дар ин типи дарс аз дигар хелҳои дарс фарқ мекунад.

1. Дар дарси мустаҳкамкунӣ вазифаи хонагӣ бояд як андоза мушкил ва хусусияти эҷодӣ дошта бошад. Ба хонандагон машқҳое супоридан лозим, ки онҳо хусусияти як шаклро бо шакли дигар, як категорияро бо категорияи дигар иваз кардан дошта бошанд.

2. Вазифаи хонагӣ дар ин типи дарс бояд характери индивидуалӣ - гурӯҳӣ дошта бошад, чунки баъзан як супориш ба як қисми синф, баъзан ба хонандагони ҷудогона супорида мешавад. Бино бар ин ба ғайр аз машқҳои умумӣ, ба хонандагони ҷудогона дар хона супориши индивидуалӣ додан лозим аст. Ин гуна супориш бештар ба хонандагони сустхон дода мешавад.

3. Машқе, ки ба хона супорида мешавад, бояд характери инкишоф додани нутқи хонандагонро дошта бошад ва таркиби луғавии онҳо аз ҳисоби калима ва ибораҳои нави он машқҳо бой гардад.

Ҳамин тавр, дар дарсҳои мустаҳкамкунии донишҳои гирифташуда аз намудҳои гуногуни машқ истифода бурда мешавад.

Схемаи тахминии дарси мустаҳкамкуниро чунин нишон додан мумкин аст:

1. Тафтиш ва пурсиши вазифаи хонагӣ (8-10 дақиқа). (Ин лаҳзаро муаллим метавонад баъди иҷрои машқҳо, корҳои мустақилонаи хонандагон низ гузаронад).

2. Муайян кардани мақсад ва мавзӯи дарс, санҷиши дараҷаи тайёрии хонандагон ва шиносоӣ бо машқҳое, ки иҷро карда мешаванд (4-5 дақиқа).

3. Кори мустақилонаи хонанадагон ё лаҳзаи иҷрои машкҳо (20-25 дақиқа). Дар ин лаҳза супориш ба тарзи даҳонӣ ва хаттӣ иҷро карда мешавад.

4. Супориши вазифаи хонагӣ ва фаҳмонидани он (2-3 дақиқа).

5. Хотимаи дарс ва ҷамбасткунӣ (2-3 дақиқа).

## 3.9. Дарси такрор

Баъди он ки якчанд мавзӯъҳо мувофиқи барнома омӯхтаву мустаҳкам карда шуданд, зарурати такрори онҳо ба миён меояд. Дар ҷараёни мустаҳкамкунӣ дониши хонандагон пурра мустаҳкам карда мешавад. Барои он ки дониши гирифтаи хонандагон фаромӯш нагардад, такрори он шарт ва зарур аст. Вазифаи асосии такрор таъкид намудан ва ба хотир овардани чизҳои омӯхташуда ва бо ин роҳ аз нав барқарор намудани дониши гирифта мебошад. Дар ин хусус Н.С. Поздняков хеле хуб гуфта буд: “Мо барои он такрор мекунем, ки чизҳои хондаамон аз ёд наравад ва фаромӯш нашавад”.[49]

Дарсҳои такрор ва мустаҳкамкунии донишҳо байни худ алоқаи узвӣ дошта, қисми таркибии дарсҳои забони модарӣ ҳисоб меёбанд.

Дар байни дарсҳои такрор ва мустаҳкамкунӣ умумиятҳо низ дида мешаванд. Ин умумиятҳо, пеш аз ҳама, дар вазифа, мақсад ва сохти ин дарсҳо ба назар мерасанд. Умумият хусусан дар иҷрои машқҳо ва супориши қоидаҳо мушоҳида мешавад. Бо вуҷуди баъзе умумиятҳо дар байни ин ду типи дарс фарқият низ дида

[49] Поздняков Н. С. Методика преподавания русского языка. Москва. -С.51.

мешавад, ки бештар ба мазмуни дарс ва методҳои таълимӣ дахл дорад. Хусусияти асосии дарси такрор аз рӯи мазмун дар он ифода мешавад, ки барои ин гуна дарс одатан маводи хеле фаровонро интихоб мекунанд. Дар дарси мустаҳкамкунӣ бошад, танҳо як мавзӯъ ё боб мустаҳкам карда мешавад.

Дарси такрор аз рӯи тарзи кор низ фарқ мекунад. Чунон ки маълум гашт, барои дарсҳои такрор материали фаровон интихоб карда мешавад. Як қисми ин материалҳо бо ҳам муқоиса кардаву дар ҳамин асос фарқи фактҳои грамматикӣ нишон дода мешавад. Масалан, дар вақти такрори ҷумлаи мураккаби пайваст хонандагон онро бо ҷумлахои содаи чидааъзо муқоиса мекунанд. Аз ин чо, дар дарси такрор принсипи асосии кор, муқоисаи морфемаҳо, орфограммаҳо, категорияҳои грамматикӣ, ҷумлаҳо ва ғайраҳо бо якдигар мебошанд.

Дар дарси такрор на тамоми материал, балки интихобан чанде аз онҳо такрор карда мешаванд. Дар дарс инчунин чизҳое, ки пурра омӯхта иашудаанд, низ ба хотир оварда, қоидаҳо бо мисолҳои каме мушкилтар мустаҳкам карда мешаванд.

Маълум, ки фанни забони модарӣ дар мактаби миёна аз такрори синфҳои поёнӣ сар мешавад ва онро такрори муқаддимавӣ ё аввали соли хониш меноманд, ки барои он дар барномаи давлатӣ соатҳои алоҳида ҷудо карда шудааст. Масалан, дар синфи V таҳсил бо такрори материалҳои синфҳои I-IV (4 соат) оғоз мегардад, ё ки синфи VI бо такрори материалҳои синфҳои V (8 соат) сар мешавад.

Ғайр аз ин дар ҳар як дарс вазифаи хонагӣ пурсида мешавад, вобаста ба ин баъзе мавзӯъҳои дигар ҳам такрор карда мешаванд, ки инро лаҳзаи пурсиши вазифаи хонагӣ мегӯянд.

Вақти баёни материали нав ё ҳангоми иҷрои машқҳо мавзӯъҳои гузашта хотиррасон карда мешаванд. Масалан, омӯзиши қоидаи сифати феълӣ водор менамояд, ки аз хонандагон таърифи сифат ва феъл пурсида шавад. Чунин такрорро такрори ба ҳам алоқаманд меноманд.

Дар ҷараёни таълим такрори ҷамъбастӣ аҳамияти муҳим дорад, ки он дар охири мавзӯъ, қисмҳо ва ё якчанд мавзӯъҳо ва бобҳо гузаронида мешавад. Ин гуна такрор дар охири сол ҳам гузаронида мешавад ва бо ин мақсад дар барнома соатҳои муайян ҷудо карда мешавад. Ҳамин тавр, такрор дар аввали соли хониш, такрори мавзӯъгӣ, такрори чорякӣ, такрори нимсола ва солона мешавад, ки ҳар кадоме хусусияти ба худ хосе дорад. Методист С.Шербоев дар китоби худ чунин хелҳои такрорро нишон додааст: "такрори ҷорӣ, такрори маводи як боб, такрори аввали сол ва такрори солона"[50].

Такрори хулосакунанда ё чорякӣ дар таълими забони модарӣ яке аз ҷойҳои асосиро ишғол мекунад. Дар ин типи такрор ба тарзи гузориши савол эътибор дода мешавад. Саволҳо хонандагонро водор менамоянд, ки аз мавзӯъ хулосаҳо бароваранд. Масалан, дар мавзуи «Сифат» муаллим пешакӣ чунин саволҳо тартиб медиҳад:

1. Сифат кадом нишонаҳои грамматикӣ дорад?

2. Сифат ва исмро чӣ хел фарқ мекунанд?

3. Фарқи сифати аслиро аз нисбӣ муайян кунед. Мисолҳо оваред.

4 Сифат дар ҷумла ба кадом вазифаҳо меояд?

Бо ин гуна саволҳо дониши хонандагон санҷида шуда, мавзӯъ ба хотир оварда мешавад. Натиҷанокии

[50] Шербоев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ.-Душанбе, 2009.- С.119.

ин дарс аз муаллим ва хонандагон тайёрии ҳамаҷониба ва пухта талаб менамояд.

Муаллим бояд пешакӣ саволҳо тартиб дода, ба хонандагон фармояд, ки фалон мавзӯъ ва бобҳоро то дарси оянда хонда оянд.

## 3.10. Дарси санҷиши дониш ва малака (Контролӣ)

Дарси санҷиши донишу малака ё худ контролӣ дар таълими забони модарӣ яке аз ҷойҳои муҳимро ишғол менамояд.

Барои ба даст овардани пешрафти умумӣ дар таълим муаллим бояд ҳис намояд, ки хонандагонаш чиҳоро аз худ намудаанд ва минбаъд доир ба чиҳо бештар кор бурдан лозим аст. Аз ин рӯ, ба муаллим лозим аст, ки дониш ва малакаи хонандагонро ҳам хаттӣ ва ҳам даҳонӣ санҷида истад. Барои ин зарурати дарсҳои санҷиши дониш ва малака ба миён меояд, ки он хусусияту вазифаҳои ба худ хосе дорад.

Методикаи таълими забони модарӣ ва таҷрибаи мактабҳо якчанд намудзҳои дарси контролро пешкаш менамояд, ки асоситаринашон инҳоанд:

а) дарси кори контролӣ;

б) дарси накли контролӣ;

в) дарси иншои контролӣ;

г) дарси диктанти контролӣ.

Ҳар кадоме аз ин дарсэҳо хусусияти ба худ хосе доранд.

Агар муаллим донишҳои имловӣ ва дараҷаи саводи хонандагонро санҷидан хоҳад, аз дарси диктанти контролӣ истифода мебарад. Агар нутқи мураттаб ва ҳам алоқаманди хонандагонашро санҷидан хоҳад, аз дарсҳоӣ накл ва иншои контролӣ истифода менамояд.

Одатан, дарси санҷиши дониш ва малака баъди итмоми мавзӯъҳои калон ё бобҳои алоҳида гузаронида шуда, аз муаллим ва хонандагон тайёрии пухта талаб менамояд. Хонандагон бояд пешакӣ донанд, ки барои такрор кадом мавзӯъ ва қоидаҳои имлоро хонда оянд.

**Дарси кори контролӣ**

Солҳои охир дараҷаи азхудкунии қоида ва таърифотҳо дар дарсҳои забони тоҷикӣ ба воситаи усулҳои гуногуни пурсиш муайян карда мешавад. Пурсиш, одатан, дар аввали дарс гузаронида мешавад ва муаллимон ба ин лаҳза 8-10 дақиқа, баъзан аз ин ҳам зиёдтар вақт ҷудо менамоянд.

Санҷиши дониши хонандагонро дар дарсҳои забони модарӣ бе иҷрои машқ танҳо бо пурсиши қоидаҳо гузаронидан мумкин нест. Бино бар он ҳар сари вақт гузаронидани дарси кори контролӣ аҳамияти калон дорад.

Дарси кори контролӣ мақсаду вазифа ва сохти худро дорад. Сохти дарсҳои контролӣ зоҳиран мушкил нест, гӯё муаллим ин ё он матнро ё супоришро ба хонандагон медиҳад ва баъди иҷро корҳоро ҷамъ карда мегирад.

Дар ин типи дарс ба мазмун ва тарзи иҷрои кор диққати алоҳида дода мешавад. Муаллим ба интихоби материали дарси кори контролӣ эътибор медиҳад.

Ба воситаи кори контролӣ муаллим фаҳмида мегирад, ки хонандагон чизҳои асосиро аз матн чудо карда метавонанд ё не. Бино бар он ба саволнома-супориш чизҳоеро дохил кардан лозим аст, ки хонандагонро ба фикр кардан водор намоянд.

Ғайр аз ин саволнома-супориш аниқу фаҳмо ва мақсади муайян дошта бошад. Сониян, на бояд фаромӯш кард, ки ба кори контролӣ сарфи вақт дуруст

ба ҳисоб гирифта шавад. Чунон ки мебинем, ба дарси контролӣ муаллим ҳамаҷониба тайёрӣ дида, вазифаҳои хеле мушкили методиро ҳал мекунад.

Кори контролӣ аз ҷиҳати мазмун ба чунин хелҳо чудо мешавад:

а) ҷавоби хаттӣ ба саволҳо,

б) таҳлили хаттии грамматикӣ ва имлоӣ.

а) Ҷавоби хаттӣ ба саволҳо.

Одатан барои дарсҳои кори контролӣ мавзӯи калон ва ё қисмҳои бо ҳам алоқаманд интихоб карда мешавад. Интихоби материал дар ин хели дарс роли калон мебозад.

Муаллим барои кори контролӣ саволнома-супоришҳо тартиб медиҳад, аз рӯи он хонандагон кор мебаранд, Саволнома - супоришҳо бояд чунон тартиб дода шаванд, ки хонандагонро ба андеша водор намуда, фикри эҷодии онҳоро вусъат диҳанд. Баъзан муаллимон дар саволнома - супоришҳо «Исм чист?», «Сифат чиро ифода мекунад?» барин саволҳоро ҷой медиҳанд, ки характери эҷодӣ надоранд. Саволнома - супоришҳо аз хонандагон бояд талаб намоянд, ки фактҳои забониро баён карда, қоидаҳои грамматикии омӯхташударо дар амал санҷанд, худ эҷод кунанд ва созанду ёбанд.

Чунончи:

Саволнома - супоришро ба қатори 1

1. Ҷумлаҳои чидааъзоро таъриф кунед ва мисолҳо оред.

2. Ду ҷумла созед, ки дар онҳо мубтадо чида шуда омада бошад.

3. Калимаи «об»-ро таҳлили фонетикӣ намоед.

Аз рӯи нақшаи зерин ҷумла созед ва феълашро таҳлили куллӣ намоед:

-.-.-.-.-.-.-.     __________     _ _ _ _ _ _ _     ═════════

Саволнома - супориш ба қатори II

1. Ду ҷумла нависед, ки хабарҳояшон чида шуда омада бошанд.

2. Калимаи «аз»-ро таҳлили фонетикӣ кунед.

3. Муайянкунандаҳо чанд хел мешаванд? Ба ҳар кадоми муайянкунанда мисол оред.

4. Аз рӯи нақша ҷумла созед ва яке аз исмҳои онро таҳлили кулл� намоед:

__________ ~~~~~~ у ~~~~~ ══════

**б) Таҳлили грамматикии хаттӣ**. Таҳили грамматикии хаттӣ барои мустаҳкам кардани дониш ва малака роли муҳим бозида, дар шаклҳои хаттӣ ва даҳонӣ гузаронида мешавад. Муаллимон аз шакли хаттии он дар дарсҳо хеле кам истифода мебаранд. Дар дарсҳои контролӣ аз шакли хаттии он истифода бурдан хеле қулай аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки таҳлили грамматикӣ яке аз тарзҳои самараноки санҷиши дониш буда, барои дар амал татбиқ намудани қоидаҳои грамматикӣ роли муҳим мебозад. Ба воситаи таҳлили грамматикӣ, аз як тараф, дониши хонандагон санҷида шавад, аз тарафи дигар, барои иҷрои корҳои дигар вақт хеле сарфа мешавад. Аксари мавзӯъҳои забони модариро ба воситаи таҳлили грамматикӣ мустаҳкам кардан қулай аст. Масалан, мавзӯъҳои таркиби калима, хелҳои ҷумлаи сода, ҷумлаҳои мураккаб ва ғайра.

Барои он ки таҳлили грамматикӣ дуруст гузарад, дар навбати аввал хонандагонро ба он тайёр намудан лозим аст.

Муаллим хонандагонро аз таҳлили грамматикии хаттие, ки гузаронида мешавад, пешакӣ огоҳ мекунад ва онҳо материалҳои гузаштаро хонда меоянд.

Кори контролии таҳлили грамматикии хаттиро доир ба ҳар мавзуъ гузаронидан мумкин аст. Масалан, дар мавзуи муайян кардани «Сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумла» аз чунин кори контролӣ истифода бурда мешавад:

Супориш ба қатори 1

1. Ҷумларо таҳлил намоед:

| **Калимаҳо дар шакли ҷумла** | **Сараъзо ва аъзои пайрави ҷумла** | **Бо кадом ҳиссаҳои нутқ ифода ёфтааст** | **Ба калимаҳо характеристикаи морфологӣ додан** |
|---|---|---|---|
| В.И.Ленин | мубтадо | исм | исми хос, ҷондор, танҳо, шахс, исми моддӣ |
| расмеро | пуркунанда | исм | номуайян, сода |
| бодиққат аз назар | ҳол | зарф | зарфи тарзи амал |
| мегузаронад. | хабар | феъл | феъли замони ҳозира – оянда, шахси танҳо, сиғаи хабарӣ, гузаранда, таркибӣ |

2. Нақшаи ҷумлаи мазкурро бо аломатҳои шартӣ нишон диҳед:

__________ _ _ _ _ _ _ _ -ро -.-.-.-.-.-.-. ═══════

3. Дар ҷумлаи зерин аломатҳои китобатиашро гузоред ва онро шарҳ диҳед.

Мо се нафар ҳамсафар ҳамроҳ ҳамфикр ва ҳамкор ҳастем.

Супориш ба қатори II

1.Ҷумларо таҳлил намоед.

| **Калима дар шакли ҷумла** | **Сараъзо ва аъзои пайрави ҷумла** | **Бо кадом ҳиссаи нутқ ифода ёфтааст** | **Ба калимаҳо характеристикаи нопурраи морфологӣ додан** |
|---|---|---|---|
| Ман | мубтадо | ҷонишин | ҷонишини шахсӣ, 1 танҳо |
| аз чеҳраи | пуркунанда | пешоянд, исм | исми ҷинс, беҷон, танҳо |
| Турсунзода | муайянкунанда | исм | исми хос, ҷондор, танҳо |
| хуштар | муайянкунанда | сифат | сифати аслӣ, дараҷаи муқоисавӣ |
| чеҳраеро | пуркунанда | исм | исми ҷинс, беҷон, танҳо, номуайян |
| надидаам. | хабар | феъл | феъли замони гузашта, шахси 1, танҳо, сиғаи хабарӣ, нақлӣ |

2. Схемаи ҷумлаи болоиро бо аломатҳои шартӣ нишон диҳед:

3. Дар ҷумлаи зерин алоқаи байни калимаҳоро муайян кунед.

Мо дар атрофи мактаб 300 бех ниҳол шинондем. Мо шинондем - алоқаи мувофиқат;

дар атрофи мактаб – алоқаи изофӣ

200 бех ниҳол - алоқаи ҳамроҳӣ.

## 3.11. Дарси диктанти контролӣ (Санҷишӣ)

Яке аз намудҳои маъмули диктантҳо дар мактабҳо диктанти контролӣ- санҷишӣ буда, он одатан баъди ба итмом расидани мавзӯъҳои калон дар охири чорякҳо гузаронида мешавад. Диктанти контролӣ барои мустаҳкам кардани қоидаҳои грамматикӣ-орфографӣ аҳамияти калон дорад. Ба воситаи ин диктант муаллимон дониши хонандагонро доир ба як ё якчанд мавзӯъҳо месанҷанд. Методикаи забони тоҷикӣ дар

интихоби матни диктанти контролӣ, тарзи дикта ва хониши матн аз тарафи муаллим, инчунин ташкили гузаронидани он якчанд талаботи педагогӣ ва лингвистӣ пешниҳод менамояд, ки аз инҳо иборат аст:

1. Мазмуни матни диктант бояд ба талабот ҷавоб диҳад ва ба хонандагон мутлақо фаҳмо бошад. Агар дар матн калима ва ибораҳои барои хонандагон ношинос, душворфаҳм бошад, пеш аз навиштани диктант муаллим онҳоро дар тахтаи синф навишта эзоҳ диҳад.

2. Матн ба синну соли хонандагон ва дониши онҳо мувофиқ бошад.

Матн бо орфограммами зарурӣ таъмин бошад, дар он барои такрори қоидаҳои омӯхташуда ва чизҳои нав орфограммаҳо оварда шаванд.

3. Матни диктант услубан хуб, аз ҷиҳати бадеӣ ба талабот ҷавоб дода тавонад ва он аз асарҳои бадеӣ, маҷмӯаи диктант ва нақли хаттӣ, газета ва журналҳо интихоб карда шавад. Баъзан худи муаллим ҳам метавонад матни диктантро тартиб диҳад.

4. Матни диктант аз ҷумлаҳои ба ҳам алоқаманд иборат бошад.

5. Матне, ки барои ҳар як синф интихоб карда мешавад, аз чунин миқдори калимаҳо иборат бошад:

| **Синфҳо** | **V** | **VI** | **VII** | **VIII** | **IX** | **X** | **XI** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Дар аввали соли хониш** | 100 | 110 | 120 | 130 | 140 | 160 | 180 |
| **Дар охири соли хониш** | 110 | 120 | 130 | 140 | 160 | 190 | 200 |

Тарзи гузаронидани дарси диктанти контролӣ чунин аст:

Матн пурра аз тарафи муаллим хонда мешавад (ба шарте, ки ҷумлаҳо ба ҳам алоқаманд бошанд ва агар аз ҷумлаҳои ҷудогона иборат бошанд, хондани он зарур

нест). Муаллим матнро бурро, мувофиқи нормаи талаффузи забони адабӣ ва ба хонандагон дастрас бояд хонад.

Баъди хондани матн ҳар як ҷумла дар алоҳидагӣ хонда ва нависонда мешавад. Дар ин лаҳза муаллим ҳар як ҷумларо ба паузаҳо ҷудо карда, ба задаи мантиқӣ эътибор медиҳад, ҷумлаҳоро ба қисмҳои аз 5 то 8 калима ҷудо менамояд ва техникаи хондани матнро кор карда мебарояд.

Ба калимаҳои алоҳида ҷудо карда нависондани диктант мумкин нест. Ҳангоми дикта муаллим бояд дар ҷое истад, ки ӯро ҳамаи хонандагон дидаву овозашро шунида тавонанд. Овози муаллим барои ҳамаи хонандагон дастрас бошад.

Баъзе муаллимон дар вақти навиштани диктант хонандагони дар навишт ақибмондаро танбеҳ медиҳанд. Ин тарзи муносибат нодуруст аст, зеро он рафти умумии корро халалдор месозад ва ба фикри хонанда таъсир расонида, ҳолати руҳии ӯро тағйир медиҳад.

Барои ҳамин ҳам ба муаллим зарур аст, ки дар вақти гузаронидани диктант сурати диктаро ба тарзи навишти хонандагон мувофиқ кунонад. Хонандае, ки ҳангоми навиштан қафо мемонад, бояд ҷумла ё калимаву ибораро партофта давоми онро нависад.

Дар мавриди навиштан хонандагонро одат кунонидан лозим аст, ки доир ба тарзи навишти ин ё он калима савол надиҳанд, то ки хотири дигарон парешон нашавад. Баъди нависонда шудани тамоми матн муаллим бори дигар онро мехонад, хонандагон навиштаашонро аз назар мегузаронанд.

Сонӣ барои худтафтишкунии хонандагон 3-4 дақиқа вакт ҷудо карда мешавад, то ки онҳо диктанти навиштаашонро аз сари нав хонда баъзе хагиҳояшонро ислоҳ намоянд. Дар ин хусус дар байни методистон,

муаллимон ва муаллифони китобҳои методикаи таълим ду фикри ба ҳам зид дида мешавад. Баъзе муаллимон ва методистон барои худсанҷии хонандагон ҷудо кардани вақтро зарур медонанд, аммо баъзеҳо баръакс.

Мақсади диктанти контролӣ санҷиши дониши ҳақиқии хонандагон аз грамматика ва имло мебошад. Пас ба хонандагон имконият дода шавад, ки саводи худро санҷанд.

Сониян, ҳар як муаллим нағз медонад, ки хонандагон дар вақти навиштани диктант якчанд корҳои мураккабро аз ҷиҳати писихологӣ иҷро менамоянд: матнро бо диққат гӯш мекунанд, барои дарк кардани мазмуни он кӯшиш мекунанд, орфограмма ва пунктограммаҳоро аз якдигар фарқ мекунанд, қоидаҳои имлоро ба хотир меоранд ва ғайраҳо. Ғайр аз ин, дар вақти навиштани баъзе калимаҳо тарзи навишти онҳоро фарқ намекунанд, мушкилӣ кашида, онгоҳ ин ё он калимаро баъзан партофта мераванд. Ҳамаи инро ба ҳисоб гирифта барои худсанҷии хонандагон ҷудо кардани вақтро зарур меҳисобем.

Махфӣ нест, ки барои натиҷанокии диктант диктаи муаллим роли муҳим мебозад. Овози муаллимро аҳли синф бояд шунавад. Таҷриба нишон медиҳад, ки хонандагони синфи IV дар як дақиқа 3-5 калима, синфи V 4-5 калима, хонандагони синфи VI 5-6 калима ва VII-XI то 8-9 калима навишта метавонанд. Вақти навиштани диктант дар рӯи парта ҳеҷ гуна асбобҳои хониш набошад. Ғайр аз ин, хонандагон пешакӣ як-ду дарс қабл донанд, ки доир ба кадом ҳиссаи нутқ ё қоидаҳои имло диктант гузаронида мешавад. Ин имконият медиҳад, ки онҳо қоидаҳои имло ё ҳиссаҳои нутқро такрор карда ба диктант тайёр шаванд.

## 3.12. Дарси таҳлил ва ислоҳи хатоҳо

Муаллим корҳои хаттиро тафтиш карда, ба онҳо баҳо мегузорад. Як вақтҳо барои таҳлили корҳои хаттӣ дарсҳои алоҳида ҷудо карда мешуданд. Вале солҳои охир аз чӣ сабаб бошад, ки дарси кор бо ғалатҳои хонандагон аз байн рафтааст. Ба фикри мо, дар системаи таълими забони модарӣ ин типи дарс бояд аз нав ҷорӣ карда шавад.

Маълум, ки дар корҳои хаттии хонандагон намунаҳои гуногуни ғалатҳои имлоӣ, китобагӣ ва услубӣ дучор мешаванд. Албатта, ин хатоҳо дар натиҷаи дуруст надонисгану аз худ нашудани ин ё он қоидаҳои грамматикӣ ва имлоӣ ба миён меоянд. Муаллимро зарур аст, ки он қоидаҳои имлоро аз нав ба хотир оварад ва ба хонандагон ёрӣ расонад, то ки ғалатҳояшонро фаҳманд. Бо ин мақсад шакли махсуси омӯзиш, дарси кор бо хатоҳо гузаронида мешавад.

Ин типи дарс аз мушкилтарин типи дарсҳо буда, аз муаллим маҳорати баланд, дониши пухта ва истифодаи машқҳои гуногунро талаб менамояд. Дуруст ташкил намудани ин дарс ба интихоби материали дидактикии он, тарзи гузаронидан ва методи кори муаллим вобаста аст.

Барои он ки дарси кор бо хатоҳо натиҷаи хуб диҳад, муаллим бояд ба он тайёрии пухта бинад. Тайёрии муаллим ба ин типи дарс аз инҳо бояд иборат бошад:

1. Муаллим кори хаттиро тафтиш намуда, хатоҳоро тасниф намояд ва ба ҳисоб гирад, ки хонандагон дар кадом қоидаҳои имло хатоҳои зиёд содир намудаанд.

2. Ба ҳар як типи хатоҳо бояд мисолҳо чудо намояд.

3. Аз он ғалатҳо типи ва ғайритипиашро равшан кунад.

4. Барои мустаҳкам намудани қоидаҳои имло материали дидактикӣ интихоб намояд.

5. Тарзи мустаҳкам намудани қоидаҳои грамматикӣ ва имловиро кор карда барояд.

6. Барои вазифаи хонагӣ материал интихоб намояд. Ба ҳисобгирии хатоҳои хонандагон умумӣ ва индивидуалӣ мешаванд.

| | **Ғалатҳои орфографӣ-имловӣ** | | | | | | **Ғалатҳои пунктуатсионӣ** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ном ва насаби хонанда | Й- заданок | Аломати “ъ” | Такрори хамсадо | Аз як сатр ба сатри дигар кӯчонидан | Исми хос | Якчоя ва чудо навиштани калимахо | Вергул дар байни аъзохои чида | Ду нкта ва тире дар аъзохои чида | Вергул дар чумлаи мураккаби пайваст | Тире | Нохунак | Ва ғайра |
| Аброров А | 1 | | 1 | | 1 | | | | | | | |
| Воситова М. | | 1 | | 1 | | 1 | | | | | | |
| Гадоев К. | 1 | | | | | | 1 | | | | | |
| Додоев А. | 1 | | | | 1 | | | | | | | |
| Зокирова М. | | | | | | | | | | | | |
| Калонов А. | 1 | | | 1 | | | 1 | | | | | |
| Дадоев М. | | | 1 | | | 1 | | | | | | |

Хатоҳои хонандагони сустхон ба таври индивидуалӣ ба ҳисоб гирифта шуда, барои қайд муаллим бояд дафтари алоҳида дошта бошад.

**Тайёрии хонандагон ба ин дарс.** Аз таҷрибаи мактабҳо маълум аст, ки баъди гирифтани кори контролӣ, албатта, дар дарси оянда кор бо ғалатҳо гузаронида мешавад. Бисёр муаллимон кори контролиро тафтиш намуда, баҳоро зуд ба журнал мегузаронанд ва баъд дафтарҳоро ба хонандагон баргардонида медиҳанд, ки гӯё ин тарзи кор манфиатнок бошад.

Ба фикри мо, кори контролиро баъди ду-се дарс тафтиш намуда, сонӣ таҳлили онро гузаронидан беҳтар аст. Ин аз он чиҳат хуб аст, ки хонандагон то ин вақт ба таҳлили хатохо тайёр мешаванд.

Муаллим диктант, нақли хаттӣ ё дигар намуди кори контролиро тафтиш намуда, ба хонандагон бояд маълум намояд, ки онҳо дар кадом қоидаҳои имло хатоҳои зиёде содир кардаанд, дар хона он қоидаҳоро хонда оянд ва фалон машқро иҷро намоянд. Дар ин сурат хонандагон пешакӣ тайёрӣ мебинанд ва дарс ҳам шавқовар мегузарад.

**Сохти дарси кор бо ғалатхо**. Ин типи дарс ҳам монанди дарсҳои дигар сохти муайян дорад.

Лаҳзаҳои асосии ин дарс:

1. Характеристикаи умумӣ додан ба корҳо ва баҳои гузошташуда.
2. Аз назар гузаронидани ғалатҳо аз тарафи хонандагон.
3. Аз нав ба хотир овардани дониши хонандагон.
4. Мустаҳкамкунии қоидаҳо ба воситаи машқҳо.
5. Супориши вазифаи хонагӣ.

Дар лаҳзаи аввал муаллим баҳои хонандагонро эълон намуда, корҳои хуб ва бадро ҳамчун намуна нишон медиҳад. Чизи асосӣ дар ин типи дарс ба хонандагон ёрӣ расонидан аст, то ки онҳо ғалатҳояшонро фаҳманд, сабабашро маълум намоянд, ки чаро хато содир намудаанд. Бо таклифи муаллим 2-3 хонанда корашро мехонад ва ғалатҳояшро номбар менамояд. Сонӣ, аҳли синф онро шарҳ медиҳад, хонандагон қоидаҳои грамматикӣ ва имлоро ба ёд меоранд. Масалан, хонандае, ки дар байни ҷумлаҳои содаи мураккаби пайвасти бепайвандак вергул нагузоштааст, онро хонда ба рафиқонаш маълум

менамояд. Баъд хатоҳо ба таври умумӣ таҳлил намуда, хулосаҳо бароварда мешавад:

а) ин ҷумлаи мураккаби пайваст аст,

б)дар байни ҷумлаҳои содаи он аломати вергул гузошта мешавад,

в) вай бепайвандак ифода шудааст.

Қоидаҳои имловӣ ва грамматикӣ вобаста ба ғалатҳои содиркардаи хонандагон тадриҷан ба хотир оварда мешаванд. Тарзи мустаҳкамкунии қоидаҳо, аввало як қоидаро ба ёд оварда, сониян баъди бо машқ мустаҳкам намудани он ба қоидаи дигар мегузаранд.

Лаҳзаи асосии дарси кор бо ғалатҳои хонандагон иҷрои машқҳо доир ба ғалатҳо буда, он нисфи зиёди дарсро бояд дарбар гирад. Тарзи кор бо хонандагон чунин мешавад:

а) аввалан, сабаби рӯй додани ғалат муайян карда мешавад,

б) сипас қоидаи дахлдор оварда шуда, бо мисол нишон дода мешавад,

в) дар охир ба ҳар як қоидаи имло мисолҳои характери гуногун дошта аз тарафи хонандагон оварда мешавад. Зиёда аз ин, ба хонандагон вобаста ба типи ғалатҳои содиркардаашон вазифаи хонагӣ супорида, машқ ё ягон таърифи грамматикӣ аз китоб дода мешавад.

**Материали дидактикии ин дарс.** Таҷриба нишон медиҳад, ки аксар вақт муаллимон дар ин типи дарс мувофиқи талаботи методика кор накарда, онро сарсарӣ мегузаронанд. Хонандагон ғалатҳояшонро шарҳ медиҳанд, ба он мисол меоранд ва менависанд. Ин тарзи кор оҳиста-оҳиста хонандагонро ба он оварда мерасонад, ки онҳо танҳо қоидаҳоро баён мекунанду сабаби содир шудани хатоҳоро муайян карда наметавонанд. Дар ин типи дарс машқҳои гуногун бояд асоси кор бошад. Маълум, ки дарси кор бо хатоҳо як

намуди дарси мустаҳкамкунии дониш аст. Дар ин гуна дарсҳо хонадагон аз материали забон ва машқ бештар истифода карда онро таҳлил менамоянд.

Барои муайян кардани сабаби рӯй додани ғалатҳо мисолҳо аз корҳои хаттии хонандагон гирифта шуда, материалҳои аз дигар сарчашмаҳо овардашуда барои машқ истифода бурда мешаванд.

**Усули ислоҳи хатоҳо**

Хатоҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1. Хатоҳое, ки ба ин ё он қоидаи имло мансубанд;
2. Хатоҳое, ки ба ин ё он қоидаи имло мансуб нестанд.

Ҳангоми кор бо хатоҳои имловӣ муаллим аз чунин намуди корҳо истифода мебарад:

а) гузаронидани диктанти интихобӣ,

б) таҳлили орфографӣ,

в) гузоштани ҳарфҳои партофтарафта дар калимаҳо,

г) машқ оид ба тарзи навишти бандакҳо,

ғ) мустақилона тартиб додан ва навиштани ҷумлаҳо.

Албатта, ин ё он усули кор вобаста ба хусусияти хато интихоб карда мешавад. Агар хонандагон берун аз қоидаҳои имло хато содир карда бошанд, муаллим аз чунин намудҳои кор истифода мебарад:

а) аз луғати имло иавиштани шакли дурусти калимаҳо,

б) интихоб ва навиштани калимаҳои ҳамреша,

в) иваз намудани калимаҳои иқтибосӣ ба тоҷикӣ,

г) ба ҷои нуқтаҳо гузоштани ҳарфҳо,

ғ) ба шакли дурусти калима тартиб додани ибора ва ҷумлаҳо.

Барои ислоҳи хатоҳои китобатӣ муаллим аз чунин намудҳои кор истифода мебарад: таҳлили ҷумлаҳо,

тартиб додани нақшаи ҷумлаҳо, таҳлили пунктуатсионӣ, гузоштани аломатҳои китобатӣ, тартиб додан ва навиштани мисолҳо аз тарафи хонандагон ва ғайра.

Дарислоҳи хатоҳои услубӣ аз таҳлили услубӣ, иваз намудани як калима бо калимаи дигар, аз нав тартиб додани ҷумлаҳо, таҳрири матн барин тарзҳои кор истифода бурда мешавад.

Барои ба ҳисобгирии хатоҳои хонандагон аз чунин аломатҳо истифода кардан мумкин аст. Агар ғалати имловӣ бошад, дар ҳошияи дафтар аломати хати рост (\) гузошта, ба зери калимаи хато навишташуда бо қалами сурх хат кашида шавад. Агар ғалат китобатӣ бошад, он гоҳ дар ҳошияи дафтар аломати (V) кашакча гузошта мешавад. Ва ниҳоят ғалати услубӣ содир шуда бошад, ба зери ҷумла хат кашида, дар ҳошияи дафтар аломати хати мавҷнок аз боло ба поён кашида мешавад.

Доир ба тарзи ислоҳи хатоҳои хонандагон байни муаллимону методистон фикрҳои гуногун мавҷуданд.

Гурӯҳи муаллимон чунин меҳисобанд, ки хатои хонанда бояд дар ҷояш бо ранги сурх ислоҳ карда шавад. Гурӯҳи дигар мегӯянд, ки ғалат дар ҷояш ислоҳ карда нашуда, балки ба зери он калима хат кашида, дар ҳошия аломати он гузошта шавад. Ва ниҳоят гурӯҳи сеюмашон чунин ақида доранд, ки хатои хонандагонро дар ҷояш ислоҳ накарда ва ба зераш ҳам хат накашида, дар ҳошияи ҳамон сатр, дар рӯ ба рӯи рости он сатр намуди хато бо аломат нишон дода шавад, то ки худи хонандагон ҳангоми кор бо хатоҳо онро худашон ёфтаву ислоҳ намоянд.

Ба фикри мо, аз ҳар се намуди ислоҳи хатоҳо вобаста ба синф ва синну соли хонандагон дар мавридаш истифода бурдан лозим аст.

Дар ҷояш ислоҳ намудани ғалатҳои хонандагон бояд дар синфҳои 1У-У1, ба зери калима хат кашидан дар синфҳои VII- VIII ва ба ҳошияи дафтар гузоштани аломатҳо дар синфҳои 1Х-Х1 истифода карда шавад. Албатта, аз тарафи худи хонанда ислоҳ намудани ғалатҳо хеле аҳмиятнок мебошад, вале мутаассифона, на ҳамеша хонандагон аз ӯҳдаи чунин кор баромада метавонанд. Бо вуҷуди ин корҳои хаттии якдигарро тафтиш намудани хонандагон аз аҳамият низ холӣ нест.

## 3.13. Дарси ҷамъбасткунии маводҳо ва такмили малакаҳо

Хели дигари дарсҳо дарси ҷамъбасткунӣ ва такмили малака буда, таҳти истилоҳи ҷамъбасткунӣ муттаҳид кардани якчанд ҳодисаҳои забонӣ ва ба як қоидаи умумӣ тобеъ кардани онҳо фаҳмида мешавад. Пай бурдан душвор нест, ки мақсади асосии ин типи дарс ҷамъбаст намудани мавзӯъҳо ва санҷиши дониши хонандагон буда, муаллим ба интихоби мавзӯъҳои ҷамъбастӣ диққати алоҳида медиҳад. Ташкил кардан ва гузаронидани дарси ҷамъбастӣ ва мавзӯъҳои таълимӣ ба якчанд омилҳо вобастагӣ дорад. Аввалан барои самаранок гузаштани ин гуна дарсҳо хонандагонро ба он пешакӣ тайёр намудан лозим аст, то ки онҳо аз ӯҳдаи бо материали ҷамъбастшаванда кор карда тавонистан баромада тавонанд.

Албатта, ин кор аз хонандагон мустақилият металабад. Чизи дигар ин моҳирона ҷудо карда тавонистани камбудиҳое, ки дар вақти ҷавоби даҳонӣ ва корҳои хаттии хонандагон рӯй медиҳанд. Муаллим бояд ҳамаи хатоҳои хонандагонро ба ҳисоб гирифта истад.

Метавон гуфт, ки доир ба ҳар як боби забон дарсҳои ҷамъбасткунӣ гузаронидан мумкин аст.

Масалан, доир ба синтаксис ва аломатҳои китобатӣ дар мавзӯъҳои зерин дарсҳои ҷамъбасткунӣ гузаронида мешавад:

Алоқаи калимаҳо дар ибора ва ҷумлаҳо,

Роҳҳои ифодаи аъзоҳои ҷумла.

Аломати вергул дар ҷумлаи сода.

Аломатҳои китобатӣ дар ҷумлаҳои мураккаб ва ғайраҳо.

Сохти дарси ҷамъбасткунӣ. Дарси ҷамъбасткунӣ аз чунин қисм - лаҳзаҳо иборат аст:

Аз нав хотиррасон намудани дониши хонандагон дар асоси материали ҷамъбастшаванда.

Ҷамъбасти материал.

Санҷиши азхудшавии қоидаҳо.

Такмили малака аз рӯи мавзӯъ (иҷрои машқҳо).

Ҷамъбасти дарс ва хулосаҳо.

Схемаи дарси ҷамъбасткунии болоӣ тахминӣ буда, муаллим метавонад лаҳзаҳои онро кам ва зиёд намояд.

**Материали дидактикии дарси ҷамъбасткунӣ**. Ба материали дидактикии дарси ҷамъбасткунӣ, қоидаҳо, таблитсаҳо, калимаву ҷумлаҳо, матнҳои алоқаманд дохил мешаванд. Муаллим дар ҳамаи лаҳзаҳо аз материалҳои дидактикӣ истифода мебарад, зеро онҳо ҷузъи асосии дарс буда, бе онҳо санҷишу ҷамъбаст кардани мавзӯъҳо номумкин аст. Дар дарсҳои ҷамъбасткунӣ аз чунин намудҳои материали дидактикӣ истифода бурда мешавад:

Таърифотҳои грамматикӣ. Маълум, ки хонандагон таърифоти фонетикӣ ва грамматикиро назар ба қоидаҳои имло ба осонӣ ва тезӣ аз худ менамоянд. Ин табиист, зеро таърифотҳои грамматикӣ қоидаҳои нутқи зинда буда, хонандагон онҳоро то ба мактаб омадан беихтиёрона истифода мебаранд.

Аммо қоидаҳои имло танҳо дар мактаб таълим дода шуда, мушкилиҳои ба худ хосе доранд. Дар дарсҳои ҷамъбасткунӣ таърифотҳои грамматикӣ аз хонандагон пурсида шуда, ба онҳо мисолҳои гуногун овардаву ҷамъбаст карда мешаванд.

Дар ин типи дарс таблитса ва варақчаҳо ҳамчун материали дидактикӣ истифода бурда мешаванд.

2. Калима ва ҷумлаҳо. Калима ва ҷумлаҳо материали асосии ин типи дарс буда, онхо мазмунан аз материали дарсҳои дигар мушкилтаранд. Талаботи дигар доир ба материали дидактикии дарсҳои ҷамъбастӣ ба тарзи муқоиса иҷро намудани фактҳост. Дар забони тоҷикӣ бисёр ҳодисаҳо, фактҳо ва шаклҳо аз рӯи хусусият ё нишонаҳои беруниашон ба якдигар монанданд. Инро на ҳама вақт ба осонӣ фарқ менамоем. Бино бар ин муқоисаи фактҳо барои ҷудо намудан ва фаҳмидани моҳияти онҳо аҳамияти калон дорад. Забони тоҷикӣ яке аз забонҳои бойтарини дунё ба ҳисоб меравад. Дар он ифодаҳои гуногун, шаклҳои грамматикии ҳархела, калимаву ибораҳои бисёрмаъно хеле зиёд буда, онҳоро дар дарсҳои забони модарӣ пурра ва ҳамаҷониба омӯхтан ғайриимкон аст.

Дар мактаб он чи ки дар барномаи таълимӣ нишон дода шудааст, омӯхта мешавад.

Дар ин дарсҳо аз методҳои гуногуни ҷамъбаст намудани материалҳо истифода бурда мешаванд:

а) муқоисаи мисолҳои гуногун ва таҳлили онҳо,

б) тартиб додани таблитсаҳо (хонандагон бо супориши муаллим доир ба ин ё он мавзӯъ худ таблитсаҳо тайёр мекунанд).

Ҳамин тавр, дарси ҷамъбасткунӣ яке аз хелҳои мушкили дарс ба ҳисоб рафта, дуруст ташкил кардан ва гузаронидани он ба маҳорату дониш ва таҷрибаи ҳар як муаллим вобастагӣ дорад.

## 3.14. Иштирок ба дарс ва таҳлили он

Вазифаи аввалини муаллим ин аст, ки таълими муваффақиятноки ҳар як талаба ва дониши хуби ӯро таъмин намояд. Пешравии хонандагон, пеш аз ҳама, ба он марбут аст, ки муаллим дарсро то чи андоза пурмазмуну шавқовар ва фаҳмо мегузарад, кори мустақилонаи хонандагонро то чи дараҷа дуруст санҷида метавонад ва норасоии нуқсонҳои шогирдонро чӣ тавр сари вақт муайян ва пешгирӣ менамояд.

Муаллим бояд кӯшиш намояд, ки ҳар як дарси ӯ дар хонандагон хислати ҷӯяндагӣ пайдо кунонад, онҳоро ба мароқ оварда, диққат ва ҷидду ҷаҳдашонро ба дониш ва аз худ намудани маҳорату малакаҳои амалӣ сафарбар намояд.

Барои амалӣ гардидани чунин мақсад дар мактабҳоямон воситаҳои илмӣ-методие мавҷуданд, ки тадриҷан беҳтар шудани сифати таълим аз бисёр ҷиҳат ба фаъолияти онҳо алоқаманд аст. Яке аз чунин воситаҳо иштироки муаллимон ба дарси ҳамдигар ва таҳлили он мебошад.

Иштирок ба дарс на танҳо як ҷузъи назорати дохилӣ, балки мақсади ба муаллим-дарсдиҳанда ёрии методӣ расониданро дорад. Дар ин бобат мавқеи сексияи иттиҳодияҳои методӣ аз ҷумла, сексияи муаллимони забон ва адабиёт бағоят калон аст.

Дар коллективҳои педагогии мактабҳо иштирок ба дарсҳои якдигар, муоина ва таҳлили дарсҳо асосан характери таҷрибаивазкунӣ дошта, он ду мақсадро дар назар дорад: омӯхтани таҷрибаи муаллим ва ба пешрафти фаъолияти минбаъдаи ӯ кӯмак расонидан.

Пӯшида нест, ки омӯхтани таҷрибаи муаллим бештар ба омӯзгорони ҷавон тааллуқ дошта, омӯзонидан бештар ба муаллимони соҳибтаҷриба ва кӯҳансол алоқаманд аст.

Лозим аст, ки ҳар як дарси мушоҳидашуда бояд ҳатман таҳлил карда шавад. Таҳлили дарс ду хел гузаронида мешавад: таҳлили фардӣ ва коллективона. Мушоҳидаҳои мунтазами дарсҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки на ҳамаи муаллимон дарсҳои ҳамкасбони худро дурусту ҳамаҷониба ва мувофиқи талаботи методӣ таҳлил менамоянд.

Таҳлили дарс яке аз шаклҳои мураккаби баҳодиҳӣ ба фаъолияти педагогии муаллим буда, он аз мутахассис дониши амиқ ва маҳорати баланди педагогӣ талаб мекунад. 'Гаҳлили дарс дорои усулҳои хос буда, риояи он сифати таҳлилро боз ҳам беҳтар менамояд.

Ҳангоми гузаронидани таҳлили коллективӣ сухани аввал ба дарсдиҳанда дода мешавад. Дарсдиҳанда доир ба тайёрии худ ба дарс, интихоби методҳо, истифодаи адабиёт, тайёр намудани аёният, воситаҳои техникӣ сухан карда, таассуроти худро доир ба дарсаш баён мекунад ва дар айни замон баъзе норасоиҳое, ки дар дарс содир намуд ва худ онҳоро ҳис карда буд, гуфта мегузарад.

Баъди ин шахсоне, ки ба дарс иштирок карда буданд, муваффақияту норасоиҳои дарсро гуфтаву маслиҳатҳо дода мегузаранд. Ҳангоми таҳлил кардан аввал ҷиҳатҳои хуби дарс гуфтаву сипас норасоиҳои он қайд карда мешаванд.

Дар мушоҳидаи дарс чизи асосӣ дарк карда тавонистани ҳамаи ҷиҳатҳои таълимию тарбиявӣ ва дидактикии дарс ва муайян кардани нуқсонҳои он, инчунин барои муаллим додани маслиҳат ва тавсияҳо мебошад.

Таҳлилкунанда баъди қайди норасоиҳо бояд доир ба бартараф кардани онҳо маслиҳатҳо дода гузарад. Норасоиҳои дарсро шартан ба ду гурӯх: илмию назарӣ ва методӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Ба гурӯҳи камбудиҳои илмию назариявӣ ба хубӣ надонистани моҳияти мавзӯъ, маънидоди нодурусти таърифот ва қоидаҳо, санаҳо, фактҳо, дар навишт ва гуфтор роҳ додан ба хатоҳои имлоӣ, пунктуатсионӣ, услубӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд. Ба гурӯҳи камбудиҳои методӣ бошад, нодуруст ба кор бурдани тарз ва методҳои таълимӣ, истифодаи бемаврид ва нодурусти аёният, тақсимоти вақт, рафтуои барзиёд, истифодаи шеваю лаҳҷа дар нутқ, надонистани усулҳои саволгузорӣ ва амсоли инҳо дохил мешаванд. Таҳлили дарс се ҷиҳатро дар назар дорад: муваффақият, норасоӣ ва тавсияҳои методӣ.

Чунон ки маълум аст, ҳар як дарс, аз ҷумла, дарси забони модарӣ характери таълимӣ ва тарбиявӣ дорад. Дарс ҳам бояд аз ҳамин нуқтаи назар таҳлил ёбад. Ҳангоми таҳлил ба чунин ҷиҳатҳои дарс: мазмун, сохт, тарзи ташкилу гузаронидан ва ҷиҳатҳои психологӣ-педагогии он эътибор дода шавад.

Нақшаи тахминии таҳлили дарси забони модарӣ чунин аст:

1. а) Дурустии тарзи кушодан ва фаҳмонидани мавзӯи нав, шаклҳои муайянкунии он ва хулосаҳо дар дарс.

б) Ҷиҳати таълимӣ ва тарбиявии материалҳои дидактикӣ, ба синну соли хонандагон мувофиқ будан ва набудани онҳо.

в) Ҷиҳати илмии дарс.

г) Маданияти нутқи муаллиму хонандагон.

2. а) Методҳо ва воситаҳои методии омӯзиши материали нав, мустаҳкамкунии мавзӯи нав, камбудиҳои он, санҷиши дониши хонандагон аз мавзӯи нав.

б) Намудҳои машқ ва моҳияти истифодаи онҳо.

в) Аёният дар дарс ва тарзи истифода аз он, ҷиҳати эстетикӣ ва таълимию тарбиявии аёният.

г) Вазифаи хонагӣ ва тарзи супоридани он.

ғ) Санҷиши дониши хонандагон, тарзҳои пурсиш, баҳогузорӣ ба дониши онҳо, мувофиқ будани меъёри баҳогузорӣ.

д) Инкишофи нутқи хонандагон, роҳҳои баланд бардоштани маданияти нутқ, шарҳи луғатҳо, истилоҳҳо, калимаҳои душворфаҳм, неолигизмҳо, ибораҳои фразеологӣ ва ғайраҳо.

е) Мавҷудияти принсипҳои инкишофёбӣ ва тарбиявии таълим дар дарс.

ё) Ҷамъбаст ва натиҷаи дарс.

1. а) Симо ва рафгори муаллим дар дарс, одоби мулоқот бо хонандагон, чеҳраи муаллим. муносибати ӯ бо аҳли синф ва хонандагони ҷудогона.

б) Тарбия дар синф ва ҷиҳатҳои мусбати он дар таълим.

в) Дараҷаи фаъолнокии хонандагон дар дарс ва лаҳзаҳои ҷудогонаи он.

г) Ҳолату рӯҳияи хонандагон мавриди аз тарафи муаллим истифода кардани воситаҳои методии нав ва намудҳои гуногуни кор.

2. а) Ҷиҳати гигении дарс ва ҳолати синф.

б) Тарзи нишасти хонандагон ва ҷиҳати хастагӣ ва мондашавии онҳо.

в) Мавҷудияти ашёҳои хониш ва тарзи истифода аз доскаи синф.

г) Баҳо ва баҳогузорӣ дар дарс.

1. Хотимаи дарс ва хулосаҳо.

а)Иҷро гардидани мақсади дарс.

Ғайр аз ин муқарриз ҳангоми таҳлил ба чунин масъалаҳо бояд эътибор диҳад:

а) нодуруст ва ё дурустии тақсимоти вақт ба лаҳзаҳои дарс,

б) проблемагузорӣ ва ҳалли он дар дарс,

в) ба ҳаёти имрӯза алоқаманд намудани дарс,

г) худ сохтан, корҳои эҷодӣ, худ тартиб додан дар дарс,

ғ) ҳусни хат ва саводнокӣ,

Ҳамин тариқ, мушоҳидакунанда бояд дар худи ҳамон рӯз, дарсро таҳлил намояд ва дар дафтари таҳлил мулоҳизаҳои худро пурра қайд намояд. Нақшаи қайди тақриздиҳанда дар дафтар чунин аст:

1. Синф, мактаб, муаллим, сана.
2. Фан ва мавзӯи дарс.
3. Мақсади дарс.
4. Хели дарс.

Рафти дарс

1. Муваффақият.
2. Камбудиҳо.
3. Хулосаҳо.

### 3.15. Вазифаи хонагӣ аз забони модарӣ

Яке аз муҳимтарин лаҳзаҳои дарс дар протсесси таълими забони модарӣ вазифаи хонагӣ ва супоридани он ба ҳисоб меравад. Мутаассифона, баъзе муаллимон ба супориши вазифаи хонагӣ хеле рӯякӣ рафтор мекунанд. Вазифаи хонагӣ давоми мантиқии машғулиятест, ки хонандагон онро дар синф иҷро намудаанд. Аз ин рӯ, байни вазифаи хонагӣ ва машғулияти синфӣ алоқаи ҷудонашаванда мавҷуд аст.

Дар вақти супоридани вазифаи хонагӣ муаллим онро ба назар гирад, ки муаллимони дигар ҳам аз фанҳои таълимӣ вазифа месупоранд.

Муаллим ҳамчун вазифаи хонагӣ метавонад барои мустаҳкам кардани мавзӯи омӯхташуда таърифи

грамматикӣ ва як машқе аз китоби дарсӣ ва ягон супориши эҷодиро супорад.

Ҳаҷми машқ барои синфҳои V (8-10 қатор) ва барои синфҳои VI-VIII-IX (10-15 қатор) бояд бошад. Дар баъзе ҳолатҳо агар таърифи грамматикӣ супорида нашавад, якбора ду машқ ҳамчун вазифаи хонагӣ супоридан мумкин аст. Вазифаи хонагӣ мазмунан бояд бо дарси ҳамонрӯза ва материалҳои пешина алоқаманд бошад. Ташкили дурусти супориши вазифаи хонагӣ имконият медиҳад, ки хонандагон онро дуруст ва беғалат иҷро намоянд. Ҳамчун қоида ба сифати вазифаи хонагӣ аз забони модарӣ машқҳое супорида мешавад, ки намунаи онро дар синф бо роҳбарии муаллим хонандагон иҷро намудаанд. Инҳо намудҳои гуногуни машқҳо доир ба рӯйбардоркунӣ, бо гузоштани аломатҳои китобатии партофташуда, тағйир додани матнҳо, ҷумлаҳо, намудҳои гуногуни таҳлили грамматикӣ, сохтан ва тасниф намудани ҷумлаҳо аз рӯи нишонаҳояшон, ба зери калимаҳо хат кашидан, нақлу иншо ва ғайраҳо мебошанд. Дар хона бояд машқҳое иҷро карда шаванд, ки онҳо нисбатан мушкил бошанд. Монанди конспект кардан аз асарҳои бадеӣ, ёфтани мисолҳо аз китоби бадеӣ, пур кардани таблитсаҳо, машқ доир ба намудҳои иншо, аз худ сохтан ва ғайраҳо. Ё ки тартиб додани ҳикоя дар мавзӯи муайян, аз рӯи расм навиштани ҳикоя, мулоҳизаҳои худро доир ба театр, музей ба таври хаттӣ навиштан, дафтарчаи луғат тартиб додан ва амсоли инҳо низ вазифаи хонагӣ шуда метавонанд. Супориши хонагиро дар шаклҳои хаттӣ ва даҳонӣ додан мумкин аст. Чизҳоеро, ки шарҳ дода нашудаанд ва онҳоро хонандагон иҷро карда наметавонанд, вазифа супоридан дуруст нест. Сониян, қоидаҳои дидактикии аз сода ба мураккаб, аз осон ба мушкил гузаштан дар супориши вазифаи хонагӣ низ ба

ҳисоб гирифта мешавад. Вазифаи хонагӣ пеш аз занг, ҳартарафа фаҳмонидашуда, намунаи иҷрои он аз тарафи муаллим ва хонанда нишон дода мешавад.

Тарзи супоридани вазифаи хонагӣ чунин аст. Агар аз китоби дарсӣ машқ супорида шавад, аввалан талаботи машқро хонда, роҳи иҷрои он нишон дода мешавад. Сониян, аз машқ намуна нишон дода мешавад ва хонандагон дар рӯзномаашон параграф, рақами машқ ва саҳифаи китобро навишта мегиранд. Пас аз ин муаллим аз хонандагон мепурсад, ки вазифаро фаҳмиданд ё не, онро чӣ хел иҷро мекунанд.

Иҷрои вазифаи хонагӣ аз хонандагон мустақилияг ва дониши грамматикӣ талаб менамояд. Беҳтар мешавад, ки хонандагон дар хона аввал супориши даҳонӣ дода шударо, баъд ба иҷрои хаттии он гузаранд. Баъди аз худ намудани таърифоти грамматикӣ хонанда ба он мисолҳо меоварад, яъне худаш он мисолҳоро тартиб медиҳад. Сонӣ, мувофиқи талаботи машқ ва дар асоси таърифоти азхудкардааш онро иҷро карда, сипас бо машқи китоб муқоиса менамояд.

Вазифаи хонагӣ дар кадом лаҳзаҳои дарс супорида мешавад?

Вазифа дар охир ва ё аввали дарс вобаста ба хели дарс дода мешавад. Хуб мешуд, ки муаллим вазифаро дар тахтаи синф навишта, иҷрои онро эзоҳ дода гузарад.

Тафтиши вазифаи хонагӣ аҳамияти таълимӣ ва тарбиявӣ дорад.

Дар натиҷаи системанок тафтиш кардани вазифа хонандагон дар вақт-вақташ маслиҳат ва баҳо мегиранд, ки он ҷиҳати тарбиявӣ низ дорад. Ин ба муаллимон имконият медиҳад, натиҷаҳои корро муайян кунад, яъне аниқ намоянд, ки кадоме аз хонандагон вазифаро иҷро намудаанд, кадомашон не ва сабаб чист,

ки баъзеҳо иҷро накардаанд. Вазифаи хонагӣ бо ду роҳ санҷида мешавад:

а) аз хонандагон даҳонӣ пурсидани материали назариявӣ;

б) бо дафтар ба назди худ даъват кардани хонандагон.

Агар вазифа дар шакли ҷумлаҳои алоҳида дода шуда бошад, муаллим аз хонанда 2-3 ҷумларо пурсида, дурустӣ ё нодурустии ҷавоби онҳоро месанҷад.

Тафтиши вазифаи хонагӣ фронталӣ низ гузаронида мешавад. Хонандагон дафтарҳои худро дар рӯи миз мегузоранд ва муаллим синфро давр зада, дафтарҳоро аз назар мегузаронад ва муайян мекунад, ки хонандагон вазифаро чӣ хел иҷро кардаанд ва дараҷаи иҷрои онҳо чӣ гуна аст. Муаллим дафтарҳои хонандагонро давра ба давра гирифта онҳоро дар хона ҳам тафтиш менамояд.

Азбаски соатҳои забони модарӣ дар синфҳои У-УИ зиёд карда шудааст, дафтарҳои хонандагонро дар хона бештар тафтиш кардан мувофиқи мақсад аст. Дафтарҳои хонандагони сустхон бошад, баъди ҳар ду дарс аз назар гузаронида мешаванд.

Ҳамин тавр, вазифаи хонагӣ ва тафтиши он дар омӯзиши забони модарӣ лаҳзаи муҳимми дарс ба ҳисоб меравад.

## 3.16. Пурсиш ва шаклҳои он

Яке аз лаҳзаҳои муҳими дарси забони модарӣ пурсиши хонандагон аст. Пурсиш роҳи басо қулайи санҷиши донишу малака буда, барои тайёр намудани хонандагон ба аз худ намудани материали нав ва алоқаманд кардани мавзӯи нав бо материали гузашта воситаи муҳим аст.

Вобаста ба хели дарс, мазмун, ҳаҷм ва хусусияти материали нав пурсиш маврид ва мавқеи худро дорад.

Пурсиш ё дар аввали дарс, ё баъди тафтиши вазифаи хонагӣ ва баёни материали нав, ё дар охири дарс баъди мустаҳкамкунӣ ва супориши вазифаи хонагӣ гузаронида шуда, барои он вобаста ба ҳаҷми мавзӯъ аз 5 то 15 дақиқа вақт ҷудо кардан мумкин аст.

Дар дарсҳои баёни материали нав бошад, пурсиш ҳамчун қоида то баёни материали нав гузаронида мешавад. Тарзи пурсиш гуногун буда, хонандагонро дар ҷояшон, дар назди тахтаи синф ва ё мизи муаллим пурсидан мумкин аст. Пурсиш дар ҷой дар мавридҳое истифода мешавад, ки агар хонанда танҳо ягон ҷавоби кӯтоҳ диҳад. Ба тахта бароварда пурсидан он вақт гузаронида мешавад, ки ҳангоми ҷавоб талаб карда шавад, ки дар тахта ин ё он чизро хонанда нависад.

Ҳамчун қоида, хонанда вақти назди тахта ё мизи муаллим даъват карда шудан бояд дафтари вазифаи хонагӣ ва рӯзномаашро ҳамроҳ гирифта барояд.

Баъзан муаллимон барои сарфаи вақт ва миқдори зиёди хонандагонро пурсидан якбора ба тахтаи синф якчанд хонандагонро (аз 2 то 5 кас) даъват менамоянд ва ба ҳар кадом вазифа ё савол медиҳанд. Яке ҷавоб медиҳад, дигаре ба савол тайёр мешавад. Дар ин намуди пурсиш аксарияти хонандагон ба ҷавоби ҳамсинфонашон гӯш намекунанд, танҳо ба рафиқи дар тахтаи синф навишта истода эътибор медиҳанду халос.

Дар таҷрибаи мактабҳо пурсиши фронталӣ ҷои муҳимро ишғол менамояд, зеро дар он тамоми аҳли синф иштирок мекунад. Барои бо тезӣ фаҳмидани дониши аксарияти хонандагон, ҳамчун қоида дар давоми дарс саволҳои зиёде дода мешавад, ки он ҷавоби кӯтоҳ талаб мекунад. Савол ба тамоми синф дода мешавад ва муаллим ҳар хонандаеро, ки хоҳад, мепурсад. Дар давоми дарс ба ҳар як хонанда 4-5 савол додан мумкин аст. Ҳамаи ҷавобҳои хонандагонро ба

ҳисоб гирифта, сонӣ дар охири дарс як баҳо мондан зарур аст. Ин баҳо бали махсус ҳисобида мешавад, ки онро баҳои дарсӣ гуфтан дурусттар аст. Дар як дарс аз ин баҳо ба 5-6 нафар хонандагон гузоштан мумкин аст.

Дар вақти гузаронидани пурсиши фронталӣ муаллим бояд дар дафтари худ баҳои хонандагонро дар схемаи зерин чунин қайд намояд. Схема бояд машқҳо, супоришҳоеро, ки ба тарзи хаттӣ гузаронида мешаванд, дарбар гирад:

| **Фамилия ва ном** | **Диктанти луғавӣ** | **Ҷавобҳои даҳонӣ ба савол** | **Иншо** | **Кор бо китоби дарсӣ** | **Бали дарсӣ** |
|---|---|---|---|---|---|
| Зоҳидов А. | 4 | 5 | 4 | 4 | 4 |
| Аббосов Р. | 4 | 4 | 3 | 4 | 4 |

Пурсиш мазмунан 2 хел мешавад: пурсиши мавзӯъгӣ пурсиши як боб ё қисми программа ё якчанд бобҳо, қисмҳо. Дар ҳар як пурсиш бояд ба хонанда баҳо гузошта шавад. Аз ин рӯ дар вақти ҷавоби хонандагон хусусиятҳои индивидуалии онҳо ба ҳисоб гирифта шавад: нутқ, ҷавобҳо, устувории фикр, тартиби баён ва ғайраҳо. Муаллим ба ҳамаи гуфтаҳои хонандагон бояд гӯш кунад, сухани онҳоро набурад. Ба он роҳ надиҳад, ки хонандагони дигар ҳам ҳар гуна луқмаҳо партоянд.

Агар хонанда барои ҷавоб додан мушкилӣ кашад, муаллим бояд саволҳое диҳад, ки барои ҷавоб ба хонанда ёрӣ расонад.

Ғайр аз ин, муаллим вақти ҷавоби хонанда тамоми синфро назорат карда истад, то ки онҳо бодиққат ба ҷавоби рафиқашон гӯш кунанд. Агар рафиқашон камбудӣ содир кунад, бо иҷозати муаллим ислоҳ намоянд.

Албатта, сифати баланди ҷавобҳои хонандагон ба тарзи гузориши саволи муаллим низ алоқаманд буда,

савол бояд бурро ва фаҳмо бошад, тафаккури эҷодии хонандагонро бедор намояд, онҳоро ба мустақилона фикр кардан ва ҷавоб додан равона созад.

Дар дарсҳои забони модарӣ аз саволҳои мустаҳкамкунӣ ва санҷишӣ низ истифода мебаранд, ки ба воситаи онҳо дониши талабагон васеъ карда шуда, ба фикр карда ҷавоб додан малака пайдо мекунанд.

Дар рафти пурсиш савол ба аҳли синф гузошта шуда, пас талабагони алоҳида пурсида мешаванд. Пурсиш одатан аз талабагони сустхон сар мешавад ва ба ёрии онҳо талабагони пурқувват даъват карда мешаванд. Агар талабаи сустхон нодуруст ҷавоб диҳад, дар ин мавриид, ба ёрии ӯ яке аз талабагони пурқувват даъват карда мешавад, ки бояд аз ӯ дигарон ибрат гиранд ва тарзи ба савол ҷавоби пурра доданро омӯзанд. Вақти пурсиш муаллимон бояд хушмуомила ва ҳалим бошанд, зеро суханҳои қаҳру ғазабнок хонандагонро аз ҷавоб додан бозмедорад. Ҳамчунин вақти савол гузоштан ба аҳли синф муаллим бояд ба чунин масъалаҳо риоя кунад:

а) Ҳар як савол мақсади муайян ва конкрет дошта бошад, ҷавоби муносиб талаб кунад ва хонандагон ба он имконияти ҷавоб додан дошта бошанд;

б) Савол фаҳмо ва равшан бошад;

в) Саволҳо мазмунан васеъ бошанду ҳаҷман хурд;

г) Саволҳо аз ҷиҳати мантиқ дуруст бошанд;

ғ) Ҳар як савол як ҷавобро талаб кунад.

Муаллимро лозим аст, ки на танҳо ба мундариҷа ва сифати ҷавоби талабаҳо, балки ба дурустии ҷавоби талабагон ҳам диққат намояд. Ҷавоби пухтаи шогирдон ба тарзи саволгузории муаллим вобаста аст, бино бар он муаллим бояд кӯшиш кунад, ки саволҳои ӯ дилгиркунанда ва такрор набошад, вақтро беҳуда

нагиранд, ки ин боиси вайроншавии лаҳзаҳои дарс мегардад.

Дар рафти пурсиш ва ҳалли саволҳо муаллим ба ҷавобҳои хонандагон эътибори ҷиддӣ диҳад. Ҷавобҳои онҳо бояд фаҳмо, пайдарпай, пурмазмуну асосонок ва аз ҷиҳати усулу тарзи баён ва меъёри талаффуз мувофиқи талаби забони адабӣ бошанд.

Ҷавобҳо ду хел мешаванд, яке пурра дигаре нопурра. Аз хонандагон ҳамеша ҷавоби пурра талаб кардан шарт нест. Ҷавоби кӯтоҳ ва нопурра ҳам дар инкишофи нутқи даҳонии онҳо аҳамияти калон дорад. Ҷавобҳои пурра дар бачагон нутқи алоқамандро тарбия мекунанд. Педагоги машҳури рус Ушинскӣ К.Д. қайд карда буд, ки омӯзгори хуб на барои он такрор мекунад, ки гузаштаро ба хотир орад, балки ба воситаи он материали нав боз ҳам мустаҳкамтар аз худ гардад. Пас, пурсиш ва саволҳои муаллим яке аз усулҳои хуби мустаҳкамкунии дониш мебошад ва он қариб дар ҳар дарс ба кор бурда мешавад.

Пурсиши индивидуалӣ ба воситаи варақчаҳои грамматикӣ низ гузаронида мешавад. Муаллим метавонад чунин варақчаҳоро якбора ба якчанд хонандагон супорад. Варақчаҳо супоришҳои гуногун доранд:

1. Ҷумларо нависед, ба ҷои нуқтаҳо ҳарфҳои зарурӣ ва аломатҳои кигобатиашро гузоред. Ба зери ҷумлаҳои пайрав хати мацчнок кашед ва пайвандакҳоро ба дохили доира гиред.

2. Ҷумлаи пайрави муайянкунандаро таъриф кунед ва мисолҳо оред.

3. Решаи калимаҳои додашударо муайян кунед.

Баъзан супоришҳои варақчаро ин тавр низ иҷро кардан мумкин аст; Як хонанда қоидаи грамматикиро мегӯяд ва хонандаи дигар ба он мисол меорад.

Хонандаи ҷавоб дода истода ба аҳли синф савол медиҳад ва хонандагони дигар низ ба ӯ метавонанд савол диҳанд.

## 3.17. Ба нақша даровардани машғулиятҳои забони модарӣ

Ҳар як фан дар мактаб дар асоси нақшаи таълимӣ гузаронида мешавад. Забони модарӣ низ дар асоси нақшаи таълимӣ омӯхта мешавад. Муаллим тамоми ҷараёни таълими фанни худро аз элементҳои хурдтарин сар карда, то бобҳои алоҳида ҳаматарафа муайян менамояд.

Вай бояд хуб донад, ки фанни таълим медодагиаш аз кадом бобу фаслҳо ва қисмҳо иборат аст.

Таълими бомуваффақияти фанни забони тоҷикӣ, пеш аз ҳама, ба маҳорати нақшакашии муаллим вобаста аст. Нақша барои мунтазамиву мураттабӣ ва алоқамандии мавзӯъҳо ва ҳамчунин ташкили дурусти машғулиятҳо ба муаллим ёрӣ расонида, пайвастагии мавзӯъҳои пешинро бо мавзӯи нав таъмин менамояд.

Таҷрибаи мактабҳо намудҳои гуногуни нақшаҳоро медонад, ки муаллимон дар фаъолияти кории худ онҳоро истифода намудаанд.

Нақшаи хуб он аст, ки фаҳмову аниқ, мӯъҷазу мундариҷанок бошад ва тамоми маводи таълимро пурра фаро гирад.

Дар таълими фанни забони тоҷикӣ ба чандин хелҳои нақшаи тақвимии муаллимон дучор гардидем, ки онҳо аз ҷиҳати сохт ва мазмуни худ аз ҳам фарқ мекарданд.

Муаллими фанни забони тоҷикӣ бояд чунин нақшаҳоро дошта бошад.

а) нақшаи тақвимӣ - мавзӯӣ,

б) нақшаи-тавзеҳӣ (план-конспект),

в) нақшаи мавзӯӣ

Нақшаи тақвимӣ. Одатан нақшаи тақвимӣ - мавзӯӣ барои ҳар нимсола тартиб дода мешавад. Муаллимони ҷавон онро барои ҳар як чоряки соли хониш ҳам тартиб медиҳанд. Сабаби ин дар он аст, ки муаллими навкор бояд дар давоми як чоряк камбудиҳояшро фаҳмида барои чоряки дигар он норасоиҳоро бартараф менамояд.

Нақшаи тақвимӣ тақсимоти пешакии мавзӯъҳои барнома ба чорякҳо ва моҳҳо буда, он дар асоси барномаи таълимӣ ва китоби дарсӣ тартиб дода мешавад. Дар он мавзӯъҳои барнома ба дарсҳои яксоата ҷудо карда шуда, миқдори соатҳои таълимии онҳо бо мӯҳлаташон нишон дода мешаванд.

Барои таълими ҳар як боби барнома ба миқдори муайян соат дода шудааст.

Муаллим то саршавии соли хониш, яъне дар моҳҳои июлу август бо тавзеҳоти барнома шинос шуда, баъд соатҳои умумии мавзӯъҳои барномаро ба қисмҳо ҷудо карда, ба соатҳои ҷудогона тақсим мекунад, ки онро соати дарсӣ мегӯянд. Ин кор ба муаллим имконият медиҳад, ки ҳангоми таълим ба рафти бонизоми таълими мавзӯъҳои барнома ва мунтазамии он риоя кунад.

Миқдори соатҳои таълимии барнома тахминӣ набуда, балки дар он ҳаҷму мазмун ва хусусияти мавзӯъҳои таълимӣ ба ҳисоб гирифта шудааст. Ҳангоми тақсимоти соатҳо ба мавзӯъҳои боби барнома таҷрибаи бисёрсолаи беҳтарин муаллимони забони тоҷикӣ ва педагогҳою психологҳо ба ҳисоб гирифта шудаанд.

Нақшаи тақвимӣ шакли умумии ба нақша даровардани машғулиятҳои забони модарӣ буда, вай барои ҳамаи мактабҳо якхела шуда метавонад. Иҷрои

таълими мавзӯъҳои дар барнома ва нақшаи тақвими нишон дода шуда барои муаллим шарт ва ҳатмист. Баъзан бо сабабҳои объективӣ, агар мавзӯъҳо дар вақташ таълим дода нашаванд, муаллим ҳуқуқ дорад соатҳои барои мавзӯъ муайян шударо каму зиёд намояд ва мавзӯъҳои нагузаштаашро таълим диҳад. Ин албатта, ба маҳорату истеъдоди муаллим вобаста аст. Муаллим соатҳои таълимиеро, ки барои мавзӯъҳои як чоряк ҷудо кардаанд, ба чоряки дигар гузаронида наметавонад ва ин қатъиян манъ аст.

Дар нақшаи тақвимӣ ҳамаи мавзӯъҳои барнома ба соатҳои дарсӣ ҷудо карда шуда, барои тамоми барномаҳои таълимии фанҳои ҷудогона схемаи ягонаи нақшаи тақвимӣ шуда наметавонад.

Чунки талаботи барномаҳои таълимии ҳар як фан гуногун аст. Дар таҷрибаи мактабҳо мо ба хел ва тарзҳои гуногуни нақшасозӣ дучор гардидем.

Масалан, соли 1979 дар газетаи «Маориф ва маданият» барои фанҳои забони тоҷикӣ, русӣ, адабиёт, физика, математика, химия чунин схемаи нақшаи тақвимӣ пешниҳод шуда буд.

| Тартиби дарсҳо | Мавзӯъҳои барномаҳои таълимӣ | Миқдори соат | Адабиёт | Асбобҳои аёнӣ | Корҳои контролӣ ва лабораторӣ | Саҳифаи китоби дарсӣ | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | |

Баъзан ба нақша методҳои таълимии дарс, вазифаи хонагӣ ва алоқа бо фанҳои дигарро илова намуда, миқдори графаҳои онро ба 12-то расонида буданд.

Хушбахтона, сонитар аз ин нақшаи дилгиркунанда ва душвор даст кашида шуд.

Баъдтар дар таълими фанни забони модарӣ муаллимон аз чунин нақшаи тақвимие истифода мебурданд, ки он аниқ, фаҳмо ва ихчам мебошад:

| Р/Т | Номи мавзӯъ ва мавзӯъчаҳо | Соат | Муддат | Такрори материалҳо | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|---|

Имрӯзҳо вобаста ба усули таълими салоҳиятнок нақшаи тақвимӣ ҳам шакли худро дигар намудааст. Ҳоло дар мактабҳои мо дар асоси чунин графаҳо нақшаи тақвимӣ тартиб додаанд.

| р/т | Фасл ва номи мавзӯъҳо | Соат | Натиҷаи таълим, салоҳиятҳо |
|---|---|---|---|

Нақшаи тақвимӣ пеш аз саршавии соли таҳсил аз тарафи ҷонишини директор оид ба корҳои таълим ва ё роҳбари сексияи фаннӣ тасдиқ карда мешавад.

Ҳангоми тартиб додани нақшаи тақвимӣ муаллим бояд ба инкишофи нутқи мураттаб, ки дар ҳар синф ба он соати муайян ҷудо шудааст, диққати алоҳида диҳад. Аз миқдори солонаи соатҳои таълимӣ барои синфи У-15, барои синфи У1-25, барои синфи У11-20 ва синфҳои УШ-1Х бошад, мувофиқи барномаи соли 2006 14-15 соат ба инкишофи нутқи мураттаб ҷудо кардаанд.

Дар зер намунаи нақшаи тақвимиро дар синфи IX барои чоряки якуми соли хониш нишон медиҳем.

| № | **Мавзӯъ ва мавзӯъчаҳо** | **Соат** | **Мӯҳлат** | **Такрори материалҳо** | **Эзоҳ** |
|---|---|---|---|---|---|
| | **Такрори мавзӯъҳои синфҳои V-VIII – 5 соат** | | | | |
| 1. | Такрори масъалаҳои асосии фонетика. Калима аз рӯи маъно ва таркиб | 1 | 2.09.08 | Иҷрои машқҳо, Худсохтан | |
| 2. | Ҳиссаҳои нутқ ва вазифаҳои онҳо дар ҷумла | 1 | 4.09.08 | | |
| 3. | Сараъзоҳо – асоси грамматикии | 1 | 8.09.08 | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | ҷумла. Аъзоҳои пайрав-муайянкунанда | | | | |
| 4. | Пуркунанда, ҳол дар таркиби ҷумлаҳои сода | 1 | 10.09.08 | | |
| 5. | Инкишофи нутқи мураттаб: “Тартиб додани матн дар мавзӯи Ватан” | 1 | 15.09.08 | | |
| 6. | Такрори калима ва ибораҳое, ки аъзои ҷумла нестанд (мухотаб, воҳидҳои туфайлӣ ва истисноӣ) . | 1 | 15.09.08 | | |
| **II. - Маълумоти умумӣ дар бораи ҷумлаи мураккаб – 2 соат** | | | | | |
| 7. | Маълумот дар бораи ҷумлаи мураккаб ва фарқи он аз ҷумлаи сода. Тартиб додани ҷумлаҳо. | 1 | 17.09.08 | | |
| 8. | Хелҳои ҷумлаи мураккаб: пайваст ва тобеъ; пайвандакдор ва бепайвандак. | 1 | 22.09.08 | | |
| **III.Ҷумлаи мураккаби пайваст – 5 соат** | | | | | |
| 9. | Ҷумлаи мураккаби пайваст ва хусусиятҳои маъноии он | 1 | 24.09.08 | | |
| 10. | Инкишофи нутқи мураттаб. “Нақли муфассали матни” ҳикояе аз адибони муосир | 1 | 29.09.08 | | |
| 11. | Хелҳои ҷумлаи мураккаби пайваст: пайиҳам. | 1 | 02.10.08 | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 12. | Хилофӣ. Аз матн ёфтани ҷумлаҳо. | 1 | 06.10.08 | | |
| 13. | Ҷумлаҳои мураккаби пайвасти ҷудоӣ | 1 | 08.10.08 | | |
| 14. | Мавриди истифодаи вергул дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст. | 1 | 13.10.08 | | |
| 15. | Тартиб додани ҷумлаҳо: оҳанги талаффузи ҷумлаҳои мураккаби пайваст | 1 | 15.10.08 | | |
| 16. | Инкишофи нутқи мураттаб: "Мо аз калонсолон ибрат мегирем" (мақола ба рӯзнома) | 1 | 20.10.08 | | |
| **IV.Ҷумлаи мураккаби тобеъ – 22** | | | | | |
| 17. | Маълумот дар бораи ҷумлаи мураккаби тобеъ | 1 | 22.10.08 | | |
| 18. | Сарҷумла (тобеъкунанда) ва ҷумлаи пайрав (тобеъшаванда) | 1 | 27.10.08 | | |
| 19. | Инкишофи нутқи мураттаб. "Ахлоқи ҳамсинфони ман" | 1 | 29.10.08 | | |

## 3.18. Нақшаи– тавзеҳӣ ва тайёрии муаллим ба дарс

Баъди он ки муаллим аз забони тоҷикӣ нақшаи тақвимӣ тартиб дода онро тасдиқ кунонид, давраи тайёрӣ ба дарс ва навиштани нақшаи тавзеҳӣ оғоз мегардад.

Тайёрӣ ба дарс лаҳзаи муҳим ва масъулиятноки кори муаллим ба ҳисоб меравад. Тайёрии муаллим ба дарс аз чӣ оғоз мегардад?

Тайёрии муаллим ба дарс аз чизҳои зерин иборат аст:

1. Муайян намудани мавзӯи дарс, мақсад ва ҳаҷми он.

2. Шиносоӣ бо адабиёти илмии забоншиносӣ ва методӣ доир ба мавзӯъ, омӯзиш ва таҳлили материали китоби дарсӣ (қоидаю таърифот ва машқҳои китоби дарсӣ);

3. Тартиб додани нақшаи –тавзеҳии дарс; муайян иамудани мақсад ва мавқеи он дар дарс дар алоқамандӣ бо дарсҳои гузашта ва пешина; усулҳо ва воситаҳои методӣ дар баёни материали нав ва мустаҳкамкунии он; интихоби мисолҳо ба мавзӯъ; хулосаҳои пешакӣ доир ба дарс; муайянкунии он ки дар дарс аз кадом материалҳои дидактикӣ ва аёниятҳо истифода карда мешавад; кор бо кигоби дарсӣ дар дарс; корҳо доир ба инкишофи нутқ, муайян намудани суиориши вазифаи хонагӣ; тафтиши вазифаи хонагӣ ва пурсиши хонандагон ва баҳогузорӣ.

Ба замми ин муаллим исми хонандагонеро, ки дар дарс онҳоро мепурсад, пешакӣ дар нақшаи-тавзеҳӣ навишта мемонад. Аз ин рӯ, нақшаи-тавзеҳии дарсро рӯзномаи муаллим ҳисобидан мумкин аст, зеро дар он тамоми мазмуни корҳои дар синф мегузаронидагиаш қайд мешаванд.

Ҳамчунин нақшаи тавзеҳӣ ба муаллим барои бо тартиби муайян гузаронидани дарс кӯмак мерасонад.

Муаллим ҳуқуқ дорад, ки дар дарс дар мавридҳои зарурӣ аз он истифода барад. Муаллимони ҷавоне, ки соли аввал ба кори педагогӣ шурӯъ менамоянд, бояд нақшаи-тавзеҳии пурра ва батафсил дошта бошанд, ҳатто ҷавоби он саволҳое, ки ба хонандагон ҳангоми такрори мавзӯи гузашта ва мустаҳкамкунии мавзӯи нави дарс дода мешаванд, навишта мемонад. Ба ҳар

лаҳзаи дарс тахминӣ бошад, ҳам пешакӣ тақсим кардани вақт аҳмиятнок ва зарур аст.

Баъзе муаллимоне, ки таҷрибаи бой доранд, нақшаи тавзеҳиро дар шакли тезис тайёр мекунанд. Ин албатта, ба донишу маҳорат ва таҷрибаи педагогии муаллим вобаста аст. Бояд ҳамеша дар хотир нигоҳ дошт, ки бе нақшаи-тавзеҳӣ ба дарс даромадани муаллим қатъиян манъ аст. Нақшаи тавзеҳӣ бояд пеш аз ба дарс даромадан аз тарафи ҷонишини директор оид ба корҳои таълим ва ё роҳбари иттиҳодияи методии фанни забон ва адабиёти мактаб тасдиқ карда шавад.

План-конспектро дар дафтари умумӣ навиштан беҳтар аст.

Мо дар зер намунаи нақшаи тавзеҳии дарси яксоатаро аз фанни забони тоҷикӣ дар синфи VI пешкаш менамоем.

Мавзӯъ: Ҷонишин ҳамчун ҳиссаи нутқ

Мақсади дарс:

а) ба хонандагон фаҳмонидани ҷонишин ва ташаккул додани дониш, ақида ва малакаву маҳорати хонандагон;

б) инкишоф додани ҷаҳонбинии онҳо;

в) дар асоси ҷонишинҳои забони тоҷикӣ тарбия намудани ҳисси эҳтиром ба якдигар ва ҳурмати калонсолон;

г) инкишоф додани нутқи хонандагон, хаттӣ ва даҳонӣ.

Таҷҳизоти дарс:

а) таблитсаи № 2,

б) варақчаҳои грамматикӣ (8-то)

в) бӯрҳои ранга

г) расми «Аввали баҳор».

Рафти дарс. Ташкили дарс. Ба ҷо овардани одоби мулоқот, ба ҳисоб гирифтани давомоти хонандагон,

тайёр намудани хонандагон ба дарс, муҳайё намудани ашъёҳои хониш, аз назаргузаронии ҳолати санитарии синф.

Такрор ва мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта. Агар ба хона машқу таърифоти грамматикӣ вазифа супорида шуда бошад, тафтиши иҷрои машқро ба таври фронталӣ гузаронидан мумкин аст. Муаллим то дида баромадани дафтарҳо ба 2 нафар хонанда мефармояд, ки ба тахтаи синф аз машқи супоридашуда ҷумлаҳои якум ва дуюмро навишта таҳлил кунанд.

Муаллим таҳлилро бо иштироки хонандагон якҷоя мегузаронад ва баъд ҷумлаи дигари машқ ба тарзи даҳонӣ аз хонандагои пурсида мешавад.

Вазифаи хонагиро ба воситаи варақчаҳои грамматикӣ низ санҷидан мумкин аст.

Варақчаҳо пеш аз тафтиши фронгалӣ ба хонандагони ҷудогона супорида мешаванд. Хонандагон то тафтиши муаллим ва ҷавоби хонандагони ба тахтаи синф даъватшуда ба саволҳои варақча ҷавоб тайёр мекунанд ва бо фармоиши муаллим гуфта медиҳанд. Ҳангоми баёни супоришҳо диққати синф ба ҷавобҳои хонандагон ҷалб карда мешавад.

ВАРАҚЧАИ № 1

1. Шумора чист ва ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад? Мисолҳо оред.
2. Шумо ба чанд даромадаед? Аз ҷумлаи овардаатон шумораашро ёфта онро аз ҷиҳати сохт муайян кунед.

ВАР АҚЧАИ № 2

1. Шумораи миқдорӣ чист ва он чанд хел мешавад? Мисол оред.
2. Аз калимаҳои додашуда ибораҳо созед: модар, дарахт, одам.
3. Ҷумлае гӯед, ки шумораи тартибӣ дошта бошад.

ВАРАҚЧАИ № 3

1. Шумораҳои 1/3 ва 0,7-ро бо ҳарф нависед ва хонед. Гӯед, ки онҳо ба кадом хели шумораҳо мансубанд?
2. Байте гуед, ки сифат дошта бошад.

Пурсиши вазифаи хонагиро ба воситаи саволҳои умумӣ ва гирифтани ҷавобҳои хусусӣ бо хонандагони ҷудогона низ гузаронидан мумкин аст. Дар ин маврид ба муаллимони ҷавон лозим аст, ки пешакӣ дар нақшаи-тавзеҳи ҷавоби ин гуна саволҳоро пурра навишта монанд.

Саволҳои умумӣ барои пурсиши вазифаи хонагӣ:

1. Вазифаи синтаксисии шумораро муайян кунед ва мисолҳо оред.
2. Шумораҳо аз рӯи сохт чанд хел мешаванд? Мисолҳо оред.
3. Ҷумлаҳое гӯед, ки ҳам шумора ва ҳам сифат дошта бошанд.
4. Шумораи тартибӣ чист?

Хулосабарорӣ аз мавзӯи гузашта ва алоқаманд кардани он ба дарси нав.

Хулосаҳо дар нақшаи-тавзеҳӣ пурра навишта мешаванд.

Эълони мавзӯи нави дарс, ба тахтаи синф навиштани номи он ва таърихи рӯз, муайян кардани мақсади дарс.

Баёни мавзӯи нав. Он ҳиссаи нутқ, ки ба ҷои исм, сифат ва шумора кор фармуда мешавад, ҷонишин ном дорад.

Масалан, ман, ту, вай, ин, он.

Мисолҳо дар шакли ҷумла оварда мешаванд.

Се ҷумлае оварда мешавад, ки дар яке ҷонишин ба ҷои исм, дар дигаре ба ҷои сифат ва дар сеюмӣ ба ҷои шумора омадааст.

Ба замми ин, дар нақшаи-тавзеҳи асбобҳои аёнӣ, рақами онҳо ва мавриди тарзи истифодаи усулҳои таълим бо мисолҳо нишон дода мешаванд.

Муаллим бояд кӯшиш намояд, ки мавзӯи навро бо роҳи проблемавӣ таълим диҳад. Агар муаллим мавзӯи навро бо роҳи проблемагузорӣ таълим доданӣ бошад, он гоҳ аз мавзӯи дарс якчанд масъаларо ҷудо карда, бо иштироки фаъолонаи хонандагон онҳоро ҳал менамояд. Пеш аз гузоштани проблема дар синф вазъияти проблемавӣ ба вуҷуд оварда мешавад.

Кори мустақилона ё мустаҳкам намудани мавзӯи нав.

Дар ин қисмати план-конспект хелҳои машқе, ки истифода карда мешаванд, рақам, талабот ва тарзи иҷрои он машқҳо (хаттӣ ё даҳонӣ), ҳамчун бозиҳои грамматикӣ, саволҳо барои пурсиш ва амсоли инҳо пурра навишта мешаванд. Луғатомӯзӣ бояд гузаронида шавад ва луғатҳо оварда шаванд.

Баҳогузорӣ ба дониши хонандагон.

Супориши вазифаи хонагӣ.

Саҳифаи китоб, рақами машқ, талабот ва намунаи тарзи иҷрои он гуфтаву фаҳмонида мешавад.

Ҷамъбасти дарс. Дар ин лаҳза муаллим фаъолияти хонандагонро дар дарс ҷамъбаст менамояд.

Адабиёти истифодашуда:

1. Китоби дарсии мактаби миёна.
2. Китоби дарсии мактаби олӣ.
3. Адабиёти методӣ (агар бошад).

# БОБИ ЧОРУМ

# ОМӮЗИШИ ҚИСМҲОИ ҶУДОГОНАИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР МАКТАБ

## 4.1. Методикаи омӯзиши синтаксис

Синтаксис як қисми грамматика буда, қоидаҳои ташкилёбии ибора ва ҷумларо дар бар мегирад.

Мувофиқи таълимоти назарияи илмии синтаксис ғайр аз масъалаҳои омӯхтани ҷумлаҳои сода ва мураккаб инчунин таълими алоқаи калимаҳо дар дохили ҷумла, сараъзо ва аъзоҳои пайрав, категорияҳои синтаксисӣ ва омӯзиши ибора низ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Синтаксис бояд дар алоқамандӣ бо морфология омӯхта шавад. Ибора, ҷумлаи сода ва ҷумлаи мураккаб воҳидҳои синтаксис ба шумор мераванд. Дар синтаксис калима хамчун қисм ё ҳиссаи ибора ва ё аъзои ҷумла омӯхта мешавад. Омӯхтани хелҳои ҷумла, қонуну қоидаҳои ҷумла ва ибора муҳимтарин вазифаҳои синтаксис ба шумор меравад. Дар барнома ва китобҳои дарсии солҳои охир ба омӯзиши ибора диққати махсус дода шудааст.

Мақсади асосии машғулиятҳои синтаксис аввало, инкишоф додани тафаккури абстрактии хонандагон ва сониян, ташаккули нутқи дурусту мураттаби мазмунноки хаттӣ ва даҳонии онҳо мебошад.

Барои ноил шудан ба ин мақсад аз муаллимон талаб карда мешавад, ки ҳангоми таълим ба хонандагон алоқаи калимаҳоро дар дохили ибора ва ҷумла, инчунин алоқаи ҷумлаҳои содаро дар дохили ҷумлаи мураккаб амиқу мустаҳкам фаҳмонанд. Барои фаҳмонидан китоби дарсӣ ва дониши муаллим материали асосӣ ба ҳисоб меравад. Муаллим бояд муносибати маъноии байни ҷумлаҳои содаро дар дохили ҷумлаи мураккаб муайян намуда, ба хонандагон

фаҳмонад, ки ин муносибат ду хел мешавад: пайваст ва тобеъ. Барои исботи фикр муаллим метавонад аз намудҳои таҳлили грамматикии синтаксисӣ истифода барад. Ба замми ин, муаллим кӯшиш намояд, ки хонандагон дар нутқи даҳонӣ ва хаттии худ аз шаклҳои гуногуни ҷумлаҳо истифода намоянд ва аломатҳои китобии ҷумлаҳоро дар мавқеи худ гузоранд. Дар иҷрои ин вазифа машқҳои гуногун ёрии калон мерасонанд.

Дар машғулиятҳои синтаксис ба он эътибор бояд дод, ки шогирдон шаклҳои калимаву ибора ва ҷумлаҳоро аниқ ва дуруст талаффуз намоянд.

Академик И.И.Срезневскӣ қайд намуда буд, ки «ҳангоми омӯхтани забони модарӣ маҳз восита ва қонуниятҳои фасоҳатнокии онро омӯхтан зарур аст, на чизи дигареро».

Аксарияти асосгузорони методикаи таълими забони русӣ адоқамандии забон ва тафаккурро қайд намуда, роли ҷумла - яклухтии фикрро алоҳида нишон додаанд. Масалан, академик Ф. И. Буслаев ҳанӯз сад сол муқаддам талаб карда буд, ки «омӯзиши грамматикаро аз шарҳи ҷумла сар кардан лозим аст»

Дар мактабҳои мо хонандагон аз синфи якум сар карда доир ба синтаксис маълумот мегиранд. Дар синфи сеюм оид ба ҷумла, хелҳои он ва ҷумлаҳои мураккаб маълумот ҳосил менамоянд.

Дар синфи чорум, омӯхтани боби синтаксис дар асоси барнома ва китоби дарсӣ муайян карда шудааст.

Омӯзиши мунтазами боби синтаксис аз синфи VIII оғоз гардида, он дар синфи IX бо ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ ба охир мерасад[51].

[51] Срезневский И.И. Об изучении родного языка вообще и особенно в детском возрасте. -СПБ, 1999. -С.71.

# ТАЪЛИМИ ИБОРА ВА ҶУМЛА

Хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ оид ба ҷумла маълумоти умумӣ мегиранд ва дар синфи V (14 соат) ҳангоми омӯхтани боби синтаксис ва аломатҳои китобӣ дар хусуси ибора, ҷумлаҳо ва хелҳои он дониш пайдо мекунанд.

Мавриди таълими ибора ва ҷумла ба муаллим зарур аст, ки бо роҳи муқоиса фарқи ибораро аз ҷумла нишон диҳад. Фарқи асосӣ дар он аст, ки ҷумла хусусияти ахборотӣ дошта, дар забон воситаи ташаккул ва ифодаи фикр мебошад.

Ибора бошад, аз ду ва ё зиёда калимаҳои мустақилмаъно таркиб ёфта, на фикри том, балки мафҳуми мураккабро ифода мекунад. Ҳангоми баён ибора ва ҷумларо аз рӯи сохт ва вазифаашон фарқ кардан мумкин аст.

Усули таълими забон аз муаллим талаб менамояд, ки ҳангоми таълим ба хонандагон фаҳмонад, ки ибора аз ҷумла бо чунин хусусиятҳояш фарқ мекунад:

а) ибора фикри томро ифода намекунад;

б) як ҷузъ ё қисми фикр буда, мазмунан ба калима баробар аст (риши сафед - ришсафед, хонаи китоб - китобхона);

в) барои ифодаи мафҳуми мураккаб ва аниқ хизмат мекунад;

г) ибора аз ду ва зиёда калимаҳои мустақилмаъно таркиб ёфта, аз ҷузъҳо иборат аст, яъне яке тобеъкунанда, дигаре тобеъшаванда. Азбаски ибора дар дохили ҷумла ба сифати мавод истифода мешавад, бо хелу воситаҳои алоқаи грамматикии худ ба таркиби ҷумла дохил мегардад. Дар ҷумла ҳам алоқаи пайваст ва ҳам алоқаи тобеъ хос мебошад.

Ба замми ин, муаллим бояд ба хонандагон фаҳмонад, ки алоқаи тобеъ дар байни калимаҳо бо роҳҳои гуногун сурат мегиранд: алоқаи мувофиқат,

изофӣ, ҳамроҳӣ ва вобастагӣ. Алоқаи мувофиқат ба ибора хос набуда он ба ҷумла дахл дорад. Ибора бо алоқаи изофӣ, вобастагӣ ва ҳамроҳӣ сохта мешавад.

Сониян, ибораҳо ба номӣ (калимаи асосӣ - тобеъкунандааш ё исм, ё сифат, ё шумора ё ҷонишин), феълӣ (калимаи тобеъкунандааш - феъл, - масдар), зарфӣ ва сифати феълӣ ҷудо мешаванд. Ҷумла бошад, ба ғайр аз сараъзоҳо якчанд ибора ва аъзоҳои пайравро дар дохили худ дар бар мегирад.

Инчунин эзоҳ дода мешавад, ки калимаҳое, ки бо роҳи пайваст ё чида ба ҳам алоқаманд мешаванд, ибораро ташкил намедиҳанд. Ҷумлаҳо аз рӯи сохташон низ аз ибора фарқ мекунанд, зеро ҷумла асоси грамматикии худ-мубтадо ва хабар боз хусусияти дигарро дорад. Ҷумла он аст, ки вай бо мазмуни грамматикии худ аз ибора фарқ мекунад, зеро дар он муносибати гӯянда бо шунаванда дида шуда, замону фикрро ифода мекунад. Ибора бошад, шахсу шумора, замон ва сиға надорад, аммо ҷумла дорад.

Баъди он ки муаллим хусусиятҳои асосӣ ва фарққунандаи ҷумла ва ибораро бо мисол ва далелҳо фаҳмонид, тарз ва усули таълими ибораро ҷустуҷӯ менамояд.

Ибораро чӣ тарз таълим додан мумкин аст? Албатта, ҳангоми таълим ин ё он усулро ба тариқи маҷбурӣ ё тақлид истифода кардани муаллим хуб нест. Интихоби метод ба таҷрибаю маҳорат ва ҷустуҷӯҳои эҷодии муаллим, дараҷаи дониш ва тайёрии хонандагони синф вобаста аст.

Мо дар зер усули таълими ибораро дар асоси таҷрибаи худ пешкаш менамоем, то ки як андоза барои муаллим ҳангоми таълим маводи иловагӣ шуда хизмат кунад.

Ибора дар синфҳои V ва ҳам VIII омӯхта мешавад.

Дар синфи V ба таълими ин мавзӯъ чор соат вақт ҷудо кардан беҳгар аст.

Дар ин синф мафҳуми ибора, роҳҳои алоқаи байни ҷузъҳои он, калимаҳои тобеъкунанда ва тобеъшавандаи он омӯзонида мешавад.

Дар дарси аввал мафҳуми ибора ва фарқи ибора аз ҷумла, ҳамчунин тарзи аз дохили ҷумла ҷудо кардани ибораҳо шарҳ дода мешавад, Пеш аз баёни мавзӯъ муаллим аз хонандагон талаб мекунад, ки таърифи ҷумларо ба хотир оранд. Бо таклифи муаллим хонандагон якчанд ҷумла мегӯянд. Муаллим яке аз он ҷумларо ба тахтаи синф менависад: «Дар мактаби мо аълохонҳо бисёранд». Бо роҳи сӯҳбат хонандагон қисмҳои ҷумларо муайян мекунанд. Ҷумлаи мазкур ба қисмҳои зерин ҷудо карда мешавад:

1. Дар мактаби мо, 2. пионерони аълохон, 3. бисёранд.

Баъд муаллим мефаҳмонад, ки дар ин ҷумла ҳиссаҳои якум ва дуюм ҳар кадоме аз ду калимаи мустақилмаъно таркиб ёфта, нисбат ба ҳиссаи сеюм маънои аниқу васеътар доранд. Сипас, якчанд калима дар тахтаи синф навишта мешавад: муаллим, мактаб, модар, меҳрубон, гул, сурҳ хона, калон, бача, боодоб ва ғ. Муаллим ба хонандагон мефармояд, ки аз калимаҳои додашуда бо воситаи бандаки изофӣ ибораҳо (муаллими мактаб) созанд. Баъд хонандагон бо ибораҳои «модари меҳрубон», «гули сурх», «хонаи калон», ва «бачаи боодоб» ҷумлаҳо тартиб медиҳанд.

Баъди чунин кори мустақилона муаллим аз китоби дарсии синфи V таърифи ибораро хондаву эзоҳ дода мегузарад: «Ду ва ё якчанд калимаи мустақилмаъно, ки ба якдигар алоқаманд шуда, як мафҳуми мураккабро ифода мекунад, ибора номида мешавад».

Барои мустаҳкам намудани дониши хонандагон доир ба ибора чунин намуди кор пешниҳод карда мешавад: муаллим дар тахтаи синф калимаҳои «модар» ва «гул»-ро менависад. Хонандагон ба воситаи бандаки изофӣ чунин ибораҳо месозанд:

| | | | |
|---|---|---|---|
| | меҳрубон | | сурх |
| | азиз | | зард |
| модар-и | ғамхор | гул-и | сафед |
| | дилсӯз | | хушбӯй |
| | доно | | садбарг |

Муаллим инчунин мефаҳмонад, ки ибора натанҳо ба воситаи бандаки изофӣ, балки бе бандаки изофӣ, ба воситаи пешояндҳову пасояндҳо, бо ҳамроҳ омадани калимаҳо низ сохта мешавад. Чунончӣ, аз мактаб омадан, аз хона баромадан, ба Душанбе рафтан, китобро хондан, мактуб навиштан, тез сухан кардан, бисёр зебо ва ғ-ҳо.

Муаллим баъди муайян намудани алоқаи грамматикии байни ҷузъҳои асосӣ ва тобеъ дар тахтаи синф ба тариқи зер чанд мисол менависад ва ё аёниятро меовезад:

китоб ... нағз
... ҳама беҳтар
... лолачинӣ рафтан
Озода ... дидан

Муаллим мепурсад, ки аз калимаҳои додашуда чӣ тавр ибора сохтан мумкин аст? Барои он ки хонандагон мақсадро ба осонӣ фаҳманд, пурсида мешавад, ки ба ҷои нуқтаҳо чӣ гузоштан мумкин аст? Хонандагон ҷавоб медиҳанд, ки дар ибораи якум бандаки изофӣ, дар дуюм пешоянди «аз», дар сеюм пешоянди «ба» ва дар чорум пасоянди «ро» гузоштан лозим аст.

Сипас муаллим эзоҳ дода мегузарад, ки пешоянду пасояндҳо ва бандаки изофӣ воситаи алоқаи

грамматикии байни ҷузъҳои ибора ба шумор меравper, яъне қисмҳои ибора бо ёрии онҳо ба ҳамдигар алоқаманд мешаванд.

Бо мақсади мустаҳкамкунии мавзӯъ нақшаи зерин истифода бурда мешавад (агар нақша набошад, аз тахтаи синф истифода бурдан лозим). Ин як навъ бозии грамматикӣ аст:

| **Калимаҳо** | **Кадоме аз инҳо мувофиқ** |
|---|---|
| ...район рафтан<br>шаҳр ... калон<br>китоб ... хондан | пасоянди ро<br>пешоянди ба<br>бандаки изофии и |

Пас аз ин муаллим мавзӯъро ҷамъбаст мекунад. Дар вақти ҷамъбаст масъалаҳои асосии мавзӯъро таъкид намуда мегӯяд, ки калимаҳои таркиби ибора бо ёрии пешоянду пасоянд ва интонатсия бо ҳамдигар алоқаманд мешаванд ва ин унсурҳои ёрирасон воситаҳои алоқаи грамматикии ибораҳо номида мешаванд.

Барои мустаҳкамкунӣ аз китоби дарсӣ машқҳо истифода карда мешаванд.

Баъд аз ин масъалаи дигар - муайян кардани калимаи асосӣ- тобеъ ва ба ин муносибат донистани хелҳои ибора ба миён меояд. Муаллим дар ду сутун калимаҳои зеринро менависад:

| | |
|---|---|
| дӯст доштан | Ватан |
| хизмат кардан | халқ |
| шоир | маҳбуб |
| хушхат | ҳама |

Саволҳо бояд дар сутуни якум гузошта шаванд. Чунончӣ, дӯст доштан - чиро?

Хонандагон бо ёрии муаллим ба саволҳо ҷавоб медиҳанд: Ватанро (ибораи Ватанро дӯст доштан ҳосил мешавад).

Ба ҳамин монанд мисолҳои дигар низ шарҳ дода мешаванд.

Хизмат кардан ба кӣ? -ба халқ, ба халқ хизмат кардан-ибора.

Баъд муаллим эзоҳ медиҳад, ки дар иборахо савол, одатан, аз калимаи асосӣ - тобеъкунанда мебароял ва калимаи асосӣ кадом ҳиссаи нутқ бошад, ибора ҳам номи ҳамон ҳиссаи нутқро мегирад.

Ин фикр бо мисолҳо мустаҳкам карда мешавад: Дар ибораи «Баҳромро дидан» калимаи асосӣ «дидан» аст ва савол ҳам аз он калима мебарояд ва «дидан» феъл аст, бино бар ин ин ибораи феълист.

Ҳамин тариқ, ибораҳо ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд:

а) ибораҳои исмӣ - бинои мактаб, хонаи баланд, дарахти бед;

б) ибораҳои сифатӣ - сурхи баланд, аэ ҳама нағз, шир барин сафед;

в) ибораҳои шуморагӣ - дуи шумо, ду-се нафари дигар, дуюми сентябр;

г) ибораҳои ҷонишинӣ - мани муаллим, мани мӯйсафед, ҳар кадоми онҳо;

г) ибораҳои феълӣ - ба деҳа рафтан, аз шаҳр омадан, ҳамаро фаромӯш кардан;

д) ибораҳои зарфӣ - аз ҳама бештар, шаш моҳ дертар, аз дусад зиёдтар;

е) ибораҳои сифати феълӣ - аз кор омадагӣ, ба он ҷо рафтагӣ;

Дар машғулиятҳои дигар хонандагон бо роҳбарии муаллим аз китоби дарсӣ машқҳо кор карда, роҳҳои сохта шудани ибораҳо ва таркиби морфологии онҳоро муайян мекунанд. Дар таълими ин мавзӯъ аз китобчаи С.Шербоев истифода кардан мумкин аст.

## 4.2. Таълими чумлаҳои сода аз ҷиҳати маъно ва оҳанги гуфтор

Маълум, ки хонандагони синфи VIII ҳанӯз дар синфҳои поёнӣ доир ба ҷумлаҳои содаи ҳикоягӣ, саволӣ, хитобӣ ва амрӣ маълумот гирифтаанд. Бино бар ин ба ин масъала вақти зиёде сарф накарда, бо ду-се мисол фарқи онҳоро аз ҳамдигар нишон дода гузаштан ба мақсад мувофиқ аст. Ба воситаи мисолҳо фаҳмонида мешавад, ки ҷумлаҳои сода аз ҷиҳати миқдори калимаҳо ба ҳам монандӣ доранд. Муаллим барои эзоҳ аз мисолҳои зерин истифода мебарад:

Ту ба шаҳр меравӣ.

Ту ба шаҳр меравӣ?

Ту ба шаҳр меравӣ!

Муқоисаи ин ҷумлаҳо нишон медиҳад, ки як фикрро бо мақсадҳои гуногун истифода бурдан мумкин аст. Хонандагон аз ҷиҳати мазмун ва оҳанги гуфтор фарқи ҷумлаҳои болоиро бо тезӣ мефаҳманд, вале дар гузоштани аломатҳои китобатӣ ба ғалатҳо роҳ медиҳанд.

Мавриди таълими ҷумлаҳои содаи саволӣ ба хонандагон фаҳмонида мешавад, ки воситаи асосии ифодаи ҷумлаҳои саволӣ - интонатсия унсурн асосии ташаккули ҳамаи навъҳои чумлаи саволӣ мебошад.

Дар ҷумлаҳои саволӣ калимае, ки мақсадро ифода мекунад, пурқувваттар талаффуз мешавад. Ҷои калимаҳое, ки задаи мантиқӣ қабул мекунанд, дар ҷумла нисбатан озод аст: Ту ба Москва меравӣ. (ба дигар ҷой не, ба Москва); Ту ба Москва меравӣ (гарчанде рафтан нахоҳӣ)...

Агар калимаи заданок дар охири ҷумла ояд, интонатсияи саволӣ ором оғоз ёфта, дар охир қувват мегирад ва баландтар мешавад.

Шумо одами каппа - калон шуда истода ба ҳамин сафсата бовар мекунед? (Улуғзода) Синни ӯ дар пеши одамони рӯзгордида чист?

Ҳамин тавр, роли задаи мантиқӣ ва вазифаи он дар нутқ фаҳмида мешавад.

Ба замми ин муаллим вазифадор аст, ки оид ба сохти ҷумлаи саволӣ ва роҳҳои сохта шудани онҳо маълумоти муфассал дода, диққати хонандагонро ба ҷумлаҳои саволӣ ва роҳҳои гуногуни сохта шудани онҳо ҷалб намояд:

1. Ба воситаи ҷонишинҳои саволии кӣ, чӣ, киҳо, чиҳо, кист, чист ва ғайраҳо: Ба онҳо чӣ лозим будааст? (Р. Ҷалил).

Ба хонаат имрӯз киҳо омада буданд?

2. Ба воситаи калимаву таркибҳои саволӣ: кай, чӣ тавр, куҷо, ба куҷо, аз куҷо, чӣ қадар: Кай ман даркор будаам? (Р.Ҷалил) Аспро дар куҷо бандам? (Сорбон).

3. Ба воситаи ҳиссачаҳои саволӣ: оё, магар, на ин ки: Магар бо ман вохӯрӣ кардан намехоҳӣ? (Улуғзода). Наход ҳамин хел сахт гап зананд? (Муҳаммадиев) Оё маро нашинохтӣ?

Мо дар хусуси тарзи таълими ҷумлаҳои содаи хнтобӣ, амрӣ ва ҳикоягӣ чизе намегӯем, зеро таълими онҳо ба донишу маҳорат ва таҷрибаи ҳар як муаллим вобаста аст. Сониян, дар методикаи таълими забони тоҷикӣ фалон мавзӯъро ин тарз таълим деҳ, фалонашро он тавр гуфтан ба мақсад мувофиқ нест, зеро ҳар як муаллим усули таълими ба худ хосе дорад ва мувофиқи фаҳмиш ва дониши худ мавзӯъҳоро ба шогирдон меомӯзонад. Бо кадом тарзу усул таълим додани мавзӯъҳо ба маҳорату дониш ва ҷустуҷӯиҳои эҷодии муаллим вобаста аст.

Ҳангоми таълими ҷумлаҳои сода муаллим бояд аз тарзҳои гуногуни таҳлили ҷумлаҳои сода истифода

намояд. Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар таҳлили аъзоҳои ҷумла ва алоқаи онҳо истифодаи чунин тарзҳои таҳлилро тавсия менамояд:

1.Бо алоатҳои шартӣ хат кашидан ба зери сараъзо ва аъзоҳои пайрави ҷумла:

Мубтадо – як хати рост

Хабар – ду хати рост

Муайянкунанда – хати мавҷнок

Пуркунанда – хати пунктир - - - - - - - - - - - - -

Ҳол – бо хати тире ва нуқта - . - . - . - . - . - . - . -

Мо одами меҳнатдӯстро ҳамеша қадр мекунем

2. Дар сатр ҷумларо навишта дар болои ҳар як аъзои ҷумла дар дохили қавсайн саволи он ва дар зер номи он аъзо қайд карда мешавад:

| (кӣ?) | (чиро?) | (чӣ хел?) | (кай?) | (чӣ кор мекунем?) |
|---|---|---|---|---|
| Мо | Ватани | азизамонро | ҳамеша | дӯст медорем |
| мубтадо | пуркунанда | муайянкунанда | ҳол | хабар |

3. Дар болои сараъзо ва аъзоҳои ҷумла савол-ҳояшон навиштаву дар асоси савол сараъзо ва аъзоҳои ҷумла муайян карда мешавад:

| (чӣ?) | (чӣ тарз?) | (чӣ кор мекард?) |
|---|---|---|
| Офтоб | бо ғурур | ҷилва мекард |

4.Нишон додани сараъзо ва аъзоҳои ҷумла содда бо фигураҳои геометрӣ:

мубтадо - бо квадрат 

хабар - бо параллелограмм 

Муайянкунанда - бо ромб 

пуркунанда - бо терапетсия 

Ҳол - бо доира 




(Шукӯҳӣ)

5.Таҳлили сараъзо ва аъзоҳои ҷумла ба воситаи рақамҳои арифметикӣ:

| | |
|---|---|
| Мубтадо | -рақами1 |
| Хабар | -рақами2 |
| Муайянкунанда | -рақами3 |
| Пуркунанда | -рақами4 |
| Ҳол | -рақами5 |

Деҳқон(1) бо меҳнати (4) ҳалолаш (3) доимо(5) фахр мекунад.(2)

6.Алоқаи аъзоҳои ҷумла бо аломатҳои шартӣ рӯ ба поён нишон дода мешавад:

Халқ фарзандони қаҳрамонашро ҳамеша ҳурмат мекунад.

Халқ ҳурмат мекунад.

7.Алоқаи аъзои ҷумлаи содаро ба воситаи нишонаҳо – стрелкаҳо низ нишон додан мумкин аст. Дар ин тарзи таҳлил аз калимаи тобеъкунанда стрелка баромада, охири он ба болои калимаи тобеъшаванда меояд:



Пахтакорон бо ғунучин хуб тайёрӣ дида истодаанд.

8.Ҷумла навишта мешавад ва ҳар як калимаи он дар поёни ҷумла пурра таҳлил карда мешавад: Офтоб оламро нур мепошид. Офтоб- мубтадо, сода, бо исми ҷинс, беҷон, моддӣ ифода шудааст.

нур мепошид- хабар, хабари феълӣ, бо феъли таркибӣ, сиғаи хабарӣ, замони ҳозира- оянда ифода гардидааст;

оламро- пуркунанда, бо исми ҷинс, беҷон ифода гардидааст.

## 4.3. Усули таълими ҷумлаи мураккаб

Ҳангоми таълими ҷумлаҳои мураккаб дар назди муаллимони забони модарӣ чунин вазифаҳо меистад:

1. Вазифаи аввалин аз он иборат аст, ки муаллим бояд базаи синтаксисии нутқи даҳонӣ ва хаттии хонандагонро инкишоф диҳад, яъне ба он муваффақ гардад, ки хонандагони синфҳои VIII- IX дар нутқи даҳонӣ ва хаттии худ аз типҳои гуногуни ҷумлаҳои мураккаб ба таври саҳеҳ, мувофиқи нормаи забони адабӣ истифода карда тавонанд.

2. Вазифаи дуюм он аст, ки хонандагон алоқаи маънавии ҷумлаҳои содаро, ки дар таркиби ҷумлаи мураккаб меоянд, муайян карда тавонанд. Ин маънои онро дорад, ки мавриди омӯзиш хонандагон муайян намоянд, ки ҷумлаҳои сода дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб бо кадом роҳ бо ҳам алоқаманд гардидаанд: бо роҳи пайваст ва ё тобеъ.

Илова бар ин хонандагони синфҳои болоӣ дар дарсҳое, ки ба омӯзиши мавзӯи ҷумлаи мураккаб бахшида мешавад, аломатҳои китобатӣ ва мавқеи онҳоро дар ҷумлаҳои мураккаб аз худ намоянд.

Сохти ҷумлаи мураккабро тахминан чунин таълим додан мумкин аст:

Хонандагон ҳамаи он маълумотҳоеро, ки ҳанӯз то ин дам дар бораи ҷумлаи мураккаб гирифтаанд, ба воситаи сӯҳбати муаллим ба хотир меоранд. Баъд муаллим бо мисолҳои аниқу фаҳмо фарқи чумлаҳои мураккабро аз ҷумлаҳои сода фаҳмонида медиҳад.

Барои ин ҷумлаи сода овардаву он аз ҷиҳаги мазмуну оҳанги гуфтор, типу таркиб ва аъзоҳо таҳлил карда мешавад.

Масалан, «Дар осмон барқи оташранг медурахшид». Ин ҷумлаи сода аз ҷиҳати мазмун ҳикоягии дутаркибаи тафсилӣ мебошад. Мубтадои ин ҷумла барқ, хабар - медурахшид, оташранг - муайянкунанда ва дар осмон ҳоди макон аст.

Сониян, нишон дода мешавад, ки дар ин ҷумлаи сода як фикри том ба анҷом расидааст ва ниҳоят ба анҷом расидани фикр ба паст шудани интонатсия ва овоз дар охири ҷумла оварда расонидааст. Пас, ин ҷумлаи сода буда фикри томро ифода мекунад.

Муаллим барои таҳлил ҷумлаи содаи дигареро меоварад, ки он мазмунан ва мантиқан ба ҷумлаи содаи аввала наздик аст:

«Раъд бо шиддати том гулдуррос мезад». Ин ҷумлаи сода ҳам монанди ҷумлаи болоӣ аз ҷиҳати мазмун ва оҳанги гуфтор, типу таркиб ва аъзоҳои пайрави ҷумла таҳлил карда мешавад.

Сониян, бо роҳи сӯҳбат фаҳмонида мешавад, ки дар охири ҷумла паст шудани оҳанг ба охир расидани фикр, яъне фикри томро ифода кардани ҷумларо мефаҳмонад. Ин ҳам ҷумлаи сода буда фикри томро ифода кардааст.

Муаллим ба хонандагон таклиф менамояд, ки ба воситаи яке аз пайвандакҳои пайвасткунандаи «ва», «ё», «у» ду ҷумлаи содаро ба ҳам алоқаманд намуда,

ҷумлаи мураккаб созанд: «Дар осмон барқи оташранг медурахшиду раъд бо шиддати том гулдуррос мезад».

Вақте ки ин ду ҷумлаи сода бо ҳам алоқаманд шуданд, як ҷумлаи мураккаб ташкил ёфт. Дар ин ҳолат дар охири ҷумлаи якум ба охир расидани фикр мушоҳида намешавад, бино бар ин дар охири ҷумлаи якум оҳанг на паст, балки баландтар мешавад ва дар охири ҷумлаи дуюм интонатсия паст мешавад, ки ин аз ягонагии фикр гувоҳӣ медиҳад.

Аз ин рӯ, ҷумлаи мураккабро чунин таъриф кардан мумкин аст: «Ҷумлае, ки аз ду ва ё зиёда ҷумлаҳои сода таркиб ёфта, дорои ягонагии маъно ва интонатсия мебошад, ҷумлаи мураккаб номида мешавад». Дар ҷумлаи мураккаб ду фикри томи сода якҷоя фикри мураккабро ифода мекунад. Мо дар боло нишонаҳои чумлаҳои мураккабро муайян намудем. Маълум гардид, ки дар он фикри мураккаб барои ифода ёфтани худ ду ҷумлаи содаро талаб кардааст. Ду ҷумлаи сода ба ҳамдигар ба воситаи пайвандак ва интонатсия алоқаманд шудаанд.

Баъд ба хонандагон ҷумлаҳои тайёри мураккабро пешниҳод карда муаллим талаб менамояд, ки сохти онҳоро муайян кунанд. Ҳангоми пешниҳод намудани ҷумлаҳои мураккаб ба муаллим лозим аст, ки барои муқоиса ҷумлаҳои сода ва махсусан, ҷумлаҳои содаи чидааъзоро пешкаш намояд, то ки хонандагон ҷумлаи мураккабро аз ҷумлаи чидааъзо фарқ карда тавонанд. Баъди фаҳмидани роҳҳои сохта шудани ҷумлаи мураккаб муаллим хонандагонро бо тарзи сохта шудани онҳо шинос менамояд. Ба хонандагон фаҳмонида мешавад, ки ҷумлаҳои сода дар дохили ҷумлаи мураккаб бо ду роҳ пайваст мешаванд:

1. Ба воситаи пайвандакҳо ва интонатсия
2. Танҳо бо интонатсия.

Масалан, «Рӯз ба охир мерасиду парандагони дермонда ба сӯи ошёнҳои худ мешитобиданд».

Дар ин ҷумлаи мураккаб ду ҷумлаи сода ба ҳам ба воситаи пайвандаки «у» пайваст шудаанд,

Ё ин ки «Рӯзҳои аввали баҳор буд, барфи атроф оромона об мсшуд, дар ҳама ҷо об метаровид, боди ороми бесадо дар ҳавои мулоим вазида меистод».

Дар ин ҷумлаи мураккаб чор ҷумлаи сода ба якдигар ба воситаи интонатсия алоқаманд гардидаанд.

Ҳамин тариқ, муаллим бо як қатор мисолҳо тарзи сохта шудани ҷумлпи мураккабро хаттӣ ва даҳонӣ нишон медиҳад.

Ғайр аз ин, муаллим метавонад ба хонандагон супориш диҳад ва ё онҳоро маҷбур намояд, ки худашон ҷумлаҳои мураккабе тартиб диҳанд, ки дар онҳо ҷумлаҳои содаашон ба воситаи пайвандакҳо ва бепайвандак алоқаманд шуда бошанд. Хонандагонро ба эҷодкорӣ одат кунониданамон лозим аст ва маҷбур намоем, ки онҳо худ бештар ҷумла тартиб диҳанд.

Муаллим дар охири дарс бояд аломатҳои китобатиро дар ҷумлаи мураккаб эзоҳ дода гузарад:

а) дар ҷумлаи мураккабе, ки дар онҳо ҷумлаҳои сода ба воситаи пайвандакҳо пайваст шудаанд, пеш аз пйвандакҳо аломати вергул гузошта мешавад (агар пайвандакҳои хилофӣ бошад);

б) дар ҷумлаҳои мураккабе, ки ҷумлаҳои содаашон бепайвандак алоқаманд щудаанд, ҷумлаҳои сода аз ҳам бо вергул ҷудо карда мешаванд.

## 4.4. Таълими хелҳои ҷумалаи мураккаб аз ҷиҳати маъно

Чунон ки ишора рафт, вазифаи муаллими забони модарӣ аз таълими ҷумлаи мураккаб ба хонандагон фаҳмонидани ду чиз аст: яке сохти ҷумлаи мураккаб, дигаре алоқаи маънавии ҷумлаҳои содаро дар дохили ҷумлаи мураккаб муайян кардан.

Муаллим ҳангоми фаҳмонидани алоқаи маънавии ҷумлаҳои сода дар дохили ҷумлаи мураккаб бояд муайян намояд, ки алоқаи маъноии ҷумлаҳои сода дар дохили ҷумлаи мураккаб бо алоқаи калимаҳо дар дохили ҷумлаи сода баробар аст.

Калимаҳо дар дохили ҷумлаи сода ду хел алоқа доранд: алоқаи пайваст ва тобеъ.

Алоқаи пайваст чунин аст, ки дар он калимаҳо ба ҳамдигар ба тарзи баробарҳуқуқ пайваст мегарданд, як калима дигарашро эзоҳ намедиҳад, аз яке савол баромада дигаре ҷавоб намешавад, калимаҳо баробарҳуқуқона чида мешаванд ва ҳамаи калимаҳо ба як савол ҷавоб мешаванд: Ӯ ҷавони чорпаҳлӯ, тануманд, зардинарӯ буд. Дар ин ҷумла калимаҳои чорпаҳлӯ, тануманд ва зардинарӯӣ ба ҳам ба тарзи пайваст алоқаманд шудаанд ва ба саволи чӣ хел? ҷавоб мешаванд,

Алоқаи пайвасти калимаҳоро ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунандаи пайиҳам ва ё дар нутқи даҳонӣ ба воситаи интонатсия ва ист муайян кардан мумкин аст.

Калимаҳо дар ҷумлаҳои сода ба тарзи тобеъ низ алоқаманд мешаванд. Алоқаи тобеъ он аст, ки дар он аз як калима савол баромада, дигаре ҷавоб мешавад, яке тобеъкунанда, дигаре тобеъшаванда аст. Алоқаи тобеъро дар нутқи хаттӣ ва даҳонӣ ба воситаи бандакҳо, пайвандакҳо, пешоянду пасояндҳо ва

тартиби калимаҳо дар ҷумла муайян кардан мумкин аст.

Ба ҳамин монанд ҷумлаҳои сода низ дар дохили ҷумлаҳои мураккаб ба тарзи пайваст ва тобеъ алоқаманд мегарданд.

Ҷумлаҳои содае, ки дар дохили ҷумлаи мураккаб бо роҳи пайваст алоқаманд шудаанд, аз яке савол баромада дигаре ҷавоб намешавад, яке дигареро шарҳ намедиҳад, ҳар кадом ҷумла баробар ҳуқуқ мебошад. Ин гуна ҷумларо ҷумлаи мураккаби пайваст меноманд:

Як хел ранги ширмонанд рост ба рӯи замину осмон пош хӯрда буд, вале равшанӣ ҳам дида намешуд, дар сафедии атроф ҳеҷ як чиз ноаён намегардад, ҳама чиз гӯё наздик ва номаълум буд. (Л. Толстой)

Дар дарси минбаъда хонандагон бо се хели пайвандакҳои пайвасткунанда шинос мешаванд: пайвандакҳои пайвасткунандаи паиҳам, хилофӣ ва ҷудоӣ.

Дар рафти дарс муаллим ба воситаи ҷумлаҳои гуногуне, ки пайвандакҳои пайвасткунанда доранд, ҷумлаи мураккаби пайвастро мефаҳмонад ва ба хонандагон мефармояд, ки аз тахтаи синф дар дафтарҳояшон таблитсаи зеринро навишта гиранд ва худ низ мисол оранд: _ __________ ______ _________

| **Пайвандакҳои пайвасткунанда** | **Мисол ба ҷумлаи мураккаби пайвасти пайвандакдор** | **Муносибати маъноии ҷумлаҳои содаи дохили ҷумлаи мураккаби пайваст** | **Мисолҳое, ки хонандагон тартиб додаанд** |
|---|---|---|---|
| 1. Пайвандакҳои паиҳам ва, у (ю, ву), чи...чи, ҳам...ҳам инчунин. | Муаллим тарзи хондани китоби бадеиро нишон дод ва мо ба хондани он сар кардем. | Паси ҳам ба вукӯъ омадани амал | |
| 2. Пайвандакҳои хилофӣ: аммо, | Китоби худ на фақат ба кас дониш медиҳад, балки вай | Бар хилофи якдигар рӯй | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| вале, лекин, балки вагарна, валекин.<br><br>3.Пайвандакҳои ҷудоӣ: е..ё, ё, ё ки, ё ин ки, ё худ | одобу ахлоҷи нек ҳам меомӯзад. Ин заминро ё мо худамон обод мекунем, ё колхоз ба бригадаи сеюм медиҳад. | додани амал<br><br>Амали ҷумлаҳои сода бар ивази якдигар омаданд. | |

Ин гуна таблитсаҳо хонандагонро фаъолу серҳаракат ва эҷодкор менамояд. Илова бар ин ҳангоми таълими ҷумлаҳои мураккаби пайваст муаллим метавонад аз чунин намудҳои машқ низ истифода намояд:

1. Таҳлили синтаксисӣ ва пунктуатсионии ҷумлаҳо: бо диктаи муаллим хонандагон дар тахтаи синф ҷумларо навишта, онро таҳлил мекунанд; аз тахтаи синф навишта гирифтани ҷумлаҳое, ки муаллим пешакӣ навишта мондааст ва дар он гузоштани аломатҳои китобатӣ; навиштани машқҳои китоби дарсӣ, тартиб додани ҷумлаҳо аз варақчаҳои грамматикии муаллим дода.
2. Корҳои эҷодӣ доир ба тартиб додани ҷумлаҳои мураккаби пайваст; ҷумлаи содаи чидааъзоро ба ҷумлаи мураккаби пайваст баргардонидан; аз ибора ва ҷумлаҳои сода тартиб додани ҷумлаи мураккаби пайваст; тартиб додани ҷумлаҳои мураккаби пайваст ба воситаи пайвандакҳо; бо ёрии муаллим аз рӯи расмҳо тартиб додани ҷумлаҳои мураккаби пайваст; ба воситаи ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва дутаркиба, пурра ва нопурра тартиб додани ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва ғайра.
3. Истифодаи намудҳои гуногуни диктантҳои таълимӣ бо супоришоти грамматикӣ;
4. Машқҳои гуногун, аз асарҳои бадеӣ ёфтани ҷумлаҳои мураккаби пайваст, ҳам аз наср ва ҳам аз назм.

## 4.5. Таълими ҷумлаи мураккаби тобеъ бо як ҷумлаи пайрав

Хонандагон доир ба ҷумлаи мураккаби тобеъ ҳанӯз дар синфҳои III-IV маълумот гирифтаанд. Бино бар ин ба муаллим лозим аст, ки дар синфи IX бо роҳи сӯҳбат дониши пештараи хонандагонро доир ба мавзӯъ хотиррасон намояд.

Таълими ҷумлаи мураккаби тобеъ аз муаллим донишу маҳорат, ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва истифодаи тарзу воситаҳои гуногуни методиро талаб менамояд.

Муаллим баъди фаҳмонидани нишонаҳои асосии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар тахтаи синф, ё таблитсаи алоҳида ду гурӯҳи мисолҳоро пешакӣ навиштаю тайёр менамояд.

Ман медонам. Сулҳ ғалаба мекунад.

Меҳнат кунӣ. Роҳат мебинӣ.

Баъд хонандагонро мефармояд, ки ҷумлаҳои пешниҳодшударо хонда, мазмунашонро эзоҳ диҳанд. Муаллим бо иштироки хонандагон ҷумлаи сода будани онҳоро муайян намуда, онҳоро аз ҷиҳати мазмун ва оҳанги гуфтор, типу таркиб ва аъзоҳо таҳлил менамояд. Муаллим ҳангоми таҳлил диққати хонандагонро ба ҷумлаи «Ман медонам» ҷалб менамояд. Дар ин ҷумлаи сода маълум нест, ки ман чиро медонам. Ҷумлаи дигаре лозим аст, ки ба саволи чиро? ҷавоб дода, хабари ҷумлаи содаи якум «медонам» -ро эзоҳ диҳад ва равшан намояд. Фаҳмост, ки ба саволи чиро? ҷумлаи содаи дуюм «Сулҳ ғалаба мекунад» ҷавоб мешавад. Баъди алоқаманд кардани ин ҷумлаҳои сода як ҷумлаи мураккаб ҳосил мешавад. Дар ин лаҳза лозим аст, ки якчанд пайвандакҳои тобеъкунандаро ба гӯшаи тахтаи синф навишта, аз хонандагон талаб карда шавад, ки бо истифодаи пайвандакҳо ҷумлаҳои содаро бо ҳам алоқаманд намоянд. Хонандагон супоришро ба тариқи

зер иҷро мекунанд: «Ман медонам, ки сулҳ ғалаба мекунад», «Агар кор кунӣ , роҳат мебинӣ». Муаллим эзоҳ медиҳад, ки аз ду ҷумлаи сода як ҷумлаи мураккаб сохта шуд. Аз хонандагон пурсида мешавад, ки ҷумлаҳои сода дар таркиби ин ҷумлаҳои мураккаб ба якдигар ба тариқи пайваст алоқаманд гардидаанд ё тобеъ.

Барои ба ин савол ҷавоб додан хусусияти асосии ҷумлаҳои мураккаби пайваст ба хотир оварда мешавад. Баъди ҷавоби хонандагон муаллим хулоса мебарорад, ки дар ин ҷумлаҳои мураккаб ҷумлаҳои сода ба якдигар ба тарзи тобеъ алоқаманд шудаанд, зеро:

а) аз як ҷумла савол мебарояду дигаре ҷавоб мешавад;

б) як ҷумла хусусияти тобеъкунӣ дорад, ҷумлаи дигар тобеъшавӣ;

в) пайвандакҳои ки ва агар ба гурӯҳи пайвандакҳои тобеъкунанда дохил мешаванд.

Баъд қоидаи ҷумлаи мураккаби тобеъро гуфта дар бораи сарҷумла ва ҷумлаи пайрави он маълумот медиҳад. Ҷумлае, ки дигар ҷумлаҳоро ба худ тобеъ мекунад, фикри асосӣ дар он аст ва аз вай савол мебарояд, сарҷумла ва ҷумлае, ки ба сарҷумла тобеъ шуда, онро аз ягон ҷиҳат эзоҳ медиҳад, ба саволи сарҷумла ҷавоб мешавад ва хусусияти тобеъшавӣ дорад, ҷумлаи пайрав номида мешавад.

Дар ҷумлаҳои мураккаби боло ҷумлаҳои содаи: «Ман медонам» ва «Роҳат мебинӣ» сарҷумла буда, ҷумлаҳои «ки сулҳ ғалаба мекунад», «агар кор кунӣ» ҷумлаи пайрав мебошанд. Мавриди муайян намудани сарҷумла ва ҷумлаи пайрав ба зери сарҷумла хати рост (__________) ва ба зери ҷумлаи пайрав хати мавҷнок ( ~ ~ ~ ~ ~ ) кашида мешавад.

Саволе, ки аз сарҷумла мебарояд, ба болои ҷумлаи пайрав навишта мешавад. Пайвандаки ҷумлаи пайрав (агар дар дохили доира гирифта мешавад.

Муаллим ҳангоми таҳлили ҷумлаи мураккаби тобеъ ба тартиби таҳлил эътибори алоҳида диҳад, ки он барои инкишофи нутқи хаттӣ ва даҳонии хонандагон аҳамияти калон дорад.

Ҳангоми таълими ҷумлаи мураккаб хонандагон метавонанд аз чунин намудҳои машқ ва воситаҳои методӣ истифода баранд:

1. Аз калима сохтани ибора ва аз ибора тартиб додани ҷумлаҳои сода.
2. Аз ҷумлаҳои сода ба воситаи пайвандакҳои тобеъкунанда сохтани ҷумлаҳои мураккаби тобеъ.
3. Ба тарзи хаттӣ ва даҳонӣ ҳал кардани мисолҳои китоби дарсӣ.
4. Аз рӯи варақчаҳои грамматикӣ даҳонӣ муайян намудани сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрави ҷумлаҳои мураккаби тобеъ.
5. Муаллим дар тахтаи синф якчанд ҷумлаи содаро навишта аз хонандагон талаб мекунад, ки онҳо мустақилона пайвандакҳои муносибро гузошта ҷумлаҳои мураккаб созанд.
6. Муаллим дар тахтаи синф, ё ки таблитса чанд сарҷумларо навишта ба хонандагон таклиф менамояд, ки ба он ҷумлаҳои пайрав фикр кунанд, ё ки баръакс.
7. Бо роҳи шарҳдиҳӣ муайян намудани ҷумлаҳои мураккаби пайваст ва тобеъ.
8. Аз рӯи расм тартиб додани ҷумлаҳои мураккаб ва ғайраҳо.

Намуди корҳои мустақилона доир ба ҷумлаҳои мураккаб хеле бисёр буда, истифодаи самараноки онҳо ба дониш, таҷриба ва маҳорати муаллиму хонандагон вобаста аст.

Мақсад аз таълими ҷумлаҳои мураккаб он аст, ки хонандагон дар нутқи хаттӣ ва даҳониашон аз ин гуна ҷумлаҳо мустақилона истифода бурда, тарзи сохтани онро ёд гиранд ва гуфтори худро инкишоф диҳанд.

## 4.6. Нақшаи ҷумлаҳои мураккаби пайвасту тобеъ

1.Ҷумлаи мураккаби пайваст:

а)Агар аз ду ҷумлаи сода иборат бошад:

Ҳаво соф буд, осмон бо ранги нилобии беғубор медурахшид.



б)Агар аз се ҷумлаи сода иборат бошад:

Суруд мисли ҷон аст,// мо ҳама меравему // суруд боқӣ мемонад.




в)Агар аз чор ҷумлаи сода иборат бошад:

Ӯ як байт хонд// ва ба ӯ ман ҷавоб додам// ва ӯ ҷавоб дод// ва боз ман ҷавоб додам.



2. Нақшаи ҷумлаи мураккаби тобеъ:

а) як ҷумла пайравдор:

б) сарҷумла дар аввал:

Зиндагӣ сурудест, ки кас ҳама вақт гӯш кардан мехоҳад.




3. Сарҷумла дар ҷои дуюм, баъди ҷумлаи пайрав:

Ҳар кӣ аз дида дур бошад, аз дил дур аст (Фолклор).




4. Нисфи сарҷумла дар аввал, нисфаш дар охир, ҷумлаи пайрав дар мобайн:

Котибе, [ки] дар идораи колхоз аризаҳоро қабул мекард, як аризаро аз назар гузаронид (С.Айнӣ).



б) ҷумлаи мураккаби сертаркиб:

1) сарҷумла дар аввал, ду ҷумлаи пайрав ба тариқи чида:

Ман медонам, // (ки) падараш аз ин кор бохабар аст // ва ҳамсояҳо ба ӯ чанд бор гуфтанд (Улуғзода).




2. Сарҷумла дар мобайн, як ҷумлаи пайрав дар аввал, ҷумлаи пайрави дигар дар охир:

Агар аз хона бароянд, ба ӯ фармоед, ки китобро гирифта оянд. (С.Айнӣ)




3. Сарҷумла дар аввал, сипас ҷумлаи пайрав, боз ҷумлаи пайрав /дараҷа/;

Боре худаш дуруст гуфта буд, ки табиати ӯ мисли нахлест, ки он аз чанд навъи ниҳол пайванд гузаронидаанд (Ф.Муҳаммадиев).




в/ Ҷумлаи мураккаби омехта:

а/ як ҷумлаи содда озод, пас сарҷумла ва ҷумлаи пайрав:

Борони майда меборид, // шамоле, ки аз дара мевазид, // ба гӯш нолаи шағолонро мерасонд (Ҷ.Икромӣ).




б/ Вақте ки шумо барин ҷавонтар будам,// ба шумо барин насиҳатчӣ вонахӯрда будам, // набошад дар ин пиронсолагиам хеле ақлам даромада мемонд (С.Улуғзода).



# БОБИ ПАНҶУМ
# МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШИ ИМЛО

## 1. Имлои забони тоҷикӣ ва ҳолати саводи имловии хонандагон

Мақсади машғулиятҳои имлоӣ ба хонандагон омӯзонидани хату саводи комил мебошад, то ки онҳо фикри худро мустақилона баён кардаву босаводона навишта тавонанд. Аз ин рӯ, имло ва таълими он дар мактаб мавқеи асосиро дорад.

Имло системаи ё маҷмӯи қоидаҳои дар хат дуруст ифода намудани калимаҳо мебошад.

Мо дар вақти навиштан ба принсипҳои имлои забони тоҷикӣ такя менамоем. Ҳар як муаллим вазифадор аст, ки пеш аз таълими қоидаҳои имло ва омӯзиши усулҳои таълим принсипҳои имлои забони тоҷикиро аз худ намояд, зеро принсипҳои имлоро надониста дар таълими он муваффақият ба даст овардан мумкин нест.

Дар таълими имло муаллим бояд чор принсипи онро ба назар гирад:

а) принсипи фонетикӣ; б) принсипи морфологӣ; в) принсипи таърихӣ ё ки анъанавӣ; г) принсипи шартӣ.

1.Принсипи фонетикӣ талаб мекунад, ки калимаҳо чи хеле ки талаффуз карда шаванд, бояд ҳамон тавр, яъне бе ҳеҷ гуна тағйироти фонетикӣ навишта шаванд. Аҳамияти ин принсип дар он аст, ки бо тараққӣ ва тағйироти тадриҷии забон имло тағйироти талаффузиро дар худ инъикос кунонида метавонад. Ин принсип дар навишти калимаҳое, ки талаффузашон бо навишташон мувофиқат мекунад, бағоят муҳим аст, Ин гуна калимаҳо дар забони тоҷикӣ бисёранд.

Вале дар забони тоҷикӣ талаффузи на ҳамаи калимаҳо бо навишташон мувофиқат мекунанд. Масалан талаффузи калимаҳои душанбе, сешанбе,

дуюм, сеюм, бисёр, тӯб, мехӯрад, дарё, бӯрё ва амсоли инҳо дигар асту навишташон дигар.

Барои дуруст навиштани ин гуиа калимаҳо принсипи морфологӣ ёрӣ мерасонад.

2. Принсипи морфологӣ талаб мекунад, ки дар навишти калимаҳо ба талаффуз нигоҳ накарда, балки ба морфемаҳои таркиби калима, яъне реша, пасванд, пешванд, бандак ва асос эътибор дода шавад.

Ин принсип дар асоси қоидаҳои калимасозӣ ва калимабандӣ, ё худ ба ин ё он ҳиссаҳои нутқ тааллуқ доштани калимаҳо такя намуда, навиштани калимаҳоро талаб менамояд. Принсипи морфологӣ махсусан дар имлои феълҳо бештар мушоҳида мешавад, Чунончӣ, калимаи «меравад» -ро дар гуфтугӯ «мерад», «мерӯд» ва «мера» талаффуз мекунанд. Агар ин калимаро мувофиқи талаффузи шеваҳо нависем, решаи калима таркиби овозии худро гум мекунад.

Ё ки феъли «рафта истодаам»-ро «рафсодиям» талаффуз мекунанд. Бинобар он аз хонандагон талаб кардан лозим аст, ки чи навъе, ки калимаҳо навиштаву ба як меъёри муайян дохил карда шудаанд, онҳоро ҳамон тавр талаффуз намоянд ва навишанд.

Мувофиқи қоидаи калимасозӣ ҳамаи калимаҳои пешванддори забони тоҷикӣ ва ҳамчунин тамоми калимаҳои мураккаби типи пайваст ва тобеъ низ якҷоя навишта мешаванд.

Мувофиқи қоидаи калимабандӣ бо асос якҷоя навиштани тамоми бандакҳои забони тоҷикӣ дар назар дошта мешавад (бандакҳои изофӣ, феълӣ, хабарӣ, бандакҷонишинҳо).

3. Хусусияти принсипи таърихӣ - анъанавӣ аз он иборат аст, ки ба дигаргуншавии овозҳои нутқ ва тағйироти забонӣ нигоҳ накарда, шакли қадимаи калимаҳоро, ки ба талаффузи ҳозира мувофиқ

намеоянд, нигоҳ медорад. Дар асоси ин принсип калимаҳо на мувофиқи талаффузи забони адабии ҳозира, балки ба шакли дар адабиёти классикӣ буда навишта мешаванд. Навиштан ва хондани хати дар асоси ин принсип навишташуда нисбатан душвор аст.

Имлои забонҳои франсузӣ, англисӣ ва арабӣ дар асоси ҳамин принсип тартиб дода шудаанд.

Дар имлои имрӯзаи мо ҳам аз ин принснп дар мавқеи худ истифода бурда мешавад. Масалан, дар асарҳои адибони классикӣ калимаҳое вомехӯранд, ки талаффузашон дар забони адабии ҳозираи тоҷик дигар шудааст. Агар ин гуна калимаҳоро мувофиқи талаффузи имрӯза нависем, дар вазн ё қофияи шеър ба сакта роҳ медиҳем. Бино бар он дар вақти чоп кардани матнҳои классикӣ ба принсипи анъанавӣ риоя карда мешавад. Чунончи:

Ин сухан гуфту лахте андӯҳ x̱вард,
В-аз нафас даркашид боде сард.

Дар байти мазкур шакли қадимаи ин калима «хвард» аст ва ҳоло вай «хӯрд» талаффуз карда мешавад.

Ба ҳамин монанд калимаҳои хвеш, хвоҳар, хвостан, хвондан, хвобидан ва ғайраҳо дар насри матнҳои классикӣ, ки бо ҳуруфоти арабӣ навишта мешаванд, талаффузашон аз навишташон фарқ мекунанд. Бино бар ин дар ин гуна мавридҳо навишти баъзе калимаҳо дар асоси принсипи анъанавӣ шакл мгиранд.

4.Принсипи шартӣ талаб мекунад, ки ҳангоми навишт ба чунин қоидаҳо риоя карда шавад:

а) бо ҳарфи калон сар карда навиштани ҷумла;

б) бо абзатс навиштани фикри нав;

в) бо ҳарфи калон навиштани ҳар як сатри шеър;

г) дар мобайн навиштани сарлавҳаҳо;

ғ) калимаҳои иқтибосиро мувофиқи имлои он забон навиштан ва ғ.

Ҳамин тавр, имлои забони тоҷикӣ дар асоси принсипҳои болоӣ тартиб дода шудаанд.

Дар мактабҳои мо дониши имловии аксари хонандагон ба талаботи имрӯза пурра ҷавоб дода наметавонад. Аз ҳамин ҷост, ки бисёр хонандагон дар навишти калимаҳо ғалатҳо содир мекунанд.

Сустии дониши имловии хонандагон ба якчанд сабабҳои характери умумӣ дошта алоқаманд аст:

а) Дар мактабҳо набудани роҳи ягонаи мубориза барои саводнокӣ, яъне муаллимони фанҳои гуногун ва роҳбарияти мактабҳо ба нутқ ва саводи имловии хонандагон талаботи ягона надоранд; инчунин дар мактабҳо ҳангоми навиштани эълонҳо, баровардаии газетаҳо ғалатҳои зиёде дучор мешаванд, ба замми ин баъзе муаллимон саводи хуби имловӣ надоранд;

б) аз синф ба синф гузаронидани хонандагони сустхону камсавод;

в) ба хонандагон аз фанҳои гуногун додани супоришҳои зиёд;

г) роли қоидаву таърифотҳоро аз ҳад зиёд кардан ва дар амал татбиқ карда натавонистани онҳо;

ғ) хеле кам мутолиа намудани китоби бадеӣ ва ғайраҳо.

Ба ғайр аз ин боз чунин чизҳое ҳастанд, ки ба пешрафти саводи имловии хонандагон халал мерасонанд;

а) набудани системаи ягонаи кор ва муттасилият доир ба имло дар давоми ёздаҳ соли хониш дар мактаб;

б) набудани системаи зарурӣ дар интихоби метод ва воситаҳои методии омӯзиши имло; зина ба зина мушкил намудани супоришҳои имловӣ:

в) дар таълими имло аз усулу воситаҳои методӣ, машқ ва супоришҳои гуногун самаранок истифода бурдан;

г) шавқу завқи хонандагонро ба фанни таълимӣ бедор карда натавонистан.

## 5.1. Омилҳои аз худ кардани имло

Дар аз худ кардани имло чаҳор омил аст.

1. Омили шунавоӣ
2. Омили биноӣ
3. Омили хотираи моторӣ (ҳаракатӣ)
4. Омили дониши морфологӣ (дониши грамматикӣ).

Ҳар яки ин омилҳо барои аз худ намудани хати босаводона аҳамияти калон доранд. Бояд гуфт, ки ин омилҳо дар мавридҳои гуногун ба хонандагон таъсири гуногун мебахшанд.

1. Омили шунавоӣ

Аксар вақт аз рӯи шунид навиштанро «душмани имло» мегӯянд. Вазифаи асосии орфография аз он иборат аст, ки майли аз рӯи шунид навиштанро бартараф намояд. Вақте ки мо шунида менависем, ба ғалатҳо роҳ медиҳем, зеро дар забонамон бисёр калимаҳое ҳастанд, ки талаффуз ва навишти онҳо якхела нестанд, ҳатто мо дар мавридҳое, ки калимаҳоро ба тарзе ки навишта мешаванд, ҳамон хел талаффуз кунем ҳам, бо вуҷуди он натиҷаҳои даркорӣ ба даст оварда наметавонем. Зеро шунидан аввало таассуротро муддатҳои дароз нигоҳ дошта наметавонад, яъне чизеро, ки шунавем, ба зудӣ фаромӯш мекунем. Сониян, аксаран ҳангоми дар ҳаяҷон будан, калимаҳоро нашунида ҳам мемонем, бино бар он дар навиштани бисёр калимаҳо ба ҳиссиёти шунавоӣ такя намудан мумкин намешавад. Бо вуҷуди он барои навиштани калимаҳое, ки талаффуз ва навишташон як хел

мебошанд, шунидан омили муҳими дуруст навиштани калимаҳо мебошад. Ин гуна калимаҳо дар забонамон бисёр буда, зинаҳои аввалини хату савод ҳам аз он иборат аст, ки калимаҳо аз рӯи шунид бо ҳарфҳои муносиб навишта шаванд.

Малакаи аз рӯи шунид навиштан бояд дар соли якуми омӯзиш кор карда баровarда шавад.

Ғайр аз он як қатор орфограммаҳое ҳастанд, ки фақат ба воситаи шунидан аз худ карда мешаванд. Чунончи, калимаҳое, ки бо аломати сакта (ъ) ё худ бо ҳамсадои шадда (диққат, муддат, саттор) навишта мешаванд.

2. Дидан ё худ омили биноӣ чунин хусусият дорад, ки таассуроти расидаро муддати дароз нигоҳ медорад. Аз ин ҷост, ки одамони босавод дар навиштани ин ё он калима шубҳа пайдо кунанд, он калимаро дубора менависанд ва аз онҳо шаклеро, ки ба чашм маъқул шавад, интихоб мекунанд. Бино бар он мақоли халқии «Шунидан кай бувад монанди дидан»-ро дар якчанд мавридҳои имло ба кор бурдан мумкин аст. Масалан, ҳангоми навиштани калимаҳои нави аз дигар забонҳо дохилшуда омили биноӣ аҳамияти калон дорад. Дар вақти таълими орфография ҳаминро дар назар доштан лозим аст, ки омили биноӣ барои синну сол ҳам аҳамияти гуногун дорад. Чи қадар ки синну соли хонандагон хурд ва донишҳои грамматикиашон камтар бошад, омили биноӣ ҳамон қадар барои дуруст навиштани калимаҳо аҳамият дорад.

3.Хотираи моторӣ (ҳаракатӣ) низ омили муҳими аз худ кардани имло аст. Вай пайдарпай ва бо ҳиссиёти биноӣ пайваста амал мекунад. Малакаҳои моторӣ-ҳаракатӣ хеле устувор ва пойдор мебошанд.

Хотираи моторӣ комплекси ҳаракатҳои аз худ кардашударо муддати дуру дароз нигоҳ медорад.

Масалан, касе ки велосипедсавориро аз хурдӣ аз худ карда бошад, пас аз 15-20 сол ҳам рондани онро аз хотир фаромӯш намекунад.

Дар хусуси дуруст навиштани калимаҳо низ ҳаминро гуфтан мумкин аст. Касе, ки озодона навиштанро аз синни хурдӣ аз худ карда бошад, дигар дар бораи ҳарфҳои ҷудогона хаёл накарда навиштан мегирад.

Бино бар он дар хотир бояд дошт, ки хотираи моторӣ хусусан дар давраи аввали таълим таъсири калон дорад.

Дар ин давра ҳам омили биноӣ ва ҳам хотираи моторӣ бояд аз ғалатнависиҳо муҳофизат карда шаванд. Ислоҳи хатоҳо ва такроран ёд додан, аз нав ёд додан душвор аст. Аз ин ҷост, ки таъкид ва огоҳ намудан аз хатоҳо - аз талабҳои асосии методикаи таълими забон мебошад.

Хату саводнокии бошуурона ва устувору мустаҳкам фақат дар шароите ба даст оварда мешавад, ки агар соҳиби хат маъно, сохт ва шакли калимаро донад. Ин бошад, ба амал татбиқ намудани омили чорум, дониши морфологӣ - грамматикиро талаб мекунад.

Роли ин омил хусусан дар калимаҳое, ки навиштанашон ду хел, вале талаффузашон як хел мебошад, калон аст. Ин гуна калимаҳоро фақат дар натиҷаи дуруст донистани грамматика беғалат навиштан мумкин аст. Шахсеро, ки пас аз андешаи дуру дароз калимаро беғалат менависад, комилан саводнок ҳисобидан мумкин нест. К. Д. Ушинскӣ навишта буд: «Барои хату саводнокӣ қоидаҳои грамматикиро донистани шахс кифоягӣ намекунад, балки боз ӯро зарур аст, ки он қоидаҳоро фавран дар амал иҷро намояд. Барои ин таҷриба, машқ лозим аст, вале таҷрибае, ки ба он грамматика роҳнамоӣ кунад».

Бино бар он шахси комилан босавод касест, ки ҳангоми навиштан донишҳои грамматикиро ба осонӣ ва ба тезӣ дар амал татбиқ намояд.

3. Тарзҳои методӣ ва намудҳои кор доир ба омӯзиши имло. Дар вақти гузаронидани машғулиятҳои имловӣ бисёр муаллимон аз тарзу воситаҳои методӣ ва машқҳои гуногуни дар таҷрибаи мактабҳо санҷидашуда ҳамаҷониба истифода намебаранд.

Бояд гуфт, ки дар таълими имло танҳо бо як метод ва тарзу воситаи методӣ кор бурдан нокифоя буда, аз усул ва воситаҳои методии гуногун истифода кардан шарти муҳими муваффақиятнокии машғулиятҳои имловист.

Интихоби ин ё он усул ва тарзу воситаҳои методӣ кори басо мушкил аст. Баъзан ҳолатҳое ҳам мешавад, ки ин ё он методи дар шароити муайян истифода шуда дар мавриди дигар ба кор намеояд ва моҳияти худро гум мекунад. Аз ин рӯ, интихоби воситаҳои методӣ аз масъалаҳои муҳими методикаи забони тоҷикӣ дар омӯзиши имло ба шумор меравад. Ҳангоми истифода аз тарзу воситаҳои методӣ ва машқҳои гуногун бояд хусусиятҳои онҳо ба ҳисоб гирифта шаванд. Пеш аз ҳама, аз нуқтаи назари психологӣ дар назар дошта шавад, ки мавриди истифодаи ин ё он усул ва тарзу воситаҳои методӣ кадом хусусияти психикии хонанда: хотира, диққат ё идрок инкишоф дода мешавад.

Истифодаи воситаҳои методӣ ва машқҳо аз нуқтаи назари методикаи таълим бояд ба чунин талабот ҷавоб дода тавонанд;

а) мувофиқати онҳо бо материали таълимӣ;

б) тайёр намудани хонандагон ба аз худ намудани материал;

в) ба кадом мақсад кор фармуда шудани он воситаи методӣ ва зарурати он.

Масалан, дар синфи як ҳеҷ гоҳ таълими хатро аз диктант ё рӯйбардоркунӣ сар намекунанд.

Дар муайянкунии воситаҳои таълими имло дар навбати аввал интихоби материали таълимӣ ҷои муҳимро ишғол менамояд:

1. Муваффақияти воситаҳои таълими имло қабл аз ҳама ба сифати материали таълимӣ вобаста аст. Саводи хонандагон вақте баланд мегардад, ки агар матнҳои барои машқ интихобшуда пурмазмуну муҳим бошанд ва ба талаботи қоидаҳои имло ҷавоб дода тавонанд.
2. Беҳтарин воситаи методии таълим он ба ҳисоб меравад, ки агар шуурона аз худ намудани имлоро таъмин карда тавонад.
3. Баъди ҳар як машқи хаттӣ, албатта, машқи даҳонӣ гузаронида шавад.
4. Ҳамаи воситаҳои методии омӯзиши имло ба як системаи муайян дароварда шаванд.

Намудҳои гуногуни машқҳои имлоиро аз синфи панҷум сар карда, дар тамоми синфҳо давом додан мумкин аст. Талаботи методӣ он аст, ки машҳо рӯз аз рӯз вобаста ба синфҳо мураккабу мушкилтар ва мароқовар карда шаванд.

Методикаи таълими забони тоҷикӣ барои машғулиятҳои имловӣ истифодаи чунин машқҳоро тавсия менамояд:

1. Рӯйбардоркунӣ ва хелҳои он.
2. Диктант ва хелҳои он.
3. Супоришҳои грамматикӣ - имловӣ.
4. Кор аз рӯи расм, мустақилона тартиб додани ҷумлаҳо.
5. Гузаронидани диктантҳои луғавӣ, эҷодӣ ва озод.
6. Нақли хаттӣ бо супоришоти гуногуни грамматикӣ.
7. Кор бо луғати имло.

8. Иншоҳои мустақил.
9. Аз калимаву ибораҳои чудогона тартиб додани ҳикоячаҳо.

Ҳар як намуди кори хаттӣ мавқеъ, маврид ва мақсади муаяйни омӯзиши ин ё он қоидаи имлоро дорад.

## 5.2. Рӯйбардоркунӣ дар омӯзиши имло

Рӯйбардоркунӣ намуди одии машқи имловӣ ба шумор меравад.

Вай чунин намуди машқест, ки хонандагон бо супориши муаллим аз китоби дарсӣ, ё аз тахтаи синф калимаҳои ҷудогона, ибораҳо ва ҷумлаҳоро бе тағйирот рӯйнавис мекунанд,

К.Д.Ушинский қайд карда буд, ки рӯйбардоркунӣ бояд хусусияти фаҳмида навиштанро дошта бошад. Барои соли аввали таҳсил вай рӯйнавискунии калимаҳоро аз рӯи қатор нишон дода буд.

Рӯйбардоркунӣ махсусан дар синфҳои поён аҳамият дорад. Ҳангоми рӯйбардоркунӣ ҳаминро ба назар гирифтан лозим аст, ки хонандагон матнро на ба таври механикӣ, балки бошуурона рӯйбардор кунанд, яъне калимаҳоро дуруст ва бодиққат дида нависанд. Барои рӯйбардоркунӣ машқҳое интихоб карда шавад, ки фаҳмову осон, шавқовар ва характери тарбиявӣ дошта бошанд. Рӯйбардоркунӣ ду хел мешавад: оддӣ ва эҷодӣ.

Рӯйбардоркунии оддӣ он аст, ки хонандагон оид ба ин ё он қоидаи имло машқи додашударо ё аз китоби дарсӣ ё китоби хониш ва ё аз тахтаи синф беғалат ба дафтарашон рӯйнавис мекунанд.

Руйбардоркунии эҷодӣ он аст, ки вай бо ягон супориши грамматикӣ - имловӣ мураккаб карда мешавад, яъне хонандагон ҳангоми рӯйбардоркунии супориш аз худ баъзе чизҳоро илова мекунанд.

Дар рӯйбардоркунии эҷодӣ аз чунин намуди машқҳо истифода карда мешавад:

а) ҳар як ҳарф ё пешоянду пасоянд, бандакҳо ва морфемаҳои дар китоби дарсӣ, дар ҷумлаҳои аз тарафи муаллим додашуда ва ё дар машқҳо партофташударо аз худ илова карда навиштани хонандагон;

б) пурра карда навиштани калимаҳои нотамом;

в) ҷумлаҳои нотамомро пурра карда навиштан;

г) ба калимаҳо ҳамроҳ кардани бандакҳо, суффиксҳои ҷамъбандӣ ва эзоҳ додани маънои онҳо;

ғ) калимаҳои дар дохили қавсайн бударо аз рӯи маъно тағйир додан;

д) аз калимаҳои додашуда тартиб додани ҷумла;

е) аз матн навиштани калимаҳои ҳамреша;

ё) ба саволҳои додашуда ҷавоб гардонидан;

ж) шакли нодурусти калимаҳоро дуруст карда навиштан ва ғайра.

## 5.3. Тарзи кор бо луғати имло

Аз ибтидои омӯзиш ба хонандагон чи дар вақти иҷрои кори синфӣ ва чи дар хона барои санҷиши кори мустақилона аз луғати орфографӣ истифода бурданро ёд додан лозим аст. Ҷои таассуфаст, ки бисёр муаллимон ба ин масъала эътибори ҷиддӣ намедиҳанд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки муаллимони бо луғати имло мунтазам корбаранда, дар баланд бардоштани саводи хонандагон ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидаанд.

Барои истифодаи луғати имло пеш аз ҳама, хонандагонро маҷбур кардан лозим аст, ки алифборо аз ёд кунанд. Сонияи, муаллим дар хусуси моҳияти луғатҳо, аз ҷумла, луғати имло сухан карда, хизмати муаллифони онро хотиррасон карда мегузарад. Баъди он ҳамчун намуна аз рӯи алфавит ёфтани калимаҳоро нишон медиҳад.

Хонандагонро ба он одат кунонидан лозим аст, ки аз луғат бамаврид истифода намоянд. Агар дар имлои ин ё он калима шубҳа кунанд, он гоҳ аз луғат истифода кардан мумкин аст.

Луғати имло дар мавриде ба хонандагон кӯмак мерасонад, ки агар бо ягон орфограммаи муайян рӯйхати калимаҳоро тартиб додан лозим шуда монад.

Масалан, ба хонандагон супурда шудааст, ки барои пешванди «би», «бе» ё пасванди «ӣ», бистогӣ калима навишта оянд, ё ки аз луғати имло 10 - то калимаи мураккаб ёбед, ки ба воситаи пайвандаки «у» сохта шуда бошанд ва аз онҳо ҳикоячае тартиб диҳед.

Муаллимон дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ аз луғати имло мунтазам истифода намебаранд. Мо бояд моҳияти луғати имло ва луғати тафсириро ба баланд бардоштани малакаи имловӣ ба хонандагон фаҳмонида диҳем, то ки кор бо луғат шуғли ҳамешагии хонандагон бошад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки бисёр хонандагон аз луғат истифода намебаранд ва дар хонаашон луғат ҳам надоранд. Баъзе хонандагон луғат дошта бошанд ҳам, вале тарзи истифодаи онро намедонанд.

Ба хонандагон тарзи ёфтани калимаҳоро аз луғат омӯзонидан вазифаи аввалини муаллимони забони модарӣ мебошад. Барои ёфтани калимаҳои даркорӣ набояд вақти зиёди хонанда сарф шавад.

Дар лаҳзаи мустаҳкамкунии дарс муаллим машқро доир ба луғат сар карда, хонандагонро огоҳ менамояд, ки тайёр шаванд, ҳоло кор бо луғати имло гузаронида мешавад. Хонандагон луғатҳояшонро ба муаллим нишон дода рӯи парта мегузоранд. Баъд муалпим ба хонандагон мефармояд, ки дар давоми 3 - 5 дақиқа аз луғат 5-10 то калимаҳои аломати сакта, ё калимаҳои мураккаб, ё ду ҳамсадо доштаро ёфта, ба дафтарашон навишта гиранд.

## 5.4. Диктант ва хелҳои он ҳамчун воситаи омӯзиши имло

Диктант ҳамчун намуди машқи имловӣ дар санҷиш ва баланд бардоштани саводи хонандагон роли муҳим мебозад.

Диктант бо мақсади такрор ва мустаҳкам кардани мавзӯъҳои омӯхташуда, ҳамчунин ҳосил намудани малакаи имловӣ гузаронида мешавад. Аз хел ва намудҳои диктантҳое, ки дар мактабҳо ба кор бурда мешаванд, паҳншудатаринашон диктанти санҷишӣ ва таълими ба ҳисоб мераванд.

Таъсирбахш ва шавқоварии диктант ба сифати матн ва ба тарзи гузаронидани он вобаста аст.

Диктантро чӣ тарз гузаронидан лозим аст?

1. Муаллим бояд диктанти санҷиширо дар синф роҳ нарафта, дар як ҷо истода гузаронад, то ки аз он ҷо овози ӯро ҳамаи хонандагон шунаванд.
2. Агар матни диктант аз ҷумлаҳои ҷудогона иборат набошад, муаллим матнро ба талабагон аз аввал то охир хонда диҳад. Баъд аз он матнро ҷумла ба ҷумла нависонад.
3. Диктантро бо сурати миёна, ҷумла ба ҷумла, агар ҷумла кӯтоҳ бошад, як бор ва агар дароз бошад, ба ибораҳо ва синтагмаҳо ҷудо карда, такрор намуда нависонад.
4. Матнро бо овози миёна (на баланд, на паст), овозҳои нутқро вайрон накарда, ба тарзи адабӣ - орфоэпикӣ хондан лозим аст.
5. Аз хонандагон талаб карда шавад, ки баъди навишта шудани ҷумлаи хондашуда ба муаллим мунтазир шаванд.
6. Сурати дикта бо сурати миёнаи навишти талабагон мувофиқ бошад.

Баъзан муаллим дар вақти нависондани диктант бо овози баланд норозигӣ баён мекунад. Вай мегӯяд: Мухтор! Ту боз ақиб мондӣ -я!

Ҳамаи синф ба ту нигоҳ карда шинад - мӣ?

Ин гуна суханони зиёдатӣ ба кори умумии талабагони синф таъсири манфӣ мебахшад.

Намудҳои диктант. Дар мактабҳои мо аз синфҳои якум сар карда, то синфҳои ёздаҳум ду хел диктант гузаронида мешавад:

а) Диктанти санҷишӣ, ки ба мавзӯъҳои гузашта алоқаманд буда, хусусияти санҷишӣ-ҷамъбасткунӣ дорад.

б) Диктантҳои таълимие, ки танҳо ба мавзӯи нав алоқаманд буда, хусусияти таълимӣ - санҷишӣ доранд.

**5.5. Диктанти санҷишӣ**

Диктанти санҷишӣ ё худ контролӣ аз намудҳои бештар паҳншудаи диктантҳо ба шумор меравад. Вай одатан, баъди ба итмом расонидани мавзӯъҳои калон, бобҳо ва пеш аз ҷамъбасти чорякҳо гузаронида мешавад.

Диктанти санҷишӣ барои мустаҳкам кардани қоидаҳои имло ва таърифоти грамматикӣ аҳамияти калон дорад. Ба воситаи диктанти санҷишӣ муаллим фаҳмида мегирад, ки хонандагон қоида, таърифот ва қонунҳои забонро то кадом дараҷа аз худ намудаанд ва онҳоро дар амал татбиқ карда метавонанд ё не. Матни диктантро аз «Маҷмӯаи диктантҳо ва нақли хаттӣ» ва ё асарҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо интихоб кардан мумкин аст.

Баъзан муаллим метавонад матни диктантро худаш тартиб диҳад, Муаллим бояд хонандагонро аз диктанти навбатӣ пешакӣ огоҳ намояд, то ки онҳо қоидаҳои имло ва мавзӯъҳои гузаштаро такрор карда, ба диктант тайёр шуда оянд. Матни диктант бояд ба синну соли хонандагон ва дониши онҳо мувофиқ, инчунин бо орфограммаҳои зарурӣ таъмин бошад. Тарзи гузаронидани диктанти санҷишӣ чунин аст:

Матн аз тарафи муаллим бо овози бурро ва фаҳмову дастрас хонда мешавад. Беҳтар мешавад, ки ҷумлаҳои матни диктанти санҷишӣ бо ҳам алоқаманд бошанд. Баъди хондани матн муаллим калимаҳои душворфаҳмро шарҳу эзоҳ дода, баъд ба нависондан шурӯъ менамояд. Суръати хониш бояд тез набошад.

Ҷумлаҳо ба синтагмаҳо ҷудо карда нависонда мешавад. Ҷумлаҳои ҳаҷман калон бояд ду-се маротиба такроран хонда шаванд.

Баъзе муаллимон ҷумларо калима ба калима, ҳар калимаро алоҳида дикта мекунанд, ки он тамоман бар хилофи нишондодҳои методикаи таълими забон аст.

Хонандае, ки дар вақти навиштани диктант қафо мемонад, бояд он калима, ибора ё ҷумларо партофта давомашро навиштан гирад. Ҳангоми навиштани диктант хонандагонро ба он одат кунонидан лозим аст, ки доир ба тарзи навишти ин ё он калима ба муаллим савол надиҳанд ва хотири дигаронро парешон накунанд. Муаллим бояд кӯшиш кунад, ки ягон талаба аз навиштан ақиб намонад.

Баъди пурра нависонда шудани матн муаллим бори дигар онро мехонад ва хонандагон бо диққат навиштаашонро аз назар мегузаронанд.

Баъзе муаллимон баъди хониши охирини матн ба хонандагон 3- 5 дақиқа вақт ҷудо мекунанд, то ки онҳо матни навиштаашонро бори дигар хонда, хатоҳояшонро мустақилона ислоҳ намоянд.

Баъди ин дафтарҳои хонандагон ҷамъ карда мешавад. Тарзи ғун кардани дафтарҳо бояд тартиби муайян дошта бошад, яъне хонандагоне, ки дар партаи қафо мешинанд, дафтарҳояшонро ба партаи пеш медиҳанд ва ҳамин тариқ, дафтарҳои ҳар қатори парта дар мизи назди муаллим ҷамъ мегардад.

Дар вақти навиштани диктант дар рӯи партаи хонандагон ҳеҷ гуна асбобхои хониш набояд бошанд.

Ҳамин тавр, диктанти санҷишӣ доир ба санҷиши донише, ки хонандагон аз қисмҳои гуногуни забони модарӣ ҳосил менамоянд, воситаи муҳим буда, саводи онҳоро рӯз аз рӯз баланд мебардорад.

## 5.6. Диктантҳои таълимӣ

Диктантҳои таълимӣ аз рӯи мақсад тарзи гузаронидан ва дарбаргирии вақт аз диктанти санҷишӣ фарқ мекунад.

Диктанти санҷишӣ, одатан, як соат ва диктантҳои таълимӣ аз 5 то 10-12 дақиқаро дар бар мегиранд.

Диктантҳои таълимӣ барои мустаҳкам кардани мавзӯи нав ва такрор ҳамчун машқ гузаронида мешаванд ва онҳоро дар дохили дарсҳо гузаронидан мумкин аст. Барои дитантҳои таълимӣ матнҳои хурд-хурди характери таълимию тарбиявӣ доштаро интихоб менамоянд.

Ҳамин ки муаллим мавзӯъро гузашт, доир ба он мавзӯъ, дар лаҳзаи мустаҳкамкунӣ метавонад аз диктанти таълимӣ истифода бурда, дониши гирифтаи хонандагонро мустаҳкам намояд.

Ба диктантҳои таълимӣ хелҳои зерини машқҳо дохил мешаванд:

Диктантҳои луғат, эзоҳӣ, таъкидӣ, интихобӣ, эҷодӣ, озод, худтафтишкунӣ ё худсанҷишӣ, хомӯш, омехта, шарҳдиҳӣ (пурра ва интихобӣ).

Профессор М. Лутфуллоев дар китоби худ ба ҷои калимаи диктант, имлоро кор фармуда, диктантҳои таълимиро имлоҳои таълимӣ номида, онро дар синфҳои ибтидоӣ ба 9 хел ҷудо кардаанд[52].

Диктанти луғавӣ ё луғат. Барои диктанти луғавӣ танҳо калимаҳои ҷудогона интихоб карда мешаванд,

[52] Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. –Душанбе: Маориф, 2007. –С.322.

агар мавзӯъ «Аломати сакта» ва ё «Калимаҳои мураккаб» бошад, муаллим танҳо доир ба ин мавзӯъҳо калимаҳои навишташон душворро интихоб менамояд. Дар диктанти луғавӣ асосан, имлои калимаҳои ҷудогона дар назар дошта мешавад.

Барои ин диктант навишти калимаҳои ду ҳамсадо дошта, аломати сакта (ъ), исмҳои хос, калимаҳои мураккаби типи тобеъ ва пайваст, калимаҳои русӣ - интернатсионалӣ ва калимаҳои душворнавис истифода карда мешаванд.

Диктанти луғавӣ бештар дар синфҳои поёнӣ ва синфҳои 1У-У характернок буда, вай дар лаҳзаи мустаҳкамкунии дарс, дар ҷараёни 7-10 дақиқа гузаронида мешавад. Муаллим калимаҳоро дикта мекунад, хонандагон онҳоро менависанд.

Аҳамияти ин диктант дар он аст, ки хонандагон бо роҳи машқ доир ба беғалат навиштани калимаҳои навишташон душвор малака ҳосил мекунанд.

Диктанти луғавиро бештар ба имлои исму сифат, шумораю феъл ва зарфҳо гузаронидан мумкин аст.

Муаллим пешакӣ дар хона миқдори калимаҳои диктантро навишта меояд.

<u>Диктанти интихобӣ</u>. Ин чунин намуди машқ аст, ки вобаста ба мавзӯъ хонандагон аз матне, ки муаллим дикта мекунад, танҳо калимаҳои ҷудогона, ибораҳою ҷумлаҳоро навишта мегиранд. Мувофиқи мавзӯъ аз матни хондашуда навиштани калимаҳо хонандаро водор менамояд, ки ба кор бодиққат ва бошуурона муносибат кунад. Сониян, кӯшиш мекунад, ки калимаҳои даркориро дар хотир нигоҳ дорад. Диктанти интихобӣ вақти зиёд талаб намекунад.

Агар муаллим вобаста ба исмҳои мураккаби типи тобеъ диктанти интихобӣ гузарониданӣ бошад, аз матне, ки дар хона интихоб кардааст, ҷумлаи

алоҳидаашро гирифта, мавқеи калимаҳои мураккаб ва хусусияти онҳоро нишон медиҳад. Пас аз он ки хонандагон мақсади муаллимро фаҳмиданд ва ба ин худи муаллим ҳам боварӣ ҳосил кард, ба кор шурӯъ мекунанд.

Диктанти интихобӣ вариантҳои гуногун дорад:

а) аз матни хондашуда навиштани ганҳо калимаҳои даркорӣ;

б) навиштани ибораҳо;

в) навиштани ҷумлаҳои ҷудогона.

Диктанти интихобиро аз варианти одиаш яъне калима сар карда, зина ба зина душвор ва мураккаб кардан лозим аст.

<u>Диктанти озод</u>. Тарзи гузаронидани диктанти озод чунин аст: муаллим матнро интихоб карда мехонад, хонандагон бодиққат гӯш мекунанд. Баъд муаллим ба хонандагон мефармояд, ки он чиро, ки аз матн дар хотирашон нигоҳ доштаанд, бо тағйири калимаю ибораҳо нависанд. Дар вақти навиштан мазмуни матн нигоҳ дошта мешавад.

Матн аз тарафи муаллим хонда ва мазмуни он аз хонандае пурсида мешавад. Орфограммаи даркорӣ таҳлил карда мешавад. Баъд муаллим аз матн абзатси якумро мехонад ва хонандагон он чиро, ки дар хотир дошта тавонистаанд, менависанд.

Дар навишти ин диктант хонандагон метавонанд аз синонимҳои калимаҳо ё ба ҷои як калима калимаи дигарро истифода намоянд.

Ба ҳамин тариқ, абзатсҳои дигар низ хондаву навишта мешаванд.

Баъди навишта шудан муаллим иҷозат медиҳад, ки хонандагон диктантҳои худро аз ҷиҳати мазмун, хатоҳои имлоӣ, пунктуатсионӣ ва услубӣ аз назар гузаронанд.

Пас аз ин муаллим дафтарҳоро ҷамъ карда тафтиш менамояд.

Баъзе хонандагон дар вақти навиштани диктанти озод кӯшиш менамоянд, ки калимаҳои душворфаҳму навишташон душворро истифода накунанд. Барои пешгирӣ намудани чунин ҳодиса муаллим бояд хонандагонро огоҳ намояд, ки ба фалон хели калимаҳо диққати махсус дода, онҳоро дар диктанти худ истифода баранд.

Матни диктанти озод бояд алоқаманд ва мазмунан фаҳмо бошад, то ки хонандагон онро дар хотир дошта тавонанд.

Диктанти озод дар бобати бой гардонидани лексикаи хонандагон, инкишофи хотира, маҳорати дар хат ифода кардани чизҳои шунида ва аз худ намудани нутқи адабӣ ёрии калон мерасонад.

Муаллим ба воситаи ин намуди диктант хотираи хонандагонро фаҳмида мегирад.

Диктанти эҷодӣ. Ин чунин намуди машқест, ки аз хонанда тағйир додан, иваз намудани ҷой ва шакли калимаҳо, илова ва ҳамроҳ карда навиштани калимаҳоро талаб мекунад.

Диктанти эҷодӣ вобаста ба мавзӯъ ҳар хел аст. Агар диктанти эҷодиро ба мавзӯи сифат гузарониданӣ бошем, муаллим матнеро интихоб мекунад ва аз

ҷумлаҳои он калимаҳо ё аз калимаҳо пасвандҳоро партофта, ба ҷои онҳо сенуқта мегузорад. Хонандагон бошанд, вобаста ба маъно ба ҷои сенуқта калима ва ё пайвандакҳои даркориро гузошта менависанд ва ба зераш хат мекашанд.

Ҷумлаҳо дикта карда мешаванд:

Рӯзҳои ... зимистон гузаштанд. Салима ва Латофат дугонаҳои... мебошанд. Одами ... ба кори худ ҳушёр аст. Ҷомаи ... кӯтоҳ намеояд. (хунук, дерина, доно, бомаслиҳат).

Хели дигари диктанти эҷодӣ аз калима ва ибораҳо тартиб додани ҷумлаҳост. Муаллим вобаста ба мавзӯи омӯхташуда калимаю ибораҳоро дар тахтаи синф менависад. Масалан, хушбахтӣ, пешқадам, талабаи доно, пахтаи маҳиннаҳ, ёрӣ расонидан, колхозчиёни меҳнатдӯст.

Ба хонандагон мефармояд, ки бо истифодаи ин калимаву ибораҳо ҷумлаҳо тартиб диҳанд ва ба зери калимаҳои мураккаб хат кашанд.

Баъд муаллим ҷумлаҳоеро, ки мазмунан хуб тартиб дода шудаанд, дикта мекунад ва хонандагон онҳоро менависанд.

Намуди дигар:

Муаллим вобаста ба мавзӯи омӯхташуда дар тахтаи синф 8-10 калима ва ибораҳоро менависад. Масалан, офтоби оламоро, тобистони заррин, саҳро, пионерон, колхозчӣ, пахтачинӣ, сап - сафед, чолокона, ғундоштан.

Хонандагон бо истифодаи ин калимаву ибораҳо ҷумлаҳо ё ҳикоячае тартиб медиҳанд. Бо таклифи муаллим хонандаи пешқадам ҷумла ё ҳикоячаи навиштаашро ҳамчун намуна мехонад.

Хели дигари диктанти эҷодӣ тағйир додани ҷумлаҳои тайёр ва ё илова намудани калимаҳо ба ҷумлаҳо мебошад. Масалан, барои мустаҳкам намудани сохти сифатҳо дар тахтаи синф аз тарафи муаллим ҷумлаҳои зерин навишта мешаванд: Вазифаи мо хондан аст.

Дар кӯҳҳои Тоҷикистон арчаҳо бисёранд.

Муаллим ба хонандагон мефармояд, ки ба исмҳои «вазифа» ва «арчаҳо» сифатҳои муносиб ёфта гузоранд ва онҳоро аз ҷиҳати сохт муайян намоянд.

Хонандагон дар ҷумлаи якум сифати «муҳимтарин» ё «асоситарин» ва дар ҷумлаи дуюм сифати таъкидии «кап-кабуд»- ро илова мекунанд ва

баъд сохт ва имлои онҳоро шарҳ медиҳанд. Баъди ин хонандагон мисолҳоро дар дафтарашон навишта, ба зери сифатҳо хат мекашанд.

Аз рӯи расм ва суратҳо тартиб додани ҷумлаҳо ва ҳикоячаҳоро ба намуди дигари диктанти эҷодӣ дохил кардан мумкин аст.

Диктанти эзоҳӣ. Диктанти эзоҳӣ характери мустаҳкамкунӣ дорад ва аз ҷиҳати тарзи гузарониданаш ба диктанти санҷишӣ монанд аст. Талаба пеш аз навиштани матн бояд мақсади диктантро донад. Масалан, агар мақсади гузаронидани диктант фаҳмонидани имлои ҳарфҳои калон дар исмҳои хос бошад, хонанда сабабҳои истеъмол гардидани ҳарфҳои калонро дарк намояд. Барои ин муаллим бояд пеш аз нависонидан матнро як маротиба хонда, фарқи исмҳои хосу ҷинсро шарҳ диҳад, хусусияти маъноии онро дар муқоиса бо исмҳои ҷудогонаи матни диктант гуфта дода, бо ҳамин мавзӯи гузаштаро хотиррасон карда гузарад. Пас аз саволу ҷавобҳо, ҳамин ки дар хонандагон шубҳае намонд, ба кор шурӯъ намояд. Муаллим аз матн ҷумла ё калимаҳои алоҳидаро интихоб намуда, аввал як бор ҳамаашро мехонад. Баъд ҷумлаи якумро хонда тарзи навишти калимаҳои заруриро эзоҳ медиҳад. Пас дикта менамояд, хонандагон менависанд. Баъди навишта шудани матн ҳар кас навиштаҷоти худро хонда баромада, хатоҳои имлоӣ ва китобатиашро ислоҳ менамояд.

Диктанти эзоҳӣ барои ба хотир овардану мустаҳкам намудани мавзӯъ ва эзоҳи хусусиятҳои мавзӯи оянда воситаи муҳим мебошад.

Варианти дигари диктанти эзоҳӣ чунин аст: агар хонандагони синф пурқувват ва малакаи имловиашон мустаҳкам бошад, қоидаю таърифоти грамматикӣ дар

охир, баъди навишта шудани матн гуфта мешавад. Масалан, агар диктант дар мавзӯи «Пайвандакхои таркибӣ» бошад, имлои пайвандакҳои таркибӣ баъди ба охир расидани диктант эзоҳ дода мешавад.

Диктанти «Худамро месанҷам». Пеш аз гузаронидани ин диктант муаллим ба хонандагон мегӯяд, ки агар доир ба имлои калимаҳо ва ё гузоштани аломатҳои китобатӣ саволҳо дошта бошанд, пурсида гиранд. Баъд муаллим матнро хонда хонандагонро бо мазмуни умумии он шинос менамояд ва ҳар як ҷумларо алоҳида-алоҳида дикта мекунад.

Пас аз навишта шудани матни диктант хонандагон ба муаллим дар бораи чӣ тарз навишта шудани калимаҳои ҷудогона ва ба кадом қоидаи имло такя намуданашон саволҳо медиҳанд. Муаллим ё яке аз хонандаи пешқадам мувофиқи хоҳиш ба он саволҳо ҷавоб медиҳад. Ҳама ба ҷавоб бо диққат гӯш карда мустақилона корҳояшонро месанҷанд.

Дар мактабҳо тарзи гузаронидани ин диктант ҳар хел аст. Монанди: Матн ба қисмҳо ҷудо карда, дикта карда мешавад. Баъди ҳар як ҷумла ист карда мешавад ва хонандагон ба муаллим савол дода ғалаташонро исдоҳ мекунанд. Ё ки муаллим матнро мехонад, хонандагон менависанд.

Хонанадагон калимаҳоеро, ки дар имлои онҳо шубҳа доранд, ба зерашон хат кашида, бо роҳи пурсиш тарзи навишти онҳоро аз муаллим фаҳмида мегиранд.

## 5.7. Азёд навиштан

Азёд навиштан ҳамчун намуди машқи имловӣ дар баланд бардоштани саводи хонандагон аҳамияти калон дорад.

Тарзи гузаронидани он чунин аст: Пешакӣ дар тахтаи синф ё таблитса матн навишта мешавад. Орфограммаҳое, ки барои мустаҳкамкунӣ пешниҳод мегар-

данд, таҳлил карда мешаванд. Баъд аз ин муаллим ба хонандагон мефармояд, ки матнро бо диққат хонда онро дар хотир нигоҳ доранд. Сониян, болои матн пӯшида мешавад ва хонандагон он чиро ки дар хотир нигоҳ доштанд, ба дафтар менависанд. Пас аз навишта шудан муаллим рӯи матнро мекушояд ва хонандагон навиштаҳояшонро бо он муқоиса намуда, ғалатҳояшонро ислоҳ мекунанд.

Намуди дигари ин кор чунин аст: Муаллим аз китобҳои бадеӣ порчаи наср ва ё шеъреро интихоб намуда, бо ҳамроҳии хонандагон орфограммаҳои ба мавзӯъ дахлдорро таҳлил мекунад ва хонандагон онро азёд мекунанд. Муаллим хонандагонро огоҳ менамояд, ки матни мазкурро дар яке аз дарсҳо азёд хоҳанд навишт. Дар рӯзи муқарраршуда матн азёд навиштаю навиштаҷоти хонандагон бо он муқоиса ва хатогиҳо ислоҳ карда мешаванд. Ин намуди кор барои мустаҳкамшавии диққат, хотира, бой гардидани таркиби луғавӣ ва инчунин баланд бардоштани саводи имловии хонандагон роли муҳим мебозад. Хонандагон кӯшиш мекунанд, ки бештар калимаю ибора ва ҷумлаҳоро дар хотир нигоҳ доранд ва онҳоро беғалат нависанд.

## 5.8. Шарҳдиҳӣ дар дарсҳои забони модарӣ

Шарҳдиҳӣ (тафсир) ҳамчун намуди машқи имловӣ барои дар хотир нигоҳ доштани калимаву ибораҳо, ҷумлаҳо ва шарҳи имлои калимаҳо аҳамияти махсусан калон дорад.

Тарзи гузаронидани он чунин аст: Муаллим ба синф эълон мекунад, ки мо ҳоло доир ба мавзӯи гузашта ё нав шарҳдиҳӣ мегузаронем.

Муаллим ҷумлаеро дикта мекунад. Хонандае аз ҷои нишаст ҷумлаи хондашударо шарҳ медиҳад ва имлои онро мегӯяд. Агар хонанда ҷумларо нодуруст эзоҳ

диҳад, хонандаи дигар ба ӯ ёрӣ мерасонад. Дар вақти шарҳдиҳӣ хонанда аввал ҷумларо такрор карда, баъд онро эзоҳ медиҳад.

Масалан, «Нӯҳуми сентябри соли 1992 дар шаҳри Душанбе форуми тоҷикони ҷаҳон баргузор гардид». Хонанда ҷумларо такрор мекунад ва мегӯяд: «Аз сари хат бо абзатс ҳама баробар нависед». Тарзи навишти калимаҳоро муайян мекунад ва онҳоро шарҳ дода менависонад. Ҳамин тариқ, хонандагон ҷумлаҳоро бо навбат хондаву шарҳ медиҳанд ва менависонанд.

Ба ин мамуди кор 8-10 дақиқа вақт ҷудо кардан кифоя аст.

## 5.9. Истифодаи варақаҳои грамматикӣ дар омӯзиши имло

Истифодаи варақчаҳои грамматикӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ ахамияти калон доранд. Дар ҳар як варақча калимаҳои ҷудогона, ибораҳо ва ё ҷумлаҳо навишта мешаванд. Варақчаҳо як усули санҷиши дониш ва маҳорату малакаи хонандагон буда, истифодаи онҳо дар ду лаҳзаи дарс пурсиши вазифаи хонагӣ ва мустаҳкамкунии мавзӯи нав зарурат дорад. Вобаста ба ҳар як мавзӯъ варақчаҳоро тартиб додан мумкин аст.

Варақаи №1,2,3,4

Варақчаи № 1

Аз ҷумлаҳои зерин мубтадоро ёбед ва бо кадом ҳиссаи нутқ ифода шуданашро гӯед: 1. Модар олиҳаи рӯи замин аст. 2. Хондан вазифаи муқаддаси мост.

Варианти № 2

Аз худ ду-се ҷумла гӯед, ки мубтадо бо ҷонишинҳои ҳама, ҳар кас ва ман ифода ёфта бошад. Гӯед, ки онҳо аз кадом хели ҷонишинанд.

Намунаҳо:

1. Шакли дурусти ин калимаҳоро нависед: якшамбе, офтоп, тӯп, револютсия, тараҷи, танафус.
2. Ба ҷои нуқтаҳо пешвандҳои мувофиқ ёфта гузоред: гули ... хор, ҳавои ... ғубор, оши ... намак, дарахти ... мева.
3. Ба ҷои нуқтаҳо пасвандҳои мувофиқ гузоред: газетаи девор ..., либоси мард ..., соати киса ..., корҳои омма ....
4. Ба ҷои нуқтаҳо калимаҳои мувофиқи синонимиро ёфта гузоред:

а) Пахтакорони ... мо ба ... дар назди Ватан додаи худ вафо карданд.

б) Модар фарзанди худро аз ҳама ... медонад.

5. Аз ҷумлаи додашуда ғалатҳояшро ёбед ва аломати китобиашро гузоред:

Вақте ки ман дертар дар пиронсолаги пас аз революсия ки будани Николай Петровичро донистам ҳайрон шуда мондам.

Ин намуди кор барои сарфаи вақт ва баланд бардоштани донишу нутқи хонандагон аҳамияти худро дорад.

## 5.10. Режими имло дар мактаб

Барои баланд бардоштани саводи хонандагон дар мактаб ҷорӣ намудани режими имлои ягонаи хати босавод ва маданияти нутқи адабӣ аҳамияти калон дорад.

Ҳамаи муаллимони мактаб новобаста ба фанни таълимӣ бояд ба режими ягонаи имло қатъиян риоя намоянд.

Ислоҳи ғалатҳое, ки хонандагон дар корҳои хаттии ва нутқи худ содир мекунанд, вазифаи танҳо муаллимони забон ва адабиёт набуда, балки тамоми фанҳои ҷудогона: математика, таърих, физика, химия, биология ва ғайраҳо ба ҳисоб меравад.

Дар ҷорӣ намудани режими ягонаи имло ва нутқ муаллимону хонандагон бояд ба чунин талабот риоя намоянд.

а) ба қоидаи талаффузи адабӣ ва нутқи дар асоси грамматикӣ ва мантиқ дуруст сохта шуда, ҳамчунин ба талаботи имло ва хати зебои беғалат;

б) ҳангоми ҷавоби даҳонӣ мунтазам ва суботкорона ислоҳ намудани нутқи хонандагон аз тарафи муаллимони тамоми фанҳо;

в) ҳамаи корҳои хаттӣ на танҳо аз ҷиҳати мазмун, балки аз нуқтаи назари орфографӣ ва пунктуатсия тафтишу ислоҳ кардаву баҳо гузошта шавад;

г) ба он муваффақ шудан лозим аст, ки хонандагон истилоҳҳо ва ибораҳои ҳар як фанни таълимиро дуруст ва беғалат талаффуз намуда, онҳоро дар нутқи хаттию даҳониашон моҳирона истифода баранд. Барои ин хонандагонро водор намудан лозим аст, ки онҳоро гаштаю баргашта дар шакли дурусташ такрор намоянд ва нависанд;

ғ) бо ҳар роҳе, ки бошад, хатоҳо ва ғалатҳое, ки рӯй доданашон мумкин аст, огоҳонида шаванд;

д) дафтарҳои хонандагон озодаю бо тартиб нигоҳ дошта шуда, зебо ва хоно навишта шавад;

е) пеш аз ба хонандагон супоридани дафтари корҳои хаттӣ ғалатҳо пурра таҳлил карда шаванд;

ё) ҳамаи шиорҳо, пандҳо, эълонҳо, газетаҳои девории мактаб, ҷадвали дарс, устави қоидаҳои талабагӣ ва ғайраҳо дар мактаб бояд босаводона навишта шуда бошанд. Кӯшиш бояд намуд, ки тамоми муҳити ҳаёти мактабии хонандаро саводнокӣ фаро гирифта бошад.

ж) худи муаллимони мактаб дар ҳалли ин масъалаҳо бояд намуна бошанд.

Ба амал татбиқ намудани гуфтаҳои боло барои боз ҳам беҳтар аз худ шудани малакаҳои имлоӣ ёрӣ мерасонад.

## 5.11. Ислоҳи корҳои хаттӣ ва ба ҳисобгирии хатоҳои хонандагон

Дар машғулиятҳои забони модарӣ аз намудҳои гуногуни корҳои хаттӣ истифода бурда мешавад. Ба муаллим зарур аст, ки баъди гирифтани корҳои хаттӣ ба тафтишу ислоҳи хатоҳои содиркардаи хонандагон эътибори ҷиддӣ дода, онҳоро мувофиқи нишондодҳои методӣ ба ҳисоб гирифта истад.

Маълум, ки корҳои хаттӣ аз рӯи мақсаду вазифа ва характери худ гуногун мешаванд. Монанди, хелҳои гуногуни диктант, нақли хаттӣ, иншоҳои гуногун, рӯйбардоркунии оддӣ ва эҷодӣ, машқҳои гуногунвазифа, азёднависӣ, тартиб додани ҷумлаҳо ва ғайраҳо. Муаллим вазифадор аст, ки баъди ҳар як кори хаттӣ дафтарҳои хонандагонро тафтиш намояд ва хатоҳоро ба ҳисоб гирад. Аз натиҷаи кори хаттӣ муаллим фаҳмида мегирад, ки минбаъд ба кадом масьалаҳо диққат диҳад ва аз чӣ гуна воситаҳои методӣ истифода барад. Агар муаллим корҳои хаттиро дар вақт - вақташ тафтишу ислоҳ карда наистад, хонандагон минбаъд дар ҳалли навишти корҳои хаттӣ бемасъулиятӣ зоҳир менамоянд. Хонандагон бояд ҳис кунанд, ки онҳо аз корҳои хаттии гузашта дар фалон типу гурӯҳҳои калимаҳо ва қоидаҳо хато карда буданд ва муаллим инро нағз медонад.

Баъзе методистон ва муаллимон чунин ақида доранд, ки агар хонанда доир ба қоидаи имлои омӯхтанашуда хатогӣ содир намояд, онро ба ҳисоб гирифтан лозим нест. Ҳамаи хатоҳо одатан, аз тарафи муаллим ислоҳ карда мешавад. Лекин характери

корҳои хаттиро ба ҳисоб гирифта, дар ислоҳи хатоҳо худи хонандагонро низ ҷалб кардан зарур аст. Машқҳое, ки хонандагон дар синф иҷро менамоянд, бо роҳбарии муаллим дар тахтаи синф тафтишу ислоҳ карда мешаванд.

Дар ин ҳолат хонанда навиштаҷоташро мустақилона аз назар гузаронида хатояшро ислоҳ менамояд. Машқеро, ки дар хона иҷро карда мешавад, муаллим ислоҳ менамояд. Баъзан муаллимон ба хонандагон мефармоянд: «Дафтари вазифаи хонагиатонро ҳама дар рӯи парта гузоред, ман онро тафтиш менамоям». Ин намуди тафтишро тафтиши фронталӣ-умумӣ меноманд. Ё ки муаллим хонандагонро бо навбат ба назди тахтаи синф даъват намуда вазифаи хонагиро мехононад ва аз онҳо тарзи навишти калимаҳои ҷудогонаро мепурсад. Ба ҳамин монанд ҳар як ҷумла бо навбат аз тарафи хонандагон хондаву тарзи навишти онҳо шарҳ дода мешаванд. Хонандагони дигар аз рӯи эзоҳи хонанда хатоҳояшонро ислоҳ менамоянд.

Яке аз масъалаҳои муҳим ва ҷолиби диққат баъди тафтиши корҳои хаттӣ таснифоти хатоҳо аз тарафи муаллимон мебошад. Мақсад аз таснифот он аст, ки муаллим хатоҳои хонандагонро ба типҳо ҷудо карда вобаста ба он машқҳое интихоб менамояд, ки барои минъбад такрор наёфгани он норасоиҳо кӯмак мерасонанд.

Одатан, дар ҳар як чоряк 10-12 кори хаттии аз ҷиҳати ҳаҷму характер гуногун гузаронида мешавад. Ҳангоми таснифоти хатоҳо муаллим бояд муайян намояд, ки фалон хонанда қоидаи навишти фалон хел калимаҳоро намедонад. Аз ин рӯ бо вай дар навишти он навъи калима мустақилона кор бурдан шарт аст.

Зарур аст, ки муаллим ба он хонандагоне, ки дар корҳои хаттиашон ҳамеша хато содир мекунанд, дар ҳар як дарс машқҳои ҷудогона диҳад. Ё худ имлои орфограммаҳои навиштанашон душворро огоҳонида истад. Баъзе муаллимон хатоҳоро дар дафтари алоҳида қайд менамоянд. Вале гурӯҳи дигари муаллимон танҳо дафтарҳои корҳои хаттиро ислоҳ менамоянду дафтари алоҳидаи ислоҳи ғалатҳои хонагдагонро надоранд.

Ба фикри мо, зарур аст, ки ҳар як муаллим дафтари баҳисобгирии ғалатҳои алоҳида дошта бошад.

Дафтари баҳисобгирии хатоҳои хонандагон аз чуник графаҳо иборат мешавад.

| Ном ва насаби хонанда | Санаи гузаронидани кори хаттӣ | Миқдори умумии | Дар решаи калима | Дар бандак | Дар аломати сакта | Дар исмҳои хос | Дар якҷоя ва ҷудо навиштан | Дар пешванду пасвандҳо | Дар бандаки хабарии аст. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Аброров А | 10.09 | 3/1 | Бар□ | Таълим | | | | | |
| Воситова М. | 29.09 | 2/1 | | Таълим | | | Душанбе | | |
| Гадоев К. | 10.10 | 1/0 | | | | Бисёр | | | |
| Додоев А. | 30.10 | ¾ | | | | | беодоб | | |
| Зокирова М. | 13.11 | 2/5 | | | | бисёр | | | |

Муаллимони ботаҷриба барои ба ҳисобгирии саводи хонандагон аз схемаҳои гуногун истифода мебаранд. Масалан, баъди гирифтани диктанти санҷишӣ аз чунин схема ё карточка истифода кардан мумкин аст:

| р/т | Дар кадом қоидаи имло хато кардаанд | Киҳо хато кардаанд? | Миқдори хонандагони хатокарда |
|---|---|---|---|
| 1. | Дар навиштани суффикси “□” | 2,4,7,13,21 | 5 |
| 2. | Дар калимаҳои аломати сактадор | 3,6,8,9,11,12 | 6 |
| 3. | Дар исмҳои хос | 1,3,24,29,30 | 5 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 4. | Дар вергул | 5,13,14,22 | 4 |
| 5. | Дар ҷумлаи мураккаб | 6,13,19,23 | 4 |

Дар схемаи мазкур навъи хатоҳо муайян кардаву дар -графаи сеюм рақамҳо нишон дода щудааст. Рақамҳо фамилияи хонандагон буда, он аз рӯи тартиби рақамҳои журнали синф гирифта мешавад. Чунин тарзи баҳисобгирии хатоҳо имконият медиҳад, ки муаллимон доимо ба иҷрои корҳои хаттии хонандагон назорат карда, ба талабагони ҷудогона доир ба ин ё он қоидаи имло кор баранд.

Муаллимон инчунин метавонанд аз таблитсаи доимӣ, ки барои баҳисобгирии хатоҳои корҳои хаттӣ тартиб дода шудааст, истифода намоянд.

Дар он миқдори хатоҳо ва баҳои хонанда нишон дода мешавад:

| р/т | Ном ва насаб | Санаи диктант ва баҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 10.1X | | 25.1X | | 6. X | | 27. X | |
| | | хато | баҳо | Хато | баҳо | хато | баҳо | хато | баҳо |
| 1 | Алиева М. | 4/3 | 3 | 4/2 | 3 | 3/1 | 4 | 3/0 | 4 |
| 2 | ВалиеваХ. | 5/4 | 2 | 5/2 | 3 | 1/3 | 4 | 2/3 | 3 |
| 3 | Насим□ Н. | 2/2 | 1 | 2/1 | 4 | 1/0 | 5 | 0/1 | 5 |

Баҳисобгирии хатоҳои хонандагон ба тарзи ислоҳи он алоқаи зич дорад. Тарзи ислоҳи хатоҳо ҳам ба гурӯҳи корҳои эҷодӣ дохил мешавад.

Методикаи таълими забони тоҷикӣ чунин намудҳои ислоҳи хатоҳоро пешкаш менамояд:

1. Ба зери калимаи хато хат кахцидан ва дар ҳошияи дафтар бо аломати шартӣ нишон додани навъи хатоҳо. Агар хато орфографӣ - имловӣ бошад, аломати (1), агар хато китобатӣ бошад, аломати (V) ва агар услубӣ бошад, () гузошта мешавад.
2. Ба зери калимаи нодуруст навишта шуда хат кашидан ва дар болояш навиштани шакли дурусти он бо қалам ё ранги сурх.
3. Дар ҳошияи дафтар нишон додани танҳо аломати шартӣ, дар ҳамон қаторе, ки хато содир

шудааст. Ин намуди ислоҳро дар синфҳои болоӣ гузаронидан мумкин аст.

4. Агар хато услубӣ бошад, ба зери ибора ё ҷумла хат кашидан ва дар ҳошияи дафтар гузоштани аломати шартии ду хати мавҷнок.

5. Ба зери калимаи нодуруст навишташуда танҳо хат кашидан.

Яке аз шаклҳои маъмули ислоҳи хатоҳои хонандагон ба зери калимаи хато навишташуда хат кашидан ва ба болои он шакли дурусти калимаро навиштан аст. Лекин ин тарзи ислоҳро ҳамеша истифода кардан дуруст нест. Хонандагон ба ин тарзи ислоҳ бепарвоёна муносибат мекунанд, яъне хонанда фикр мекунад, ки агар хато кунад, онро муаллим ислоҳ менамояд. Бино бар он тарзҳои нави ислоҳи хаторо ҷустуҷӯ кардан лозим аст.

Интихоби ин ё он тарзи ислоҳи хатоҳо ба мазмуни кори хаттӣ, ба синну соли хонандагон низ вобаста аст. Агар синну соли хонандагон хурд бошад, (масалан синфҳои I-IV) аз ин тарзи ислоҳи хатоҳо истифода кардан дурусг аст.

Дар синфҳои V-XI бошад, аз тарзҳои дигари ислоҳкунӣ, монанди ба зери калима хат кашида, дар ҳошия нишон додани аломатҳои шартӣ истифода бурдан мумкин аст. Дар ин тарзи кор ҳарчанд муаллим калимаи хато навишташударо ислоҳ накунад ҳам, вале вай ба хонанда гуфтанист, ки дар ин қатор калимаро ғалат навиштаӣ, шакли дурусти онро худат фикр карда баъд навис.

Ин кор хонандагонро водор мекунад, ки аз як тараф, эҷодкорона фикр ва рафтор кунанд, аз тарафи дигар, барои дар оянда содир накардани ин гуна хатоҳо кӯшиш намоянд.

Беҳтар аст, ки дар синфҳои болоӣ аз намуди дигари ислоҳи хагоҳо -дар ҳошияи дафтар бо аломати шартӣ

ишора кардани хатоҳо истифода бурда шавад. Ин тарзи ислоҳкунӣ мустақилона фикр кардани хонандаро дар назар дорад. Хонанда аз ишораи муаллим пай барад, ки хато содир кардааст, аммо он хато дар кадом калима ё ибора рӯй додааст, худаш фикр карда бояд ёбад. Ин як намуди кори эҷодист.

Муаплим ҳангоми тафтиши дафтарҳо ба чунин навъи хатоҳо низ бояд эътибори алоҳида диҳад:

а) хатое, ки доир ба қоидаи имлои гузашташуда содир шудааст;

б) хатое, ки ҳоло он қоидаи имло омӯхта нашудааст;

в) хатоҳои дағал,

Хатоҳо ба фонетикӣ, морфологӣ, китобатӣ ва услубӣ ҷудо мешаванд.

# БОБИ ШАШУМ
# МЕТОДИКАИ ИНКИШОФИ НУТҚ

## 6.1. Вазифаҳо ва мавқеи инкишофи нутқ дар омӯзиши фанни забони модарӣ

Нутқ ифодакунандаи олами ботинии одам аст. Ҷиҳати саводнокӣ ва маданиятнокии шахс ҳам дар асоси нутқаш муайян карда мешавад.

Мактаби имрӯза дар назди худ вазифа гузоштааст, ки хонандагон он намуди забони халқи худро омӯзанд, ки вай забони асарҳои бадеӣ, забони радио, матбуот ва телевизион, инчунин забони аз тарафи устодони сухан кор карда шуда бошад. Ин гуна забонро забони адабии тоҷик мегӯянд.

Забони адабӣ забони ба нормаи муайян даровардашуда мебошад. Вай нормаҳои худро дорад, вале хонандагон дар бисёр мавридҳо нормаи онро вайрон мекунанд, ки мо онро ҳангоми суханронии онҳо ҳис мекунем. Истифодаи калимаҳои шевагӣ, нодуруст талаффуз кардани калимаҳо ва дар ҷои худ истеъмол накардани баъзе калимаву иборахо вайронкунии нормаи забони адабӣ ба шумор меравад.

Яке аз сабабҳои вайрон кардани нормаи забони адабӣ аз дониши муайян надоштани хонандагон доир ба грамматика, услубшиносӣ ва хеле кам мутолиа намудани асарҳои бадеӣ иборат аст, Вазифаи мактаб танҳо аз бартараф намудани норасоиҳои нутқи хонандагон иборат набуда, балки ҳартарафа инкишоф додани нутқи онҳоро низ дар назар дорад. Ба замми ин мактаб бояд ба хонандагон забони тоза, забони аз калимаҳои бегона озод, забони ифоданок, буррову фасеҳу таъсирбахш ва беолоишро омӯзонад.[53]

---

[53] Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI. – Душанбе, 2006. –С.9.

Мактаб ба хонандагон ба тарзи озод, мантиқан бехато, ба ҳам алоқаманд ва мураттаб ифода кардани фикрро ёд диҳад.

Дар дарсҳои забону адабиёт ва дигар фанҳо хонандагон бояд аз ӯҳдаи ба саволҳои муаллим ва ҳамсинфон ҷавоб дода тавонистан, чизҳои хондагӣ ва шунидаашонро хаттӣ ва даҳонӣ дар шакли кӯтоҳу муфассал ва бехато ифода карда тавонистан, дар мавзӯъҳои адабӣ ва озод навиштани иншо, тартиб додани нақша ва маърӯзаву конспектҳо баромада тавонанд.

Нутқи хонандагон доимо дар тағйирот ва инкишофёбист. Бо таъсири шароит ва муҳит вай гоҳ инкишоф меёбад, гоҳ ақиб мемонад. Вазифаи муаллимон ва мактаб он аст, ки ба муҳиту шароит таъсир расонида, дар инкишофи нутқ ҳамеша шароити хуб муҳайё намоянд. Бояд гуфт, ки дар аксарияти мактабҳо барои инкишофи нутқи хонандагон ҷиддӣ ва мунтазам кор бурда намешавад.

Масъалаи инкишофи нутқ аз масъалаҳои асосӣ ва ҷиддӣ дар таълими ҳамаи фанҳо ба ҳисоб меравад.

Дар системаи таълим танҳо бо фанҳои забон ва адабиёт беалоқамандии фанҳои дигар нутқи хонандагонро ҳамаҷониба инкишоф додан мумкин нест. Аз ин рӯ, муаллимони фанҳои ҷудогона низ вазифадоранд, ки ба инкишофи нутқи хонандагон эътибори махсус диҳанд.

Вале дар мактабҳо алоқаи байни фанҳои ҷудогона хеле суст ба роҳ монда шудааст ва аксарияти муаллимон инкишофи нутқи хонандагонро ба зиммаи муаллимони забон ва адабиёт ҳавола менамоянд.

Дар дарсҳои фонетика, грамматика, орфография ва пунктуатсия кор бо инкишофи нутқ ҷой ва мавқеи худро дорад. Дар машғулиятҳои адабиёт (хониши

бадеӣ, наќлу иншо) мавќеи инкишофи нутќ назар ба дигар фанҳо зиёдтар мебошад.

Қисмҳои забони адабӣ бо ҳам алоқаи зич доранд ва масъалаи инкишофи нутқ бояд дар ҳамаи машғулиятҳои забони модарӣ мавқеи муносиби худро дошта бошад.

Инкишофи нутқи хонандагон кори тамоми мактаб ва оила ба ҳисоб меравад.

### 6.2. Мазмуни қисми «методикаи инкишофи нутқ»

Нутқи мо аз овоз, калима, ибора, ҷумла ва матн иборат аст. Методикаи таълими забони тоҷикӣ ин қисмҳоро дар бар мегирад, зеро бе онҳо таълими илми забонро муайян кардан мумкин нест.

Нутқи даҳонӣ монанди нутқи хаттӣ ба нормаҳои муайяни дар забони адабӣ қабул карда шуда итоат мекунад.

Ҷамъбасти нормаҳои талаффузи дурусти забони адабиро соҳаи дигари илми забоншиносӣ орфоэпия меомӯзад.

Калима, ибора ва ҷумла компонентҳои микдоран ва сифатан гуногуни забон буда, ҳар кадоме нормаҳои ба худ хосе доранд. Калима ба таркиби ибора дохил мешавад, ибораҳо бошанд, байни якдигар муносибат пайдо карда, ҷумларо ташкил медиҳанд ва ҷамъбасти ҷумлаҳо матнро ба вуҷуд меоранд.

Мазмуни қисми «Методикаи инкишофи нутқ» дар мактаб аз инҳо иборат аст:

1. Усули кор бо луғат (калима) дар дарсҳои забони модарӣ.
2. Усули кор бо ибора ва ҷумла.
3. Усули кор бо нутқи хаттӣ ва даҳонии алоқаманд.
4. Тарзи кор бо орфоэпия ва хониши ифоданок дар дарсҳои забони модарӣ.

Сабабҳои умумии камбудиҳои нутқи хонандагон. Хонандагон ҳангоми баёни ин ё он ҳодисаву воқеаҳо, инчунин дар вақти мусоҳиба байни худ ва калонсолон дар нутқи худ ба норасоиҳо роҳ медиҳанд.

Камбудиҳои нутқи хонандагонро ба 4 гурӯҳ ҷудо кардан мумкин:

1. Камбудиҳои лексикӣ ва фразеологӣ.
2. Норасоиҳои грамматикӣ-услубӣ ва морфологӣ-синтаксисӣ.
3. Норасоиҳое, ки дар нутқи алоқаманд аз ҷиҳати мазмун ва сохт рӯй медиҳанд.
4. Камбудиҳои орфоэпӣ-тарзи талаффуз.

Ин камбудиҳо муаллимонро водор менамояд, ки барои ислоҳу бартараф намудани ғалатҳо корҳои зиёдеро анҷом диҳанд. Содиршавии хатоҳои нутқи хонандагон ба се сабаби характери умумидошта алоқаманд мебошад:

1. Таъсири муҳити иҳотакарда:

а) таъсири лаҳҷаи маҳаллӣ ва ё забонҳои дигар ба нутқи хонанда;

б) таъсири кӯча, забони сохтаи «ошноён», калимаҳои вулгарӣ;

в) таъсири забони китобӣ ва рӯзномаву маҷаллаҳо, ки камбудиву ғалатҳо доранд;

г) таъсири нутқи муаллимони фанҳои дигар, ки бо забони адабӣ гуфтугӯ намекунанд;

ғ) таъсири шиору лавҳа, эълонҳо, сарлавҳаҳое, ки ғалат навишта шудаанд.

2. Дуруст ба роҳ монда нашудани таълими фанҳои ҷудогона, аз ҷумла фанҳои забони модарӣ ва адабиёт.
3. Камбудиҳои шахсии нутқ (баъзе хонандагон ширинзабонанд, бо нӯги забон гап мезананд, забонашон мегирад, ё сақав).

## 6.3. Методикаи кор бо луғат (калима) дар дарсҳои забони модарӣ

Барои бой намудани таркиби дуғавии хонандагон муаллими фанни забони модарӣ бояд аз машғулиятҳои аввалин сар карда, ба омӯзонидани луғат-калима эътибор диҳад. Ин кор системанокӣ ва пайдарҳамиро талаб мекунад. Мактаб ба хонандагон на фақат қоидаю қонунҳои забони модариро меомӯзонад, балки барои инкишофи нутқи онҳо ҳама гуна чораҳо меандешад. Ба замми ин муаллим вазифадор аст:

а) хонандагонро барои аз худ камудани қисмҳои асосии таркиби луғавии забон маҷбур намояд;

б) ба синну соли хонандагон нигоҳ накарда луғати фаъоли онҳоро бой гардонад;

в) дар мавқеи худ истифода намудани калимаҳоро вобаста ба мазмунашон ёд диҳад;

г) ба хонандагон ёрӣ расонад, ки дар нутқи худ калимаҳои ғайри адабӣ, лаҳҷавӣ ва аз истеъмол баромада, яъне архаистиро кор нафармоянд.

Дар инкишофи нутқ интихоби методу воситаҳои методӣ ва машқҳои гуногун роли муҳим мебозанд.

Вале дар мактаб ба омӯзиши луғат аз тарафи муаллимон хеле кам эътибор дода мешавад.

Камбудии асосӣ дар ин масъала бо як система ва мақсади муайян кор набурдани муаллимони ҷудогона аст. Дар аксар мактабҳо муаллимон реҷаи аниқи кор бо луғат надоранд. Бисёр муаллимон ҳатто ба ҳисоб намегиранд, ки хонандагонашон чӣ миқдор калимаҳоро медонанд, захираи луғавии онҳоро чанд ҳазор калима ташкил меднҳад ва дар кадом хелу типи калимаҳо бо онҳо кор бурдан лозим аст. Сониян, муаллимон аз воситаҳои методии гуногун истифода намебаранд ва ё истифода карда наметавонанд.

Методикаи таълими забони тоҷикӣ мавриди ташкили кор бо луғат чунин масъалаҳоро дар назар дорад:

1. Мазмуни кор бо луғат масъалаи ба хонандагон фаҳмонидани маънои калимаҳои наву душворфаҳм, таҳлили калимаҳо, шинос намудан ба боигарии таркиби луғавии забонро дарбар гирад. Муаллим дар бобати хусусияти услубии калимаҳо ва дар ташкили фикр ҳамчун масолеҳ хизмат кардани калимаҳоро ҳартарафа муайян намояд. Ба замми ин ба хонандагон фаҳмонидан лозим аст, ки маънои калима дар дохили матн муайян карда мешавад ва берун аз матн калимаҳо маъноҳои гуногун доранд.
2. Таҳлили мазмуни калима бояд аз нуқтаи назари истифодаи он калима дар забони адабии ҳозираи тоҷик гузаронида шавад. Баъзан калимаҳоро аз ҷиҳати баромади таърихӣ шарҳ додан низ ба мақсад мувофиқ мебошад.
3. Кор бо луғат як лаҳзаи кори муаллим набуда, балки вақти дуру дароз, доимӣ ва фаъолияти ёздаҳсолаи кори муаллим ва хонандагон дар мактаб аст.

Ташаккули таркиби луғавии хонандагон аз синфи якум оғоз гардида, то синфи ёздаҳум давом мекунад. Он ба ҳамаи қисмҳои забони адабии тоҷик: грамматика, орфография, орфоэпияву услубшиносӣ алоқаманд аст.

Кор бо луғатро муаллимони фанҳои таърих, ҷуғрофия, биология ва физика ҳам бояд мунтазам гирифта баранд. Албатта, дарсҳои забон ва адабиёт дар иҷрои ин кор мавқеи алоҳида дорад.

## Роҳҳои бой кардан ва такмилдиҳии луғати хонандагон

Дар таҳти бой кардан ва такмилдиҳии таркиби луғавӣ на фақаг микдоран инкишоф ёфтани луғати

хонандагон, балки тағйироти сифатӣ, яъне муайянкунии мазмуни калима, фаҳмидани маънои нави он, бисёрмаъноӣ, метафора ва ғайраҳо фаҳмида мешавад.

Баъзе хонандагон миқдоран калимаҳои зиёдеро донанд ҳам, вале фикрашонро фасеҳу дуруст ва пайдарҳамона баён карда наметавонанд.

Дар мактаб бо хонандагоне дучор мегардем, ки нутқи даҳониашон хеле суст буда, ҳангоми гуфтор калимаҳои зиёдатӣ- ноҷояи ҳа, сони, яъне, ва-ва, а-а, албатта ва амсоли инҳоро бештар истифода мебаранд.

Вазифаи аввалини муаллимони фанҳои ҷудогона бояд иборат аз мубориза бар зидди истифодаи ин гуна калимаҳои нодаркору зиёдатӣ бошад. Дар ҳар як машғулият муаллимон таъкид намоянд, ки аз ин гуна калимаҳо хонандагон истифода набаранд.

Нутқи хонанда бояд мазмуннок бошад. Одатан, хонандагон калимаҳои зиёдеро медонанд, вале дар нутқашон онҳоро хеле кам истифода мекунанд, ё худ аз ӯҳдаи бамавқеъ истифода кардани онҳо намебароянд. Яке аз сарчашмаҳои азхудкунии калимаҳои нав хондани асарҳои бадеӣ ва илмӣ, маҷаллаву рӯзнома, гӯш кардани садо ва қартаҳо (ровиён), барномаҳои симо, сӯҳбат бо калонсолон, шунидани нутқи муаллим ва ғайраҳо мебошад.

Хонандагон маънои калимаҳои навро на ҳама вақт зуд мефаҳманд, баъзан калимаи навро дар хотир нигоҳ доранд ҳам, аммо мазмуни онро шарҳ дода наметавонанд ё дигар хел шарҳ медиҳанд ва истифода мебаранд.

Шиносоӣ бо калима ва азхудкунии маънои он ҳодисаи хеле дарозмуддат буда, вай бо тезӣ ба таркиби луғавии хонанда дохил намегардад. Маълум, ки калимаҳо аз рӯи истеъмол фаъол ва пассив мешаванд.

Калимаҳое, ки аз ин ё он ҷиҳат маълум аст, вале дар нутқ истифода намешаванд, луғати пассив номида мешавад.

Баъзе хонандагон бо сабабҳои гуногун калимаҳои серистеъмоли забони адабиро дар нутқашон кор намефармоянд ё худ истифода карда наметавонанд. Муаллим вазифадор аст, ки дар вақташ онро ба ҳисоб гирифта, он калимаҳоро ба захираи фаъоли нутқи хонандагон дохил намояд.

Дар ҷумла ҳар як калима як маъноро ифода мекунад. Аммо дар матн он калима маъноҳои гуногунро низ дода метавонад. Масалан, Падарам ба хоҳарчаам ҳалқаи тилло овард. Имсол ҳосиди баланди тиллои сафед рӯёнидем. Калимаи бар - феъли фармоиш, бари хона, бари ҷома.

Ӯ дар дор хеле моҳирона бозӣ мекард. То баргаштани вай, ӯро дор ва амсоли инҳо.

Хонандагон ба ҳар калима бояд мулоҳизакорона рафтор карданро ёд гиранд ва мазмуни ҳар як калимаи навро аз муаллим бояд пурсанд ва худашон низ аз луғатҳо ҷустуҷӯ намоянд ва дар дафтари луғаташон навишта гиранд.

Хонандагон ҳангоми мутолиаи асарҳои бадеӣ, илмӣ ва публисистӣ ба калимаҳои нав дучор меоянд. Онро бояд дар дафтари луғаташон навишта гиранд.

Баъзе муаллимон барои бой намудани таркиби луғавии хонандагон дар ҳар як дарс даҳ-двоздаҳ калимаро вазифа месупоранд. Таҷриба нишон медиҳад, ки ин гуна вазифасупорӣ на ҳамеша манфиатнок аст. Зеро хонандагон калимаҳоро аз худ карда наметавонанд ва маънои онҳоро бо ҳам омехта мекунанд. Дар ҳар дарс барои аз худ кардан аз 3 то 5-7 калимаи нав супорида истодан ба мақсад мувофиқтар аст.

Барои аз худ кардани калимаҳои нав шароиту имкониятҳое мавҷуданд, ки аз онҳо дуруст истифода намудан зарур аст:

а) характери калимаи омӯхташаванда ва ба кадом соҳа тааллуқ доштани он;

б) ба мавзӯи таълимӣ то кадом дараҷа наздик будани он;

в) усул ва воситаҳои методии фаҳмонидани калима аз тарафи муаллим.

Ҳар як муаллим бояд нақшаи пешакии кор бо луғат дошта бошад. Ин албатта, кори мушкил, вале манфиатнок мебошад.

Вобаста ба ин дар назди муаллимони фанни забони модарӣ чунин вазифаҳо гузошта мешаванд:

а) захираи луғавии хонандагонро мунтазам муайян карда истанд (бо роҳи мушоҳидаи нутқи даҳонӣ ва таҳлили корҳои хаттӣ);

б) ба захираи луғавии хонандагон бештар калимаҳоро дохил намоянд;

Муаллими забони модарӣ имконият надорад, ки ҳамаи истилоҳи фанҳои дигарро ба хонандагон омӯзонад, вале истилоҳҳое ҳастанд, ки онҳоро дар дарсҳои забон маънидод кардан мумкин аст. Дар нақшаи шахсии муаллим дар қисми кор бо луғат бояд чунин чизҳо ба ҳисоб гирифта шавад:

| | | | |
|---|---|---|---|
| Мазмуни дарс: аз грамматика, орфография ва ё аз адабиёт | Калимаҳое, ки чун луғат дар дарс истифода мешаванд. | Аз куҷо гирифта шуд: аз китоби бадеӣ ё луғатҳо, аз китоби дарсӣ | Тарзи фаҳмонидан: мазмунашро шарҳ додан, дар диктанти луғавӣ истифода кардан, ё дар таҳлили грамматикӣ нишон додан. |

Луғатҳо аз чунин сарчашмаҳо гирифтаву омӯхта мешаванд:

а) асарҳои бадеӣ, илмӣ, газетаҳо ва маҷаллаҳо, аз фарҳангҳо;

б) муносибат бо калонсолон, ҳамсолон, хешу табор ва шиносоӣ бо ҳақиқати объективӣ;

в) фаъолияти илмӣ ва меҳнатии хонандагон: дарс, сухани муаллим, маҳфилҳо, ҷамъомаду баромадҳо, мулоқотҳо, экскурисияҳо, шабнишиниҳо, меҳнат дар устохона, заводу фабрика ва ғайраҳо;

г) шунидани радио, магнитафон, радиола ва тамошои спектаклу кинофилмҳо, баромадҳои телевизион ва ғайраҳо.

Калимаҳо чӣ тарз ба хонандагон фаҳмонидаву аз худ кунонида мешаванд? Дар ҳалли ин масъала аз чунин намудҳои машқ ва воситаҳои методӣ истифода карда мешавад:

а) беғалат навиштани калима дар тахтаи синф, муайян кардани таркиби он, гузоштани зада, талаффузи дуруст;

б) машқҳо оид ба муайянкунии мазмуни калима, бо нишон додани баъзе аломату нишонаҳо;

в) бо калимаҳои нав тартиб додани ибора ва ҷумлаҳо, истифодаи он калимаҳо дар машқҳои имловӣ;

г) бо калимаҳои нав гузаронидани корҳои эҷодӣ: тартиб додани ҳикояча, нақли хаттӣ ва иншоҳои хурд;

ғ) дар дафтари луғат навиштани он калимаҳо;

д) бо калимаҳои нав шеър ва порчаҳои насрӣ азёд намудан;

е) кори эҷодии худи хонандагон.

### 6.4. Шарҳи калимаҳои душворфаҳм

Дар машғулиятҳои забони модарӣ, аз ҷумла дар дарсҳои инкишофи нутқ муаллим вазифадор аст, ки калимаҳои навро шарҳ дода, мазмуни онҳоро ба хонандагон фаҳмонад.

Муаллим аз машғулиятҳои нахустини худ хонандагонро ба он одат кунонад, ки ҳангоми хондани машқ ва ҷумлаҳо калимаҳои душворфаҳмро

мустақилона ҷудо карда тавонанд ва кадом калимаеро, ки нафаҳманд аз муаллим маънои онро пурсанд.

Агар хонанда дар вақти мутолиаи асари бадеӣ ба калимаи душворфаҳм дучор ояд, бояд онро дар дафтари луғаташ навишта монад.

Ин тарзи кор яке аз роҳҳои бой кардани таркиби луғавии хонандагон ба ҳисоб меравад.

Агар дар вақти баёни мавзӯи нав калнмаҳои душворфаҳм истифода шаванд, шарҳи онҳоро низ дар ҳамон лаҳзаи дарс гузаронидан лозим аст.

Мазмуни калимаҳои душворфаҳм бо чунин тарзҳо шарҳ дода мешаванд:

а) нишон додани предмет-чиз ва ё тасвири он;

б) ҷудокунии мафҳум, нишон додани аломати он калима;

в) дар матн ва ё ҷумлаҳои алоҳида истифода кардани калимаҳои душворфаҳм;

г) бо ёрии синонимҳои он калима ёфтани маъно;

ғ) овардани антоними он калима (агар дошта бошад);

д) гузаронидани таҳлили таркиби калима, муайян кардани калимаҳои ҳамреша;

е) тарҷума намудани калима аз забони тоҷикӣ ба русӣ ва ё забони ӯзбекӣ ва ё баръакс;

ё) гузаронидани таҳлили этимологӣ, эзоҳи таърихӣ додан ба он калима, ба шарте ки он калима дар луғатҳо муайян карда шуда бошад.

### 6.5. Усулҳои кор бо калима, ибора ва ҷумла

Дар дарсҳои забони модарӣ барои инкишофи нутқи хонандагон кор бо калимаҳо мавқеи алоҳида дорад.

Кор бо луғат чунин масъалаҳоро дар бар мегирад:

1. Бой кардани таркиби луғавии хонандагон бо калимаҳо.

2. Гузаронидани корҳои луғавӣ-имловӣ бо мақсади аз худ кардани маънои калимаҳо ва тарзи дурусту бехато навиштани онҳо.
3. Шинос намудани хонандагон бо калима ҳамчун воситаи ифодаи бадеӣ.

Дар таҷрибаи муаллимони забон якчанд роҳи омӯзонидани калимаҳо ва бой намудани таркиби луғавии хонандагон мавҷуданд:

а) фаҳмонидани маънои калима бо нишон додани предмети он;

б) шарҳи калимаҳо ба воситаи луғати тафсирӣ ва лингвистӣ;

в) овардани синонимҳои калимаҳои душворфаҳм (дар назму наср)

г) гузаронидани таҳлили таркиби калима ва таҳлили морфологӣ;

ғ) тарҷумаи он калима ба забонҳои русӣ ё дигар забонҳо;

д) бо калимаи душвор ибора ва ҷумла тартиб додан;

е) истифодаи калимаи нав дар дохили матн ва нутқ;

Методикаи таълими забони тоҷикӣ ба тарзи аёният нишон додан ва маънидод кардани маънои калимаро бештар дар синфҳои ибтидоӣ тавсия менамояд. Дар синфҳои болоӣ ин тарз хусусан ҳангоми шиносоӣ бо гурӯҳи калимаҳои техникӣ, соҳавӣ ва калимаҳои махсус, ки хонандагон бо онҳо бори аввал дучор шудаанд, аҳамияти калон дорад.

Масалан, дар дарси химия калимаҳои оксиген, гази карбон, модда, моеъ, нах, нахи химиявӣ, поруҳои маданӣ ва ғайраҳо; дар дарси физика ампер, масса, нейтрон, реостат, энергия, энергияи дохилӣ, фишор, фишори газ, фашанг, ҷӯшиш, маномерҳо; дар дарси таърих калимаҳои сихмола, обшина, ғулом,

крепостной, архиепископ, салиб, мустамлика, буржуазия, реформа, хилофат ва ғайраҳо бояд омӯзонидаву эзоҳ дода шаванд.

Усули дигари эзоҳи калимаҳо истифода аз луғати тафсирии забони тоҷикӣ аст.

Ҳар як муаллими мактаб вазифадор аст, ки тарзи аз луғат истифода карданро ба хонанда омӯзонад. Хонандагон аз луғати тафсирӣ ва луғатҳои дигари лингвистӣ ба тезӣ ёфтани калимаҳои даркориро ёд гиранд. Барои ин хонандагон бояд тартиби алифбои забони тоҷикиро дуруст донанд. Аз луғати тафсирӣ ба хонандагон иҷрои чунин хелҳои машқҳоро тавсия намудан мумкин аст:

а) аз луғат ёфтани синоним ва антонимҳои калимаҳои душворфаҳм;

б) аз луғат ҷудо кардани калимаҳои иқтибосӣ доир ба фанҳои забон ва адабиёт;

в) ёфтани калимаҳои ташдиддор;

г) ҷудо кардани калимаҳои мураккаб пайваст ва тобеъ

ғ) навиштан ва шарҳ додани калимаҳои аломати сакта (ъ) дошта ва ғайраҳо.

Намуди дигари шарҳи калимаҳо овардани синонимҳост. Дар хусуси синонимҳо хонандагон ҳанӯз аз синфҳои III-IV маълумот доранд. Мисол, камар-миён; истиқлолият-соҳибихтиёрӣ, мустақилӣ; абрӯ-қош; байза-тухм; тафтбод-гармсел, самум; мунаҷҷим-ситорашинос.

Луғатҳоро бо роҳи таҳлили морфологӣ низ эзоҳ додан мумкин аст. Ин хонандагонро водор менамояд, ки маъноҳои луғавӣ ва грамматикии морфемаҳоро аз калимаҳо ҷудо намоянд.

Масалан, хуршед - аз ду ҷузъ иборат аст: хур (офтоб) ва шед (дурахшон)-офтоби дурахшон; говрона-

аз се ҷузъ: гов, рон ва пасванди-а иборат буда, номи предмет мебошад; ҳазорпо-аз шумораи ҳазор ва исми по иборат ёфтааст - номи ҷонвар.

Роҳи дигари шарҳи луғат тарҷума бо забони дигар аст. Масалан, русӣ ё тоҷикӣ. Муаллим он калимаҳоеро, ки аз забонҳои дигар ба забони адабии мо дохил шудаанд, нишон дода, аз кадом забон будани онҳо ва маънoҳои луғавиашонро таъкид менамояд: муаллим-предподаватель-арабӣ, котиб-секретарь-арабӣ, лаванд-неуклюжий-тоҷикӣ, балво-мятеж-тоҷикӣ, сарроф-меняна арабӣ.

Тарзи дигари эзоҳи калима истифода аз ибораҳои фразеологӣ ва шарҳи маънoҳои онҳост. Чунончӣ: дандон ба дандон мондан-ором истодан, тоқат кардан; забон газида истодан-гап назадан; даҳон кушода мондан-ҳайрон шудан, дар тааҷҷуб афтодан;

Дар инкишофи таркиби луғавии хонандгон ичрои машқҳои махсус роли муҳим мебозанд. Яке аз ин гуна машқҳо мустақилона кор фармудани калима дар дохили ҷумла ва нутқи алоқаманд аст. Ба хонандагон фармуда мешавад, ки ба калимаҳои шаҳрдодаамон ҷумлаҳо фикр кунанд, мустақилона калимаи ношиносро аз луғати тафсирӣ ёфта шарҳ диҳанд ва синониму антонимашонро муайян намуда, ба ҳар кадом бо шаклҳои гуногун ҷумлаҳо созанд. Ё худ калимаи мазкурро аз ҷумлаҳои додашуда ёфта, маънои онро шарҳ диҳанд, ҷумлае оранд, ки он калима ба маънои аслиаш наомада бошад ва ғайра.

Яке аз вазифаҳои муҳими таълими фанни забон мустақилона ба хонандагон ёд додани иборасозӣ ва ҷумласозист.

Машғулиятҳои забони модариро бояд тавре ташкил намуд, ки хонандагон тадриҷан аз матнҳо

мустақилона ҷудо кардани ҷумлаҳои зарурӣ ва иваз кардани як ҷумла ба ҷумлаи дигарро ёд гиранд.

Машқҳо доир ба ибора ва ҷумласозӣ бояд бо системаи муайяне гузаронида шаванд. Асоси ин системаро принсипи аз сода ба мураккаб гузаштан ва кори мустақилонаи хонандагон дарбар гирад.

Мувофиқи ин талабот машқҳои грамматикӣ-услубӣ ба чунин хелҳо ҷудо мешаванд:

1. Муайян намудани сохт ва мазмуни ҷумлаи додашуда.
2. Аз матн ёфтани қолабҳои синонимии ҷумлаҳо.
3. Бо ҳамдигар иваз намудани қолабҳои синонимӣ.
4. Дигар кардани ҷумла бо синонимҳои гуногун.
5. Мустақилона тартиб додани ибора ва ҷумлаҳо.
6. Тартиб додан ва навиштани диалогҳо бо ҷумлаҳои гуногун.
7. Тартиб додани ҳикояча вобаста ба мавзӯи пешниҳодшуда.
8. Таҳрири чизҳои навишташуда ва таҳлили онҳо.
9. Таҳрири ҷумлаҳои тартибдодаи ҳамдигар.
10. Бо як калима сохтани чанд иборахо.
11. Бо ибораҳо сохтани ҷумлаҳо.
12. Ба сарҷумла ёфтани ҷумлаи пайрав ва баръакс.
13. Дар асоси аломатҳои шартӣ ва нақшаҳо тартиб додани ҷумлаҳо.
14. Аз рӯи расмҳо тартиб додани ибораҳо, ҷумлаҳо ва ҳикоячаҳо.

### 6.6. Кор доир ба инкишофи нутқи мураттаб

Дар барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои У-Х1 ба инкишофи нутқи мураттаб ба миқдори муайян соат ҷудо карда шудааст: дар синфи V - 15 соат, дар синфи

VI- 25 соат, дар синфи VII - 20соат, дар синфи У1П - 14 соат ва дар синфи IX - 15 соат[54].

Мақсади дарсҳои инкишофи нутқи мураттаб он аст, ки хонандагон туфайли машғулиятҳо фикрашонро ба тарзи хаттӣ ва даҳонӣ дуруст ва бехато баён карда метавонистагӣ шаванд.

Барои ба нутқи мураттаб соҳиб шудан хонандагон бояд бештар машқ намоянд. Дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ доир ба мавзӯъҳои таълимӣ машқҳои характери гуногун дошта дода шудаанд, ки онҳо ба ғайр аз таҳлили грамматикӣ боз талаботу вазифаҳои дигар доранд. Масалан, маънидод кардани машқҳо, ба саволҳои машқ ҷавоб гардонидан, ба матн гузоштани сарлавҳа, навиштани мазмуни матни хондашуда, тартиб додани плани матн ва ғайраҳо. Иҷрои чунин супоришҳо, бешубҳа, дар инкишофи нутқи мураттаб роли басо калон мебозанд.

Мазмуни асосии дарсҳои инкишофи нутқи мураттабро намудҳои гуногуни корҳои хатгӣ, аз ҷумла нақли хаттӣ ва иншо дар бар мегиранд:

## 6.7. Нақли хаттӣ

Нақли хаттӣ яке аз воситаҳои инкишофдиҳии нутқи алоқаманд ба ҳисоб меравад.

Нақли хаттӣ ҳамчун машқҳои дигари хаттӣ дар ташаккули малакаҳои нутқи хонандагон роли муҳим мебозад. Аз ҷумла, дар инкишофи чунин малакаҳои хонандагон:

а) шунавидан, дар хотир нигоҳ доштан ва ба таври хаттӣ ё даҳонӣ ифода кардани фикр;

[54] Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI. – Душанбе, 2006. –С.46.

б) тафаккури мантиқӣ, чизи асосиро аз ғайри асосӣ ҷудо намудан, хулоса баровардан ва бо далелҳо исбот кардан;

в) бой намудани захираи луғавӣ.

Забон, услуб ва мазмуни матнҳое, ки барои нақл ба кор бурда мешаванд, бешубҳа, ба забон ва услуби хонандагон таъсир мерасонад.

Аҳамияги тарбиявии нақли хаттӣ, пеш аз ҳама, ба мазмуни матн вобаста аст. Муаллим метавонад матнҳои нақли хаттиро доир ба корнамоиҳои қаҳрамонони меҳнат ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дӯстии халқҳо, эҳтироми калонсолон, Ватан ва ватанпарварӣ, ҳурмати волидайн ва амсоли инҳо интихоб намояд.

Нақли хаттӣ хонандагонро дар руҳи эстетикӣ низ тарбия менамояд.

Дар мактабҳо аз чунин намудҳои нақли хаттӣ истифода мебаранд, ки онҳо аз рӯи мазмун, мақсад, аз ҷиҳати осониву душворӣ, супоришҳои иловагиашон аз ҳам фарқ мекунанд.

Нақли хаттӣ мазмунан гуногун мешавад: матнҳои характери ҳикоягӣ дошта, тасвири манзара ва ҳодисаҳои табиат, шароити меҳнат дар маъракаи пахтачинӣ, муҳокимаи мақолаҳои публисистӣ, ҳикоя ва ғайраҳо.

Одатан, матни нақли хаттӣ аз китоби «Маҷмӯи диктант ва нақли хаттӣ», инчунин асарҳои бадеие, ки мувофиқи барнома дар ин синфҳо омӯхта мешаванд, интихоб карда мешавад.

Аз рӯи мақсад нақли хаттӣ таълимӣ ва санҷишӣ мешавад. Ин ҳар ду намуд ҳам бо мақсади баланд бардоштани савияи нутқи хаттии хонандагон ва саводи онҳо истифода карда мешавад.

Аз рӯи ҳаҷм нақли хаттӣ ба пурра ва нопурра ҷудо мешавад. Матни нақл вобаста ба синфҳо ва синну соли

хонандагон бояд аз 100 то 550-650 калимаро дар бар гирад. Дар синфи V- 100-150, VI- 150-200, У11-200-250, У111-250-350, 1Х-350-450, Х-450-550 ва Х1-550- 650 калима[55].

Хонандагон бо мазмуни матн бо роҳҳои гуногун шинос карда мешаванд.

Матни нақле, ки муаллим мехонад ва хонандагон онро шунавида дар хотир нигоҳ медоранд; матне, ки хонандагон онро худашон баланд мехонанд; матне, ки хонандагон онро хомӯшона мехонанд; матне, ки муаллим онро дар синф мехонад ва хонандагон аз рӯи он дар хона нақл менависанд; матне, ки пештар хонда шудааст ва хонандагон дар асоси хотира мазмуни онро менависанд.

Нақли хаттӣ фардӣ ва гурӯҳӣ низ мешавад. Баъзан нақли хаттиро бо супоришҳои махсуси грамматикӣ ҳам гузаронидан мумкин аст, ки дар ин маврид хонандагон аз ҷумлаҳо ба зери он супориш хат мекашанд онро ҷудо мекунанд.

Нақл одатан, аз рӯи нақша навишта мешавад. Дар баъзе мавридҳо онро бе нақша ҳам навиштан мумкин аст.

Аз рӯи нақша навишгани нақл дар ифода ва алоқамандии ҷумлаҳо аҳамияти калон дорад.

Тарзи гузаронидани нақли хаттӣ чунин аст: дар навбати аввал мавзӯи нақл ва мақсади кор муайян карда мешавад. Баъд муаллим тамоми матнро мехонад. Матн одатан, ду маротиба хонда мешавад. Калимаҳои душворфаҳми матн дар тахтаи синф навиштаю шарҳ дода мешаванд. Агар муаллим лозим донад, мазмуни нақлро аз як-ду нафар хонанда мепурсад. Сонӣ, нақшаи нақл тартиб дода мешавад. Баъди ин хонандагон ба

---

[55] Барномаи забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI. – Душанбе, 2006. –С.51.

навиштан шурӯъ мснамоянд. Таълими нақли хаттӣ аз синфҳои ибтидоӣ сар шуда, то синфи УШ-Х1 давом мекунад. Бо муваффақият гузаштани нақл ба тайёрии муаллим вобаста аст. Тайёрии муаллим ба нақл бояд 4-5 дарс бештар сар шавад.

Баъзе муаллимон чунин ақида доранд, ки ду маротиба хондани матн дуруст нест. Матн бояд як маротиба хонда шавад ва дар тахтаи синф навиштани нақшаи он низ зарурат надорад.

Ин албатта, ба дониш ва маҳорати муаллим, инчунин ба донишу малакаи хонандагони синф вобаста аст. Инро ҳам ба назар гирифтан лозим аст, ки ҳангоми бори дуюм хондан хонандагон мазмуни матнро дуруст дарк менамоянд.

Дар марҳилаи аввали кор бо нақл шакли гурӯҳии онро истифода намуда, баъд зина ба зина ба намуди индивидуалӣ гузаштан лозим аст.

Дар дарсҳои кори хаттӣ муаллим бояд ба хонандагон тарзҳои ҷудо намудани чизҳои асосӣ, овардани ифодаҳои забонӣ, сохтани нақша ва аз рӯи нақша баён кардани фикрро амалан ёд диҳад.

Хонандагонро пешакӣ ба навиштани нақл тайёр намудан лозим аст. Дар ин бобат чунин намудҳои пешакии машқ ба хонандагон ёрӣ мерасонанд:

а) ба саволҳои матн ҷавоб навиштан;

б) бо калимаҳои дигар ифода намудани мазмуни матн;

в) ба ҷумлаи дигар баргардонидани ҷумлаи матн;

г) аз ҷумлаҳои ҳикоягӣ тартиб додани диалогҳо;

ғ) мухтасар баён кардани мазмуни матн;

Ҳангоми тафтиши нақли хаттӣ муаллим, пеш аз ҳама, ба мазмун, мувофиқати кор бо нақша, тарзи баён ва тартиби фикр диққат диҳад. Баъд ғадатҳои имлоӣ, пунктуатсионӣ ва услубии кор муайян карда мешаванд.

Ба нақли хаттӣ ду баҳо: яке ба мазмуни кор, дигаре ба саводи хонанда гузошта мешавад.

Ба таҳлили нақли хаттӣ дарси иловагӣ ҷудо карда мешавад, дар он муваффақият ва камбудии хонандагон нишон дода мешавад, то онҳо минбаъд ба чунин норасоиҳо роҳ надиҳанд. Ҳамин тариқ, нақли хаттӣ ва гузаронидани он чор давраро дар бар мегирад: тайёрии пешакӣ ба нақл, хондани матни нақл ва тартиб додани нақшаи он, навиштан ва таҳлили корҳои хаттии хонандагон.

## 6.8. Иншо

Иншои мактабӣ ифодакунандаи фикри эҷодӣ ва мустақили хонанда мебошад. Ташкил ва гузаронидани он нисбат ба нақли хаттӣ душвортар аст. Дар иншо олами ботинии хонанда ифода мегардад. Аз иншо дараҷаи дониш, маҳорат ва ҷаҳонбинии хонанда, муносибати ӯ ба ҳаёт, тарзи фикрронӣ ва ҳалли масъалаҳо фаҳмида мешавад.

Иншо ба муаллим имконият медиҳад, фаҳмад, ки хонанда мавзӯи таълимиро то чӣ андоза аз худ кардааст, далелҳои забониро ҳангоми ифодаи фикр чӣ тарз истифода бурдааст, тарзи ифодааш чӣ гуна аст, саводаш ба талабот ҷавоб медиҳад ё не.

Иншо одатан, аз синфи III сар карда то синфи XI гузаронида мешавад.

Баъзе методистон чунин меҳисобанд, ки дар синфҳои 1-П низ иншоҳои хурде, ки аз 2-3 ҷумлаи тафсилӣ иборат аст, гирифта шаванд.

Иншо таълимӣ ва санҷишӣ мешавад.

Иншо ба синфӣ ва хонагӣ ҷудо мешавад. Дар таълими забони модарӣ иншо бояд бо як систсмаи муайян гузаронида шавад.

Иншо аз рӯи мазмун ду хел мешавад: иншо дар мавзӯи адабӣ ва иншо дар мавзӯи озод.

Вобаста ба сарчашмаи иҷро иншо ба хелҳои зерин ҷудо мешавад:

- Иншо аз ҳаёти шахсии хонандагон. Вай бо ҳаёту саргузашти худи хонандагон алоқаманд мебошад. Дар ин намуди иншо талабагон дар бораи чизҳои дидаву шунидаашон нақл мекунанд: «Иди Наврӯз ва қайди он», «Дар фермаи мурғпарварӣ», «Боғи ҳайвонот» ва ғайраҳо.
- Иншо дар асоси мушоҳидаҳои шахсии хонандагон. Дар ин намуди иншо тасвир роли асосиро мебозад: «Баромадан ва фурӯ рафтани офтоб», «Гулҳои боғи мактаб», «Баҳори деҳаи мо», «Сайри кӯҳсор», «Таътили тобистонаи ман».
- <u>Иншо аз рӯи расм</u>. Ин як намуди маъмули иншо дар дарсҳои забони модарӣ буда, хелҳои гуногун дорад: хаттӣ баён кардани мазмуни расмҳо; навиштани иншо аз рӯи манзара; иншо аз рӯи расм бо супоришоти грамматикӣ.

Иншо аз рӯи расм дар ҳамаи синфҳо гузаронида мешавад. Мавриди навиштани иншо аз рӯи расм ба чунин чизҳо эътибор дода мешавад: хонандагон бояд мазмуни расмҳоро фаҳмидаву баён карда тавонанд; онро бо калимаю ибора ва ҷумлаҳои муносиб тасвир намоянд.

- Намуди дигари иншо ба саволномаи муаллим ҷавоб гардонидани хонандагон аст. Хоннадагон вобаста ба мавзӯъ дар давоми 10-15 дақиқа ба саволнома ҷавоб менависанд. Мақсади ин кор аз тарафи хонандагон дуруст истифода кардани воситаҳои забон, мустақилона сохтани ҷумлаҳои алоҳидаи ба таърифоти грамматикӣ дахлдор ва бештар кор фармудани синониму антонимҳо дар нутқ мебошад,
- Дар мактабҳо иншо бо супоришоти грамматикӣ низ таҷриба карда мешавад. Барои гузаронидани ин

намуди иншо тайёрии пешакӣ лозим аст. Хонандагон бояд фаҳманд, ки кадом қоидаву таърифотро пешакӣ аз худ кардан лозим аст.

Супоришҳои грамматикиро аз қисмҳои морфология ва синтаксис тартиб додан мумкин аст.

Баъзе методистон ва муаллимон чунин ақида доранд, ки ин намуди иншоро гузаронидан мумкин нест. Гӯё иншои супориши грамматикӣ дошта диққати хонандагонро ҳангоми навишт парешон мекарда бошад.

Ин ақида аз як ҷиҳат шояд дуруст бошад, вале дар мавридҳои зарурӣ аз ин намуди иншо истифода кардан лозим аст.

Тарзи гузаронидани иншо аз рӯи расм чунин аст: Муаллим хонандагонро пешакӣ огоҳ менамояд, ки фалон рӯз аз рӯи расм иншо менависем. Шумо фалон қоидаҳо ва таърифҳои грамматикиро бо диққат хонда, ба типи навишти калимаҳои мураккаби тобеъ, исмҳои хоси ифодакунандаи номи ҷойҳо эътибор диҳед.

Сипас муаллим хонандагонро ба тарҷумаи ҳоли рассом шинос карда қайд мекунад, ки яке аз расмҳои машҳури ӯ «Зимистони деҳа» ном дорад ва мо имрӯз аз рӯи он иншо менависем. Сонӣ муаллим расмро ба тахтаи синф меовезад ва хонандагон онро хомӯшона аз назар гузаронида, бо мазмунаш шинос мешаванд. Бо роҳи сӯҳбат мундариҷа ва ғояи он эзоҳ дода мешавад. Вобаста ба сурат луғатҳо -калимаҳо шарҳу эзоҳ дода мешаванд. Сонӣ нақшаи иншо тартиб дода мешавад.

Баъди тартиб додани нақша хонандае мазмуни суратро ҳикоя карда медиҳад. Ба чунин иншо одатан, 2 соат вақт ҷудо менамоянд.

Иншоро аз рӯи кинофилмҳо, спектаклҳо, барномаҳои телевизион, диафилмҳо ва экскурсияҳо низ гузаронидан мумкнн аст. Баъзан чунин иншоҳоро

ҳамчун кори мустақилона ба хона месупоранд. Барои он ки иншои хонагӣ натиҷанок гардад, ба муаллим лозим аст, ки бо роҳи сӯҳбат мазмун, ғояи асосӣ ва мақсади муаллифи асарро эзоҳ диҳад ва ба хонандагон фармояд, ки нақшаи онро тартиб дода дар хона иншо нависанд.

Намуди дигари корҳои хаттӣ, ки барои инкишофи нутқи хаттии хонандагон ёрӣ мерасонад, тартиб додан ва навиштани ҳуҷҷатҳои расмӣ корӣ аст.

Муаллимони мактаб ба тарзи иҷрои ин намуди корҳои хаттӣ низ бояд ахамияти ҷиддӣ диҳанд. Ин кор бояд аз синфҳои поёнӣ сар карда омӯзонида шавад. Аксар вақт хатмкунандагони мактаби миёна аз ӯҳдаи навиштани ҳуҷҷатҳои расмӣ дуруст баромада наметавонанд. Баъзеашон ҳатто дар навиштани ариза ва тарҷумаи ҳол душворӣ мекашанд. Ин албатта, камбудии мактаб ва муаллимони он ба ҳисоб меравад.

Ҳатто дар макотиби олӣ донишҷӯёнро вомехӯрем, ки ба номи декан ва ректори худ ариза навишта наметавонанд. Ҳамаи намудҳои ҳуҷҷатҳои расмию корӣ бояд дар мактаби таҳсилоти умумӣ омӯзонидаву ёд дода шавад. Хонандагон намунаҳои он ҳуҷчатҳоро дар дафтари худ пурра рӯйнавис карда гиранд.

## 6.9. Намудҳои кор доир ба инкишофи нутқи даҳонӣ

Дар методикаи кор доир ба инкишофи нутқи хаттӣ ва даҳонӣ бисёр умумиятҳо дида мешавад; дар инкишофи нутқи хаттӣ ва даҳонӣ як силсилаи машқҳо, аз ҷумла, кор бо луғат, машқҳои грамматикӣ-услубӣ ва нақлу иншо ба кор бурда мешаванд. Интихоби машқ ба хусусияти мавзӯи таълимӣ вобаста аст.

Машқҳои ҷумласозӣ дар инкишофи нутқи хаттию даҳонӣ аҳамияти калон доранд. *Як* қатор машқҳое низ

мавҷуданд, ки бо хусусияти худ танҳо ба нутқи даҳонӣ мансубанд.

Инҳо машқҳо доир ба инкишофи нутқи мураттаби даҳонӣ, хониши ифоданок ва тарзи талаффузн адабӣ (орфоэпия) мебошанд. Гуфтор ва ҷавобҳои даҳонакии хонандагон ҳам дар дарсҳои забони модарӣ ва ҳам фанҳои дигар то дараҷае машқи инкишофи нутқ ба ҳисоб меравад. Ҷавобҳои хонандагонро дар дарсҳои забони модарӣ ба ҷавоби пурра ва ҷавоби эҷодӣ ҷудо менамоянд:

а)ҷавобҳои пурра аз граммагика инҳо хулосаҳо, ҷамъбасти чизи хондашуда, таҳлили мустақилонаи грамматикӣ аз рӯи таблитсаҳо (бе ёрии муаллим), муҳокима ва исботи қоидаву таърифот, ба ин ё он категорияҳои грамматикӣ дохил намудани калимаҳо ва гуфта додани вазифаи хонагӣ мебошанд;

б) ҷавоби эҷодӣ ин нақли индивидуалии хонаидагон, баёни мавзӯъ, тасвири даҳонии ҳодисаву воқеаҳо, эзоҳи луғатҳо, баромадҳои оммавӣ дар мактаб ва берун аз мактаб, нақли мазмуни супоришҳои додашуда, баёни сюжети спектаклу кинофилмҳо ва монанди инҳо.

Дар инкишофи нутқи даҳонии хонандагон аз намудҳои гуногуни нақли даҳонӣ истифода бурда мешавад. Нақли даҳонӣ аз синфи якум, ҳатто ба мактаб наомада ба кор бурда мешавад. Хонандагони синфи якум ҳам мазмуни ҳикояҳои муаллим ва афсонаҳои аз калонсолон шунидаашонро бемалол баён мекунанд. Тарзи гузаронидани нақли даҳонакӣ чунин аст:

Муаллим матнро мехонад, хонандагон бодиққат онро гӯш мекунанд, баъд мазмунашро бо фаҳмиш ва калимаву ибораҳои худ баён мекунанд.

Баъзан муаллим ҳамчун намуна мазмуни матни хондаашро ба хонандагон гуфта медиҳад ва аз рӯи

мазмуни матн дар назди хонандагон саволҳо мегузорад, ки он фаҳмидани мазмуни матнро осон менамояд.

Агар ҳаҷми матн калон ва алоқаманд бошад, онро ба қисмҳо ҷудо карда, мазмуни ҳар яке аз қисмҳоро алоҳида-алоҳида нақл кардан беҳтар аст.

Намуди дигари нақл-нақли мазмуни асарҳои манзум мебошад. Шарҳи мазмуни чунин асарҳо ба хонандагон душвор аст. Вазифаи дарсҳои забони модарӣ ва адабиёт он аст, ки диққати хонандагонро ба шарҳи порчаҳои манзум бештар ҷалб намояд. Агар матнҳои манзум пеш аз таҳлили грамматикӣ ё худ машқ маънидод карда шаванд, машғулият ҳамон қадар пурқимат мегардад. Хонандагон бояд баробари хондан мазмуни порчаҳои манзумро нақл карда тавонанд. Ба наср баргардонидани порчаҳои мазмун душвор аст, вале бо ёрии муаллим онҳо чунин супоришҳоро низ иҷро карда метавонанд.

Намуди дигари кор нақли кинофилмҳо ва спектаклҳо ба ҳисоб меравад. Мувофиқи ин намуди кор хонандагон на мазмуни чизҳои шунида ё хонадаашон, балки чизҳои дида ва мушоҳида кардаашонро нақл менамоянд. Муаллим ҳангоми баёни хонанда бояд ба тартиби нақл ва тарзи истеъмоли калимаҳо эътибор диҳад.

Дар тарбияи нутқи даҳонии мураттаб ифодаи ҳикоя низ аҳамияти калон дорад. Ҳикоя ҳам як намуди баёни даҳонӣ буда, аз хонандагон мустақилият талаб мекунад. Хонандагон дар дарсҳои забони модарӣ, хусусан дар машғулияти инкишофи нутқи мураттаб аз ҳаёти худ ва одамони наздикашон бояд ҳикоя кунанд. Ин гуна ҳикояҳои эҷодӣ метавонанд мавзӯи дарс гарданд. Ҳикояро дар мавзӯъҳои гуногун гузаронидан мумкин аст. Муаллим метавонад хикояро бо супориши грамматикӣ алоқаманд намояд.

Нақл аз рӯи расм яке аз роҳҳои дигари инкишофи нутқи даҳонии хонандагон аст. Муаллим дар тахтаи синф чанд расмҳоро овехта, баъд дар бораи шахсият ва эҷодиёти рассом маълумот дода мегузарад. Аз хонандагон талаб карда мешавад, ки баъди мушоҳида мувофиқи фаҳмиши худ мазмуни расмро пайдарҳамона баён кунанд. Ҳангоми нақл бояд хонандагон чизҳои асосиро аз чизҳои дараҷаи дуюм ҷудо намоянд.

Тасвири даҳонӣ ҳам дар инкишофи нутқи даҳонии хонандагон роли муҳим мебозад. Одатан, тасвири даҳониро бо мақсади инкишофи фикри эҷодии хонандагон мегузаронанд. Тасвири даҳониро дар мавзӯъҳои «Намоиши Иди Ғалаба», «Кабӯтари сулҳ», «Гулхани пионерӣ» ва «Бозиҳои спортӣ» низ гузаронидан мумкин аст.

Роҳи дигари баланд бардоштани маданияти нутқи даҳонии хонандагон ташкил кардани баромадҳои оммавии хонандагон аст. Ин корро аввал дар синф, сонӣ дар мактаб, сипас оҳиста-оҳиста дар назди коллективҳои гуногуни меҳнатӣ ташкил кардан лозим аст. Тайёр кардани ҳисобот дар бораи кори звено ва отряди пионерӣ, дар маҷлиси синфӣ ахборот додан, тайёр намудани маърӯза дар маҳфилҳои адабӣ, мавзӯъҳои сиёсӣ ва ахлоқӣ, навиштани рефератҳо ва амсоли инҳо аз намудҳои гуногуни корҳои эҷодӣ буда, ба инкишофи нутқи даҳонии хонандагон кӯмак мерасонад.

Азёд кардан ва хониши бадеии назму наср аз воситаҳои басо муҳимми тарбияи нутқи мураттаб ба ҳисоб меравад. Хонандагон аз хурдӣ бояд ба ин кор одат кунонида шаванд. Хонанда дар хурдӣ порчаҳои назмию насриро ҳар чӣ қадар зиёд аз худ кунад, нутқаш ҳамон қадар инкишоф меёбад. Аз ин рӯ дар дарсҳои забони модарӣ ба аз ёд намудани порчаҳон манзум

диққат дода мешавад. Яке аз камбудиҳои барномаҳои ҳозираи забон ва адабиёт дар он аст, ки дар он ба азёд кардани намунаҳои насри бадеӣ эътибор дода намешавад. Аксари хонандагон порчаҳои насриро азёд намедонанд.

Истифодаю азёд кардани зарбулмасалу мақол, чистонҳо, ибораҳои фразеологӣ ва байтҳои аҳамияти тарбиявӣ дошта низ дар инкишофи нутқи хонандагон роли калон мебозад. Дар ҳар як дарс ақалан як ё ду зарбулмасал, мақол ё ибораҳои фразеологиро истифода бурдан лозим аст, то ки хонандагон мавқеи истифодаи онҳоро дар нутқ ёд гиранд.

Шарҳи ибораҳои фразеологӣ ва истифодаи бамавриди онҳо нутқи хонандагонро фасеҳу зебо ва бой мегардонад. Аксарияти муаллимони забони модарӣ инкишофи нутқи даҳонии хонандаро дар хондани асарҳои бадеӣ ва нақли мазмуни онҳо мебинанд. Барои ҳамин ҳам муаллимон ба шогирдонашон гаштаю баргашта таъкид менамоянд, ки онҳо асарҳои бадеиро бештар хонанд. Дар ҳақиқат, хондан ва нақли мазмуни асарҳои бадеӣ аз роҳҳои басо боэътимоду судбахши инкишофи нутқи хонандагон ба ҳисоб меравад,

Чунинанд баъзе роҳҳои инкишофи нутқи даҳонии хонандагон.

## 6.10. Нутқи даҳонӣ ва хониши ифоданок

Одатан, як мазмунро дар забон бо шаклҳои гуногун ифода кардан мумкин аст. Агар инсон фаҳмову таъсирбахш, боэътимод, бурро ва фаромӯшнашаванда сухан кунад, ин гуна нутқро ифоданок меномем.

Ва агар нутқ дилгиркунандаю бетаъсир, бо мушкилӣ фаҳмидашаванда бошад, онро нутқи ғайри ифоданок меномем.

Хониши ифоданок як роҳи инкишоф додани нутқи хонандагон ба ҳисоб меравад, зеро ба воситаи он ба талаффузи дурусти калимаҳо ва ибораву ҷумлаҳо ва зада диққати махсус дода мешавад. Дар хониши ифоданок ҷои асосиро оҳанги талаффуз ишғол менамояд. Мактаб ва муаллим вазифадор аст, ки ба хонандагон хониши ифоданокро ёд диҳад ва омӯзонад. Барои ба нутқи ифоданок соҳиб шудан ба чунин масъалаҳо эътибор бояд дод:

1. Ҳар як хонанда бояд системаи овозии забонро аз худ кунад. Овозҳои нутқро дар ҳама гуна ҳолат мувофиқи талаффузи забони адабӣ дуруст талаффуз намояд. Ба ин масъала дар таълими ҳамаи фанҳо, алалхусус фонетика ва орфоэпия диққат дода шавад.

2. Дар вақти сухан кардан ба талаффузи ибораҳо, ҷумлаҳо, мавқеи зада, оҳанги талаффуз эътибор диҳем. Баъзан хонанда ё умуман нутқкунанда бандакҳо, ҳамсадоҳои беҷаранг ва ҳамсадоҳои ҷарангнокро бурро талаффуз иамекунад, овозҳоро ихтисор менамояд.

3. Дар вақти хондани ҷумла ба задаи мантиқӣ диққати махсус дода шавад, зеро он нутқро фаҳмо, пурмазмун ва ифоданок менамояд.

4. Нутқкунанда малакаи дурусти истифодаи оҳанг ва ҳаракати нутқ (темп)-ро аз худ намояд.

Ифодакунии нутқро ба ду: мантиқӣ ва эмотсионалӣ-образнокӣ ҷудо менамоянд.

Барои соҳиб шудан ба ифоданокии мантиқӣ ба чунин чизҳо эътибор додан лозим аст:

а) дар ҷумла гузошта тавонистани задаи мантиқӣ;

б) ҷобаҷогузории ҷои калимаҳо, аз ҷумла, инверсия, ибора, ҷумла ва риоя ба абзатсҳо дар хат; дар нутқи даҳонӣ риоя ба оҳанги талаффуз, паузаҳо ва ғайраҳо.

в) дар мавқеи нутқ пасту баланд намудани овоз, оҳанги ҷумлаҳо.

Дар нутқи ифоданок корро аз синфи якум сар кардан ба мақсад мувофиқ аст. Барои ин дар ҳар як дарс бо хонандагон кор кардан лозим меояд: хусусан мавриди ҷавоби хонандагон ба саволҳои муаллим ва рафиқон, ҳангоми пурсиши вазифаи хонагӣ, дар вақти нақлкунӣ, гузаронидани иншоҳои даҳонӣ, баромад дар маҷлисҳои синфӣ, мактабӣ, маҳфилҳо, шабҳои саволу ҷавоб, хондани китобҳо, навиштани рефератҳо, нақли кинофилмҳо ва асарҳои хондашуда ва ғ.ҳо.

Машғулиятҳои синтаксисӣ барои ифоданокии мантиқи сухан роли муҳим мебозанд. Барои азхуд намудани нутқи даҳонии ифоданок аз чунин усулҳо истифода бурдан мумкин аст:

а) ҳангоми гузаронидани таҳлили синтаксисӣ диққати асосиро ба оҳанги ҷумлаҳои сода, ҷумлаҳои мураккаб, аъзоҳои тафсилии ҷумла, баёния, оҳанги ҷумлаҳои нопурра ва ба итмомнарасида, аъзоҳои чида ва калимаю ибораҳои хулосакунанда равона кардан лозим аст.

б) мунтазам, коллективона гӯш кардан ва шунидани радио, магнитафон, тамошои асарҳо дар театр, иштирок дар баромади устодони сухан-ровиёни мумтоз ва муҳокимаи нутқи онҳо дар синф.

в) гузаронидани таҳлили матнҳо, азёд кунонидан ва хонондан, ба тариқи намуна нишон додани тарзи хониш, интихоби матнҳо аз нависандагону шоирон.

Дар ин гуна матнҳо ҷои задаи мантиқӣ, оҳанги ҷумлаҳоро нишон додан ва муайян кардани онҳо аҳамиятнок аст.

г) дар таблитсаҳо нишон додани ҷумлаҳо, оҳанги онҳо, ҷои зада, баланду пастии оҳанг ва ғ.

Муаллим ҳангоми ташкили кор оид ба хониши ифоданок бояд ба чунин шартҳо эътибор диҳад:

1. Ба хониши ифоданок хонандагонро аз синфи якум одат кунонидан лозим аст. Баъзе муаллимон ва методистон гузаронидани ин корро танҳо аз синфи панҷум тавсия менамоянд, ки чандон ба мақсад мувофиқ намеояд,

2. Ба хонандагон омӯзонидан лозим аст, ки аз имконияти истеъдоди хонишгарии худ моҳирона истифода баранд. Ҳангоми сухан кардан баланд дод нагӯянд, бо саросемагӣ гап назананд, дуруст нафас кашида ба суръати гапзанӣ эътибор диҳанд.

3. Барои он ки хониши ифоданок дуруст ба роҳ монда шавад, ба тарзи хониш (техника) риоя кардан лозим аст. Хуб мешуд, дар ибтидо намунаҳо нишон дода шаванд. Картаҳои ровиёни номӣ пешкаш карда шаванд.

# БОБИ ҲАФТУМ
# МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ

Таълим ва тарбияи мактабиён танҳо бо дарсҳо маҳдуд нашуда, берун аз дарс низ давом ва инкишоф меёбад. Методикаи забони тоҷикӣ талаб мекунад, ки ба ғайр аз дарс бо хонандагон берун аз синф кор бурда шавад.

Корҳои берунезсинфиро давоми фаъолияти беруназ-дарсии хонандагон шуморидан мумкин аст.

Корҳои беруназсинфӣ оид ба забони модарӣ мақсаду вазифаҳои худро доранд. Мақсади асосии корҳои беруназсинфӣ пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки дониши аз дарсҳо гирифтаи хонандагонро васеъ ва пурраю мустаҳкам намояд. Ғайр аз ин берун аз барномаи давлатӣ ба хонандагон дар хусуси баъзе масъалаҳои забони тоҷикӣ маълумотҳои тоза диҳад. Мақсади дигари корҳои беруназсинфӣ боз дар он аст, ки меҳру муҳаббати хонандагонро нисбат ба забони модариашон бедор намояд, то ки онҳо каломи модариро ҳурмату эҳтиром кунанд, омӯзанд ва дӯст доранд.

Корҳои беруназсинфӣ барои мустаҳкам намудани дониши гирифтаи хонандагон оид ба забони модарӣ ва инкишофи нутқи даҳонию хаттии онҳо басо муҳим аст.

Қайд кардан лозим аст, ки баъзе муаллимон корҳои беруназсинфиро бо машғулиятҳои иловагӣ омехта мекунанд. Машғулиятҳои иловагӣ хусусияти худро дораду корҳои беруназсинфӣ низ хусусияти худро. Агар машғулиятҳои иловагӣ ё кор бо талабагони қафомонда дар миқёси муайяни гурӯҳи синф гузаронида шавад, корҳои беруназсинфӣ тамоми аҳли синф ва ё хонандагони он синфро дар бар мегирад. Машғулиятҳои иловагӣ ё кор бо талабагони қафомонда хусусияти маҷбурӣ дорад. Аммо машғулиятҳои беруназсинфӣ дар мактабҳо ихтиёрӣ аст.

Корҳои беруназсинфӣ машғулиятҳои мута-шаккилона ва мақсаднок буда, аз тарафи муаллим бо хонандагон берун аз дарс гузаронида мешаванд.

Фарқи кори беруназсинфӣ аз машғулиятҳои синфӣ дар он аст, ки вай ихтиёрӣ ташкил кардаву гузаронида мешавад. Хусусияти аввалини онҳо аз ҳамин иборат аст, ки

хонандагон дар асоси озодона интихоб кардани намудҳои гуногуни машғулиятҳои дилхоҳашон ҷалб карда мешаванд.

Хонандагон вобаста ба майлу хоҳиш мустақилона ба маҳфилҳои гуногун аъзо мешаванд, вақтҳои холигиашон ба корҳои индивидуалӣ ва умумӣ иштирок мекунанд. Вазифаи коллективҳои педагогӣ аз он иборат аст, ки тамоми хонандагонро ба корҳои беруназсинфӣ ҷалб намоянд.

Хусусияти дигари корҳои беруназсинфӣ аз он иборат аст, ки вай хонандагони синну солашон гуногунро дар бар мегирад. Ин машғулиятҳо хонандагони синфҳои гуногунро якҷоя карда, ба муттаҳидии коллективи умумимактабӣ мусоидат менамояд ва барои инкишофи муносибати рафиқонаи байниҳамдигарӣ шароити хуб муҳайё мекунад.

Моҳияти тарбиявии машғулиятҳои беруназсинфӣ ва самарнокии онҳо ба як қатор талаботҳо вобаста аст.

Машғулиятҳои беруназсинфӣ ба шарте аҳамиятнок мегарданд, ки онҳо аз рӯи нақшаи муайян пай дар пай гузаронида шаванд. Талаботи дигар ба ташкили машғулиятҳои беруназсинфӣ гуногунрангӣ ва навангезии онҳост. Хонандагон якрангӣ ва дилгириро намепарваранд, онҳо ба машғулиятҳои якхела рағбат надоранд. Ба он иштирок намекунанд, ҳангоми гузаронидани онҳо интизомро вайрон мекунанд.

Барои он ки мактабиён ба машғулиятҳои маҳфилҳо, ҷашнҳо ва конференсияи хонандагон бо шавқу завқ иштирок намоянд, бояд он ҷо ҳама чиз шавқовар, гуногунранг ва наву диққатҷалбкунанда бошад.

## ХЕЛҲОИ КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ

Корҳои беруназсинфӣ дар таълими забони модарӣ ба намудҳои гуногун тақсим мешаванд. Инҳо: маҳфили забони модарӣ, конференсияи хонандагон, баровардани газетаи деворӣ, озмун доир ба фанни забон, гӯшаи забони модарӣ, шабҳои саволу ҷавоб, экскурсия, ҷамъомадҳои пионерӣ, викторинаҳо, конкурсҳо, ҳафтаи забони модарӣ, клуби ҳозирҷавобон ва виставка – намоишҳо доир ба забон мебошанд. Ҳар як намуди кори беруназсинфӣ мақсади муайян дорад ва аз рӯи нақша гузаронида мешавад.

<u>Конференсияи хонандагон</u>. Ин яке аз намудҳои асосии корҳои беруназсинфӣ ба ҳисоб меравад. Конференсияҳо

бахшида ба забони модарӣ дар як сол як ё ду маротиба гузаронида мешаванд.

Мавзӯи ин гуна конференсияҳо ба монанди «Дӯст доштани забони тоҷикӣ», «Чаро забонҳо гуногунанд?», «Тозагии забон - маданияти баланди инсон»,«Забони тоҷикӣ кай ташаккул ёфтааст?», «Ман дарси забони модариамро чӣ тарз тайёр мекунам?» ва ҳоказо шуда метавонанд.

Дар конференсия хонандагон бояд аз 7 то 15 дақиқа баромад намоянд. Мавзӯи конференсия диқатҷалбкунанда бошад. Дар охир хонандагон метавонанд шеърҳои навиштаи худ, аз асарҳои насрӣ порчаҳои аҳамияти тарбиявӣ дошта ва шеърҳои мазмунан баландро ба иштирокчиён хонда диҳанд. Ин корҳо барои бедор намудани шавқу завқи хонандагон ба забони модарӣ омили муҳиме мебошанд. Конференсияро директори мактаб ва ё яке аз омӯзгорони соҳибтаҷриба ҷамъбаст намуда, ба фаъолияту баромади онҳо баҳо медиҳад.

Намуди дигари корҳои беруназсинфӣ баровардани газетаи девории мактаб мебошад. Вай ташкилотчии моҳири коллективи хонандагон, дӯсти наздики онҳо ва душмани ашаддии бадхонон, танбалон ва авбошон мебошад. Газетаи деворӣ умумимактабӣ ва синфӣ мешавад. Газетаи девории умумимактабӣ инъикоскунандаи ҳаёти реалии мактаб буда, газетаи девории синфӣ ҳаёти коллективи як синфро инъикос менамояд.

Дар газета мақолаю хабарҳои хонандагон ва муаллимони дар бораи забони тоҷикӣ, аҳамияти забони тоҷикӣ, дар бораи тарзи талаффузи дуруст, навишти дурусти калимаҳо ба этимологияи баъзе калимаҳо ҷой дода мешаванд.

Маҳфили забони модарӣ метавонад барои як ё ду рақами газетаи деворӣ мақолаҳои алоҳида тайёр кунад. Дар саҳифаи газета дар бораи пайдоиши калимаҳои ҷудогона, ибораҳои фразеологӣ, тарзи навишти калимаҳои мушкил маълумотҳо дода мешавад.

Албатта, ин намуди газета аз газетаи умумимактабӣ фарқ мекунад, чунки он хусусияти соф забонӣ дорад ва соле ду-се шумора бароварда мешавад. Ҳар як синф метавонад худаш ин газетаро бо роҳбарии муаллимаш барорад. Мақсад аз ин корҳо он аст, ки хонандагон мустақилона худашон ба

навиштани хабару мақолаҳо одат кунанд, китобҳои лозимиро аз назар гузаронанд ва нутқи даҳонию хаттиашонро инкишоф диҳанд.

Олимпиада - ин намуди кори беруназсинфӣ ҳамчун мусобиқаи байни хонандагон гузаронида мешавад. Дар олимпиада хонандагон бояд ба ҳамаи саволҳое, ки пешниҳод карда мешаванд, мустақилона ҷавоб диҳанд.

Олимпиада доир ба забон аввал дар мактаб гузаронида мешавад ва хонандагоне, ки ғолиб мебароянд, ба олимпиадаи ноҳиявӣ ё шаҳрӣ фиристода мешаванд ва ғолибони ин навбат метавонанд ба олимпиадаи вилоятӣ ва республикавӣ иштирок кунанд. "Озмуни забон ва адабиёт, чун анъана, аз рӯи шартҳои зерин: навиштани иншо, таҳлили лингивистии матн (фонетикӣ, морфологию синтаксиси), шарҳи луғат ва қироати шеъру порчаҳои насрӣ гузаронида мешавад"[56].

Гӯшаи забони модарӣ дар кабинети забони модарӣ тартиб дода мешавад. Ташкили ин корро аъзоёни маҳфил ба ӯҳда мегиранд.

Гӯшаро хонандагон бо роҳбарии муаллим тайёр мекунанд. Дар он суханони шахсони бузург дар бораи забон, зарбурмасалу мақол,чистонҳо, шеърҳо ва таърихи калимаҳо ҷой дода мешаванд.

Ҳафтаи забони модарӣ дар як сол як маротиба дар вақти муайян гузаронида мешавад. Дар ҳафта хонандагони синфҳои V- XI фаъолона иштирок мекунанд. Ҳар рӯз ягон намуди мусобиқа гузаронида мешавад, рӯзи чорум бахшида ба забон саҳначаҳо намоиш дода мешаванд, рӯзи панҷум ҳар як синф газетаи худро, мебарорад ва рӯзи охирин ҳафта ҷамъбаст кардаву ғолибон эълон карда мешаванд.

Ҳафтаи забони тоҷикӣ дар асоси нақшаи муайяне, ки пешакӣ тартиб дода шудааст, гузаронида мешавад.

Шаби саволу ҷавоб асосан аз тарафи ду синфи параллел гуза,ронида мешавад. Ҳар синф пешакӣ саволҳо тайёр мекунанд ва як даста ба саволи дастаи дигар ҷавоб медиҳад. Дар як вақт аз тарафи муаллимои низ саволҳо дода

[56] Шербоев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ.-Душанбе, 2009.-С.447.

мешаванд. Дар охир ғолиби дастаҳоро эълон менамоянд. Намуди дигари шаби саволу ҷавоб чунин аст: хонандагон саволҳояшонро ба қуттие, ки дар назди кабинети забон ва адабиёт гузошта шудааст, мепартоянд ва муаллимон ба саволҳо дар рӯзи таъиншуда ҷавоб мегардонанд.

Намуди дигари корҳои беруназдинфӣ доир ба забони модарӣ гузаронидани экскурсияҳои хонандагон мебошад. Бояд гуфт, ки дар мактабҳои ҷумҳурии мо ин намуди кори беруназдинфӣ доир ба фанни забони модарӣ тамоман гузаронида намешаванд.

Экскурсияҳо дар мактабҳо бештар ба фанҳои ботаника, ҷуғрофия, биолгия ва таърих хос аст. Доир ба фанни забон ташкил кардани он ҳоло дар мактабҳои мо расм нашудааст. Ин намуди кори беруназдинфӣ хусусияти худро дорад. Агар он дуруст ба роҳ монда шавад, дар бой намудани нутқи хонандагон чун воситаи муҳиме хизмат мекунад.

Онро чӣ тавр бояд ташкил кард? Муаллими забон метавонад соле як ё ду маротиба ба деҳаҳо, районҳо, ё ки ба заводу фабрикаҳо, музей хонандагонро ҳамроҳи худ гирифта барад.

Аввалан, муаллим ба хонандагон мақсади экскурсияро фаҳмонида, пешакӣ вазифаи онҳоро муайян менамояд. Мақсади экскурсия он аст, ки агар хонандагон ба ягон завод ё фабрика ё музей раванд, онҳо бо калима ва терминҳои зиёди он ҷо шинос мешаванд, агар ба ягон деҳа раванд, аз он ҷо калимаҳои зиёдеро ҷамъ намуда, онҳоро бо забони адабӣ муқоиса мекунанд. Бо ин роҳ ба таркиби луғавии хонандагон калимаҳои зиёде дохил мешавад.

Муаллим калимаҳою терминҳо, ибора ва зарбулмасалу мақолҳои ҳангоми экскурсия ҷамъкардаи хонандагонро метавонад дар маҳфили забон ҳамроҳи хонандагон муҳокима намояд. Ҳар як хонанда дар маҳфил фикри худро доир ба чизҳои ҷамъ намудааш мегӯяд ва дар охир муаллим онро ҷамъбаст менамояд. Экскурсияро чунон бояд ташкил кард, ки он характери ҷамъ кардани луғатҳо, терминҳо ва зарбулмасалу мақолҳо дошта бошад.

Маҳфили забони модарӣ. Яке аз шаклҳои машҳури кори беруназдинфӣ аз забони модарӣ дар мактаб ташкили маҳфил аст. Маҳфили забони тоҷикӣ дар мактаб шавқу ҳаваси

талабагонро дар омӯхтани забони тоҷикӣ - грамматикаи он, луғат, имлою нормаи талаффузи он зиёд менамояд. Дар маҳфил материали дарсҳо такроран омӯхта намешавад, балки ба тариқи машғулияти шавқовар, мавзӯъҳои гуногуни аҳамиятнок тадқиқ карда шуда, маълумот дода мешавад. Маҳфил талабагонро ба мустақилона дониш гирифтан бештар одат мекунонад. Аъзоёни он камбудии нутқи худ ва рафиқонашро тезтар ҳис карда, ба ҳодисаҳои забон дақиқона назар мекардагӣ мешаванд. Дар он ҷое, ки машғулияти маҳфил хуб ташкил карда шудааст, дарсазхудкунии талабагон беҳтар аст. Аз ин сабаб ба сифати машғулиятҳои маҳфили забони тоҷикӣ ва фаъолияти аъзоёни он эътибори махсус додан лозим аст. Агар барои ҳар як синфи параллел дар мактаб маҳфили ҷудогона мавҷуд бошад, дар он машғулиятҳоро беҳтар ташкил кардан мумкин аст. Дар мактабҳое, ки синфҳои мувозӣ мавҷуд нестанд, талабагони синфҳои ҳафту ҳашт дар як маҳфил муттаҳид карда мешаванд.

Ба кори маҳфил муаллими пешқадаму соҳибтаҷриба бояд роҳбарӣ кунад, ки ӯро совети педагогии мактаб тасдиқ менамояд. Ӯ нақшаи кори маҳфилро тартиб дода, барои машғулиятҳо мавзӯъҳои мувофиқ ҷамъ мекунад ва ба аъзоёни маҳфил маслиҳатҳо дода, рафти тайёрии онҳоро ба машғулияти навбатии маҳфил санҷида меистад. Ба роҳбари маҳфил лозим аст, ки ба мавзӯъҳое, ки дар маҳфил муҳокима карда мешаванд, эътибори махсус диҳад, чунки ҳайати иштирокунандагони маҳфил аз ҷиҳати синну сол гуногун буда, доираи фаҳмиши онҳо низ ҳар хел аст. Ҳар як аъзои маҳфил дар давоми сол ҳатмӣ як вазифаро иҷро кунад, ки он мавзӯъ дар нақшаи роҳбар пешакӣ муайян карда шуда бошад. Хуб мешавад, ки дар маҳфил бештар худи хонандагон баромад кунанд.

Мавзӯъҳое, ки дар нақшаи маҳфил пешкаш карда мешавад, метавонанд ба барномаи таълимӣ алоқаманд бошанд ё берун аз он бошанд. Барои ҷалб намудани диққати хонандагон ба машғулиятҳо муаллим метавонад ҳар гуна бозиҳои дидактикӣ- грамматикиро ҳам ташкил намояд.

Маҳфилҳо бояд дар куҷо ташкил ва гузаронида шаванд? Агар мактаб аз рӯи тартиби кабинетӣ кор барад, маҳфил дар

утоқи забони тоҷикӣ гузаронида мешавад, то ки аз маводҳои утоқ пурра истифода бурда шавад. Агар мактаб ғайри кабинетӣ бошад, маҳфилҳоро дар ягон синфхона гузаронидан мумкин аст.

Бояд барои маҳфил мавзӯъҳое интихоб карда шаванд, ки мактабиён ба он таваҷҷӯҳ дошта бошанд. Масалан, дар мавзӯъҳои лексика (луғат), калимаҳои иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ, хат ва пайдоиши он, сермаъноии калимаҳо, синоним ва мавқеи онҳо дар забон, калима ва роҳҳои сохта щудани он, сабабҳои пайдоиши калимаҳои нав, фразеология ва аҳамияти он дар нутқ ва монанди инҳо. Ё худ «Одамон гуфтугӯ карданро чӣ хел омӯхтаанд?»; «Барои чӣ одамони дунё ба забонҳои гуногун гуфтугӯ мекунанд?»; «Дар дунё чӣ қадар забонҳо мавҷуд аст?» барин мавзӯъҳо ҳам барои хонандагон диққатҷалбкунанда аст.

Кори ташкили маҳфилро бори аввал бо сӯҳбат сар кардан беҳтар аст. Дар ин сӯҳбат ба талабагон мақсаду вазифаҳои маҳфилро тарзе бояд фаҳмонад, ки хонандагон аз аъзои он шуданашон фахр намоянд.

Барои ба маҳфил ҷалб кардани талабагони дигар бошад, дар охири чоряк ё нимсолаи таҳсил ҷамъомаде барпо кардан лозим аст, то ки дар он аъзоёни фаъоли маҳфил доир ба чизҳои нави омӯхтаашон нақл кунанд.

Дар машғулияти аввалини маҳфил сардори маҳфил, котиб, ороишдиҳандаи «Гӯшаи забони модарӣ» ва муҳаррири газетаи деворӣ интихоб карда шаванд. Сардор давомоти аъзоёнро назорат мекунад, иҷрои супоришро месанҷад. Котиб рӯзнома тартиб медиҳад ва дар он мавзӯю супоришҳоро қайд мекунад. Ба газетаи деворӣ бояд номи мувофиқ гузошта шавад. Аъзоёни фаъоли маҳфил низ дар интихобу ҷамъ кардани маводҳо барои машғулиятҳо ба муаллим кӯмак мерасонанд.

Ҳар як машғулияти маҳфил аз се лаҳза иборат шуда метавонад: лаҳзаи якум бо сӯҳбати мухтасари муаллим ё бо ахбороти чанд талаба оғоз мегардад, ки он ба масъалаҳои асосии машғулияти ҳамонрӯза дахл дорад. Масалан, агар машғулият ба мавзӯи шумора бахшида шуда бошад, аз таърихи шумора баъзе маълумотҳо овардан мумкин аст.

Чунончӣ, дар бораи сохти шумораҳои 11,12,13,16: Лаҳзаи дуюм характери илмӣ мегирад ва он панҷ-даҳ дақиқа давом мекунад. Ин лаҳза аз иҷрои машққҳои шавқовар, саволу ҷавоб доир ба этимологияи калимаҳо ва ғайра иборат аст. Масалан, калимаи биёбон, бозор чӣ хел пайдо шудааст, ё ки калимаи хуршед. Лаҳзаи сеюм бозиҳои грамматикӣ, чистону тезгӯякҳо ва амсоли инҳоро фаро мегирад. Масалан, гуфтани чистону зарбулмасалҳо бо шумора (Як задани оҳангару сад задани сӯзангар), чанд зарбулмасал медонед?

Роҳбари маҳфил бояд ба он муваффақ шавад, ки хонандагон аз аввал то охир монда нашуда ба кор банд бошанд.

Кори аз ҳама муҳими роҳбари маҳфил ин тартиб додани нақшаи кор аз тарафи ӯст. Онро метавон барои тамоми соли хониш, нимсола ё чоряк тартиб дод. Барои ҳар як машғулияти маҳфил нақшаи муфассал низ тартиб дода мешавад.

# МУНДАРИҶА

ПЕШГУФТОР........................................................................................ 3
БОБИ ЯКУМ. ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ҲАМЧУН ФАННИ ТАЪЛИМӢ ДАР МАКТАБИ ТАҲСИЛОТИ УМУМӢ.................... 7
1.1. Аҳамият ва мавқеи забони тоҷикӣ дар системаи таълими умумӣ 7
1.2. Тарбияи ғоявӣ – сиёсӣ дар таълими забони модарӣ..................... 10
1.3. Забони модарӣ ҳамчун фанни таълимӣ дар қарордодҳои ҳукумат........................................................................................... 12
1.4. Методикаи таълими забони тоҷикӣ ҳамчун фан дар матаби олӣ, мақсад ва вазифаҳои он.................................................................. 16
1.5. Вазифаҳои асосии таълими забони модарӣ дар мактаб............... 20
1.6. Назарияи забон – асоси методологии курси методикаи таълими забони тоҷикӣ...................................................................................... 22
1.7. Усулҳои илмию тадқиқотии методикаи таълими забон............. 26
1.8. Алоқаи методикаи таълими забони тоҷикӣ бо забоншиносӣ, адабиёт ва педагогикаю психология................................................... 28
1.9. Таҷрибаи мактабҳо ва муаллимон................................................. 35
1.10. Таркиби курси методикаи забони тоҷикӣ.................................... 37
1.11. Аз таърихи усулҳои таълим дар мактабҳои тоинқилобии тоҷик............................................................................................................. 37
1.12. Аз таърихи инкишофи афкори методии тоинқилобии забони русӣ................................................................................................................ 45
1.13. Инкишофи методикаи таълими забони русӣ ва тоҷикӣ дар давраи Советӣ.......................................................................................... 49
1.14. Принсипҳои омӯзиши забони модарӣ......................................... 60
БОБИ ДУЮМ. УСУЛҲОИ (МЕТОД) ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ.............................................................................................. 73
Маълумоти умумӣ дар бораи усулҳои таълим.................................... 73
2.1. Усулҳои амалӣ омӯхтани забон: шарҳи калимаҳои душворфаҳм........................................................................................... 80
2.2. Усулҳои назариявӣ омӯхтани забон усули баён дар таълими забони модарӣ.............................................................................................. 83
2.3. Усули сӯҳбат........................................................................................ 86
2.4. Таълими проблемавӣ........................................................................ 91
2.5. Таҳлил ва хелҳои он дар дарсҳои забони тоҷикӣ ҳамчун усули таълим.................................................................................................... 99
2.6. Таҳлили лексикӣ............................................................................... 112
2.7. Таҳлили таркиби калима.................................................................. 115
2.8. Таҳлили ҳиссаҳои нутқ..................................................................... 118
2.9. Таҳлили синтаксисӣ.......................................................................... 129
2.10. Таҳлили ҷумлаҳои сода аз ҷиҳати маънову мақсад ва интонатсия.......................................................................................................... 134
2.11. Таҳлили ҷумлаҳои мураккаб ва нақшаи онҳо............................ 138
2.12. Таҳлили ҷумлаи мураккаби пайваст............................................ 138
2.13. Таҳлили ҷумлаи мураккаби тобеи як ҷумлаи пайравдор.......... 142
2.14. Таҳлили ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиба....................... 146
2.15. Таҳлили ҷумлаи сертаркибаи пайраваш ғайричида................ 149

2.16. Таҳлили ҷумлаҳои мураккаби тобеи сертаркиб бо ҷумлаҳои пайрави дараҷагӣ........ 151
2.17. Таҳлили ҷумлаи мураккаби омехта........ 154
2.18. Таҳлили этимологӣ........ 159
2.19. Таҳлили сохти калима ва шакли он........ 164
2.20. Таҳлили лексикии матн........ 165
2.21. Таҳлили воҳидҳои фразеологӣ........ 169
2.22. Таҳлили орфографӣ........ 171
2.23. Машқ ва мавқеи он дар таълими забони тоҷикӣ........ 173
2.24. Аёният дар дарсҳои забони тоҷикӣ........ 182
2.25. Тарзҳои истифодаи аёният дар дарсҳои забони тоҷикӣ........ 189
2.26. Истифодаи воситаҳои техникӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ........ 194
БОБИ САВВУМ. ДАРС ВА ХЕЛҲОИ ОН. ТАЛАБОТ БА ДАРСИ ИМРӮЗА........ 199
3.1. Дарс - шакли асосии кори таълим........ 210
3.2. Дарсҳои забони модарӣ ва корҳои тарбиявӣ........ 214
3.3. Корҳои индивидуалӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ........ 217
3.4. Тайёрии муаллим ба дарс........ 221
3.5. Хелҳои дарси забони тоҷикӣ ва сохти онҳо........ 224
3.6. Дарси баёни материали нав........ 227
3.7. Мустаҳкам намудани дониш ва ҳосил кардани малака (Машқҳо)........ 236
3.8. Дарси мустаҳкам намудани донишҳои гирифташуда ва инкишофи малака........ 246
3.9. Дарси такрор........ 257
3.10. Дарси санҷиши дониш ва малака (Контролӣ)........ 260
3.11. Дарси диктанти контролӣ (Санҷишӣ)........ 265
3.12. Дарси таҳлил ва ислоҳи хатоҳо........ 269
3.13. Дарси ҷамъбасткунии материалҳо ва такмили малакаҳо........ 275
3.14. Иштирок ба дарс ва таҳлили он........ 278
3.15. Вазифаи хонагӣ аз забони модарӣ........ 282
3.16 Пурсиш ва шаклҳои он........ 285
3.17 Ба нақша даровардани машғулиятҳои забони модарӣ........ 290
3.18 Нақшаи– тавзеҳӣ ва тайёрии муаллим ба дарс........ 295
БОБИ ЧОРУМ. ОМӮЗИШИ ҚИСМҲОИ ҶУДОГОНАИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР МАКТАБ........ 301
4.1. Методикаи омӯзиши синтаксис........ 301
4.2. Таълими чумлаҳои сода аз ҷиҳати маъно ва оҳанги гуфтор........ 309
4.3. Усули таълими ҷумлаи мураккаб........ 313
4.4. Таълими хелҳои ҷумалаи мураккаб аз ҷиҳати маъно........ 317
4.5. Таълими ҷумлаи мураккаби тобеъ бо як ҷумлаи пайрав........ 320
4.6. Нақшаи ҷумлаҳои мураккаби пайвасту тобеъ........ 323
БОБИ ПАНҶУМ. МЕТОДИКАИ ОМӮЗИШИ ИМЛО........ 327
5.1. Омилҳои аз худ кардани имло........ 331
5.2. Рӯйбардоркунӣ дар омӯзиши имло........ 336
5.3. Тарзи кор бо луғати имло........ 337

5.4. Диктант ва хелҳои он ҳамчун воситаи омӯзиши имло................. 339
5.5. Диктанти санҷишӣ................................................................... 340
5.6. Диктантҳои таълимӣ................................................................. 342
5.7. Азёд навиштан............................................................................ 348
5.8. Шарҳдиҳӣ дар дарсҳои забони модарӣ........................................ 349
5.9.Истифодаи варақаҳои грамматикӣ дар омӯзиши имло............... 350
5.10. Режими имло дар мактаб.......................................................... 351
5.11. Ислоҳи корҳои хаттӣ ва ба ҳисобгирии хатоҳои хонандагон.. 353
БОБИ ШАШУМ. МЕТОДИКАИ ИНКИШОФИ НУТҚ................. 359
6.1. Вазифаҳо ва мавқеи инкишофи нутқ дар омӯзиши фанни забони модарӣ.............................................................................................. 359
6.2. Мазмуни қисми «методикаи инкишофи нутқ».............................. 361
6.3. Методикаи кор бо луғат (калима) дар дарсҳои забони модарӣ... 363
6.4. Шарҳи калимаҳои душворфаҳм.................................................. 368
6.5. Усулҳои кор бо калима, ибора ва ҷумла...................................... 369
6.6. Кор доир ба инкишофи нутқи мураттаб...................................... 373
6.7. Нақли хаттӣ.............................................................................. 374
6.8. Иншо......................................................................................... 378
6.9. Намудҳои кор доир ба инкишофи нутқи даҳонӣ.......................... 381
6.10. Нутқи даҳонӣ ва хониши ифоданок........................................... 385
БОБИ ҲАФТУМ. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ КОРҲОИ БЕРУНАЗСИНФӢ........................................................................ 389
7.1. Хелҳои корҳои беруназсинфӣ........................................................ 390

**Ҳоҷиев С. Методикаи таълими забони тоҷикӣ**. - Хуҷанд, Нури маърифат, 2019. – 400 саҳ.

Муҳаррир:
Муҳаррири техникӣ: **Шафиев З.Қ.**
Саҳифабанд: **Марупов М.В.**

Ҳуруфи Times New Roman Tj. Супориши № __
Коғази сафед. Чопи рақамӣ. Андозаи 84х60.1/16.
Ҷшч. 24. Теъдод100 нусха.

Нашриёти «Нури маърифат»
735700, ш. Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 42.

Матбааи «Нури маърифат»,
735700, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 20-ум, бинои таълимии 3.